САҲ-1

Сайид Раҳмон

# С А Ф А Р И   ПАҲ

(ҚИССАИ ҲӮҶҶАТӢ)

К Ӯ Л О Б
2014

**Саҳ 2**
**Сайид Раҳмон. Сафари паҳ. (Қиссаи ҳуҷҷатӣ.**
**Кӯлоб: Соҳибкор Толибҷон Қаюмов, 2014, 250 саҳ.**

**Муҳаррир Раҳими Рафеъзод**

**Дар ин маҷмӯа қисса, ҳикоя ва хотираҳои солҳои охир навиштаи адиби ширинбаён Сайид Раҳмон ҷо дода шудаанд.**
**Боварӣ дорем, ки мутолиаи асарҳо ба хонандаи нозуксанҷ ғизои маънавӣ мебахшанд.**

**Сайид Раҳмон**

**Сайид Раҳмон**

# Сафари Паҳ

(Қиссаи ҳуҷҷатӣ)

**Зиндагӣ дар садафи хеш гуҳар сохтан аст,**
**Дар дили шӯъла фурӯ рафтану нагдохтан аст.**
**Муҳаммад Иқбол**

**1**

– Атаи Иброҳим! Ҳо, атаи Иброҳим! Аз хобат хез, ки хукҳо саги хурдира пора карданд! – шунид овози Гулбутаи занашро Сафар ва саросема аз ҷогаҳи хобаш хеста, аз каҷии девор камони шикории думилаҳаашро ба даст гирифта берун баромад, ки ба гӯшаш дар баробари ба тамоми қувва ҷакидани саги калонӣ – Ҷек, қур–қуру фирих–фирихи хукҳои ёбоӣ расид. Мард фаҳмид, ки имшаб подаи хукҳо аз пайи дарёфтани ғизо аз он тарафи дара ба ҳавлию хонааш гузашта омадаанд ва аҷаб не байни сагону хукҳо занозанӣ шуда бошад, ки модари кӯдаконаш хабари ярадор шудани саги хурд – Калларо расонид.

Сафар аз феъли саги хурдӣ медонист, ки Калла мисли одамҳои зард, ки табиатан зудранҷу тундмиҷозанд, зуд ба қаҳр меояд. Аҷаб не, баробари ба ҳавлӣ ворид гардидани хукҳо аз саги калон дида хурдӣ пешсафӣ нишон дода, ба ягонтои он ҳамла карда бошад ва хуки гуроз, ки сарвари дигарон аст, бо ашкҳои ханҷармонандаш ярадораш гардонидааст.

Ҳавои дара мисли гӯр тираву тор буд. Тумани аз баландии теппаҳои атроф ба қадди дара хамбида саросар ҳама ҷоро фаро гирифта, атрофро чӣ ки, ҷойи помониро дидан имкон набуд.

– Эҳе – ҳей! – овоз дар дод аз пеши дари хона Сафар ва садои марғӯладораш дараро ба тамом фаро гирифт. Маълум ки мард бо мақсаде овоз баланд кард, то ҳайвонҳои ёбоӣ садояшро шунида аз тарс аз ҳавлӣ рӯ ба гурез оваранд.

Мард бо мақсади боз ҳам дур рафтани хукҳо ба мили камон тирдони пур аз доруи бе тирро ҷо карда, сӯйи осмон садо дар дод, ки ҳавои дараро ба ларза овард.

Баъди ин Сафар ба хона баргашта чароғаки дастии бо батарея кор мекардагиашро гирифта онро рӯшан кард ва ба берун баромад, то ба хонаи поён хамбида аз ҳоли кӯдаконаш бохабар шавад.

Мард андеша кард, ки хукҳои ёбоӣ аз тарси сагҳо ҳарбайи ба хона даромадан намекунанд, вале дар ин дара чӣ зиёд гургу хирс, ки ин даррандагонро нафси бало, гуруснагию нарасидани ғизо, дар айёми фарорасии баҳор, ки айни канголию кам гаштани хӯрока аст, маҷбур мекунад худро ба оғили молу гов ва ҳатто ба хона missing зананд.

Сабил, гург ё хирс ба оғили молу гов раҳ ёбад, Худо зад, гуфтан гир. Дар соате оғилро ба қассобхона табдил медиҳанд.

Сафар бо чунин андешаҳо мӯзаҳои чарминашро  пӯшида, аз хонаи боло тарафи ҳавлӣ, ки хонаи поёнро он ҷо сохта буд, хамбидан хост ва аз дил газаронид, ки ҳуҷуми гуроз даҳшатовар аст, вале хубии кор дар он аст, ки хук ба оғили молу гов он қадар майл надорад.
Сафар аз помонакҳои хонаи боло ба ҷойи хоби зану фарзандонаш, ки   поён воқеъ аст,  хамбид ва ба хотираш расид, ки Гулбутаи модари фарзандҳо дар ин шаби тор аз ҳодиса маҷбур, тани танҳо наҳаросида барои огоҳ кардан омаду дигар садояш набаромад.
Ба ёди мард расид, ки чун тирамоҳ, фаро расид, чароғи барқро, танзим мекунем, гуфта то баҳор ба реҷаи муайян муқаррар карда медиҳанд. Яъне баъди фаро расидани  намози шом се соат, субҳидам се соати дигар барқ медиҳанд.
Ҳукумат корхонаву дастгоҳҳои бо барқ кор мекардагии кироие надорад, ки барқро истифода барад. Мардум бе нури чароғу барқро ба хориҷи мамлакат, ба бегонаҳо мефурӯшанд.
Давраи Шӯравӣ чӣ миқдор корхонаву муассиса ҳама бо нури барқ  таъмин буданд. Дар давоми солҳо кас набудани нури барқро ҳис намекард.
Соҳибистиқлол шудем, давлати демократию дунявӣ месозем, гуфта зиндагиро ба хоки кӯча баробар кардаанд ин навбаромадҳо.
Нури барқу чароғ мешуд, магар галаи хукҳои ёбоӣ ба ҳавлию хона ҳуҷум мекарданд?
Эй хок дар сари мо ориёиҳои нонгадое!!!
Мард бо чароғаки дастӣ пеши пояшро рӯшанӣ бахшида бо пайроҳа , аз байни каҳу хасу хор гузашта ба хонаи поён наздик омад буд, ки Ҷек  худро ба думболаш расонида садои зинг–зинги меҳрубонона баровард.
Сафар аз раҳ ист карда даст ба сари саг расониду пушти ҷонварро дастмол кард ва дари хонаро кушода дид, ки даруни хона ториктар аз берун аст ва овоз дод:
– Момаи Рамазон, дар куҷоӣ?!
–Ҳаминҷоям,– оҳиста  ҷавоб дод зан ва илова кард:
– Тир–тираката гардон накардӣ, ки хонаву ҳавлӣ андак рӯшан шавад, як ҷора бинем?
– Овоз додӣ, ки хукҳо сага заданд, ҳаросон шида хамбидум. Кӯдакҳо тинҷанд, гову мол чӣ?
– Шукри Худо, кӯдакҳо тинҷанд, неки (лекин), дар торикӣ ай молу гов хабар надорум. Хаёлум Каллара хуки гуроз маиб кардааст, ки овозуш аранге (андаке), ай бари шиғ, ай пеши тути калон меояд.
Мард андак ором шуд. Дигар ҳарфе нагуфта чароғак дар даст аз хонаи хоби кӯдакҳо баромада дарро пӯшид ва тарафи оғили молу гов рафт. Рафту дид, ки занҷири дари молхона аз зулфак гузаронида шудааст.
Дилаш намонд. Занҷирро аз зулфак раҳо карда дарро кушод ва  бо рушноии чароғак даруни оғилро аз назар гузаронид, ки гову мол аз омадани ӯ андак бесаранҷом шуданд.
Ҳаросон гардидани гову мол барвақт, аз лаҳзаи ба ин тарафи дара гузаштани галаи хукҳо оғоз ёфта буд, зеро ҳиссиёти гов назар ба инсону

дигар ҷонзот бештар аст. Табиат ба ин ҷонвар шояд ҳисси фаҳмидани ҳодисаю воқеаро бештар раво дидааст, ки пеш аз сар задании фоҷеаю ҳодиса гов аввалин ҷонварест, ки онро дарк мекунад. Ин дам бошад, занҷири дарро раҳо карда ба даруни оғил ворид гардидани соҳибашон чорворо дубора безобита гардонида буд.
Мард  оромона дари оғилро пӯшида занҷири дарро мисли пештара аз зулфак гузаронид ва тарафи саги захм бардошта рафт.
Нафаси гарми омад – омади баҳор, барфи рӯйи ҳам борида зам гардидаро то ҳанӯз ба пуррагӣ нарм накарда бошад ҳам, оби аз зери тармаҳо ҷоришуда ҷо – ҷо яхча баста,  ҳангоми роҳгардӣ зери пайи мӯзаҳо ғарч–ғарч ба шикастан медаромад.
Ҳаври аз нафаси баҳор  ҳосилшуда бо тумани аз сари ёлаҳо ба дохили дара хамбида якҷоя гардида пеши чашмро тираву тор гардонида буд.
Хукҳои ёбоии дар бармоли он тарафи дара зери буттаву дарахтони ҷангали анбӯҳ ҳелча (лона), сохта дар фасли сармо ба қадоваи дара, ки назар ба баландиҳо нисбатан гарм аст, хамбида решаҳои дарахтон ва бутаҳоро кофта ғизо меҷустанд ва нафси бад имшаб онҳоро то ба ҳавлӣ ва ҷойи зисти Сафару аҳли хонадонаш оварда буд.
Ин дам аз садойи ак–аки сагону таркиши тири камон ҷонварон ҳаросида, маҷбур ба баргаҳу болои дара роҳ пеш гирифта буданд.
 Ҷек ба зудӣ  соҳибашро, ки ба бӯйи овози зинг–зинги саги хурдӣ
 – Калла ва ҷойи онро ёфтан омада буд, назди Сафар қарор гирифт.
Мард рӯшнойии чароғро тарафи саги захм бардошта гардонида дид, ки саропои ҷонвар ба лою хун олуда аст  ва саг ба ҳама дарди ҷонкоҳ тан надода, баробари дар наздаш ҳозир гардидани соҳибаш, ба думҷунбонӣ даромад.
Сафар дар рушнойии хираи чароғи дастӣ дид, ки ашки гуроз аз бари пойи қафои саг то пеши сина шиками ҷонварро ба тамом чок кардааст, ки рудаҳои саг аз шикам ба берун баромада, мисли халта рӯйи хасу каҳмол кашола шудаанд. Атроф ҳама пур аз хуну халов.
Саг ду пойи пеш ба замин ниҳода ҳарчи аз ҷо зӯри хестан дорад, поҳои қафо ба ӯ итоат намекунанд.
Сафар аз рӯйи фаҳмиши худ, донист, ки ашкҳои гуроз дар баробари шикамчок кардани саг баъзан рагҳои  қисми қафояшро  зарар расонидаанд, ки саг мадори аз ҷо хестан намекунад.
Мард беихтиёр назди саги захмӣ сари зону нишаст ва бо кафи даст сари сагро мисли сари фарзанд дастмол намуду ҷонварро ғамхорона дилбардорӣ кардан хоста гуфт:
– Биё, зардак, туро ба хона, пеши фарзандҳом, Нигину Рамазон, очаи бачаҳом бубарум. Илоҷи раҳонидани ҷоната биҷӯям.
Мард чароғаки дастиро рӯйи замин тарзе монд, ки шиками даридаи сагро дида тавонад ва мард назди саг нишаста, як дасти нимпӯстин пӯшидаашро рӯйи сари саг монд, то ҳангоми рудаҳои баромадаро ба даруни шикам андохтан саг аз сӯзи ҷон  ӯро газида захмӣ гардонида  натавонад.

Сафар бо панҷаҳои гирои дасти рост, мисли ҷарроҳони соҳибтаҷриба, оҳиставу бамулоҳиза рудаҳои берун баромадаро ба сурохии даридаи шикам ҷо карда, сагро пеши бағал гирифта сӯйи хона равон шуд.
Саги калонӣ – Чек, ки то ин вақт  ҳама кори соҳибашро назорат мекард, дум ликондаву бесаранҷом аз паси соҳибаш то дари хона рафт.
Чароғаки дастӣ рӯйи хок монда буд.
– Момаи Рамазон як шиша арақ биёру ай мехи танаи девори оғил шишаи каралина! – фармуд ба занаш Сафар, баробари аз дари хона ворид гардидан, дар ҳоле ки саг ҳануз дар бағалаш зинг–зинг дошт.
–Ҳамаи либосҳот пури хун шидане! – ба андоми шавҳараш нигариста гуфт зан.
– Зарур бувад, раво бувад, занак! – гуфт Сафар ва илова кард:
– Гилеми пеши дара як тараф ғундору ягон палос парто сага болои палос хобонум!
Зан фармудаи шавҳарро иҷро кард ва барои овардани доруи каралин аз хона баромад.
Сафар эҳтиёткорона сагро рӯйи палос гузошта ба хонаи дарун даромад, то аз ҷевон шишаи араќ гирифта биёрад.
– Хӯрдани ҳами араќи сабила бас карда будӣ, аз алами саг боз сар мекунӣ?! –  гуфт холаи Гулбута ба Сафар, баъди овардани каралин.
– Момайи Рамазон, феъли мара медонӣ, ки гапа гуфтум, ба қавлум меистум, – ҷавоб гуфт Сафар ва илова кард:
– Ма араќ намехурӯм! Сага араќ мехӯронум, ки вақти дӯхтани шикамаш дарда ҳис накуна. Баъд, барои шустану безарар гардонидани ҷойи яра, дорую дармон, аққалан спирт лозим, ки надорем.
– Саг  и қадар азиз боша, табобатхонаи Ховалинг, пеши духтури Сайидҷон набурдӣ?– андак ба танбеҳ гуфт зан.
– Сайидҷони ҷарроҳ–ку гапа мегира  занаку метарсам, ки замона  ӯро ҳам вайрон кардааст. Барои ҳами қадар кор чорсад–панҷсад доллар талаб кунад, медонӣ, ки и қадар маблағ  надорем.
Мошини УАЗ–ик вайрон. Ба мошини ГАЗ–53 дар барфи баланду яхи сангов сага то Ховалинг бурда намешавад. Ай қади дара то Ховалинг кам не, 10 километр раҳ. Пойи пиёда, ё болои асп  саги захм бардоштара бурдан имкон надора.
Баҳсу мунозирара бас куну рафта сӯзани калон ё тебаната гирифта биёву ай хонаи боло  жилкара.
– Жилкааш боз чӣ? – пурсид зан.
–Жилкааш, зийи барои тори дутор овардаам. Баъде, ки нафаҳмӣ ресмони пласмасӣ, дар тоқи пеши китобхона, дар қуттии сафед, дар бари китоби «Тоҷикон» – и Бобоҷон Ғафуров истодаст. Фаҳмидӣ?
– Ҷойи ярара ба сим бидӯзам, сим занг мезанаву баъд хуни сага заҳролуд мегардона, сага ба ҳалокат мерасона.
Хубу ганда мо хондагӣ занак! Як чӣ– ним чӣ ай илми тиб мефаҳмем.
– Фаҳмидум,– гуфта зан аз пайи иҷройи супориш шуд.
– Сага табобат накунам, талаф меёбад, ҳайфи зор мешавае. И сагҳо ба мо кам хизмат намекунанд. Инҳо набошанд хирсу хук мора мехӯраде! – гуфта

Сафар баъди аз хона баромадани занаш, даҳони шишаи арақро кушода сари сагро ба як даст сӯйи замин дошта, даҳони шишаро дар даҳони саг рост кард ва баъди ду–се қулт ба ҳалқи саг рехтани арақ аз ин ихтирои худ завқ бурда худ ба худ гуфт:
–Ҳай дар шарофатат садқа арақе!  Барои яке нӯши ҷонию барои дигаре заҳри тана.
Саг аз бӯйи бади арақ ҳарчанд худро аз дасти соҳибаш раҳоӣ кардан мехост, дасту по мезад, роҳи халосӣ намеёфт. Дастони бақуввати Сафар ва ҷуссаи паҳлавононаи ӯ имкони сагро аз ҷо ҷунбидан намедоданд. Ҳайвон баъди аз ҳалқу нойяш гузаштани арақ худро рафта – рафта беҳолу бемадор ҳис кард. Ҷонвар, минбаъд нафаҳмид, ки соҳибаш ба ӯ чӣ ҷафоҳоро раво донист…
– Ҳе, ҷура, ҷура! Тезравӣ карда ба ҷони ҷавонат раҳм накардӣ! – баъди ҳуши саг ба ҷо омадан, рӯйи палосе дар бари саг нишаста гуфт Сафар ва илова кард:
– Сад маротиб таъкид карда будам, ки тундӣ накун! Солат ба ҷойе нарасида, айни ҷавонӣ, ба ашки гурозе сар ба сар шудаӣ, ки даҳ баробари ту қувваю ғайрат дорад.
Ӯ гуроз ба ма рӯ ба рӯ ояд шиками маро медарраду ту пеши ӯ чийӣ?
Худо каллаи калонат додаасту дареғ, ки забону фаҳмишу фаросатро ба ту насиб нагардонидааст.
Мара, ки Худо ақл додааст, дар давоми тамоми зиндагиям китоб ҷамъ оварда дар қатори хонаи зисти фарзандҳо барои нигоҳ доштани китобҳо хонаи алоҳид сохтам. Медонию мебинӣ, ки аз рӯйи зарурат баъзан шаб ҳамроҳи фарзандҳо бошам, аксар вақт дар  китобхона бо китобхонӣ машғулам. Китобҳои Рӯдакию Мавлонои Балху Шукшин, Лоиқи бузургворро қироат мекунам.
Қариб ки аз ҷаҳон даст шуставу бо ин бузургон пайвастаам, ки ҳодисоти рӯзгору зиндагӣ пеш аз марг, пеш аз он рӯзе, ки Парвардигор дар насибам чанд рӯзу соатеро раво дида бошад, маҳвам накунанд. Одамон ҳам мисли ҳамин даррандаҳои ҷангалӣ, балки бадтар аз онҳо, пайт ҷуста шикорат мекунанде!
Аз китоб ақлу фаросат, дониш меомӯзӣ, ки ба муқобили касони аз дарранда бадтар, ба ашки гурозмонандашон, ба тири заҳролуду ҷонсӯзашон сипар шавӣ, то нобудат нагардонанд. Фарзандонатро калон карда ба воя  расонию армон шиканию хушбахтӣ бубинӣ.
Ту зардак, аз нофаҳмӣ дар зиндагӣ ба шикасти аввалин, ба балои азим, ба ашки гуроз дучор гардидӣ.
Зардаки ҷон! Гуроз куштаат, ки натавонист, ба ҳаминаш шукр. Сарама ба ҳазор бало зада, туро мурдан намемонам. То имрӯз, ки зану фарзанд, ҳавлии маро  аз балоҳо нигаҳбон будӣ, ҷонама ба ҷонат пайванд карда, туро мурдан намемонам, аз марг наҷотат медиҳам!
Сад маротиб дар пеши меҳмонҳову бачаҳом  байти Лоиқи бузургворро батакрор мехондаму ту ҳамраҳи Ҷеки ҳамҷинсу  акаат, аз меҳмонҳо андак дуртар, дар таги тути ҳавлӣ мешунидӣ ин байтро:
**Ба дунё омадӣ, найранги дунёро намедонӣ,**

**Зи бас дандони тези санги дарёро намедонӣ.**
Ту зардак, мазмуни ин байтро мефаҳмидӣ, тезии ашки гурозро медонистӣ, худро аз дами ӯ дур мегирифтӣ. Хукони думболи гуроз ва хукбачаҳоро дида тарафашон ҳуҷум овардаӣ, ки онҳо ба қаламрави ману ту гузар накунанд. Ин лаҳза гуроз туро дарёфта қассосашро гирифтааст.
Чӣ илоҷ? Айб аз худат гузаштааст.
Ҷек, ки аз ту дида рӯзгордидааст, худро аз гуроз канор гирифта, аз дами ашки бало эмин мондааст.
Худи ма дар зиндагӣ мисли ту ба одамони гурозмонанд борҳо дучор омадаам.
Аз мактаби бузургон, ки гузаштаам, баақлу бофаросатам. Дар лаҳзаҳои рӯ ба рӯ омадан ба ашки гурозҳои одамшакл онҳоро чапғалат дода, аз ҷойи ҷонашон маҳкам мегирам, ки аз ноилоҷӣ дар пешам ба рақс даромада, наздам сари таъзим фуруд оварданду имрӯз номамро шунаванд, табларзаашон мегираде!
Эҳҳа! Бо ақли Худодод шохи бисёр ман – маниҳои фук дар осмона шикастам, ки Парвардигор аз онҳо нигоҳ дорад, луқмайи хом карданам мехостанд.
Туро ҳам зардак мисли ма зиндагӣ мехелиду мепухту месӯхт, гуроза дар лаҳзаи зарурӣ чал дода, аз қафояш мегаштию аз ҷойи ҷонаш мегазидӣ. Гурози мисли хирс калону бадҳайбат гирдат ба бузакбозӣ медаромад, мутеат мешуд.
Афсӯс, сад афсӯс, зардак, ки ту ҳоло ҷавонӣ! Худо хоҳад зинда мемонӣ…
Сафар аз назди саг хеста берун баромад ва ин лаҳза чароғҳоро дар доданду хонаву ҳавлӣ нурборон гашт.

X X X

**11**

Субҳ дамида нурҳои хуршеди оламоро аз паси кӯҳҳои сар ба фалаки Чилдухтарон намудор гардида буданд, вале аз он нурҳои ҷонбахш ба қаъри дараи Хонақои севодараи Ховалинг, ба ягона ҷойи ободи ин ҷо, хонаи Сафари Паҳ, танҳо рушноии андак мерасид.
Дар талу теппа ва даштҳои доманфарохи таҳдашт ин вақт, ки охирҳои моҳи феврал аст, алакай сабза намудор гардидааст, вале сар то сари хамгаштҳои деҳаи Хонақо пур аз барфанд. Оби чашмаҳои ҷонбахши дара, ки аз саргаҳи он дар давоми тамоми сол ҷорӣ шуда то ба поён мерасанд, инҷо ба руди на чандон калон табдил ёфта дараро ба ду қисмат ҷудо сохтаанд.
Дар давоми асрҳо шояд шаклу намуди дара ва хамгаштҳои онро бутаву дарахтони беҳосилу мевадиҳанда ба ҷангали анбӯҳе табдил додаанд.
Сафар, баробари аз хона баромадан манзараҳои атрофро назар карда боз ба хона ворид гашт.
Ӯ, ки аз нисфи шаб то саҳар аз пайи табобати саг саргардон буд, баробари равшан шудани рӯз сагро ба палосе печонида аз хонаи поён ба китобхонааш, ки аксар вақти худро онҷо мегузаронд, овард. Фикр кард, ки дар хонаи кӯдакон, фарзандони хурдию наберааш Рамазон, саги дардманду

захминро азият доданашон яқин. Инҷо худ дар баробари мутолиаи китоб сагро нигоҳубин мекунад, аз ҳолаш бохабар мегардад.
– Момаи Рамазон, кундаи гӯшт майда мекардагӣ ва табару кордро барор!,– овоз дод, Сафар аз долони хонаи боло ба занаш, ки инҷо барои рубучини хона омада буд.
Баъд ӯ сагро дар паси дари китобхона ба сандуқи кардоние ҷо карда ба поён тарафи ҳавлӣ хамбид.  Ин вақт фарзандону Рамазони наберааш, пас аз дастурӯшӯӣ дар сари дастурхон ба наҳорӣ машғул буданд.
– Ҳамроҳи бачаҳо, як чӣ, ним чӣ бихӯр, ҳозир банду кундара ба берун мебурорум,–гуфт зан ва аз гапзании бобою бибӣ аз ҳама зиёд Рамазони хурдсол хурсанд шуд, зеро медонист, ки  баъди ҳар маротиби чорвоеро сар буридану пӯсту гӯшт кардан, дилу гурдаю ҷигари буз ё гӯсфандро бибиаш бирён мекунанд ва аз ҳама пештар ҳаққи Рамазонро дар табақчае бардошта ба дасти набера медиҳад ва бобояш эълон мекунад, ки хизмати Рамазон аз дигарҳо дар хонадон бештар аст, аз ин сабаб аввали зиёфат аз Рамазон аст.
– Оба аз чашма кӣ меорад? Рамазон! – мегӯяд бобои Сафараш ва боз илова мекунад:
– Чиниҳои дуғу ҷурғота ба пеши меҳмонҳо кӣ меорад?  Рамазон!  Дасти меҳмонҳоро кӣ об мегирад?  Рамазон! Чойнаки чойро кӣ меорад? Рамазон!
 Барои ҳамин хизматҳо аввали зиёфати гӯштбирёна кӣ бояд бихӯрад? Албата Рамазон!
– Бузи сиркара бикушам ё гӯсфанд?– пурсид аз занаш Сафар дар сари дастурхон, ҳангоми наҳорӣ.
– Ихтиёрут,– гуфт зан ва баъди  андаке  илова кард:
–Хаёлум, дар оғил дигар моли майда намонд. Ба ҳели бузу гӯсфандҳо мегузарӣ?
–Занак, аз киноя намондӣ,– да! – гуфт Сафар.
– Худо ҷони мара мегирифт, ки аз термаҳоят халос мешидум. Дила васеъ бигир, занак! Моли кушта хайри ҷонут мешава. Руҳу арвоҳҳо баумеданд.
Ин гапҳоро Сафар ба занаш ва ба ӯ хабари тоза расонид:
 – Раиси Тоҷиддин телефон кард, ки Тешабоеви вазир Ховалинг омадасту суроғам дора. Гуфтум биёен. Меҳмонҳо биёянд гӯшти тоза надорем. Пеши раису вазирда шарманда шавам, занак?!
– Шукри Худо, соли дувоздаҳ моҳ меҳмон аз хонамон канданӣ надора, ба зарда гуфт зан. -  И замон чӣ бисё раис. Кайфа шумо мекунену азоба занак мекаша!
Сафар андеша кард, ки гапи зан рост аст, лекин рафти зиндагиашон солҳо боз ҳамин тарз давом дорад. Умри занаш ҳам ба ҷое расидааст. Пештар бачаву духтарҳо, келинҳо, ба модар ёрӣ мерасониданд. Ба гузашти солҳо фарзандон ҳар кадом мисли чӯҷаи кабутарон парвозӣ шуданду ба хонаҳои худ рафтанд. Сариштаи кори хона ва меҳмондорӣ мушкил аст ба модари танҳо.
– Занак назуқ, ки хайру баракат аз хона мепаррад!
– Хайри ҷонашон шава, намезуқуму зӯрум дигар ба пухту паз, давуғеҷ намераса. Боз хизмати саги захмӣ ба гарданум бор шид.

– Саги бечора солҳои сол мора нигаҳбонӣ карду имрӯз муҳтоҷ шидаст. Чӣ кунем, занак, ки зиндагӣ гоҳе мушкил меояд. Бардошт карданамон лозим.
Даври меҳмономад расид, занак! Давраи барфрези баҳор шидаст. Раҳи Ёлаи Алақосим аз шамолу барфрез баста мешаваду мардуми Шукнов мерафтагӣ дигар ҷойи рафт наёфта ҳамин тараф бор мегиранд. Ба наску нахуду картошка меҳмонгузаронӣ намешавад. Баъд, дар ҳар ҷо таънасорум мекунанд, ки дар хонаи Сафари Паҳ меҳмон шидему мисли хонаҳои шаҳрӣ ба наску нахуд меҳмондоримон кард.
– Хайр, ба чени дилут,– андак ба мулоимӣ гуфт зан ва ноилоҷ кундаву табару корду бандро аз хона ба берун баровард.
Сафар бо ёрии Хуршеди писараш баъди кушта пӯсту гӯшт кардани бузи сирка ва майда кардани гӯшти дилу шушу ҷигар ба занаш фармуд, ки вақти бирён кардани гӯшт ба он аз сабзакҳои алафҳои ҷамбилаку бӯйи модарони тобистон хушк кардаашон андаке ҳамроҳ кунаду сарпӯшаи дегро зиёдтар нигоҳ дорад, гӯшт дар баробари хуб пухта лаҳм шудан, бӯйи алафҳои давогиро ҷапида мегирад.
Мард баъди таъкид ба занаш, андак гӯшти лаҳми хом ва пардаҳои сари қабурғаҳои сиркаро ҷудо карда гирифт, то барои саги захм бардошта барад ва ба писараш таъкид кард:
– Бачам, баъди хушрӯ майда кардани гӯшт, луқмаҳоро хуб такурӯ гардонида намаки зиёдтар бипошда гӯшт шириннамаку балаззат шавад. Ма хонаи боло равум, ку бубинум саг чӣ ҳол дорад.
Сафар гӯшт дар даст, оҳиставу вазнин қадам зада бо пайроҳа рӯболо рафт ва ба хотираш расид, ки андак хаставу шалпар шудааст. Ҷусаву ҷисмашро ку мисли даҳмардаҳо дар ҷавонӣ мушкилоти рӯзгор бақувват гардонидааст, вале солаш акнун ба ҷое расидааст. То қомат рост кардаву ба худ омад, ба қафои умри аз сар гузаронида назар кард, ки кам не, шаст соли умр гузашт. Яъне шасти дасту бозу қуввату мадораш минбаъд рӯ ба пастравӣ дорад.
Мард дари китобхонаро кушода назди сандуқи аз кардон соз карда, ки саг дар дохили он буд нишаст ва андаке аз пораи гӯшти бо худ оварда пеши фуки саг монда, сари сагро мисли сари Рамазони набераaш дастмол кард, ки саг меҳрубонии соҳибашро ҳис карда сарашро боло гирифту тарафи соҳибаш нигоҳи маънидору имдодталабонае кард.
Сафар дид, ки чашмони саг пур аз ашканд ва қатраҳои ашк бари рӯйи дарози сагро ҷуя кашида сӯйи поён таровида истодаанд.
Дили мард аз раҳм таҳ хӯрду сӯзише саропойи вуҷудашро фаро гирифт. Аз дил гузаронид, ки дарди саг сахту сангин аст. Ин лаҳза забон медошт, чӣ қадар фиғон мебардошту чӣ дарди дил мегуфт, вале Худо ҷонварро аз забон маҳрум гардонидааст.
– Донишманде гуфтааст, ки агар инсон панҷоҳ ё зиёди зиёд сад бӯро эҳсос кунад, саг беш аз ҳазор намуди бӯйро мефаҳмад ва дар ҳуҷайраҳои асабаш нигоҳ медорад,– гузашт ин гуфта аз дили мард.
– Ҳозир ба захмат каралин мемолам, дардат сабук мешава,– ба меҳрубонӣ бори дигар сари сагро дастмол карда гуфт Сафар ва андак пахтаи тозаро сари чӯбе печонида ҷойи дӯхташудаи шиками сагро дору молид.

Бӯйи бади каралин ҳавои хонаро ба тамом пахш кард, ки соҳибхона аз он қариб буд нафасгардон шавад, вале ба худ андешид, ки чӣ илоҷ?
Мард дари хонаро кушод, то ҳавойи дохил тоза шавад. Ҳис кард, ки ҳавойи хона дар баробари бӯйи бад доштан, сард аст. Ҳатто мӯйҳои саг аз таъсири хунукӣ сих зада, баданаш ба ларза даромадааст.
Ё шояд, ҳангоми захм бардоштан  аз бадани ҷонвар хуни зиёде рафтааст, қуввату мадораш кам гаштааст ва ё ин ҳама аз таъсири арақи хӯронида бошад? Дар ҳар сурат, ҳезум оварда печкаро гарм кардан зарур, қарор дод Сафар ва ба ин мақсад берун баромада шишаи каралинро низ бо худ бурд, то бӯйи бади он дигар  ба ҳавойи хона паҳн нагардад.
Мудате нагузашта мард ҳезуми параѓаро даруни печ ба тартиб тал чида барои пешдаргирон андак хасу пахолро ба зери ҳезум монд ва алов дар дод.
Ҳарчанд дари хона кушода буд, бӯйи бади каралин  ҳанӯз касро нафасгардон мекард.
Сафар баъди дар додани оташ ба сӯхтани  алов зеҳн монда, дари хонаро напӯшид, то гармии аз оташи даруни печ ҳосилшуда бӯйи бадро берун барорад.
Аз сӯхтани алов хаёлоти мард ба дуриҳо рафт. Чашмаш беихтиёр ба китобҳои дар ҷевон батартиб қатор гузошта  афтоду осори Ғаффор Мирзоро ҷуст. Китобҳои шоир дар бари асарҳои устод Айнӣ намудор буданд ва Сафар аз китобҳо чашм наканда  зери лаб худ ба худ замзама кард:

**Алови печ андар печ месӯхт,**
**Ба худ мепечиду дар печ месӯхт.**
**Чунон месӯхт алов, мекард йирға,**
**Ки чуян сурх шуд то ҳар қабурға.**
Сафар ин байти шоирро, ки кадом вақт азёд карданашро дар хотир надорад, хонду ба ширингуфтории Ғаффор Мирзо, аҳсант хонд ва боз худ ба худ гуфт:
– Кӯдакии шоир, ки дар ҳамин Даҳани шоли Ховалинг гузаштааст, забони ширадору шевои мардуми ин ҷоро азбар карда, вақти офаридани асарҳояш аз он фаровон истифода кардааст.
Бубинед, ки  шоир калимаи халқии **йирғаро** дар шеър дар ҷойи лозимӣ устокорона истифода бурда, дар мисрайи охир образи барҷастае офарида, таъкид доштааст, ки чуян то ҳар қабурғааш аз сӯхтану йирғайи оташ сурх гаштааст. Ҷазобати шеър ҳам дар ҳамин аст, ки хаёлоти хонандаро ба фикр кардан водор месозад.
Сафар, ки бештари умри худро ба омӯзиши асарҳои бадеӣ, насру назми шоиру нависандагони ҷаҳон сарф кардааст, ба мазмуну мундариҷа ва бурду бохти оддитарин жанри бадеӣ сарфаҳм меравад. Яъне солҳои сол омӯхтани адабиёт фаҳмишу дарки  ҳодисаю воқеаҳои зиндагониро  дар мард тарбия кардааст, хотироташро мустаҳкам ва қавӣ гардонидааст.
Ин лаҳза дар баробари даруни печ аланга гирифта сӯхтани ҳезумро дида шеъри шоир ва зиндагии ӯро ба ёд овард.
Мард андаке дуртар аз бухорӣ ва саг рӯйи курсӣ нишаста, аз нав чашм ба ҷевони китобҳо дӯхт ва гуфт:

– Дастам мерасид барои Ғаффор Мирзо дар Ховалинг ҳайкал мегузоштам, вале дареғ, ки дасткутоҳам!
Ва Сафар аз таҳи дил хонд:

**Дил ба ғами Ватан фигор, ман накунам, кӣ мекунад,**
**Ҷон ба раҳи Ватан нисор, ман накунам, кӣ мекунад?!...**

Ғалаёни фикр, баъди мутолиаи ин банди шеърӣ дар дили Сафар хурӯш кард ва худ ба худ дарди дил гуфт:
– Ин қавму миллат ба қадри падару модари худ намерасанду иззати шоиру нависандаро ба ҷо меоранд?!
Дар ҳама ҷо мебинӣ, ки гӯри падару модарон ноободанду мазори аҷнабӣ обод мекунем!!!
Хуб, ки дар давоми умр аз Хуҷанду Душанбе, аз мулки рус китоб ҷамъ овардаму дар ин гӯшаи кӯҳистон, ватани падару бобоямро обод кардам. Гуфтам рӯҳи гузаштагон шод мешаваду фарзандонам аз ҳавои бадбӯйи таҳдашт, аз гармои тоқатфарсо озод мешаванд, зиндагии хушбахтона мебинанд, ки не!
Дареғу ҳасрату ҳайф, ки меҳру муҳаббати фарзандонро нисбати обу хоку ҳаво, чашмаву гулу гиёҳ, дарахту ҷангалзори кӯҳистон бедор карда натавонистам!
Чӣ заҳматҳо кашидам дар бадали ин қадар сол, бо чӣ мушкилиҳо дучорам карданд? Аз ҳазори он мушкилӣ ҳодисаи имшаб ба сари саги хурдии зардак, ки ба лақаби як милиса Каллааш ном кардаам, омад.
Бачаҳоям ба мушкилиҳо тоқат накарда, бо сад баҳона худро ба шаҳрҳои обод заданд. Дареғ, ки келину набераҳои нозанинамро аз пеши чашмам, аз хонаву дару ҳавлиам бачаҳоям бо худ бурданд. Дар моҳу соле як бору ду бор ба аёдати модарашон меоянд. Чашми ману модарашон ба роҳашон чор. Чӣ кунам, ки тақдири падару модар то дами вопасини ҳаёт ҳамин сӯхтану сӯхтан будааст?..
Ҷамшеду Хуршеди бачаҳом ба Қурғонтеппаву Душанбе рафтанду Иброҳим дар Ховалинг ҷойи кор ёфта хона обод кард. Дилбару Нигинаву Наврӯзбии духтарҳом ба шавҳар баромада соҳиби хонаву дари худ шуданд. Як Ҷурахони бачаи хурдӣ ҳамраҳам модааст, ки барои меҳмонҳоро тут шапам гуфта аз беэҳтиётӣ аз болои тут афтида пояша шакасту ҳоло шукр, ки бо чигас тай–тай мегардад.
Нигорбию Майрамбии духтарҳом ҳолӣ хурданд. Дастёри очашон, зиндагиву гову мола ба ҳар ҳол саришта мекунанд. Рамазони набераи чорсоларо модараш ҳамраҳи писари калонӣ созомадӣ накарда партофту рафт. Кӯдаки бечора дар тарбияи ману бибиаш. Ба ҳамин ҳам шукр, ки Рамазон таскини дилам мешавад…
Мақсади ба ватани бобоӣ омаданам дигару дигар буд. Мехостам подомани мазори Сайид Амири Фиғониро мисли авлоду аҷдодони гузаштаи худ обод кунаму домани кӯҳсор, ин мавзеи биҳиштосоро, ки аз ҳодисоти замон вайрону валангор аст, аз нав обод гардонам. Мардуми таҳҷойӣ ба ватани аҷдодӣ биёянд. Хонаву боғҳои шаҳдбор обод кунанд, чорвопарвариро тараққӣ диҳанд, истҳсоли асалро ба роҳ монанд.

Охир замину обу ҳавойи ин ватан ҳафтод пушти моро хӯронидаву пӯшонидаву хушбахти ҷаҳон гардонидаасту имрӯз  ман дар миёнаҷойи дараи Хонақо якаву танҳоям!
Дар баробари пешбурди рӯзгор, шукр, ки нисфи умрама  ба ҷамъ овардани китобу дастхатҳои бузургони илму адаб сарф кардаам.
 Имрӯз ғайр аз худам кӣ дигар дар Ховавлинг ба китоб майлу рағбат дорад? Дуруст аст ки Тоҷиддини раису Амир Сайиди Мункии бостоншинос, Беҳрӯзи бачаи шоир Ҳабибуллои Файзулло гоҳ–гоҳ ба ин ҷо омада баъзан китобҳоро аз рӯйи  зарурат бо худ мебаранд. Хоҳиши дили ман ин ҷо ҳар ҳафтаву моҳ оростани маҳфили шоиру нависандагону донишмандон буд, ки хаёлам ин орзуро ба хок мебарам…
Дареғу сад  дареғи ҳавасу ормонҳоям!  Гумон доштам, ба бӯйи ман садҳо сокинони деҳа, ки  давраи кӯдакию ҷавониашон инҷо гузаштааст,  бо фароҳам омадани шароит аз шаҳру деҳаҳои дуру наздик ҳамроҳи ман ба ин мавзеъ кӯч баста меоянд, хонаву деҳаҳои нав бунёд мекунанд, мактаб месозанд. Наврӯзро пешвоз мегиранду кӯдакон гулгардонӣ, шодию нишот мекунанд. Садои қаҳ–қаҳи тифлону кӯдакон, сурудхонии ҳофизон бо хониши булбулону мурғони хушилҳон саросари фазойи дараи Хонақои севодара танинандоз мегардад, ки не. Имрӯз ба ғайр аз  ягона хонаи ободу кӯдакони ман  дар ин мавзе дигар ободие нест. Ба қавле, ман тарки ин ҷаҳон кардаму ҷаҳон тарки ман.
Ширинии умри азизам асосан дар шаҳрҳои обод гузаштааст. Шукри Худо, дар Кӯлобу Душанбе хонаҳои обод, шароити беҳтарини зиндагӣ доштам, вале ҳама умр орзуи зиндагии озоди ин мавзеъро мекардам, зеро давраҳои тифлию кӯдакиам дар домони ҳамин дара гузашта буд.
Шояд тақдири Носири Хусрави Қубодиёнӣ ҳам мисли ман будааст ва ё аз таъқиби хурофоти тиралу тори замон маҷбур шуда, ки охири умрашро дар дараи Юмгон гузаронид.
Дороии оламро доштам. Дар хонаҳои тозаву озодаву барҳавои балкондори шаҳрҳо дилам об намехӯрд, ба муроди худ намерасид. Мудом барои ҳавои мушкбезу як каф оби тозаву мусафою сарду ҷонбахши чашмаҳои инҷо дилам гум мезад.
Баҳор фаро мерасиду ҳаваси пеши гулҳои зардаку сияҳгӯши ин дара сари зону нишастану бӯйиданашон дилу  ҷони пазмонамро ба сӯзиш меовард.
Мардум дар шаҳри Душанбе ба сайри боғу гулгаштҳо, ба тамошои киною консерту театр мерафтанду тану ҷони ман ба шунидани чаҳ–чаҳи булбулони дараи Хонақо банд буд.
Бозор Собир рубоие дорад:

**Қишлоқаки кӯдакии раҳпойии ман,**<br>
**Роҳи ту раҳи бурешими лойии ман.**<br>
**Дар кундаи ҳар дарахти ту пинҳон аст,**<br>
**Як кӯзача кӯдакии тиллойии ман.**

Ана ҳамин дард маро ҳеҷ гоҳ ором намегузошту ҳама кору хонаву дороиро як тараф мемондаму раҳ ҷуста ба ин макон меомадам.
Ҳафтаву моҳҳо  ҷони дардмандамро бо бӯйи гиёҳҳои шифобахши дара, бо хониши мурғони ҳазор, бо оби чашмаҳову ҳавои атромези ин мавзеъ даво

мебахшидам. Чӣ кунам, ки Худо маро ҳамин тарз заминиву ёғию ёбоию нофармон офаридааст ва ман бе ин ҳама мӯъҷизаи нотакрори кӯҳистон дар дигар ҷойи рӯйи замин зиндагӣ карда, умр дида, зиста наметавонам, мемирам!..
– Ота, меҳмонҳо суроғат доранд! – гуфта овоз баланд кардани Иброҳими писараш ҳушу ёди Сафарро ба як ҷо ҷамъ кард ва ӯ ба худ омада ба фарзандаш ҷавоб гуфт:
–Ҳозир, бачам, меоям!
Ва Сафар тарафи саг назар карда дид, ки аз пештара ҳолаш андак беҳ аст. Ба берун баромада назар кард. Дид, ки дар таги тут мардони хушсарулибос, бо кару фар, аз мошини УАЗ–469 як–як хамбида атрофро тамошо доранд.
Соҳибхона назди меҳмонҳо рафт.
– Ассалому алайкум! – гуфта Сафар ба раиси ҳукумати Ховалинг Тоҷиддини Рауф вохурду дид, ки дар рӯ ба рӯяш Тоқсан Тешабоеви вазири газ бағал кушода интизори воҳӯрӣ истодааст.
– Э, домулло, вазир! И рӯз ҳам мешудааст, ки мора ёд кунен! – гуфта Сафар низ бағал кушода вазирро ба оғуш гирифту хуш омадед гуфт.
Майёри милиса Юсуфи Гадо, ки ин замон чонишини сардори милисаи ноҳия буду бо Сафар дӯсти дерина буд, меҳмононро роҳбаладӣ мекард.
– Шумо, калонҳо бе муҳофиз намегардед,–да!– гуфта шӯхӣ кард. Сафар ва ба майёр рӯ оварда гуфт:– Ҷонишини Калла чӣ хелӣ?!
– Нағзум, ака! – гуфт милиса ва илова кард:
– Ними дарара шиғ баста маҳкам карда тавонистию дар хонаи худат ҳам даҳоната раҳ гирифта наметонӣ?!
–Оббое, ҳазрат! – гуфт Сафар. – Калум заду кӯрум зад, пасмонда кулӯхум зад! – мегуянд, рост аст. Бачаи Гадо ту ҳам гапа ёд гирифтаӣ– ку?!
Милиса дигар ҳарфе нагуфту Сафар бо шахси дигари шиносаш Холаҳмад, ки ин дам ронандаи Тешабоев шуда кор мекард, салому алек карду гуфт:
– Бачаи бобои Корча! Ай куҷо раҳ ёфтӣ, ки ба и мартабаҳо расдӣ?! Инҷа истироҳаткунӣ омадӣ чӣ?
Баробари шунидани сухани истироҳат ранг аз рӯйи Хол канд, вале мард сир бой надода, худро ба даст гирифту оҳиста гуфт:
–Сафарҷон, сир бой нате! Мо хонаат меҳмонӣ омадем. Меҳмона атои Худо гуфтаанд. Кадом вақте ҳардумон як ба як мондем, шӯхӣ гапи дигар. Ҳоли пеши роҳбарҳо мара шарманда накун!
То ҳол меҳмонон вориди хона нагардида, ки овози мошини дигар ба гӯш расиду «ҶИП»–и наве қад–қади сангов рӯ ба боло, ба ҳавлӣ расида ист кард. Аз дохили мошин ошноҳои қадимии Сафар, Ҳикмати гов, Сафаралӣ Қаландару Ҳайдари полковник хамбиданд.
– Чашмом раҳ дида истода буданд, Ҳикмат! Ҳарчи омадене! – ба ханда гуфт Сафар баробари аз мошин хамбидани меҳмонон ва Ҳикмат ба шӯхии Сафар ҷавоб гуфт:
– Сафар, насиб бошад имшаб вара ба панҷоҳ ҳазор дака мехӯрад. Чашмот раҳ медид, ё кафи дастут мехорид?
Не Сафар, хотирта ҷамъ бигир! Мо ин дафъа қиморбозӣ не, қурутовхӯрӣ омадем. Гуфтем, ахири зимистонай. Дил мекашаду по меравад. Дар

Ҳовалинг ай  хазор хонавода зиёд одам зиндагӣ дорад.  Дилмон кашиду хонаи дигар кас не, хонаи ту меҳмонӣ омадем!
– Ҷонум садқаи меҳмон! – гуфт Сафар. – Феъли бади додарта медонӣ, ки як шӯхӣ накунум мекафуме! Лекин дар пеши раисову вазиро ай қимор гап назан Ҳикмат, ки инҳо қиморбозора ӯ қадар нағз намебинанд. Боз дар бало намонем.
– Мора Худо нағз бина, парвои раису вазир надорем, Сафар!– гуфт Ҳикмат ва илова кард:
–Дар и дунё Исо ба раҳи худ мераваду Мӯсо ба раҳи худ. Ай вақти ба и дара куч бастан мора фаромӯш кардаӣ Сафар.
Ҷувонмардои Душанбею Регару Ҳисор маърака мекунанд, Сафари Паҳ нест. Ҳамара малол кардаӣ.
– Гилаат ба ҷо, акаи Ҳикмат,– баъди вохӯрии Ҳикмату ҳамроҳонаш
гуфт Сафар ва меҳмононро муръати ба хона даромадан кард.
– Марҳамат ба хонаҳои боло, – даст пеши бар  гирифта гуфт Сафар ва меҳмонон думболи ҳам тарафи бинои китобхона  равон шуданд.
Сафар дар бари китобхона меҳмонхонаи кушоду барҳаво низ сохта буд, ки онҷо асосан дар фасли боронгарию сармо меҳмон қабул мекард. Китобхона нисбат ба меҳмонхона хурд буд ва касони ба тиловат шуғл доштаю шоҳмотбоз ва ба бозии нард ҳавас дошта ба китобхона медаромаданд ва ҳар кас ба шуғли дӯстдоштааш машғул мешуд.
Ин лаҳза бошад  одамони ба ин ҷо омада якҷоя вориди меҳмонхона шуда, ҳар кадом аз рӯйи сину солу мансабу вазифа рӯйи курпачаҳо болою поён барии ҳам ҷо гирифтанд.
Баъди фотеҳаи саридастӣ Сафар Холаҳмадро ба берун ҷеғ зада аз ӯ хоҳиш кард:
– Хол, додар, меҳмон ҳам бошӣ ба мо бачаи худӣ ба ҳисоб меравӣ. Ба ма ёрӣ расон, ки дар хизмати меҳмонҳо худам танҳоям. Ҷурахони додарат поро шикаста бо чигас мегардад. Мабодо камбудие сар занаду меҳмонҳо иззат наёбанд, кор расво мешавад.
– Рамазон, бачам рафта момата бигу чою нону дуғу ҷурғоту маска, мевагиҳоро тайёр кунад! – фармуд Сафар ба набераааш, ки ин дам ба ҳаваси дидани меҳмонҳо аз хонаи поён ба инҷо ҳозир шуда буд ва баъди супориш гирифтан Рамазон сӯйи хонаи поён давида рафт.

X X X

**111**

Ҳезуми параҕаи ба қади печ резакарда оварданду алов дар доданд.То ин вақт сари дастурхон сӯҳбат алакай қӯр гирифта буд. Дар ин миён меҳмонҳо аз мағзи чормағзҳои қоғатию ноку муруд, себу нашботиҳои бобоӣ, асалу дигар анвои хӯрданӣ андак–андак даҳон ширин карда хушгапӣ доштанд.
– Сафар ҳамроҳи Хол дар берун чӣ фуш–фушу ханда дорен? – пурсид Ҳикмати гов аз соҳибхона, ки барои иззати меҳмононро ба ҷо овардан хизмат мекард. Сафар ин лаҳза ба  фарзандаш мефармуд, ки барои меҳмонҳо чойи кабуду  сиёҳро дар чойнакҳо ҷудо–ҷудо дам карда биёрад.

Ба дигаре мегуфт, ки ҷурғоти халтагиро дар ду чинӣ нею дар чор чинӣ бигиранд.
Ба саволи Ҳикмат ҷавоб додан зарур буд ва Сафар гуфт:
– Хол зора дорад, ки ҳодисаи истироҳат карданаша ба меҳмонҳо нақл накунум. Мегум як ташкилии хуб ба гардан бигир, ки не. Хол ҳамон Холи тасмаи пештара. Зорӣ дорад, ки ака нав ҷойи кори хуб ёфтаму вазир ҳодисара шунава аз кор пешам мекунад.
– Мо Сафар, ҳелак баҳонаву дидор ғанимат гуфта, – Ҳикмат ба гап даромад:
– Ба бӯйи қурутовхӯрӣ ай сад километр хеста хонаи ту чақ–чақ омадем. Гапи истироҳати Хол кирои чақ–чақ боша, садқаи хокои пот Сафар додар, сари дастурхон чорзону бизану нақл кун. Хол ташкилира ба гардан нагира, ма сад ҷони Худо, дар шоҳидии меҳмонҳо ҳамин хел ташкилӣ мекунуму шумора фарёд мекунум.
– Қурутова саҳарӣ насиб бошад, мехӯрем, ака! – гуфт Сафар ва илова кард?
– Дар бораи Хол гап заден, ма нақл мекардуму беҳтараш ҳодисара худи Хол нақл кунад, – розӣ шада гуфт Сафар. – Чувонамарга ма хуб медонум. Ҳай хушнақлай! Ба шарте Тешабоюф ай кор суруш накунаву кӯдакҳош гурусна монанд, – гуфт Сафар ва аз тефи Хол кашида ӯро аз даҳани дар ба сари дастурхон оварду гапашро идома бахшид:
– Холаҳмад, масъалаи ҷойи корат тани ма! Тешабоеви вазир ба ма аҳди акагиву додарии қиёматӣ бастааст. Ма худум кафолат метум, ки барои ҳами нақл ба ту Тешабоев осебе намерасонад. Сари дастурхон чорзону бишину нақли истироҳат карданата бигу, меҳмонҳо хушҳол шаванд. Кайфи меҳмонҳора напаррон Хол, ки Сафари Паҳа медонӣ! Иззати меҳмон воҷиб гуфтаанд! Нақл накунӣ, ба Худо қасам Хол, ки қатии меҳмонҳо якҷоя сар–сари лингут мекунем!
Хол феъли Сафарро медонист, зеро қариб, даҳ сари сол ҳарду дар муассисаи нақлиётии № 10–и шаҳри Кӯлоб ронанда шуда якҷоя кор мекарданд. Сафар гапе, ки мегуфт ҳатман ба қавлаш меистод.
Дар ин миён Тешабоеви вазир ба гап даромад:
– Холбой, парво накун! То вақте мо вазир бошем, касе кордорат намешавад. Ҳодисаро нақл карда меҳнҳоро хушҳол гардон!
Хол ноилоҷ ба сари дастурхон чорзону нишасту андак мушханда карда ба нақл оғоз бахшид:
– Хай, дусто! Вақти дар автобазаи (муассисаи нақлиётӣ), рақами 10 кор кардан, айни ҷувонмардиам буду мошини нави ГАЗ–53 насибум гашт. Як рӯз барои овардани бор ба Душанбе равонум карданд. Саҳарӣ, пагоҳ ба роҳ буромадаму хостам аз автовокзал ягон каса ҳамроҳ бигирум то Душанбе раҳ дароз, сӯҳбату чақ–чақ карда меравем. Боз се–чор сӯм раҳпулӣ медодагист, ки барои кӯдакҳо савғо харид кунам.
Бахтам омад карду зани қоматбаланди нозанини чор кас медидагӣ наздам омаду хоҳиш кард, ки кори зарур дорад. Ӯро ҳамроҳ бигирам.
Курро чӣ мефорад, ду дидаи бино! Гуфтум Худо дод! То Душанбе севуним – чор соата роҳ, сӯҳбат карда меравем.
Зан дар барум савор шиду бӯйи хуши атру упову сафедааш ба димоғум заду маст шидум.

Хайр, ба раҳ баромадему майда – майда сӯҳбат сар шид. Шинос шудем. Номаша пурсидум, Гуларӯс гуфт номаша.
– Номут мисли худут хушрӯ,– гуфтӯм. Ма, гуфтум, Холаҳмад ном дорум. Хонам дар қарибии сангови бозори Кӯлобай.
Хулоса, ай ишқу ошиқӣ қиссагӯйи кардем, ба зан маъқул афтид. Рафта–рафта хандаҳош ба қақразанӣ табдил ёфтанду гӯё солҳои зиёде ба ҳам шиносоӣ дошта бошем, таҳи дилу мақсадма донистан хост. Хайр, то ин вақт як–ду маротиб тарафаш даст дуроз кардум, ки не. Қапу чангам нафоридуш. Феълаш ӯ қадар ба занҳои чатоқ монанд не. Ҳайрон шидум, ки сӯҳбату чақ–чаққош ширину, қақразаниш банди дилма месӯзонаву ай дастдарозкуниҳом намефораш. Гуфтум, ақли зан кутаҳ. Аз пеш ягон хами мувофиқ буроя, бахта месанҷум. Вақт ба наисфирӯзӣ наздик мешид.
Раҳи дашти Олимтой поён ёфту хамгаштҳои нишебу кутали Булён сар шид. Шайтон бераҳам кард. Бахту тавакал, дар чуқурии хами Булён мошина чап гардондуму ба паси теппа гузаштум, ки аз дами мошинҳои раҳ нопадид шавум.
Мошина манъ доштум, ки ранг аз рӯйи зан париду пурсид:
–Ака, барои чӣ мошина ба инҷо овардӣ?
Гуфтум, мо ҳам ийгитем. Зангирум, гуфтум. Бахудо, ки маъқулам шидаию мегирумут. Бадавлатум. Ай дигарҳо чӣ камӣ дорум?
–Ака, камбудие надорӣ.– ба зорӣ гуфт Гуларӯс. – Ийгит, ки бошӣ андак сабр кун, худата ба даст бигир, нафси шаҳвонита паст гардон. Ба Душанбе, ки расидем, хости дилат мешавад. Ма ҳам ҳамин хел ийгит кофта гаштам.
Гутум, Гуларӯси ҷон! Инҷа як истироҳат кунем, кайфа бигирем, чӣ зарар дора?
– Дар ҳамӣ гармӣ и қади хаму паси теппа ҷойи истироҳату кайфгириҳай?– гуфт Гуларӯс.
–Номаъқулира мону ба раҳи омадаат пас гард. Кайфу истироҳатат форад, ба Душанбе, ки расидем, марҳамат! Худоро шукр, мо ҳам бадавлатем. Хонаву ҷову макон дорем. Онҷо чӣ қадар дилат хоҳад, истироҳат мекунӣ.
Дар и дашту биёбон, мисли ҳайвон истироҳати чӣ?. Ба дасту дилу тани ҳарром, ба кадом дидаву рӯ ба раҳ мебароему то Душанбе соқу саломат мерасем? Ба шаҳр, ки расидем, гапи дигар. Душанбе шаҳри обод. Хонаи тинҷу осуда. Ваннаву оби ширгарм, собуну шампунҳои хориҷӣ. Зеби кайфу истироҳат ҳам дорад.
Ваъдаву гапҳои баақлонаи зан маъқулам шиду баргашта тарафи Душанбе раҳа давом додум.
Гуфтум феълу рафторум ба зан маъқул афтид. Насиб бошад, кайфу истироҳата дар Душанбе мекунем.
Хайр, дар боқимондаи раҳ боз ҳамон чақ–чақа давом додем. Ай вафодории ишқу ошиқӣ то шаҳр чӣ тавр расидем нафаҳмидум.
Зан баробари ба шаҳр расидан хоҳиш кард, ки мошинро манъ дорум. Як даҳсӯмаи нав ба дастам доду гуфт:
– Ин раҳкирора бигиру адреси ма, (нишонӣ), кучаи Ленин –12, хонаи 32. Корҳоята анҷом додӣ, ҳар вақте шавад, марҳамат, ба хонаи мо. Биё, кайфу истироҳат кун.

Гуфтум и тариқ намешава. Сӯма бигир, ма бо мошин ба хонаат мебарамат, ки не. Гуларӯс қабул накарда қатии ма хуйру хӯш кард.
Қоғази адрес навиштаи Гуларӯса ба пешкиса задаму даҳсӯмаро тарафаш дароз кардам, ки нагирифт.
–Ҳаққи ҳалолат! – гуфт. Дар тӯйи бачаҳот кор биёяд!
Зан рафту ма мисли раҳгумзада чанде ҳайрон мондум. Баъд аз пайи кор шидум, ки соате нагузашта ду ҷавонмарди бузбалаи ГАИ (БДА), дар раҳ мара манъ дошта хоҳиш карданд, ки сандуқи пур аз ҳуҷҷатҳора то идораашон бубарум.
– Бо ҷону дил! – гуфтуму сандуқа бор карда аз думболашон рафтум. Мошина дар гӯшаи ҳавлии иморатҳои баландошёна қарор доданду фармуданд: – Ака, ёрӣ расон, сандуқа то идора мебарему ҷони шумо аз мо халос!
Гуфтум, – ба ҷону дил!
Аз дастаи пеши сандуқ доштуму яке аз ҷавонҳо аз тарафи пешу ма ай қафо ба бинои баландошёна даромадем.
Ба ошёнаи сеюм баромадему ҷавон дари ҳуҷраеро кушода гуфт?
– Марҳамат, ба ин тараф! Ана расидем.
Бинум, дар рӯ ба рӯм Гуларӯс, ҳамон Гулдарӯси нозанине, ки имрӯз ҳамроҳ аз Кӯлоб ба мошинам оварда будаму ба ҳам аҳд баста будем, дар либоси низомӣ ба рутбаи капитанӣ нишастагӣ.
Гуларӯс дар либоси милисагӣ дар назарам хушрӯтар тофт.
Маълум, ки ай кирдори кардаам ин лаҳза пушаймон будуму чӣ суд? Ба сару либоси равғанолуд, аз шарм ба чашми зан нигоҳ карда натавониста, мисли мурғи ба об ғалтида, ба сари хам меистодум. Ҷойи гурез набуд. Дар қафоям ду ҷувони низомипӯш мара назора доштанд.
– Холаҳмад, корҳоята буд кардӣ?– пурсид оромона Гуларӯс.
Ма хомӯш будум.
– Аз ту мепурсам, Холаҳмад! Корҳоята буд кардӣ, ки кайфу истироҳат кунем?!
Вақт ёфта ба автобазаат телефон карда фаҳмидам, ки зану фарзанддор будаӣ. Аз кайфу сафову истироҳат кардана намемирӣ! Ҳеъ!..
– Аз рӯи зарурат кор баромаду ба Кӯлоб рафта зуд баргашан хостам,– сӯйи милисаҳои ҷавон рӯ оварда гуфт зан. – Дар раҳ ин ийгит ҳамроҳам кайфу сафо кардан хост. Хайрият, ки ақлам гирифту балоеро ба сарам наоварде! Ҳеъ!..
Пеши зан ба зону задум. Чӣ зорию тавалло кардум, ба ҳама маълум.
– Баред, ба камераи истироҳатӣ ҷувонмарда. Як–ду ҳафта истироҳат кунад, кайфаша бигирад! – фармуд Гуларӯс ва милисаҳо мара бардоштанде.
Он вақт орзуи кайфу истироҳата милисаҳо хоки даҳанум карданд.
Хайр, укако уҷа буданду икако инҷа! – гуфта Холаҳмад нақлашро ба охир расонид.
– Ҷонум садқат, Холаҳмад, ки ай кайфу истироҳату нақли саргузаштат мо кайф кардеме! – ба ханда гуфт раиси Тоҷиддини Рауф ва қаҳ–қаҳи аҳли маърака то шифти хона дака хӯрд…

Имрӯз дар хонаи Сафари Паҳ ҳазлкашҳои якачин ҷамъ шуден, чӣ бало?– гуфт Ҳикмат як ба тарфи Сафар  ва тарафи майёр Гадоев нагоҳ карда аз Сафар пурсид:
–Ҳами майёр ҳамон рафиқат нест, ки дар қиморбозии хонаи Давлаталӣ ҷонсаракмон карда буд?
– Бахудо ёфтӣ, акаи Ҳикмат.  Ҳамон майёрай,– гуфт Сафар ва шарҳ дод:
– Ӯ замон лейтенанти калон буд ё капитан, дар ёдум нест. Баъд, барои хизматҳои шоёнуш рутбаи майёрӣ насибаш гашт. Ҳоли дида бест, и ошнои ма ба полковникӣ мерасае! Метарсум генерал нашава!
–Худо умраш тия мешавад, – гапи Сафарро қувват бахшида гуфт Ҳикмат ва илова намуд:
– Дар и замон подабон рутбаи гунералӣ мегираву  и ҳоло майёрай?!  Бахудо, мард рост мегӯяд,– гапи Ҳикматро тасдиқ кард Тешабоев ва илова кард:
–Дидем, ки мард алифа аз таёқ фарқ намекунад, дар коргоҳи калон раисӣ карда гаштаст. Сад каси дигар ӯро «Раисҷон!» гуфта пешаш таъзим ҳам мекунанд.
–Гапро дур набар, ин майёри Ҳазрати Юсуфатон як шаби дароз моро  ҳам ба ҷон расонида буде! Аҷаб рафторҳое накард. Кинои асл будааст, Ҳазрати Юсуфатон, бахудо,– гуфт Тешабоев.
–Ҳазрати Юсуфаш гуфтӣ, Сафар, ҳами мардаки хуб, ҳамон Юсуфи Гадоҳай?– пурсид Ҳикмат.
–Ҳамон Юсуфи Гадои ошномай, акаи Ҳикмат, – ҷавоб гуфт Сафар ва шарҳ дод:
–Дар зиндагӣ шумо акаи Ҳикмат кам хато мекунен. Агар хато мекарден, дар қимор то  Озорбойҷону Грузия  номтон намерафт. Дунё ба ахир расид, як вақтҳо шон депутатшав ҳам буден. Депутат мешидӣ олама қиморбоз лағат мекарде! Хуб, ки тарафдорат кам буд ё боз касони дигар пеши раҳата бастанд?!
Аз сухани соҳибхона  меҳмонҳо хушҳол гардиданд.
Тоҷиддин Рауфи раису Тешабоеви вазир пеш аз ин номи Ҳикмати говро шунида буданду аз саховатмандиаш хабар доштанд, акнун худи ӯро диданд.
– Ёд дорӣ, Сафар, ки и ҷураи милисаат ӯ шав чӣ қадар азобамон дод? – гуфт Ҳикмат ва илова кард: – О, и қадар одами валинеъмати хуб метовае! – боз пурсид Ҳикмат.
–Дар Ховалинг ҳамиқа дӯсти ҷонӣ дорум, акаи Ҳикмат, – ҷавоб дод Сафар. – Арақ нахӯра, ай Ҳазрат Юсуфи  мо каси хубай. Ҳамин ки садта зад, дусадта талаб мекунад. Баъде ки гузаронд, Худо зад гуфтан гир. Дигар дамаша гирифта намешавад,– гуфт Сафар ва гапашро идома бахшид:
– Ӯ вақт ба таклифи шумо аз Ховалинг ба Душанбе  роҳӣ шудаму дар истгоҳ Юсуфа вохӯрдам. Мара мепоист, чӣ бало? Пурсидам, ки ба хайр?
Гуфт, ки марказа ёд кардам, Душанбе роҳиям. Хайр, ҳамроҳ ба шаҳр расидему  медонед, ки милиса маъно аксар вақт дар фикри аз ҳисоби дигарон шикам сер кардан аст.
Маълум, ки ба қиморбозӣ  даъват шида будам, маблағ доштам. Ба бозӣ дасти холӣ намераванд–ку?

Чойхонаи «Роҳат» – у лағмону самбӯсаҳои варақира ёд карда, ай магазини сари раҳ як шиша арақ гирифтаму ҳамроҳи Юсуф рафтем. Арақа баробар тақсим нӯшидем.
Сабил, Ҳазрати Юсуфи Гадо маст шид. Гуфтум, эй Худо! Ба умеди некӣ дар бало мондум. И ҳазрата ай Ховалинг то Душанбе раҳкироша додум, шикамша сер кардум, сарбории сарум шид.
Ҳазрат маст шава, раҳгашта метонаву сабил, ақли худодода гум мекуна. Чӣ кор кардану ба кучо рафтану чӣ гуфтанаша намедонад.
Ба ягон милисахна барамаш, мардак аз рӯйи ҳами касаба рӯз мегузаронад, пеши ҳамкасбҳо расво мешавад. Баъд, милиса маъно шӯрандозира дӯст медорад. Ҳамин хел аз қафои ҳам камбудии якдигарра кофта мегарданд. Ба калонҳои аз худашон боло хабар медиҳанду обурӯ пайдо мекунанду рутба мегиранд.
Мард баъди нӯшидани дусад грам арақ дигар на номи хешу ақрабоша медонаву на ҷойи рафтанша. Маҷбур шидам, ба ҳамон сару либоси милисагӣ ҳамроҳ ба қиморбозӣ биёрамаш.
Ҳазрата дар куча партофта рафта нашава. Сабил, ёру ҷӯраву ҳамдиёр. Боз ай ягон ҷойи дур боша. Ай ҳами Ховалингем мо.
Назди шумо, акаи Ҳикмат, ҳазрата овардуму раҳораҳ таъкидаш кардам, ки чӣ ҳодиса бинӣ, калимае ба забон намеорӣ. Лом намегӯйӣ. Хулоса, зунукта мегирию ба лаб кулӯх молида, зиёфат хӯрда хоб меравӣ! Андеша кардам, ки то ахири бозӣ албат, ки таъсири арақ мегузара, ки шарманда нашида, аз паси кору борат меравӣ.
Он соат ақлаш ба сараш омад, ки «хуб» гуфту ҳамраҳам омад.
Омадем, ки ташкилӣ сад аст. Муртазову Давлатшо ай Ҳисору Регар, Рустаму Халифа ай Хуҷанд, боз ким–кӣ ай Тошкант баумеди бозӣ омаданд.
Бозӣ сар шиду ҳазрати Юсуф чизе нагуфту дар кунҷи хона хоб рафт. Гуфтам об ба лаби ҷӯ баробар шид, ки не.
Як вақти шаб, айни авҷи бозӣ аз хоб бедор шиду хаёлам, ба худ омад ҳазрату дид, ки мардҳо давра шиштанду дар миён ғарами сӯму қартатақсимкунию қимор дар авҷ.
Милисаи маст ҳушёр шиду виҷдон азобуш дод. Хун ба сараш зад, ки дар давраи коммунистӣ, аз сиёсати ҳукумату давлат натарсидаву наҳаросида, ғайри қонуну қоида ин мардум пинҳон аз оламу одам ба қиморбозӣ машғуланд. Ӯ ҳамчун чашми ҳукумату давлат, намояндаи ҳифзи ҳуқуқ инҷо ҳузур дораду ӯро ин душманони ҳукумат ҳатто дар ҳисоби одам нашуморида, «тузу валету карол, 21, 23, 30, вара», гуфта гард кам ба қиморбозӣ машғуланд. Виҷдони милиса бардошт накарду дар ғазаб омад. Ба хаёлаш чашмош аз косахонаи сараш зада баромаданду дигар худро идора карда натавонист. Таъкидҳои Сафар фаромӯш шуданду фарёд зад:
–Эй онаи зори шумора! Чико кадестене?!! Ва милиса аз ҷо хест, ки пойҳояш ба ӯ итоат накарданд. Андак калавиду якпаҳлу ба кунҷи хона афтид. Панҷаҳояш бари деворро хунҷол кашиданду ҷусаашро нигоҳ дошта натавонист.
Ҳазрат, ҳамон зайл якпаҳлу рӯйи курпачаи мулоим афтида саросема бари рону киссаҳояшро ба палмосидан даромад. Аз афташ таппончаашро ёфтан

мехост, ки ба дасташ чизе нарасид. Ба ёд овард, ки вақти бо мақсади ба Душанбе омадан яроқашро ба шўъба супорида буду таппончааш дар сандуқи оҳанини милисахонаи Ховалинг мондааст.
Юсуф аз рўйи одат боз даст ба кисса бурду чураки милисагиашро кофт, ки аз чурак ҳам нишон набуд. Милиса ин лаҳза мабодо агар тапончаву чурак дар даст медошт, онаи зори ин сакалтуҳоро нишон медод, ҳамаашонро даст паси пушт баста, пулу қартаҳояшонро ба халтае андохта қатор аз қиморхона баровара ба шўъбаи наздиктарини милисахона мебурд. Чунин бозёфт дар ҳама умри хизматиаш ба ў муяссар нагардида буд. Барои ин корнамоӣ ўро ба мукофоти давлатӣ пешниҳод мекарданд, аҷаб не соҳиби медалу орден мешуд. Яку якбора рутбаи майёрӣ, палковникӣ насибаш мегардид ва аҷаб не дар ягон шаҳру ноҳия сардори милисаҳо таъинаш мекарданд.
Аз наёфтани яроқу чурак шасти милиса гашт, вале ҳанўз қаҳраш паст нагашта ба сари қиморбозон хукмашро шинонидан хоста, мастомаст дуғ зад:
–Ҳаматона қавва мекунум! Бас! Хезен, пеш дуроен! Ба милисахона вперёд! Ҳе, онаи зори шумора!...
– Юсуф, зунукта бигир! Таъкидҳо аз ёдут рафтанд?! – баромад овозам ва илова кардам:
– Сарата таҳи кўрпа панаҳ куну хоб рав!
– Сафар то ин вақт намедонистум, ки ту ҳамраҳи ин хел одамҳоӣ. Фарқаш нест. Тура ҳамроҳи инҳо қава мекунум! – дуғ зад мастомаст милиса.
Ма то ҳол ба худ наомада чӣ гуфтану чӣ кор карданама надониста будам, ки Мирзои регарӣ исту бест накарда, ба по хесту милисаро бардошт.
Дидам, ки Мирзои тануманду бақувват Юсуфро кашола карда назди тиреза бурд ва мехоҳад ўро аз тирезаи ошёнаи боло ба поён партояд.
–Мирзо! – овози ҷонкоҳ баровардам ва аз ҷо хеста ба тарафи Мирзо давида худамро пешорўи ў гирифта гуфтам:
– Мирзо, корро расво накун! Мо дар ошёнаи чорумем! Ҳазрата партоӣ устухонҳош намемонане! Ўро ба ма супор, худам сариштааш мекунам.
Ғазаби Мирзо паст фаромаду ў аз раъяш гашта милисаро аз чанголаш раҳо кард. Пойҳои Юсуф ҷисмашро бардошт накарданд ва ў калавида дар ҷояш нишаст.
– И мент маъракара вайрон кард,– гуфт Давлатшо.– Маза накардем. Ба ягон ҷойи дигар рафта бозира давом метем.
–– Феъли ҷурата медонистӣ, барои чӣ ўро овардӣ?! – норозиёна гуфт Ҳикмат.
– Бинии гандара бурида партофта намешавад, – худро сафед карданӣ шуда ҷавоб додам ва илова кардам:
– Ҳазрат, ҳушёр шава ай ў дида одами хуб намевӣ.
–Эй хок дар сараш! Одам ин тарз ҳам мешидаст. Бурда дар ягон ҷойи дигар хобон ўраву ба хонаи Самади қока биё, бозира давом метем, –таъкид кард Ҳикмат ва ма тефи милисаро гирифта аз хона баромадам.
Шаб аз нисф гузашта бошад ҳам давоми бозии қимор дар хонаи Самади қоқ дар авҷ буд. Бозигарон гумон карданд, ки имшаб аз балои азим, Ҳазрати Юсуфи милиса халос хўрданд, ки не.

Субҳ надамида касе дари хонаи Самади қоқро бо нуги панҷа оҳиста тук–тук зад.
Хонадор, ҳаловона аз ҷо хеста дарро кушод, ки дар пешорӯ Юсуфи милисаро дид ва бозигарон овози ӯро шуниданд:
–Ай ма гурехтен?! Хаёл карден, ҷоятона намеёвум?! Ёфтумтон–ку!
Ма бӯйи шумора мешиносуме. Ай бӯтон ёфтумтоне!..
Донистам, ки Юсуф ҳоло ҳам маст аст. Ноилоҷ бо аҳли маърака хуйрухӯш карда, аз пайи сариштаи Юсуф аз хонаи Самади қоқ баромадум ва қиморбозон бозии худро давом доданд…
Ҳозир ҳазрат, албат арақа бас кардааст?– пурсид аз Сафар Тешабоеви вазир.
–Хока бас кардаст. Ҳоли ҳам мехураву лекин меъёраша нигоҳ медора. Ҳамӣ ҳозир надидӣ, ки паймонаи дуюма холӣ кард. Рост, ки майёр аз ҳисоби худаш дар умраш арақ нахӯрдаасту намехӯрад. Бепул нигрола биёва мехӯра. Арақа ёфт, гӯё ҷонаша ёфт. Лекин, сабил баъди бардоштани пиёлаи чоруму панҷум дигар худша идора карда наметавона. Корҳое мекуна, ки ягон бандазот ба чунин корҳо қодир нест. Баъди ҳӯшёр шидан пушаймон мешава, ки чӣ фоида?
Солаш ба шаст даромадасту аз шасти бемазагӣ набаромадааст.
Майёр ин ҳама нақли дар борааш дар маърака гуфтаро гӯш карда мисли он ки ба даҳан об гирифта бошад, хапу хомӯш, хумор карда менишаст. Феъли Сафари Паҳи ошнояшро хуб медонист, ки номаъқулие аз ӯ сар занад, адабашро медиҳаду медиҳад…
– Дар хонаи Тешабойи вазир чӣ нағма кард?–гуфт Тоҷиддини Рауф ва илова кард: – И нағмаҳора нав шунидем, Юсуфбой?
– Гап зан ҳазрат,– гуфт Сафар ба майёр рӯ оварда.
– Дӯст шида дар маъракаи хонат, дар пеши меҳмонҳои олиқадр ба хоки куча баробармон кардӣ, Сафар. Инаша ҳам сарборӣ бигу. Мо лаву лаҳҷаи гапзанӣ надорем, – андак ранҷидахотир гуфт Юсуфи милиса.
– Ба мӯҳот сафедӣ дамид, ҳимоятгари қонун, аз феъли бадат намондӣ! – гуфт Сафар тарафи Юсуф назар карда истода. – Ай ту фарзандову ҷамъият чӣ ибрат бигирад? Феъли бадата барои чӣ намегуфтаам? О шумо ҳимоятгарони қонун якумр аз таги нохун чирк мековен–ку? Дар шаст соли умри рафтаат ягон некие ба мардум кардаӣ? Кори шумо доштану қава кардан. Дигар чӣ менфиататон мерасад?
– Бе мо ҳам намешавад,– гуфта худро аз хиҷолат бароварданӣ шуд майёр ва илова кард:
–Мо набошем, дунёра мисли шумо Сафар дузду ғару авбошу тераррист ҷазир мекуна.
– Ҳазрат, ту ай алами дил аз ма қассос гирифтан мехоҳӣ? Дамта бигирда номаъқулиҳои дар хонаи Тешабоеви вазир кардата варақгардон кунам.
–Даҳани ту ҳамеша гармай, – хамёза кашида гуфт Юсуф ва илова кард: – Ҳарчи мегӯӣ бигу. Пиёлаи чорума бардорум, паноҳут ба Худо, Сафар!
–Сабил, кадом вақте ай Ховалинг ба Душанбе рафтанӣ шавум,– ба гап сар кард Сафар, – дар истгоҳ мебинум Юсуф чумбоқай. Ин дафъа вазир барои сариштаи корҳо даъватум кард. Ма ӯ вақт сардори идораи таъминоти газ

будуму Тешабоев вазири соҳа. Хайр, даъват кардааст, рафтан даркор. Қубуру таҷҳизоту техникаи нав меорум, корҳо ривоҷи тоза мегиранд.
Ҳамраҳи Юсуфи Гадо якҷоя ба мошин шиштему рафтем. Маълум, ки раҳпулию хӯроки ҳазрат ба зиммаи ма. Гӯӣ Парвардигор дар қисмат ҳамин зайл навишта бошад, ки и милиса ай ҳисоби ма зиндагӣ кунад. Гуфтум, бало ба пасаш. Бори аввал нест. Чақ – чақ карда меравем, дарозии раҳа намефаҳмем.
Дар зиндагӣ аслан як кас дар гӯристон ҳам зеб надорад. Зеҳн мондаед, ки ягон вақти ба гӯристон ду мурдара якҷоя бурдан, шукуҳу шаҳомати муллоҳои навбуромад дигару дигар мешавад.
– Хайр, гапа дигар тараф набароем, ба Душанбе расидему майёр аз думболум кандanӣ надорад. Маҷбур шидам ӯро ҳамроҳ хонаи вазир бубарам. Фикр кардам, Тешабоев камбағал нест. Ҳарчанд оши палова дар лаълича оварда пеши меҳмон мегузорад, ки наволаи соз бигирам, лаълӣ ба се навола холӣ мешавад.
Қурбони ин тоифа мардум, дар сари ҳамон лаъличаи ош аз «гиред!», «гиред!»–у «канӣ! меҳмон ош шавад!»–гуфтана безорат мекунанд.
Тешабоев нағз медонад, ки сари иштиҳо дар як шиштан як табақ гӯштбирён ошам намешаваду хӯроки лаълича оши хокам мешавад?
Ҳамон дафъа, ҳамроҳи ҳазрат меҳмон шидан ҳам ҳамин зайл меҳмондорӣ шуду лекин вазир арақи бисёр овард. Арақҳои хориҷӣ, дар шишаҳои гарданборики гулпартофтагӣ рӯйи дастурхон қатор.
То феъли ҳазрат ба хотирум зад, ки Юсуф гузаронд. Ба сӯҳбату чақ–чақи вазир гир шидам, як вақт бинам майёр рӯйи курпача яктараф ғелида ба ҳоли худай.
Гуфтум, Худо зад! Ҳазрат дар пеши роҳбар шармандаам мекунад, ки тахминам рост буромад.
Майёр бо лабу лунҷи овезон ба ашулахониву рақс даромаде. Дарстурхон ҷамъ накарда, Юсуфи Гадо ҳам суруд мехонду ба оҳанги суруди худаш мисли рақсҳои Малика ба чархзанӣ медаромаде.
– Мисли кадом Малика?– пурсид Тоҷиддини Рауф аз нақли Сафар завқ карда ва боз саволашро такрор кард:
– Сафар рост бигу, ки чархзании ҳазрат мисли Малика Собирова буд ё Малика Қаландарова?
– Мисли Малика Собирова рақс мекард,– гуфта нақлашро давом дод Сафар:
– Пойҳоша озод–озод бардошта чарх мезад.
Малика Қаландарова дар як ҷо истода чарх мезанад. Худо шоҳид, ки дастурхони ғуннакардара ҳазрат вақти рақс ҳамаро помол карда, ҷурғота ба нону чойя ба меваҷоти рӯйи дастурхон резонида, бо кафи поҳо шакида, ҳарому ҳариҷ гардонде! Ҳарчанд зорию насиҳат кунам, ба майёр заррае кора намекард.
Тешабоеви вазир бетартибиҳои ҳазрата дида ҳайрон гуфт:
–И, и, ҷӯраятон аҷиб қиликҳо доштасте? Ина бинеде! Ҳам худаш суруд мехонаду ҳам худаш нағмаю усул. Э, қомататон занад, меҳмоне!
Боз ина ҳазрат мегӯед?!

Нағмаву усулу рақс, хаёлам журнали ҳодисаҳо буд, ки Юсуфи Гадо кинои навбатиро ба намоиш гузошт. Ману вазираз тарси ҳазрат кунҷи хонаро иҷора гирифтем. Худо ҳозиру Тешабоев шоҳид, тасдиқ мекунад. Хок дар сари ҳазрати Юсуфи майёр! Кинояш ҳамин шид, ки ҳазрат либосҳоша аз тан кашида худаша бараҳнаи модарзод карду аз нав ба рақсу бозӣ даромад.
Ҳамсояҳо аз бесарусомонии мо ҳайратӣ шуда овоз доданд, ки тинҷӣ ҳаст?! О ин чӣ шӯру валвала?!
Хайрият, ки аҳли оилаи вазир хонаи паҳлу буданду ғайр аз ману Тешабоев дигар касе аз ин ҳол огаҳ нагардид.
Аз кинову консерти майёри саропо бараҳнаи сурудхону раққос ману вазир, ки андак нӯшида сархӯш будем, ҳушёр шудем.
Ақлам гирифт, ки сад нобути ҳазрат, мара дар назди вазир шармандаву расвои ҳарду олам кард. Баъди ин ҳол бори дигар ба чашми вазир, агарчи рафиқу дӯст ҳам бошад, бо кадом дидаву рӯ менигарам, намедонам.
–Тешабоев, бигу, ки ҳол чунин буд ё муҳобот кардам?– пурсид дар миёни нақл Сафар аз вазири меҳмон.
– Кам гуфтӣ, Сафар! Уштаккашиҳоша фаромӯш кардӣ.– гуфт Тешабоев ба ханда ва Сафар сӯҳбатро давом дод:
– Дидам намешавад, ай тефи ҳазрат гирифтуму телазада даруни ванна даровaрда хобондам ҳазратаву, чумчаи оби хунука кушодам. Гуфтам, хунук, ки хӯрд таъсири арақ мегузарад, мард ба худ меояд.
Ҳазрат даруни ванна андак ором гирифт.
Фикр кардам, ки аксари кормандони милиса одамони неканд, вале ба мисли Ҳазрати Юсуф ҳастанд миёни гурӯҳ гови рихине, ки тамоми подаро олуда мегардонад.
Аз бетартибиҳои Юсуф хотирам озурда шид. Чунин консерту кинои бепула дар умри сарум надида ва нашунида будум. Хаёлум, Тешабоеви вазир аз даъвати меҳмон пушаймон шуда, мисли ман хафаву хиҷил менамуд.
Соҳибхона барои иззати меҳмон аз нав дастурхон тоза карду ба ман муръати нӯшидан кард, ки дигар ёрои арақнӯшӣ надоштам. Ҳама консерту кинои милиса , ки баъди нӯшонӯшӣ сар зад, магар кам буд, ки боз ба Тешабоев ма ҳунарма намоиш медодам?
Тешабоев баъди ин ҳама ноилоҷ бо ман хайру маъзур гуфта ба хонаи хобаш рафту ман инҷо таҳо мондам.
Шаб аз нисф гузашта буду маро хоб намебурд. Рӯйи ҷогаҳ ба хаёлоту андешаҳо банд, фикр кардам, ки чӣ аҳмақию харӣ бад ин рафтори ҳазрат?..
Як вақт аз милиса хабар гирифтам, ки даруни оби хунук, мисли мурда ховай. Хайрият, ки дастпока зери сараш монда будам ва ӯ ҳамон тарз наҷумбида орому осуда мехобид.
Чумаки поёни ваннаро кушодам, то об таровад ва баъди аз об холӣ шадан, ваннаро бо даструмол хушк намуда, ба зери бадани ҳазрат кампалро ҳамвор карда, болои ҳазрата бо матое пӯшонидам ва ба ҷойи хобам баргаштам.
Субҳ надамида милиса бо ҳамон андоми лучи модарзод болои сарам ҳозир шиду маро аз хоби хӯш бедор карду пурсид:
–Чӣ бадбахтӣ кардам, Сафар?

– Ҳарчи кардӣ гузашт,– гуфтам ба Юсуф ва паҳлу гаштаму сабил хоб ба ма ғалаба кард…
Саҳарӣ, баъди баромади офтоб соҳиби хона аз хоб бедорам карду пурсид:
– Дӯсти меҳмонат куҷост?
– Саршӯхонаро бин, даруни ванна хобонда будамаш,– гуфтам ман ва Тешабоев саросема тарафи ванна рафту овози ӯро шунидам, ки гуфт:
–Эй, онҷо нест!
– Бало ба пасаш! – гуфтам ва илова кардам:
– Шакр бигу, Тешабоев, ки ҳазрат дар хонаат намурд, набошад ҷавобгарат мекарданд.
Хаёлам, баъди киною консертҳои намоиш дода ҳазрат аз шарм аз хонаи вазир гурехта рафтааст…

X X X

**1У**

Сафар ин саҳар баробари дамидани субҳ аз хоб бедор шуда дар тану ҷони худ нерую қуввати тозае эҳсос кард. Баъди дастурӯшӯӣ ба сари ёлаи болои хонааш баромадан хоста, андеша кард, ки аз ҳавои тозаи баҳор баҳра барад.
Мард айёми кӯдакӣ, пойи бараҳна сар–сари ёла ҳамроҳи ҳамсолон шӯхию бозӣ карданашро ба ёд овард.
Ҳамин шаб девони Лоиқро аз миёни китобҳои китобхонааш гирифта бори дигару дигар варақ задаву мутолиа карда буд ва байти хӯше ёду ҳушашро ба хашбахтарин рӯзҳои ҳаёти одамӣ, давраҳои кӯдакӣ бурду ин лаҳза он байтро зери лаб замзама кард:
**Одамӣ, ҳарчанд ки солору пурармон шавад,**
**Боз мехоҳад, ки боре кӯдаки нодон шавад.**
Оре, Сафар дар айёми солории умр ин саҳар мехоҳад ҳамон давраи беолоиши кӯдакии хешро ба ёд биёрад.
Шояд ҳамин орзуҳои айёми гузашта буданд, ки ӯро ба ин диёри аҷдодӣ оварданд. Ҳамсолону хешу ақрабо, ёру дӯстонаш ҳама думболи кору бору доройӣ ҷамъ кардан, худро ба шаҳрҳои ободд заданд, аксарашон ҳатто ба мулкҳои хориҷ рафтанд, вале ӯ ин кунҷи дараро зиндагии муқимӣ ихтиёр кард.
Мард мӯзаҳои чармию ҷомаи нимдошташро пӯшиду ба пайраҳаи каҷу килеби ошно қадам зада сари ёла баромад ва дид, ки гулҳои яхшикан, ки инҷо гули сағера номашон мебаранд, дар рӯйи раҳу байни каҳмолҳо сар баровардаву муғҷа кушодаанд.
Мард андак болотар рафт ва миёни гулхорҳои ҳанӯз муғҷаву барг набароварда гули сиёҳгӯши шукуфтаро дид, ки мисли арӯси таги чодар аз байни каҳмолу панҷаи хорҳо намудор аст. Поинтар аз ин гул чашмаш ба гули зардаку бари он қӯшагулҳои сияҳгӯши дигарро диду назди гулҳо беихтиёр сари зону нишаст. Балки қад хамонда гулҳоро бӯ кашид. Аз бӯйи муаттару дар олам ноёби гулҳо гӯйи маст шуд. Сар боло карду ба атроф нигарист. Хаёлаш ба дуриҳои дур рафт.

Агар кас хубтар зеҳн монад, дар ҳама рӯи замин агарчи баҳор дер ё зуд меояд, дар чашми мардум назар ба дигар фаслҳои сол ҳамин тарз зебову пуршукӯҳ, дилрабову мафтункунанда аст баҳор. Зеро бо омад– омади ин айём ҳама мавҷудоти табиат гармию сарсабзӣ шукуфоиро дар ҷони худ эҳсос карда, хурсандию хушбахтӣ фарогирашон мешавад. Нурҳои ҷонбахши офтоби оламоро ба ҷисм ҷони тоза ато мекунад. Дилҳо аз ин муъҷизаи табиат ба ҷӯш меоянд. Ба чашми кас нуру таровати бедоршавии табиат мисли дидани дилбарони зебо хаёлотро ба дуриҳо мебарад. Кас дар ин фасли сол мехоҳад умри ҳазорсола бубинад. Чун кӯдакони дӯстрӯ дил мехоҳад пойи бараҳна рӯйи сабза мисли оҳубарраҳои ширмаст ба ҷавлон омада, ба талу теппҳо барояд, гули зардаку сияҳгӯш бичинад, шоду хурсанду ханда ба лаб ба хонаву кучаҳои деҳа биёяд, ҳамроҳи кӯдакон бо суруди гулгардони наврӯзӣ дар ба дари хона суруд хондаву гулгардонӣ кунад, ба мардум муждаи рӯзи нав, Наврӯзи нав, рӯзгори беолоишу осудаву хушбахтию хурсандӣ таманно намояд.
Баҳори Хонақои севодара ба худ ҳусну таровати муъҷизаофареро дорост, ки чунин зебогию бедоршавии табиат, бӯйи хушу мафтункунандаро дар дигар мавзеи рӯйи замин дида наметавонӣ.
Аз нафаси гарми баҳор, аз ҳар хамгашти дара, ки аз ҳазор адад ҳам зиёданд, тармаҳо об шуда ба ҷӯйчаҳои аз боронҳо пайдошада мерезанд, мисли шири навҷӯшидаву кафк ба лаб рӯ–рӯйи сабзаҳои нав аз зери хок сар бадар карда ҷорӣ гардида, ҳар кадом нағмаву оҳангу садои дилангези ба худ хосеро месароянд, ки ҳама ин оҳанги дилошуби мафтункунанда мусиқии дилнавозро мемонад.
Навои хониши кабкони дарӣ бо садои хушхонии мурғони кӯшаи аз дуриҳоии мулки ғариб ба инҷо омада ҳамнаво гардида, дилҳоро шайдову мафтуни хеш мегардонанд.
Шохаҳои дарахту буттаҳҳои ҳазорранги ҷангалзори анбӯҳ, ки ҳар кадом аз тану шохаи худ садҳо муғҷаи тозаву тари сабзу гулобӣ баровардаанд, ҷойи нишасту хушхонии мурғони ҳазор мегарданд.
Ин дам ҳавои тозаю форами мулоим вазида баробари дамидани субҳ ба гӯш чаҳ–чаҳи булбулони хушилҳонро меорад, ки чунин суруди марғубро дар рӯйи ҷаҳон ягон мурғу паррандаи дигар ба ҷуз булбул надорад, ки надорад.
Хониши булбулони дара ҳангоми саҳар, вақте ки нурҳои зарҳалини офтоб олами ҳастиро ҷони тоза мебахшанд, муъҷизаест, ки онро дар зеботарин гӯшаи олам шунида ва дида наметавонӣ.
Хонақои саводара ва ҷангалзори ду бари он то дуриҳо тул кашида, баҳору тобистон боғи ҳақиқаии булбулонро мемонад, ки дар ин айёми сол бинанда гумон мекунад ҳама булбулони олам инҷо ҷамъ омада ҷашни баҳору Наврӯзи оламафрӯзро тантана доранд ва дар чашми кас гӯиё хушхонию чаҳ–чаҳи хешро намоиш доданианд. Аҷиб он аст, ки садои хониши ҳазори дар ҳазор мурғон, дар ин айём дигару суруди чаҳ–чаҳи булбулон дигар аст ва ин садоҳои ба оҳанги мусиқори марғӯб монанд ҳар лаҳзаву замон хушу гуворо ба гӯш мерасанд.
Маҳз бо омад–омади баҳору Наврӯз, аз Ёлаи уқобнишини болои дара, ки баландтарин қуллаи ин мавзе аст, уқобон ба фазои дара ва атрофи он

болафшон ба парвоз меоянд ва шукӯҳу шаҳомати болафшонии онҳо бо хонишу парвози мурғони дар ҷангалзор маскану макон гирифта ҳамнаво гашта, дилҳоро ба хурӯш меоварад.
Сафарро, ки солаш ба домани шаст расидааст, маҳз ҳамин зебогии нотакрори табиати диёр дар боқии умр ба ин макон овард.
Дуруст аст ки айёми тифлию кӯдакии лоуболонаи ӯ дар ҳамин мавзе гузашта, ин ҳама шукӯҳу шаҳомотро ҳар солу моҳ дар ин ҷо дида буд, вале чархи каҷрафтори зиндагию рӯзгор ӯро аз домони ин гӯшаи биҳиштосо дар ҳамон айёми тифлӣ чун аз пистони модар ба якборагӣ канда, ӯро ба шаҳри пурғавғо бурд. Ҳама хушиҳои давраи ҷавониаш дар гузари Чармгарони болои шаҳри Кӯлоб гузашт. Ҳарчанд амаку падар ва хешу таборонаш ба кафшдӯзию чармгарӣ мансуб набуданд, чӣ кунад ки қаҳтию носозгории рӯзгори нобасомони солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941–1945), аҳли оилаи онҳоро ба Гузари сари ҷари Кӯлоб, ба сифати муҳоҷир овард. Сафар ҳатто ёд надорад, ки Тешаи нимтанаи падараш аз ҷанг баргаштаву барои таъмини аҳли оила дар Ховалинг рӯзаш нагузашт. Кӯдаконашро хӯронидаву пӯшонида натавонист. Аз тарафи дигар, мақсади сиёсати давлати ондавраи Шӯравӣ муҳоҷир кардани ҳама мардуми кӯҳистон ба таҳдашт, азхуд кардани туқайзорҳо, васеъ намудани майдонҳои кишт ва зиёд кардани истеҳсоли пахта буд, ки бо ин сиёсат дар қатори садҳо, балки ҳазорон деҳаҳои кӯҳистони Сари хосору Ёхсуву Ховалинг мардуми деҳаи Хонақои севодараро, ки беш аз 500 хоҷагӣ дар ин дара асрҳои аср зиндагӣ доштанд, кучонида ба таҳдашти Фархору Чубек ва Ҳулбуку Кӯлоб бурданд.
Сафар ин ҳама ҳодисоти дар зиндагӣ аз сар гузаронидаи падару модар ва авлодонро борҳо пеши назар овардааст ва ҳангоми дар шаҳри Кӯлоб кору зиндагӣ кардан ба макони зисти авлоду аҷдод, ба ҷое, ки хушиҳои айёми кӯдакиаш гузаштааст, борҳо омада буд. Муҳаббати диёр ҳама умр ӯро ором намегузошт ва чораву тадбир меҷуст, то биёяд ба диёри падару бобоён, ин гӯшаи биҳиштосоро аз нав нуму бахшад, то дар ин ҷо рӯзгори бобаракат ёраш шавад.
Ва Сафар ин саҳар вақти субҳидам ба зиёрати оромгоҳи Сайид Амири Фиғонӣ, ки дар шафати дара, аз ҷойи зисташ боло, дар саргаҳи дашт воқеъ аст, азми зиёрат кардан, роҳ пеш гирифта буд. Ва аз нафаси гарми ҳавои баҳору чаҳ–чаҳи булбулон, хониши мурғону суруди чашмасорони ба қаъри дара равона, фарорасии баҳорро эҳсос кард. Шукр кард, ки Худо ӯро ба баҳори нав расонид ва хурсанду хушбахт буд, ки ҳамроҳи зану фарзандон, хешу ақрабо, мардуми диёр зиндагии тинҷу осуда дорад.
Ба ёд овард, ки баъди чанде гулу гиёҳ, дарахтони боровари ин ҷо муғҷаву баргу гул кушода зебогии ҷангалзори боғҳо садчанд мегардад, ба ҳусни оламорои хеш ақлу ҳӯши касро мебарад. Он айём наздик аст ва чӣ мӯъҷизаҳое ба бор меоварад баҳор дар ин доманаи теппаву кӯҳҳои сар ба фалаки кӯҳистон?!
Мард раҳораҳ аз хотир гузаронид, ки дар панҷ гектор замини ғалла тирамоҳ гандуми тухмии навъи «Краснодар» корид. Худо хоҳад, баъди нигоҳубин ҳосили фаровон хоҳад гирифт.

Сайҷаъфару Сайдаброри хоҳарзодаҳо, Юсуфи додараш, дигар пайвандону ёру ҷураҳо ҳастанд,  ки дар ҳалли мушкили пешомада дастгиру ёвараш мешаванд. Дар зиндагӣ доғи ҳамин ёру бародар, фарзандонро набинад, ба ҳаминаш шукр.

–Ҳамроҳи онҳо умр дидан давлати калон аст бароям! –  гузашт аз дили мард ин дам ва ӯ боз раҳорaҳ ба хаёлот дода шуд.

– Ин баҳор садҳо ниҳоли дарахти гелосу себ, ноку чормағзу дигар намуди дарахтони мева  овардан зарур. Аҷлам гирифту то ин ваҷт бачаҳоро фармудам навдаҳои арару сафедорҳоро дар ҷад–ҷади дара шинониданд. Навдаҳои арару сафедорҳои дигарро ба ҷатори як ваҷабӣ калта карда, дар ҷади обдараву миёни алафзори соҳил пошидам, ки реша гирифта сарсабз шаванд. Ҷангалзори дарахтони масолеҳи сохтмонӣ афзун гардад. Баъд, чӣ ҷадар ниҳоли олучаву олуболу, себу нокро кундапайванд кардам, ки ҳисобашон гум. Масоҳати боғи себи хубонию ҷосимӣ, америкоӣ, кулчасебҳои бобоӣ ҷаролуву куксултон, дарахтони дар шароити ин ҷо ҳосили хубу хушлаззат медодагиро зиёд кардан зарур.

Моҳҳои июн–август, ваҷти муғчаву баргу навдапайванд мешавад, дарахтони боғро аз себу ноку зардолуҳои навъи беҳтару хубтар пайванд гузаронидан даркор. Фаромуш накунам, бехи дарахти азамати зардолуи аз ким кадом аҷдод мондаи сари ёларо побелу хокгардон–ку  кардаму баъзан навдаҳои ҷо–ҷо хушкшудаашро буриданам зарур. Он рӯз арачаамро набурда будам, ки ин корро анҷом диҳам. Бо досу табар ваҷти буридан навдаи дарахт осеб мебинад.

Бостоншиноси номию овозадор Виктор Николаевич  Ранов  хангоми  дар инҷо бо олими олмонӣ кофтуков гузаронидан, ҳамон зардолуи сари ёла тоҷа мондаро умри беш аз ҳаштсадсола баҳогузорӣ карда буданд. Аввал ба гапи онҳо бовар накардам. Гуфтам, наход  дарахт ин ҷадар умри дароз бубинад?

Баъди бо онҳо шиносу ошно шудану тадҷиҷот гузарониданҳо, бароям бо соядасташон фиристодани китоби «Каменный век»,(Асри санг), хондаму донистам, ки ин академики рус одами андак набуда, балки олимест, ки ҷаҳон ӯро медонаду мешиносаду асарҳои ӯро дар донишгоҳҳои олам  меомӯзанд. Аз омаданам ба ин дара мардум дигар дарахтони ҷангалро бераҳмона намебурранд, ки ин кори нек аст. Ҳоло ин кор  андак ба расмият даромадааст…

Гап сари ин ки дарахтон ҳам мисли инсонҳо таҷдиру сину соли зист доштаанд ва ҳамин зардолуи сари ёла, ки аз хонаи ман он ҷадар ҳам дур нест ва  Ранов дар китобаш дар хусуси ҳаёти ин зардолу маълумот додаст, исботи он аст, ки  дар шароити иҷлими ин мавзе дарахтону наботот умри дарозу тулонӣ мебинанд. Чормағзҳои азамату булут, арчаҳои дара дар Кулолиёну Дашти гуло шояд аз ин зардолу дида умри бештаре дошта бошанд?

Дар Хонаҷо меҳнати нағз кунӣ, дар давоми тамоми сол аз меваи тару тозаву хушлаззат бебаҳра намемонӣ. Ғайр аз ин дар замини ин ҷо  чағораву ҳулбӯву зира, ҷамбилаку чукриву рошак, зелолу боз ҳазор намуди гиёҳу растаниҳои дорувории ба сад дард даво мерӯяд.

Кӣ ҳама ин боигариро ҷамъоварию саришта мекунаду ба нафъи инсонҳо истифода мебарад?
То сари мазор кам роҳ боқӣ монда буду аз чӣ бошад, ки ба ёди Сафар Владимир Николаевич Петров – марди русе, ки солҳо инҷо чун намояндаи Ҳукумати Шӯравӣ дар Ховалинг корҳоеро анҷом дод, ки то ин вақт ақли касе сарфаҳми онҳо нарафта буд. Шояд Сафар аз баландии ёла манзараҳои ободу манзилҳои сохтмони комплекси бо сарварии Петров дар Ховалинг обод кардаро аз дур диду дилаш ба заҳматҳои кашидаи Петров дар ин сарзамин сӯхт. Хаёлоти мард ба он рӯзҳои чанд сол пеш аз сар гузаронидааш дода шуду ӯ ба ёд овард:
– Давраҳои бархам хӯрдани Давлати Шӯравӣ буду вайрону валангор гардонидани коргоҳу муассисаҳо. Ҳалқ подаи сарҳӯйиро мемонд, ки нимеро даррандагон медариданду ними дигар ба ҷарию ғорҳо афтода талаф меёфт.
Сафар, ки он вақт дар Кӯлоб зиндагӣ мекард, баъди дар муассисаи нақлиёт барор нагирифтани кор ба муассисаи фарҳангию хизматрасонии тиббӣ ба кор рафту дар ин миён чанд мудат бекор ҳам монд.
Кулли явмин батар, шуду ҷанги шаҳрвандӣ саросари Тоҷикистонро фаро гирифт. Мард барои таъмини рӯзгузаронии аҳли оила коргари муассисаи газ шуд.
Аз баракати даврони Шӯравӣ кони гази Хоҷасартез кушода гардида, мебоист мардуми Кӯлобро бо ин сӯзишвории беминнат таъмин мекарданд. Дар Ховалинг аз баракати В.Н. Петров, ки сарвари иттиҳодияи чорво буд, ин ҷо адади говҳои гӯштиро то ба панҷоҳ ҳазор сар расонида, сохтани корхонаи гӯшту консерва ва ба хориҷ ба фурӯш баровардани маҳсулоти тайёрро ният карда буд. Барои таъмини ин коргоҳҳою аҳолӣ кони гази мазеи Чанори Балҷувон коркард шуда, мебоист барои ба кор андохтани коргоҳҳо, таъмини аҳолии Ховалинг ва деҳҳаҳои атроф бо ин газ корҳо ба сомон расонида мешуданд.
Сафар, ки таҷрибаи зиндагию корӣ дошт, андеша кард, ки соҳа ояндадор аст. Ӯ метавонад дар ин ташкилот фаъолият дошта бошад, рӯзгорашро пеш барад. Яъне, аз оне ки камон сари гардан гираду думболи мансабталабону сиёсатмадорон ба муборизаи бемаънӣ равад, мард меҳнати созандаро афзал шуморид.
Дар ин ташкилот Сафар имкон ёфт ҳам дар Кӯлоб ва ҳам дар Ховалинг ба кор машғул бошад, барои дарёфти қубурҳои газ мегузаронидагӣ худро ба сад дар зада, пешрафти корро таъмин намояд.
Айёми кашидани қубурҳо дар шаҳру маҳаллаҳои Кӯлобу Ховалинг маҷбур буд, ки ба вазорату идораҳои дар шаҳри Душанбе қарор дошта равуо кунад, корҳояшро ба анҷом расонад. Ин вақт аз фаъолияти Сафар роҳбарони соҳа бохабар гашта каси оддӣ не, худи вазири газ бо ӯ шиносоӣ пайдо кард ва баъдтар ин шиносоӣ ба дӯстии онҳо мубаддал гардид…
Сафар хаёлоташро ҷамъ кард, зеро ба марқади бузургвор расида буд.
Аз рӯйи эҳтиром, мард дар погаҳи мақбара мӯзаҳояшро аз по кашида ба назди оромгоҳ ворид шуд ва рӯ ба қибла гардонида сураҳои медонистагиашро тиловат карда, қарзи каси ба зиёрат омадаро иҷро кард. Дуову фотеҳа хонду даст ба рӯ бурд, ба даргоҳи Парвардигор тавбаву

надомат карда пуштнокӣ аз мақбара берун баромаду рӯйи бому атрофи мазорро аз назар гузаронид, зеро медонист, ки ғайр аз ӯ ин рӯзу ҳафтаву моҳу сол каси дигари ба зиёрат ба ин ҷо меомадагӣ кам аст ва мабодо аз офати боду барфу борон болопӯши мақбара осеб бинад ва ё хиште аз девор ноҷо гардад, касе онро дуруст намекунад. Баъзан аз деҳаҳои Зардакию Тиҳиён, Сариосёбу Ховалинг касони ихлосманд ба фотеҳаву дуо ва зиёрати бузургвор меоянд, вале мутасаддии асосии оромгоҳ дар ҳозира Сафар аст.
Мард дид, ки пораи тунукаи як лаби боми мақбараро шамол хезонидау каҷ гардонидааст. Рафту бо панҷаҳои бақувват лаби тунукаро мисли аввала рост кард. Сангеро аз атроф ёфта болои тунука ниҳод. Тарафи қафои мақбараро аз назар гузаронид, ки ҳама ҷо мисли аввала аст, бо хотири ҷамъ сӯйи хонааш роҳ пеш гирифт.
Аслан Сафар намедонист, ки мақбара кадом вақт бунёд ёфтааст ва Сайид Амири Фиғонӣ аз кадом аҷдод асту чӣ марҳамате дар илм боқӣ гузоштааст. Танҳо аз гуфти аҷдодон ба тахмин медонист, ки ин марди шариф яке аз авлодони пайғамбар аст. Ҳамин буд маълумоти Сафар оиди бузургвор, вале аз рӯи ихлосмкандӣ ба гузаштагон, меҳру муҳаббат доштан ба мазори авлиёю анбиё андеша мекард, ки дар ин оромгоҳ шояд каси бузурге дар соҳаи илми илоҳиётшиносӣ ва пойдории ислом дар ин сарзамин, хизматеро ба ҷо овардааст, ки баъди фавташ ба ӯ ҳамасрон мақбара обод кардаву зиёраташро ба ҷо меовардаанд. Ӯ низ аз шаҷараи ҳамон мусулмонони ин сарзамин аст, ки бояд оромгоҳро зиёрат кунаду қарзи инсонии хадро ба ҷо биёрад.
Мард аз ҳавои нарми баҳор димоғ хуш карда, бардаму солим дар пайраҳаи андаки аз зиёраткунандагон дар ин дашт боқимонда қадам зада, сӯи Ховалинг назар дӯхт ва чашмаш аранге ба биноҳои вайрону валангоргаштаи майдони човофарбеҳкунӣ дӯхта шуд.
Ба ёд овард, ки як саҳарӣ раиси ҷамоат Абдулфайзи Раҷаб аз ӯ хоҳиш кард, ки Тоҷиддини Рауфи раиси ноҳия даъват кардаст Сафар ба идорааш биёяд. Ҳамроҳи Абдулфайз ба назди раис рафтанд. Сафар дид, ки Владимир Петров низ онҷост. Тоҷиддин баъди саломи ҳолпурсӣ ба Сафар рӯ оварду гуфт:
– Мо ҳарчи кушиш кардем, кори таъмини газ дар Ховалинг ҳал нашуда мондааст. Дар участка пайи ҳам роҳбаронро иваз кардем, беҳбудӣ нест.
Овардани қубуру появу дигар лавозимоти зарурӣ мушкил. Владимир Николаевич ба корҳои худ саргардон. Масъала мондааст, ки дар Ховалинг идораи алоҳидаи газ ташкил кардан лозим, то кор пеш равад.
Ду маротиб пеши Тешабоеви вазиратон рафтам. Дар Ховалинг ташкил кардани идораи газа ба гардан намегирад. Мо дастнигари мутахассисони марказем, ки ба мо он қадар аҳамият намедиҳанд. Ҳамроҳи Петрову Абдулфайзи раиси ҷамоат маслиҳат кардем, гуфтанд, ки ту Сафар ин кора ба сомон расонида метавонӣ. Ба ҳамин мақсад ба наздам даъватат кардам. Чӣ мегӯӣ?
То ҳол ҷавоб надода будам, ки Тоҷиддини раис андак мулоҳиза карду гуфт:
– Сафар, медонам, ки ба мақсади обод кардани ватани бобоӣ ҳама дову даската дар шаҳрҳои обод партофта Ховалинг омадаӣ. Ай мо ёрӣ зарур

бошад, маву Владимир Николаевич ёрирасонат. Чӣ мешавад, ки ҳамин корро ба зима бигирӣ?
Андеша кардаму гуфтам: –Шумо раиси ҳукумату Петров намояндаи Кумитаи Марказӣ. Гапи шумора Тешабоев нагирифта бошад, ма киям, ки ба гапи ма дар Ховалинг идораи махсуси газ ташкил мекардааст? Кӯлоб маркази вилоят. Вазир дар марказ мондагӣ дар Ховалинг идорара ташкил намекунад. Аз роҳбарҳои болоӣ ҳазар мекунад. Баъд, ма як коргари одӣ. Чӣ обурӯву нуфуз дорум, ки сарварҳои аз болои Тешабоев назорат мебурдагӣ гапи мара бигиранд?
– Сафари ҷон,– ба мулоимӣ гап сар кард Тоҷиддин: – Медонӣ, ки аксар корҳои муҳим дар сари дастурхон ҳал мешаванд? Мо ҳам ӯ қадар сода нестем. Андеша карда даъватат кардем, ки Тешабоев қатии ту ҷураи ҷонӣ. Ватаната обод кардан ният дошта бошӣ аз паси кор мешавӣ, набошад, чӣ илоҷ?
Тоҷиддин бо ин суханҳо мара сари номус овsitu гуфтам:
– Раис, бахту тавакал! Як гови дусадкило гӯшт мекардагӣ ёрдамам кунен, ҳамраҳи додари Адулфайзам аз паси кор мешавам.
– Ҷонум садқат, Сафар! – гуфт раиси Тоҷиддин ва илова кард:
– Насиб бошад, гов ба хонаат мерасад.
Бегоҳӣ ба хона омадам, ки Абдулфайз табоххоро овардасту як гови фарбеҳи қазоқии сарсафеда кушта пӯсту гӯшт карда истодаанд.
– Биё, акаи Сафар, ки мо бе иҷозат аз пайи кор шидем, – гуфт ба ханда Абдулфайз.
– Кори хуб карден, – хурсанд шуда гуфтам ва илова кардам:
– Насиб бошад, Абдулфайз, гӯшту дигар савғора шавошав то Душанбе бурдан лозим. Аз Ховалинг то марказ сад милиса дар раҳ пайт меҷуяд, ки наволае пайдо кунад. Баъд, Абдулфайзи ҷон, ай духтуру идораҳои дигар ҳуҷҷатҳои гӯшти мебурдагира дуруст кардан даркор, ки дар раҳ ба бало намонем.
– Ба инаш ақлам нагирифт,– гуфт Абдулфайз.
– Ақли шумо раисҳо ба гирифтани котибаҳои хушрӯ мерасаду ба порагирӣ. Шумо ай дигар тарафҳои зиндагӣ бехабарен.
– Ма котиба надорум–ку? – ба ханда ба гапам ҷавоб гуфт Абдулфайз.
– Дигар раисҳора дар назар дорум. Тавқ дар гардан турмуч бастагӣ, мара калонна ташкилкунӣ пеши вазир фиристода метонену ақлат нагирифт, ки Сафари тефканда гӯшти гови балора то Душанбе ба кадом раҳ мебарад? Рафта ай духтуру хоҷагию милисаву дигар ҷоҳо ҳуҷҷатҳои гӯшта тахт карда биё! Ма гашта ба идора равум, ки рӯз бегаҳ, намози шом шиде. Ба телефон занг занум, ки Тешабоев дар Душанбе ҳаст ё не. Гӯшту савғора барем, ки Тешабоев дар Маскав бошад, кора бало мезанад.
–Э, бахудо рост мегӯӣ, Сафар! И тарафаша на ма фикр кардаму на Рауфов.
– Гуфтум–ку. Фикри шумо ба лақу лес мераса, ин тарафҳоша бояд мо фикр кунем,– гуфта аз хона баромада сӯи идора равон шидум…
– Янга, вазир дар хона ҳаст?– пурсидам баъди дари хонаи Тешабоевро тақ–тақ задан ва овози ғӯр–ғури зани вазирро шунидам:

– Ким, он ҷо?! И мардум хоб рафтан намемонанде! Субҳ надамида тақ–тақи дар мешавад. О фаросататон ҳай–мӣ?! Занги дарро зер кунед, намешавад?!
– Ма Сафарум, янга! Ай Ховалинг омадуме! – овоз баланд кардум.
– Э, Тоқсанбой! Хез, ки акои Сафар, вай полвон а Ховалинг омадасте! – бир–бири зани вазирро аранге шунидум ва дар дил шод шидум, ки Тешабоева дар хонааш ёфтум.
Вазир ноилоҷ ҷелаки бирешимӣ дар китф чашмоша молида аз дар буромад ва дар рӯшноии чароғи дар рӯ ба рӯ мара дида салом доду гуфт:
–Бача, хобат ҳаст, нест?! О то ҳол рӯз нашуда кадом шамол туя парронд?!
– Шамоли Ховалинг! – гуфтам ба ханда ва илова кардам: – Ховалинг шамолойи ганда дора. Раиси ҳукумату Петов равонум карданд. Аз дусар и саҳарӣ дар хонат шароити меҳмон қабул кардан надорӣ. Дарҳои хонаҳои шумо мардум инзайлин глазок (чашмак), доранд. Аз сӯрохӣ мебинен, меҳмон маъқултон шава дара мекушоен, нашава, меген, ки дар хона касе нест!
Ҳамраҳам шофиру (ронанда), боз як намояндаи ҳукамати Ховалинг омаданд. Дар майдони таҳ, дар мошинанд. Дар ягон чойхона чойи саҳарира мехӯрему бигу, ки кай наздат биёем? Кори зарур буромадасте!
– Корҳои шумо ҳамааш зарур! – гуфт Тешабоев ва баъди андак мулоҳиза илова кард:
– Кори зарур бошад, соати ҳафт биё, як риш тарошида рӯяма шӯям то вақти кор суҳбат мекунем, чӣ гуфтӣ Сафар?
– Боз ягон баҳона карда нагурезӣ, ки мо тамоми шав дар раҳ будем, ба умед пешат омадеме! – гуфтам ба Тешабоев.
– Хайр аст. Бубахш, ки кор ин тавар шуд. О, аз меҳмондориҳои шумо мо якумр қарздор мемонем!
– Зарур бувад, раво бувад! – мегуед шумо доим– ку, – аз гапҳои вазир хурсанд шуда гуфтам ва хайрухӯш накарда аз поғӯндаҳои хонаҳои баландошёна поён фаромада назди ҳамраҳон рафтам.
Баъд, ба шафати биноҳои баландошёна гузашта, дар дукони самбӯсафурӯшии бари роҳ рӯйи сабза палос партофта нишастем ва дар баробари самбӯсаи гарм аз дуконе дар коса қаймоқу нони гарм ва дар қарабоие чой овардем.
–Зиёфати сари раҳ ҳамӣ, раис,– тарафи Абдулфайз назар карда гуфтам, ки ин лаҳза Абдулфайз аз кордонию дастулопечиам хурсанд шид, ки дар шаҳри барояшон бегона дар андак вақт наҳории шоҳонае муҳайё кардам…
–Сафар, о и миқдор гӯшту зираву чормағзу себу ноку қурута ба сарам мезанам?! – ҳайрон пурсид Тешабоев, вақте дар майдони сементии байни хонаҳои баландошёни сар ба фалак, ки ба қавле дар якеи ин кафтархонаҳо вазир зиндагӣ мекард.
– Ба вазирҳойи аз худат боло метӣ, ба вазирчаҳои аз худат поён метӣ, кори худат. Мара раису Петров сари номус оварда равон карданд, ки ватан обод карданӣ, ки бошӣ дар Ховалинг муассисаи газ ташкил мекунӣ, – мақсади омаданамро фаҳмонидам ба вазир.

– Вай, Рауфоватон чӣ тур одам?! Ман ба ӯ фаҳмонида будам, ки Ховалинг маркази вилоят не. Аз боло барои ин кор ба ман иҷозат намедиҳанд. Боз шумоя дарди сари ман фиристод?!
Тешабоев аз ғазаб чӣ гуфтанашро намедонист. Ӯ баъди андеша гуфт:
– Гирифта баред ин гӯшту савғоятона! Мардум фаҳмад, чӣ мегӯяд? Ё шумо Сафар маро аз вазирӣ ронданӣ?!
– Рӯзи мо бе вазирӣ гузашта истодаст, – гапро ба шӯхӣ гардонданӣ шуда гуфтам ба ӯ ва илова кардам: – Ай вазирӣ, ки гирифтанат мисли ма коргари оддӣ шуда кор мекунӣ. Осмон омада ба замин намечаспад. Вазир монданат, ки мушкили мардума осон гардонӣ. Ма дӯсти қадрдон гуфта, ай ӯ лави дунё баумед омадам, ки ватан обод мекунам, мӯҳтарам вазир! Гап сари гӯшту савғо ҳам намерава. Медонӣ, ки дӯсту ёру ошно гуфта, номус карда пешат омадам? Мара дар пеши роҳбарову мардуми Ховалинг, хешу табор, шарманда карданӣ бошӣ, ба раҳи омадаам ноумед пас мегардам. Паноҳут ба Худо!
Тешабоев дид, ки ма сари ғазаб, даст афшонда тарафи мошин рафтам.
– Ман ғазаб кардам, Сафар бас! – гуфт вазир ва аз қафоям омад, ки алакай ба назди мошин расида дари онро кушодан мехостам.
Тешабоев наздам расида даст сари китфам монду гуфт:
– Майлат, Сафар! Барои хотири шумо ба калонҳо маслиҳат мекунам, муассисаро дар Ховалинг ба як шарт ташкил мекунем, ки туро дар он сардор монанд, на каси дигарро. Ба раиси ноҳия ин гапро фаҳмон. Дар Кӯлобу Хоҷасартез мисли пеш қисматҳои муассиса амал мекунанд.
То бегоҳӣ дар Душанбе мону назди ман даро. Қарору дигар ҳуҷҷатҳоро тахт карда гирфта меравӣ. Минбаъд ҳама ҷавобгарӣ ба зимаи худат, бачамард!
– Ҷонум садқат, додар! – бағал кушода ба ханда вазирро ба оғуш гирифта гуфтам:
– Сарма ба осмон расондӣ! Ма аз ин пас дар пеши мардуми Ховалинг ба сари баланд гашта метонум, лекин мара сарвари муассиса намон, Тешабоев. Ма диплом надорум.
–Ин замон, медонӣ Сафар, ки дунё ба охир расидагӣ. Ҳама вазифаю сарват ба дасти ҳангию бангӣ гузашта истодааст. Таҷрибаи чилсолаи кориат аз диплом чӣ камӣ дорад? Ақлу фаросатат аз мани вазир боло асту кам не. Сарвариро ба зима нагирӣ Сафар ман гапама гашта мегирам.
–Чӣ хел? – ҳайрон пурсидам.
– Чӣ хелаша намедонам, сардори муассиса нашавӣ ман муассисаро ташкил намекунам, вассалом! Ҳама ҷавобгариро ба зима мегирӣ, муасиса ташкил мешавад. Дар сурати дигар ман розӣ шуда наметавонам!
– Хайр ман розӣ,– ноилоҷ гуфтам ва Тешабоев тарафи мошини хизматиаш, ки ӯро дар майдони назди хонааш интизор меистод, роҳӣ шуд.
– Савғо монд, ҷаноби вазир! – овоз додам ба Тешабоев.
– Ин саҳар девонаам кардӣ Сафар! Бало ба паси савғо, муръати меҳмондорию хайру маъзурро фаромӯш кардам. Бубахшед, меҳмон! – тарафи Абдулфайзи раиси ҷамоат нигоҳ карда гуфт мард ва илова кард:

– Ҳамин ҷо монед. Ба ҷойи кор , ки расидам, мошин мефиристам. Ҳама корҳо ҳал мешаванд, Сафар. Қавлу қасами ману шумо то охири умр ба ҳам бародар мондан буд–ку?
– Мо ҳам дар ҳамон қавлу қасамем! – хурсандона гуфтам ба вазир…
Минбаъд ба Кӯлобу Хоҷасартезу Ховалинг мошину техникаи ба соҳа зарур, қубурҳои газ мегузаронидагӣ онқадар омад, ки гуфтан надорад. Дар Ховалинг муассиса кушоданду зертобеи он дар шафати анборҳои сабзавотнигаҳдории Кӯлобу мавзеи гази Хоҷасартез учаскаҳои дигари муассисаро.
Сафи коргарони соҳаи газ онқадар афзуд ва медидӣ, ки дар  маҳаллаву кӯча, хонаҳои сокинони шаҳри Кӯлобу Ховалинг қубури газ шинонидан дар авҷ аст. Дар хонадони мардум гази беминат месӯхту мушкилашонро осон мегардонид.
Мардум кори коргарони моро дида аксар ба ёрии мо омада, ҳатто худашон аз қубурҳои дар хонаҳояшон анҷом дошта появу зеристгоҳҳо месохтанд, то дар хонаи ҳар як сокини Кӯлобу Ховалингу дигар ҷоҳҳо сӯзишвории беминат бошад, аз он истифода баранд, мушкилашон осон гардад.
 Қариб ки корро дар аксар маҳаллаҳо анҷом дода будем, ки ошкорбаёнию демократикунониҳои горбачовӣ сар шуданду давлати абарқудрати Шӯравиро барҳам доданд.  Ҷамъият рӯ ба расвоӣ овард.
Солҳои минбаъд чӣ ҳодисоти мушкилиҳои сангин ба сари мардум омад. Он рӯзҳои наҳсро ба ёд оварда кас ангушти ҳайрат мегазад. Дилро туғёни ғаму андӯҳ саросар фаро мегирад, ки аз даҳшати ҷоҳталабон баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ саросари Тоҷикистонро ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифту ҳама дороию ободиҳо саросар барбод рафтанд. Конҳои газ харобу валангор, асбобу анҷом, дар ҳазорҳо километр дар рӯйи замину зери хок, қубарҳои газгузаронӣ дар ин мулки бе сарвару бесоҳиб монда шикастаю пора карда ба яғмо бурда шуданд.
Сад вою дареғи қавми бефарҳангу беақлу фаросат, ки мулки ободи худро ба харобазор табдил дода, баъди ба худ омадан пушаймон шуданд, ки пушаймонӣ дигар суд надошт.
Сафар аз миёни ин ҳама хотирот лаҳзаҳои хайру маъзур гуфтани Петровро ба ёд оварду дилашро сӯзиши ҷонкоҳе фаро гирифт.
– Барои ту Сафар чӣ ба ёдгор монам?    – гуфта буд вақти аз Ховалинг рафтан Петров.
– Мову шумо дар Ховалинг солҳо  ҳамроҳ кор кардем. Чӣ қадар орзуҳоям ин ҷо амалӣ шуданду чӣ қадараш монд? Оё мардуми ин диёр ба некӣ маро  ёд мекарда бошанд?
Баъди шаст соли вайронӣ, миннат нашавад, Ховалингро ҳамраҳи ин мардум обод кардаму мардум ба ватани аҷдодӣ баргашта омаданд. Ховалинг номи ноҳияро аз нав соҳиб гардид. Барои бунёду ободии ин диёри биҳиштосо ҷони азизама дареғ надоштаму намонданд, ки корҳои дар нақша доштаам амалӣ шаванд…
Дидам, ки марди дар ҳақиқат бузург, ҳангоми видоъ дар пеши дидаам ашк мерезад ва Петров дар охир  гуфт:

– Ман нону намаки ин мардум, аз шуморо бисёр хӯрдаам ва носипосӣ кӯрам мекунад. Аз як чиз дар хавотирам. Худо наорад он рӯзро, ки ҳама корҳои ободи дар Ховалинг ба ҷо овардаамро вайрону валангор гардонанд, ба нестӣ баранд.
Бигир Сафар, ҳама дороиам ҳамин китобҳоям буданд ва ман онҳоро аз ин ҷо бурда наметавонам. Ман онҳоро аз гӯшаҳои гуногуни олам ҷамъ овардаам. Ин ганҷинаро ба ту мебахшам. Медонам, ки дар Ховалинг мисли ту қадри китобро медонистагиҳо ангуштшуморанд. Ту китобхона дорӣ ва дар вақтҳои холӣ ба мутолиа машғулӣ. Китобҳоро ба ту дода бо хотири осуда ба назди модарам меравам. Шояд дар зиндагӣ дигар бо ҳам во нахӯрем. Алвидоъ Сафар!..
Медонистам, ки Петров нияти сохтмони шаҳри ободи Ховалингро дар нақша дошт ва аз рӯи он корҳои хешро амалӣ мекард. Инҷо корхонаҳои азими гӯшту пӯсту консерва сохтанӣ буду маҳсулоти дар ин коргоҳҳо тайёр кардаро ба хориҷ ба фурӯш баровардан ният карда буд. Насоси обкашии азамат сохту комплекси чорвопарварӣ, аксар заминҳои корами Ховалингро ба воситаи қубурҳо обшор карду боғҳои мевадиҳанда, сохтмони даҳҳо хонаҳои истиқоматию мактабу корхона сохт, вале умедҳояш иҷро нашуда монданд. Мард мисли дигарон дар як рӯз як пора нон мехӯрду дусад грам ҳасибу як шиша арақ.
Аз болояш навис–навис карданд. Онқадар шикояту аризаҳои баимзою беимзо ба чор гӯшаи давлати онвақта навиштанд, ки чунинашро то ҳол касе надида буд. Мард ҷони худро гирифта Ховалингро тарк гуфт. Ва Петров он замон оқубати давлату давлатдориро аз дигарон пештар фаҳмида буд. Баъди сари ӯ на комплекси чорвонигоҳдорӣ монду на насоси пуриқтидори обкашӣ, ҳазори дар ҳазор метр қубурҳои зери хок ба умеди обёрии заминҳо хобонидаи ӯро кандаю шикаста пора карда фурӯхтанд. Биноҳои обод хароб, роҳҳои кушода валангор гардиданд.
Танҳо ганҷи бебаҳо, китобҳои ӯ дар гӯшаи ободи китобхонаам монданду ёди неки ин марди шариф дар ёдҳо…

X X X

**У**

Дар рӯзгору зиндагӣ гоҳҳо ҳолатҳое мешавд, ки кас ба қафо, ба оғози ҳаёти хеш назар меафканад, ҳодисаю воқааҳои аз сар гузаронидаашро пеши рӯ меорад. Яъне дар назди худ як навъ ҳисобот медиҳад.
Имрӯз Сафар дар китобхонаи худ, тани танҳо монда, худро ба варақ задану мутолиаи китоби академик Ранов Виктор Николаевич «Каменный век», (Асри сангӣ), ки дар он дар баробари маводҳои дигар аз тадқиқотҳои дар мавзеи Кулдара ва Хонақои северодараи Ховалинг гузаронидааш далелу рақам ва расму мусаввараҳои олотҳои аз ин ҷо ёфтааш чоп карда буд, машғул шуда, баъди мондашавӣ ба ҷогаҳи хобаш, ки дар як гӯшаи китобхона воқеъ аст, даромад то ба хоб дода шавад, ки не.
Хаёлаш ба меҳнатҳои дар пеши чашм кардаи Ранову бостоншиноси олмонӣ Иоган Шиферу ҳамраҳонаш дода шуд.

Соли аввали бунёди хона дар ин ҷо, онҳо тобистон ба Хонақо омада, қариб ки се моҳ ба кофтукову ҷустуҷӯ машғул шуданд. Ҷустуҷӯ андаке дуртар, дар пешорӯи ҳавлии Сафар, дар он тарафи бармоли дара мегузашт. Ба хонаи навсохт аз рӯи зарурат рафтуомаду шиносоӣ пайдо карданд ва Ранов аз Сафар хоҳиш кард, ки вагони дар ҳавлиаш бекор истодаро муваққатӣ ба ихтиёри бостоншиносон диҳад, то баъзан олотҳои бозёфту белу тешаву каландашонро дар он ҷо кунанд. Сафар вагонро ба ихтиёрашон дод ва ба ҳамин васила ба ҳам ошно шуданд. Феълу рафторашон ба ҳам маъқул афтод. Ҳангоми танафуси нисфирӯзию шабҳо бо ҳам суҳбаторої мекарданд. Яъне, ҳамсояҳои муҷаррадро Сафару аҳли оилаи ӯ хуш пазирої мекарданд. Муносибаташон бо ҳам рӯз аз рӯз беҳтару хубтар мегардид.
Ҳамин ду сол пеш, бостоншиносон боз ба Хонақои северодара омаданд. Шиносу дӯстони дерина, бо иҷозати Сафар ин дафъа дар гӯшаи ҳавлии соҳиби хона хайма заданд. Аз саҳар то фурӯравии офтоб дар баргаҳи он тарафи ҳавлӣ ба кандани чуқурию кофтуков машғул буданд. Ҳамин давра буд, ки бостоншиносу нигорандаи таърихи Ховалинг Амир Сайиди Мункӣ , ҷавонмарди ба Сафар шинос, ҳамроҳи бостоншиносони хориҷӣ пайваст. Ҳамроҳи онҳо сӯҳбату кофтуков гузаронида ҳамкорӣ кард.
Дар яке аз рӯзҳо Ранов бо халтаи пур аз устухону сафолпора аз он тарафи дара ба ҳавлӣ, назди хаймааш омад, ки ин лаҳза Сафар зери сояи тут, рӯи курпача кори бостоншиносонро тамошо карда дам мегирифт.
Мӯйсафеди қоматаш андак хамида Ранов халтаро назди соҳибхона гузошта аз дохили он усухонҳои гуногуни барҷаса ва устухонпораи нисбат ба аввала хурди дандондорро бароварда, намоишкорона нишон доду хушнудона гуфт:
– Сафар медонӣ, ки мо аз ватанат устухонпораҳои бари пойи филу пойи мамонтро дарёфт кардем?!
Ва мӯйсафед маҳтали ҷавоб наистода аз хурсандӣ даступо хӯрда, аз халтааш устухонпораи хурдтари дандондореро бароварду ботантана эълон кард:
– Инаш бародари азиз, ҷоғи поёнии даҳони маймун аст! Яъне ин бозёфтҳо исботи он аст, ки дар ин сарзамин ин қабил ҳайвонҳо як замон зиндагӣ кардаанд.
Мӯйсафед аз ин бозёфтҳо он қадар худро хурсанду хушбахт ҳис мекард, ки гуфтан надорад.
Ранов устухонҳоро озодона як тараф гузошта, бори дигар даст ба халта бурд ва аз он ҷо сафолпораву сангҳои тарошидам тирмонанди ҳархеларо ҷуста берун баровард. Ҳар як бозёфтро пеши чашми Сафар бурдаву намоишкорона нишон дода, дар бораи аз санг тирҳои шикорӣ сохтани одамони ибтидоиро исбот кардан мехост, то аввалин бинандаи кашфиёти ӯ донад, ки Ранов дар рӯйи замин беҳуда зиндагӣ намекунад, ба кофтукову кашфи бостоншиносӣ машғул аст, ба ҷамъияту насли одамӣ, балки ба илми бостоншиносии ҷаҳон бо кашфиёти худ ҳиссагузор аст.
– Қабатҳои поёнии хоки ин мавзе ва Кулдараву Хонақои северодараи Хоавлинг, дарёфти ин олотҳои шикории одамон исботи он аст, ки дар ин сарзамин кам не ҳашсаду панҷоҳ ҳазор сол пеш аз мо одамони ибтидоӣ дар

ин ҷо умр ба сар бурдаанд. Баъди Африқои ҷанубӣ  ин дуюмин бозёфти олимони бостоншиноси ҷаҳон аст,  ки аз ватани шумо мо онҳоро ёфтаем!
Иоган Шифери олмонӣ гапҳои Рановро тасдиқ мекарду Сергей – ҷавони рус, суханҳои Шиферро ба Сафару Ранов тарҷума мекард.
Ранов ҳар як олоту асбоби ёфтаашро бори дигару дигар рӯи кафи даст гирифта мисли он ки модар тифли навзодашро меҳрубонӣ мекарда бошад, дастмол карда ба хушнудӣ мегуфт:
– Ин сангпора тири шикории одамони ибтидоӣ аст, ки бо ёрии камонғулак ҳайвонҳои ваҳширо  шикор мекардаанд.  Инаш найзаи аз санг тарошида барои шикор аст.
Кӯза ва сафолпораҳо барои мо бозёфтеанд, ки ҳамто надоранд. Дар инҳо одамони ибтидоӣ хӯроку ғизо тайёр мекардаанд.
Медонӣ Сафар, ки шаҷараи авлодии туву мардумони ин диёр қариб ба миллион сол баробар аст? Яъне дар инҷо аввалин инсонҳои дар рӯйи замин пайдошуда зиндагӣ карда, умр дидаанд. Дар ғору сумчҳои ин дара барои худ ҷойи зист ёфта, минбаъд капаву кулбаю хона obод карда шаҷараи авлодиашонро то ба мо расонидаанд.  Ақлат мегирад, тасаввур мекунӣ, ки дар ин дара филу мамонту маймунҳо зиндагӣ доштаанд?
Ин кашфиёту бозёфтҳои илмиро ба воситаи мақолаву рӯзномаҳо, китобҳоям ба оламиён мерасонам, то бидонанд, ки Кулдара ва Хонақои севодараи Ховалинг ҷойи зисти аввалин инсонҳои курраи замин аст!
Хушбахтии Рановро ин вақт ҳаду канор набуд. Мисол оварда бозёфтҳои худро намоиш дода бо ифтихор мегуфт:
– Ману шумо Сафар мисли аҷдодон аз дунё мегузарем ва минбаъд ин макон ҷойи тадқиқоту бозёфтҳои олимони бостоншиноси олам мегардад. Мисли ману Иоган Шифер боз садҳо бостоншинос ба ватани ту барои тадқиқот хоҳанд омад.
Хуб аст, ки ту ба бӯйи ватани аҷдодӣ аз нав ба ин диёр омадаию онро нияти обод кардан дорӣ. Рӯҳи гузаштагон аз ин кори ту шод хоҳад шуд.
Ҳар гоҳе ман аз шаҳрҳои Ленинграду Маскав ба ин дара аз пайи кофтукову корҳои илмиам меоям,  дар давоми ду–се моҳи инҷо буданам хаёлам умрам дароз мешавад. Худамро бардаму бақувват ҳис мекунам. Ҳавои ҷонбахш, оби чашмаҳо, лаззати туту олуболую гелос, ноку себ, зираву сад гуна гиёҳи хушбӯйи инҷоро дар дигар ҷойи курраи замин намеёбӣ. Шояд мӯъҷизаҳои нотакрори табиати ин ватан аст, ки Худо онро ба авлоду аҷдодони шумо насиба ва рӯзӣ гардонида ва гузаштагонатон умри бобаракати зиёд аз сар гузаронидаанд, асрҳои аср инҷоро ҷойи зист ихтиёр кардаву рӯзгори хӯш дидаанд…
– Ранову ҳамроҳонаш аз ин ҷо рафтанду  Виктор Николаевич вақти хайрухӯш ваъда дод, ки баъди ба чоп расидани китобашон онро барои ман мефиристад, – ба ёд овард Сафар.
– Мӯйсафед ба аҳдаш вафо кард ва китобро ба соядасти зебо бароям фиристод, ки онро дар қатори рафи китобҳо дар бари китоби
«Тоҷикон»–и Бобоҷон Ғафурову «Ёддоштҳо!–и устод Садриддин Айнӣ ҳамеша пеши назарам, дар ҷойи намоён мондаам…

Аз чӣ бошад, ки раҳораҳ ин дам ба ёди Сафар ривояти ба ҳақиқат наздики миёни мардуми қадоваи Ёхсу ба ёдгор монда расид. Фикраш ба ривоят банд шуд. Дар нишасту суҳбату маъракаҳо калонсолон он нақлро ёдовар мешаванд.
Давраҳои пеш аз инқилоб, ё шояд аз он қадимтар, касони ба ҷамъ овардани андоз масъули подшоҳӣ вақтҳои муайян ба деҳаҳои қадова омада аз мардум андози замину боғу чорво ва дигар молу ҳоли мавҷудашонро ҷамъ мекардаанд. Аксари сокинони ин мавзеи кӯҳистон баъзан аз супурдани андоз саркашӣ мекардаанд. Яке аз чунин мардони ёғии ин ҷоро андозбандон ба умеди ситонидани ҳақашон маҷбуран зери лойдевор мехобонанд ва ба зердастонашон мефармоянд, ки аз болои ҷасади ба рӯйи девор хобонидаи мард лойро рӯйи ҳам чида девор бардоранд, шояд мард мурданашро ҳис карда ба ҷонаш раҳм кунаду маҷбур шавад ҳаққи андозро супорад. Марди қарздор мебинад, ки фиристодагони миру қозӣ раҳм надоранд. Ӯ зери бори гарони лойдевор яқин мемирад. Ноилоҷ ба писараш, ки онҷо ҳозир будааст, васият карда мегӯяд:
– Бачаи ҷон! Ма мемуруму накунаду накунад, ки ба и бераҳмҳо ай тани ма андоз супорӣ!..
Сафар ҳам яқин аз шаҷараи ҳамин авлоди ёхсучиён аст, ки дар баробари дили ҳалим доштан, баъзан ҳолат чунон ёғию гапнодаро, саркашу якрав, нотарсу гарданшахиҳое дорад, ки дар аксар одамон чунин хислат ба назар намерасад. Ё шояд, муҳити аз хурдию ҷавонӣ ӯро иҳота карда мисли ҳамон андоз ҷамъ оварандагони мирӣ бераҳму бешафқат буда, ки мардро дар рӯҳи шикастнопазирӣ ба воя расонидаанд? Хислату рафтору кирдораш марди кӯҳистонии асилро мемонад, ки ӯ заррае дурӯғу фиребу найрангу шайтанатро қабул надорад. Ҳама умр аз пайи ростию ҳақиқат мисли Восеъи ҳамдиёру ҳамватанаш, дар талоши ҳаёт аст. Ончӣ дар зиндагӣ маъқули дилаш аст, барои иҷрои мақсад дар рӯзгор аз пайи ҳукми дил меравад.
Бештари вақт ин ҳақиқатҷӯӣ ба сараш мушкилӣ чӣ ки балои азимеро пеш меорад, ки марди дигарро миён мешиканад. Аммо Сафар, бо ақлу фаросати хеш, бо қувваю тавоноӣ ва пуртоқатӣ ҳама мушкилро паси сар мекунад, дар муборизаҳо ғолиб меояд.
Вақти мақсади ба қадди ин дара, ки беш аз чил сари сол вайронаро мемонд, зиндагии муқимӣ карданро ихтиёр кард, додарону фарзандон, хешу таборон ҳама бар хилофи мақсади ӯ буданд, вале ӯ ба ҳукми дил аз баҳри ҳама давлату савлат, рӯзгори тинҷу осуда гузашт ва омад ба диёри падару бобо, аҷдоду авлод, гузаштагони худ. Ба сохтмони хонаи истиқоматӣ сар кард, оғилу молхона, меҳмонхонаву китобхона бунёд кард. Бузу гӯсфанд, гову аспу мошин харид.
То ин вақт мард ба қадри ҳол доройӣ дошт. Аз меҳнати ҳалоли солҳо дар ташкилоту муассисаҳо кардааш, аз пули дар қимор бурда, ба ғайр аз хонаву дари дар шаҳри Кӯлоб дошта ду хонаи дигар дар Душанбе, дар Ховалингу Чуқурак ҳам хона дошт ва бо мақсади обод кардани мулки бобоӣ ҳамаро ба савдо монду фурӯхт, ба хешовандон доду ба ин дара омад.
Баъди он ки қарорҳои ҳукумат доир ба тақсимоти замин ва иҷозати моликияти хусусӣ баромад, Сафар аз ҷойи дигар не, аз подомани мазори

Сайид Амири Фиғонӣ, даводав карду замин гирифт, боғ бунёд кард, ба сохтмони хона шурӯъ кард.
Чун маблағу дорой дошт, он қадар азобу мушкилӣ накашид, вале дар муқоиса ба рӯзгору зиндагии осудаи пеш дошта дар ин кунҷи дара барои зану фарзандонаш рӯзгори ин макон сахту гарон ба ҳисоб мерафт.
Мулоҳиза кунед, ки агар дар таҳдашту шаҳрҳои обод зимистон ҳамагӣ се моҳ давом кунад, дар шароити обу ҳаво ва иқлими Хонақои севодара шаш–ҳафт моҳ зимистони сард ҳукмрон аст. Барои кӯдакону фарзандони ҷавони дар шаҳри обод рӯз дида ин кунҷи дара зиндон ба ҳисоб меравад.
Сафар ҳамроҳи фарзандон Ҷамшеду Хуршед, Иброҳиму Ҷурахон, духтароҳову модарашон Гулдаста ба лойхобонию андова, дастакдавонию бастани шиғи гирогирди боғу ҳавлӣ, молбонию корҳои ободонии дигар машғул шуданд.
Дар давоми баҳору тобистон, то фарорасии тирамоҳ говҳо гӯсола зоиданду гӯсфанду бузҳо бараву базғола тавлид карданд, замиҳои кишт ҳосили гандуму ҷаву наску нахуд ба бор оварданд. Аз дарахтони чормағзу себу нокҳои бобоӣ меваҳои шаҳдбор гирифтанд. Баракат аз пайи баракат дар хонадон рехт.
Сафар аз ҳамватанону ҳамдеҳагон даъват ба амал овард, ки ба хонааш ба меҳмонӣ биёянду мӯъҷизаи замину обу хоку ҳавои Хонақоро бубинанд.
Дар аввал бисёриҳо аз дуру наздик омаданд ва Сафар аз молаш бузу гӯсфанд ҷудо кардаву оварда кушта, иззати меҳмононро борҳо ба ҷо овард ва соҳибдеҳагонро ташфиқ кард, ки талу теппа, ҳамвориҳо, заминҳои кишти ин мавзе солҳои сол кам не, беш аз пансад хоҷагиро асрҳо мехӯронду мепӯшонд.
Биёянд, ки ӯ аз деҳаи Зардакӣ, аз чор километр раҳи дур аз ҳисоби шахсии худ то ин дара нури барқ овардааст. Трансфарматору сивупанҷ симчубро барои ин кор аз шаҳри Норак харид карда, коррҳои асосиро барои зист анҷом додаст, ки иҷрои ин барои як марду як оила кори саҳлу осон нест. Дигарон метавонанд дар хонаҳои худ дар давоми сол аз ин нур бемалол истифода баранд. Биёянд, ҳамдеҳагон мисли ӯ хона обод кунанду боғ бунёд намоянд, замин бигиранду ғаллакорӣ, чорводориро ба роҳ монанд, оруи асал парваранд, зандагии хушу хуррам дошта бошанд. Деҳа мисли пештара обод шавад.
Меҳмонҳо пайи ҳам меомаданду, хоки пойи меҳмононро Сафар ба дидаҳо мемолид. Миннат нашавад, тамошо мекарданду мехӯрданду мерафтанд. Касе аз онҳо аз пайи ободии диёр ба инҷо наомад.
Баъзеҳо, худ дар шаҳрҳои обод зиндагӣ карда, инҷо замини кишту боғ гирифтанд, вале барои зиндагии муқимӣ ғайрати омадан накарданд. Дар ҳақиқат мушкил аст, дар ин дара, дар хунукиҳои қаҳратуни зимистони сербарфи мисли Сибир сахту сангин, қатори гургу хирсу хукҳои ёбоӣ умр ба сар бурдан. Мукил аст, вале чунон ки бузурге фармуда: «Марг мушкил, зиндагӣ мушкилтар аст».
Дар куҷои олам зиндагӣ осон буд, ки инҷо осон мегашт?
Вале чун баҳор фаро мерасад, мегӯи биҳишти рӯйи замин ба ин мавзе куч баста омадааст.

Танҳо як мард,  Сафари Паҳ  тавонист, ки ба ҳама сахтиҳо тоб оварад ва дар даромади дара хона обод карда, зиндагии хушбахтонаи худро бо дастони худ бунёд кунад.
Дар давоми тамоми сол мард меҳмондор аст. Ба хонаву ҳавлии ӯ он қадар одамон ба меҳмонӣ меоянд, ки дар ҳама Ховалинг ин қадар меҳмонро намебинӣ.
Аз деҳаҳои Тиҳиёну Оби рӯшан, Даҳани шолу Чуқурак, Зардакию Кӯлобу Душанбею Хуҷанд ёру ҷӯра, меҳмонон меоянду меоянд. Ҳавлию дари хонааш мисли ҳавлию хонаҳои шаҳриён дарвозаву занҷиру қулфу калиду чашмбарак (глазок), надорад.Чӣ кунад ки Парвадигор дар қисмату тақдиру вуҷуду ҳастии ӯ меҳмондорию меҳмоннавозӣ, нон додану миннат напазируфтанро тавъам офаридааст? Рӯзу шабе ба хонааш меҳмон наояд, он рӯзу шаб барои ӯ гӯйиё ҳаёт вуҷуд надорад. Бе меҳмон монад хафаву хиҷил аст, ғами олам ба сараш фуруд меояд. Бе меҳмон ӯ аз ҳаво нафас гирифтанро мушил меҳисобад, нон аз гулӯяш намегузарад, рӯзаш бе меҳмон чун шаби тор сиёҳ аст. Бе меҳмон ӯ зиндагӣ карда наметавонад, мемирад…
Дар давоми тамоми сол ёру дӯстон, хешу таборон, мардуми ба сайру саёҳату аёдати мазорони Ховалинг омада аз қадоваи Ёхсуву шаҳру деҳи таҳдашт ба хонаи Сафари Паҳ меоянду  соҳибхона аз ташрифи меҳмонон онқадар шоду масрур мегардад, ки гуфтан надорад. Бо  омад–омади меҳмон бачаҳояшро мефиристад, аз рамааш, ки дар чаро аст, гӯсфанд ё буз биёранд, пеши пойи меҳмон бикушанд, иззати меҳмонро ба ҷо биёранд.
Ширу дуғу маска, ба қавли худаш, дар хонааш байт мегӯянд. Мард ҷон коҳонидааст, то каси ба ин боргоҳ омада дар хонааш иззат бинаду аз ин макон шоду хурсанду масрур биравад.
– Чӣ мегӯед, ки валинеъматию дасткушодиам ба баъзе сарварону роҳбарони нотавонбин, ки шояд дари хонаҳои баъзеи онон ба соле, балки шояд ҳама умр рӯйи меҳмонро намебинад, нафорид, ки нафорид, –  ба ёд меорад Сафар:
– Гӯиё кирми бахилию ҳасудию наҳсӣ вуҷудашонро хӯрд, ки аз пайям афтоданд. Диданд, ки марди яккаву танҳо замин гирифтаву ғалла корида, ҳосили фаровон мегирад, фатирмаскаву қурутоб ташкил карда, аз деҳаҳои ҳамсоя мӯйсафедону мардумро ба меҳмонӣ даъват карда, аз саҳар то бевақтии шаб дастурхонаш ба рӯйи меҳмон кушода пур аз чормағзу меваҷоти бобоӣ  аст, пеши чашми бадбинонро ғубори ҳасрат кӯр кард. Медиданд, ки дар се–чор сол адади говҳоям афзуда, бузу гӯсфандонам аз сесад сар гузашт, заминҳои подачарро ба ҳисоби худ ҳуҷҷат карда гирифтам, боғҳоям ба домани теппаҳо васеъ гардиданд, ҳасудон баҳона ҷуставу раҳ кофта  қассос гирифтан хостанд.
Ин ҳамаро нағз мефаҳмадам ва ҳар як кори ба сомон расонидаро дар асоси далелу ҳуҷҷатҳо расмӣ карда, аз қонун ҳадди гузаштанамро медонистам.
Ҳодисаҳои аз сар гузаронида, дар давраҳои нав қарор баровардани ҳукумат доир ба соҳиби замин гардиданамро  аз чӣ бошад, ки  ба хотир оварда озурда мегардам.
Он вақт баъди даву ғечи зиёд аз як идораи ҳукуматӣ ба дигараш даробаро карда, ёздаҳ гектор замини подомони мазорро ҳӯҷҷат

(сертификат), карда, баумед шудгор гузаронидаму гандум коридам. Баъди боронҳо тухмӣ сар кашида майса бароварду рӯйи замин сабза дамид.
Раиси хоҷагӣ Давлат Бозор бе хабару пурсиши касе трактору коргару тухмӣ оварду замини ғаллаамро аз нав шудгор гузаронида ҷав кишт кард. Дар заминҳои ин мавзе сад пуштаву дашти дигари замини бекора солҳо боз бесоҳиб монда шудгор надида хобида буд. Ҳасудию зарар расонидан нияти мард набошад, дар яке аз ҳамон пуштаҳо шудгор гузаронида ҷав корида намешуд, ки раиси баақлу фаросат, аниқ медонист, ки ин қитъа бо номи ман рӯйи қоғаз харита кашидаву ҳуҷҷат карда бо имзои ҳамаи ташкилоту муассисаву шахсони мутассаддӣ сертификат шудааст. Пас чӣ зарурат аст, ки замини кишт карда, ғаллаи сабзи гандум коридаро аз сари нав чапа карда ҷав бикорӣ? Ин кори ҳокими навбаромад рафтори Темури ланги куррагониро ба ёдам овард, ки замоне шаҳрҳои ишғолкардаашро ба хок яксон гардонида ҷав мекоридааст.
Ҷанҷолу кашмакашу мунокиша байни ману роҳбарони хоҷагӣ оғоз ёфта, дар ин давраи беҳокимиятӣ ҳалли худро наёфт. Милисаву додхоҳу додситон тарафи роҳбари хоҷагӣ буданд, зеро дар ихтиёри раиси хоҷагӣ баъди аз инҷо рафтани Петров говҳои фарбеҳи зиёде боқӣ монда буду чанде аз онро нобуд карда бошанд, ҳанӯз говҳои нокуштаву нохӯрдаи бесоҳибмонда аз ду ҳазору се ҳазор сар зиёд буду давраи бесалоҳиятӣ.
Ин замон бурути Давлат Бозори раисро табар намебуриду шахси дастнорас буд. Шухӣ не, мард дар Ховалинг ягона раисе буд, ки намояндаи мардумӣ дар парлумони мамлакат ба ҳисоб мерафт ва маълум, ки барои раиси ноҳия шудан даву ғеч дошт.
Дар даст қарору ҳуҷҷатҳои расмии ҳама идораву ташкилотҳои ба замин дахлдор бо имзоҳои муборaки раисону шахсони дахлдор аз идорае ба дигараш мерафтаму ҳақиқат ҷустуҷӯ мекардам, касе ба додам намерасид. Сарварон намояндаи парлумон будани Давлат Бозорро дастак карда мегуфтанд, ки ҳақ ҷониби раис аст. Ин замон ҳарчи хоҳад ҳамон мекунад…
«Касеро бахт баргардад, шикаст андар шикаст афтад», фармудааст бузурге ва ин вақт бахт аз ман рӯ гардонида буд. Ин ҳама даъво кам буд, дар рӯзгорам, ки чӣ камбудию норасоие карда ба дарди домана гирифтор гаштаму бемори бистарӣ шудам. Дар аввал касалу дардро писанд накардам, ки не. Дард филро аз по меафтонад, мегуфтанд, рост будааст. Касал маро ҳам аз по афтонд ва чӣ мегӯед, ки дардам дарозамала шуду ба беморхона афтодам.
Сайидҷони табиб ягона мардест, дар Ховалинг, ки хурду бузург ӯро чун донишманди соҳаи тиб медонанд ва нест оилае, дар ин қаламрав, ки аз баракати фазилати ин мард баҳравар нашуда бошад. Он вақт дорую даво ба касали домана кам буд ва дар шаҳру водиҳо бисёриҳо аз ин дард мемурданд.
Ягона умеди ман ҳам Сайидҷони духтур буду мо, ки дар як қаламрав зиндагӣ дорем, бо ин марди нек шиносоии дерина доштем ва мисли додар ба мо меҳрубонӣ мекарду иззатамонро ба ҷо меовард. Дорую даво муқаррар мекард ва худ низ бисёр давоҳоро пайдо менамуду дар асоси нишондоди ӯ дигар табибону ҳамшираҳо аз паййи дармонам буданд. Хулоса айни

гандумдаравӣ мисли кӯдаки нав тай–тайю по–по шуда аз марг раҳидаму барои ба хона рафтан иҷозатам доданд.
Айни ба хона рафтан аз даруни мошин дидам, ки мардум  ба дарави ғаллаҳои кишт кардаашон сар кардаанд. Шод шидам, ки имсол ҳосили хуб пухта расидааст.
Ба хона рафтаму бачаҳояма ба чор тараф фиристодам, ки ёру ҷӯраҳо, хешу таборҳоро ҷамъ кунанд,  рӯзи сешанбе ҳашари ғалладаравӣ!
Дар рӯзи ҳашар фармидум сиркабузи фарбеҳа аз мол ҷудо карда куштанду пӯсту гӯшт карданд. Дар сари замин  дег монданду барои ҳашаракиҳо зиёфат оростанд, ки бо фармони Давлат Бозори раису вакил, ҳокимони хоҷагӣ зиёфатама хоки даҳанам карданд.
Ма бемори хаста дар хона рӯйи ҷогаҳ, Хуршеди бачам давида омаду хабари нохушам овард:
–Ата, Давлат Бозор як мошин одам равон кардаст, мора гандумдаравӣ намемонданд, ай замин баровардмон, – гуфт бачам ва аз ин хабар хун ба сарам зад.
Аз ҷогаҳи хов хестам. Соз раҳ гашта наметонум, то ба сари замин биравум. Гуфтум, арӯс,  (очаи бачаҳоро ҳамеша ҳамин тавр ном мебарум), аспу зина биёр, сари замин меравум.
Занак авзои беҷома диду феълма медонист, зорӣ кард, ки нарав! Гардан надода, базӯру нозӯр худма боли зини асп  гирифтуму  ба сари замин рафтум. Бинум, дар мошини ГАЗ–53 ҳафт нафар марди бузбала ба сардории ҷонишини раис Мирзо Ғанӣ, аграном Бобоназари Қуввату дигар ҳокимон ҳашаракиҳора аз замин бароварда попархам даъво доранд, ки замин – замини хоҷагӣ аст! Бо фармони раис омадем, ки шумора ай замин бурорем! Пешкорашон Мирзо Ғании ҷонишини раис, мисли хурӯси ҷангӣ корро ба дашному ҳақорат расонд.
Гуфтум, бародаро! Дар асоси қарори ҳукумату Президанти Тоҷикистон ма ҳамӣ ёздаҳ гектор замина ҳуҷҷат (сартификат) карда, хоҷагии деҳқонӣ ташкил карда гирифтум. То баромадани қарорҳои дигару аз ҳисоби ма баровардани замин ҳуқуқи истифодаи  замина каси дигар надора. Давлат Бозори раисатон ҳамроҳи милисаву додхоҳу додситон, раиси ҳукумати Ховалинг ҳуҷатҳома дидаанду тасдиқ карда имзову муҳр мондаанд. Ма замина гандум кишт кардум,  Давлат Бозор мисли шумо одаму трактор оварду ғаллаи сабза шудгор гузаронид. Ма ба ҳама ташкилотҳои қудративу ҳукуматӣ хабар додум, ки раис ғайри қонуну фармони Президент рафтор кардааст. Касе аз ҳукуматдоро ба додум нарасид.  Имрӯз маҷбурум, ки наволаи нони фарзандома ай даҳани гург ҳам бошад кашида бигирум. Биёен, хешу таборо, ай замин баромада биравен, ки не.
Боз ба мулоимӣ фаҳмондум, ки ма андози замина супоридааму дар шудгору тухмӣ маблағ сарф кардам. Ба ивази ин ҳама ғалларо ғизо додам, нигоҳубин кардам. Баумедум, ки хӯрокаи имсолаи аҳли оилама ай и замин бигирум. Шумо қонунро вайрон накунен, ҳуқуқи инсонии мара помол накунен!  Биёен, ба хушию хурсандию хубӣ аз замин баромада равен!
Касони ба ҳашар овардаи бачаҳои мара пешандоз карда тарафи хонаам равон карданд ва Мирзо Ғанӣ ҷилави аспама дошту гуфт:

– Имрӯз мо ҳокимем! Ҳукмамона ба ту Сафари ёғӣ ҳамин тарз раво медонем! Ай дастат чӣ меояд, чор тарафат қибла!
Ноилоҷ сари аспа сӯйи хона гардонидум.
Раҳораҳ андеша кардам, ки Восеъи бечораро ҳамин тарз зӯр омада будааст, ки мардума ҷамъ карда ба муқобили манғет ба ғазо хестааст. Ин чӣ давлату ҳукумат аст, ки наволаи нони ҳалоли кӯдакота аз даҳанашон кашида мегиранду ба додат касе намерасад?! Чӣ мардам, ки имрӯз маву фарзандҳояма ҳокимони бемаърифату бемаданияти ёғӣ зери по монда, бо пошнаҳои мӯзаҳои ҳаромашон рӯйи хок мешакаанду ма овоз баланд карда наметавонум?!
Ба Восеи берӯзӣ чунин ҳақората раво дониста будаанд, ки косаи сабраш лабрез гардиду аз ҳамин Дараи Мухтор тахту бахти ҳокимои манғети Балҷувону Ҳисору Самарқанду Бухороро ба ларза овард!
Магар набераи ҳамон Восеъ нестам?! Авлоду аҷдодам, ки дар ҳамин сарзамин, ба гуфтаву исботи академик  Ранов қариб, ки як миллион сол пеш зиста бошанд, магар ма аз хуни онҳо нестам?!  Ору номусу мардонагиам куҷост, ки чунин таҳқиру ҳақората ба ман раво мебинанд?! Мард, ки бошам бояд худам ҳаққи зану фарзандама дар асоси қонун ҳимоя кунам. Дар сурати дигар ҳамон ғулому бандаи осии рӯсиёҳ  хоҳам монд!
Дар раҳ оқубати корро низ фикр кардам. Давру замон имрӯз мисли давраи зиндагии Восеъ нофармон шудааст, вале чӣ мекунанд ба ма? Шукри Худо, солам ба домани шаст расидааст. Насиба ва рӯзии дар тақдир то ин рӯз кашидаро дидам. Он қадар рӯзгорам хушбахт гузаштааст, ки шоҳони олам чунин зиндагиро орзу доштанд. Барои ҳимояи наволаи нони худу ризқу рӯзии зану фарзандонам, ҷонама фидо  мекунам!  Баъд, ҳарчи бодо бод! Дар таърих номам мемонад, ки набераи Восеъ, Сафари Паҳ дар фалон рӯзу соату моҳу соли  асри ХХ1 ба муқобили охирин боқимондаҳои муғулу манғет бархосту ҳаққи ҳалоли худро муҳофизат кард…
Ба ҳавлию хона расидам, ки очаи бачаҳо ба пешвозам баромаду гуфт:
–Чӣ ҳодиса шидаст?
– Ҳеҷ ҳодиса нашидаст, занаку камони думиллаҳаву қаторвазнара биёр! – гуфтам  ва занам ҳарфе нагуфта фармона иҷро кард. Занак гумон кард, ки ҳаваси шикорам омадасту сари ёла баромадан ният дорум, ки пурсид:
–Бевақт  шидасту майли шикор дорӣ, чӣ?
–Ҳова, майли шикорум омадаст, арӯс! Паноҳат ба Худо!
Сари аспа ай қади дара тарафи замини ғаллазор гардонидум.
Раҳораҳ ба ҳарду мили камон аз калтусҳои доруи кам ва тирҳои  сурби майда–майда дошта ҷо карда, қатрвазнаро ба миёнам бастаму аспа
–Чу ҷонвар! – гуфтам.
Дар сари замин ҳамон ҳафт нафар мардони фиристодаи раис ҳоло ҳам истода буданд. Бачаҳому  ҳашаракиҳои аз ин ҷо рондашуда ҳар кадом раҳ ҷуста ба сари хаму ноумед, тарафи хона раҳсипор буданд.
Баробари ба сари замин расидан Мирзо Ғании ҷонишини раис мисли аввала чун хурӯси ҷангӣ чанд қадам аз дигарҳо пеш омада авзояма диду дӯғ зад:
– Ёғии Сафар! Ба и аҳвол  ҳозир дасту пота баста ба қавахона мебарамат!
–Бе бастани шумо  ма худам ба милисахонара аспсавор меравум,

– гапро ба шӯхӣ гардонданӣ шуда гуфтам ба ӯ ва бори охир аз Мирзо Ғанӣ хоҳиш кардам:
– Раис, биё ай аспи ҷаҳлат фурову лашкарота бигиру ба хубӣ ай сари замин баргашта бирав. Мара ба хун накаш. Мову шумо ай оврави як ватанем.
– Ай паррондан тарс метӣ?! Ӯ давраҳо гузашт! Мард шаву бупаррон, очаи зорута нишон метан! Фаҳмидӣ, зӯр!
– Ма зӯр нестум, лекин барои ҳамаи шумо зӯрҳо қаторвазнаи тирум мераса! – гуфта, камони сарнишеб кашола ай қоши зини асп гирифтуму тарафи Мирзо Ғанӣ рост карда, қуланги камона зер кардум.
Садои тир баланд шиду Мирзо Ғанӣ ба замин афтид. Оҳу фиғону databodaву паропар шид.
– Кушт мардака! – шунидум аз яке.
– И бераҳм, қотил будасте! – гуфт дигаре.
–Бигирен, духтур барем мардака, ки мемурае!!!
Овози тирпарронира шунида бачаҳому ҳашаракиҳо ай раҳ баргашта омаданд. Лашкари фиристодаи раису вакили халқ Давлат Бозор ҷасади пури хоку хуни Мирзо Ғанира ба мошин бор карданду тарафи Ховалинг сарнишеб шиданд.
Камона аз нав ба қоши зин овезон кардуму, бо димоғи сӯхта ба хона баргаштам.
Чӣ ҳол доштам, ба ҳама маълум.
Дар раҳ, вақти ба хона баргаштан,чанд ҷо худама тасаллӣ додам, ки мард бошам. Дар раҳ аз камқувватии ҳоло ҳам аз дарду касал дар вуҷудам боқимонда, аз болои зин сарозер наафтам.
Он шаба ба чӣ ҳол ба рӯз расонидам, ба Худову банда маълум. Аз касали домана ҳанӯз табобат наёфта, имрӯз ҳодисаеро содир кардам, ки ҳафтод пушти авлоду аҷдодам ёд надоранд. Шояд айби таъсири касали домана буду камқувват гаштанам, ё ғалаёни фикрҳои хилофи ҳам, ки аз ҳодисаи сарзада ягона раҳи ҳалли масъаларо дар паррондани Мирзо Ғанӣ дидам. Илоҷи дигаре надоштам ва аз кардаам пушаймон ҳам набудам.
Касалманду лоҳаз намешудам, боварӣ доштам, ки дар муборизаи ҷисмонӣ тани танҳо илоҷи ҳафт нафар фиристодаи Давлат Бозорро меёфтам, вале дардо ба тани дардмандам, ки қуввати дар по рост истодан надоштам. Ростӣ, ки домана намебуд, ҳеҷ гоҳ яроқ ба даст намегирифтаму тарафи фарзанди одамӣ тир кушоям.
Кори шидагӣ шида буд. Интизор меистодам, ки ин бефаросатӣ чӣ оқубат ба бор меорад.
Гуноҳи азим содир карда будам. Ба худам дар асоси қонун ҳар чазоро раво бинанд, розиям, вале танҳо аз ин амал ба зану кӯдаконам осебе нарасад…
Саҳарӣ, милисаи ҷавони қаддарозе пойи пиёда ба ҳавлию дари хонаам омаду баъди саломи алек гуфт, ки камонамро ба ӯ диҳам ва ҳамроҳи ӯ ба милисахона равам.
Ба милиса гуфтам: – Ба сардорҳоят фаҳмон, ки барои гирифтани камону тир ва маҳбас карданам ҳукмномаи прокурор (додхоҳ), даркор. Ма гӯсолаи дари хонаи касе нестам, ки камонама ба ту супораму мара аз думболат кашола карда ба милисахона бубарӣ. Камона медиҳамат мисли ма ту як

каси дигарра парронӣ чӣ? Сардорату додхоҳу додситон мара хуб медонанд. Ӯҳора дар бораи замини ғалла ва муносибатам бо раиси хоҷагӣ се маротиб даҳонию хаттӣ огоҳ карда будам.
Милиса ноилоҷ бо дасти холӣ рафт. Баъд, милисаҳои дигар ҳамроҳи муфатиш бо ҳукмнома омаданд. Ба муфатиш гуфтам, ки бемори доманаам ва ҳоло дар ҳисоби табобати духтурон қарор дорам. Дар поҳом рост истода наметавонаму қуввату мадори роҳгардӣ надорам. Мурдама ба маҳбас бурданӣ бошен, марҳамат!
Чӣ андеша карданд, ки набурдандам ва таъкид карданд, ки боз фикри ба ягон ҷо гурехтан накунам.
Хулоса, милисаву прокурору судбозӣ сар шиду ҳар рӯз пурсупосу кашмакашу қоғаз пуркардану имзомонӣ, таъкиду таҳдидҳои мисли дарди домана доманадор.
Охир, кӣ дидаву шунидааст, ки дар асри XX1, дар рӯзи рӯшан, дар пеши чашми омма одамро рӯирост парронию гунаҳгор дар хонааш тинҷу орому осуда бошад?
Шояд аз он буд, ки ман маърифату фаросати масъалагузорию навишта тавонистан доштам, ки аксар роҳбарони қудратӣ ба қавле худашон тардоман буданду метарсиданд, ки ҳама ҳодисотро аз рӯйи ҳақиқат аз болояшон ба сарварони аз онҳо боло менависам, зеро пеш аз сар задании ҳодиса ду маротибу семаротиб дар ин бора даҳонию хаттӣ онҳоро огоҳ карда будам. Ва ё ба доманакасал гирифтор буданам сабаб шуд, ки маро қава накунанд? Як чиз барояшон ошкор буд, ки ҳодисаро ман содир карда ба ҳеҷ куҷо нияти гурехта рафтан ва ё баҳонаи дигаре пеш овардан͠ӣ набудам.
Ҳамаи онҳо медонистанд, ки раиси хоҷагию фиристодагонаш қонуни ҳукумат ва фармони Президентро дониста вайрон кардаанд, замини ғаллаи ба хоҷагии деҳқонӣ тааллуқдоштаи маро бо фармони вакили халқ ғайри қонун шудгор карда, ҷав кишт кардаанд ва органҳои ҳимоятгари қонун аз ваколати вакил тарсида дар ҳаққи ӯ чорае наандешиданд. Имрӯз боз ҳамон вайронкунандагони қонун дар ҷойи дигар не, дар сари замини ман сабабгори сар задании ҳодиса гардидаанд. Ва ман барои ҳифзи наволаи нони худ, барои муҳофизати моликияти қонунии худ дар сари заминам дигар илоҷе наёфта Мирзо Ғаниро паррондам. Аз тарафи дигар, мувофиқи ҳуҷҷатҳои табибон ман ин дам бемори бистарии табобатгоҳам ва шояд ба маҳкама кашидану маҳбас карданам дар назди қонун боз гуноҳи дигаре аз тарафи органҳои қудратӣ мешуд.
Медонистам, ки аксари онҳо таҷрибадору макқоранд. Медонанд, ки ман маърифати ҳуқуқӣ дорам, қарору қонунҳои давлату ҳукуматро хуб сарфаҳм меравам. Дар соати зарурӣ ҳаққу ҳуқуқи хадро муҳофизат карда метавонам ва милисаву прокурору суд набояд хатое содир кунанд, ки минбаъд боиси паст гардидани манзалату мансабашон гардад.
Давлат Бозор як бору ду бор не, ҳафт сари сол боз барои ватан обод карданам аз болоям даҳҳо аризаҳои шикоятии айбдоркунанда ба ин органҳо навиштааст ва ҳамон милисаву муфатишу прокурору судҳо ба навиштаҳои ӯ маро айбдору гунаҳгор гардонида, маҳву нобуд карда натавонистаанд, зеро асос надоштанд. Ин дафъа ҳамаи онҳо асос доранд. Ман мардакро

паррондам. Ин дафъа онҳо хуб маслиҳат карда ҳуҷҷатҳо тартиб додаву баёнот ҷамъ карда шикоятномаҳо навишта, баъди сиҳат ёфтанам, дар асоси иҷозати табибон маро ба суд медиҳанд ва дар асоси қонун ба маҳкама мекашанд. Баъд аз ин тӯйи ғолибият ташкил карда, ҳамроҳи Давлат Бозор хурсандию хушбахтӣ хоҳанд кард.
Дар ин миён, андеша кардам, ки инсон дар ҳама ҳолат бояд хислати инсониашро фаромӯш накунад.
Аз ҳодиса ҳафтае нагузашта худамро назар ба рӯзҳои пеш андак хубтару беҳтар ҳис мекардагӣ шудам. Касал аз баданам рафъ мегашт. Аз хонаам зиёфату меваву мағзу чағз гирифтаму ба Иброҳими писарам фармудам, ки маро ба мошинаш то табобатгоҳ, ба аёдати Мирзо Ғанӣ бубарад.
– Ата, боз ягон балора ба сар набарӣ?– гуфт Иброҳими бачам.
– Парво накун, бачам. Атат дар куҷо чӣ кардану чӣ гуфтанаша мефаҳмад,– гуфтам.
Ба табобатгоҳ расидему ба палата даромадам. Дидам, ки Мирзо Ғанӣ рӯйи кати симӣ, болои матраси мулоим ба тахтапушт хоб асту ранги рӯяш баҷо. Ай дар даромадану омаданма дида, Мирзо ай ма рӯ тарафи девор гардонд. Болои сараш рафтаму дастоша базӯр гирифта салом кардаму гуфтам:
– Чӣ ҳол дорӣ, зӯр? Ҳолӣ ҳам зиндаӣ Мирзо?! Намурдаӣ–ку?
Додару бачааш, ки он ҷо ҳозир буданд, даъво бардошта аз ҷойи нишасташон якбора ба таҳдидам хестанд. Сӯяшон назар карда ба мулоимӣ гуфтам:
–Худатона нигаҳ дорен, ки дар қаторвазна барои шумора ҳам тир дорам. Монен мисли мард ба мард гап занем.
– Кӣ гуфт, ки ту қотил, атама хабаргирӣ биёӣ! – тоқат накарда гуфт писари Мирзо ва ман гапи аввалаамра такрор карда гуфтам: – Мон ҳамроҳи атаат мисли мард ба мард гап занам!
Бача дигар ҳарфе нагуфта ором дар ҷояш нишаст.
– Мирзо Ғанӣ, айб аз худат гузашту ма ҷавобата додам,– гуфтам ман.
– Дар суд ҳарчи хоҳӣ ҳамон хел рафтор кун. Холисона хабаргириат омадам. Мову ту ай оврави як ватанем. Гумон накун, ки пешат ба зону зада зорӣ мекунум. Не. Аз ту узр намепурсум. Паноҳат ба Худо!
Ай палата баромадам ва худро мисли марде, ки қарзи ноҳинҷореро адо мекунад, сабуку озод ҳис кардам. Хаёлам дарди домана дар табобатгоҳ, дар палатаи Мирзо Ғанӣ монду ман сиҳат шидам.
Андеша кардам, ки аслан Мирзо Ғанӣ гунаҳгор набуд. Гуноҳаш, ҳамин ки тамаллуқкор аст. Мисли ғуломи хизматгор, аз шикастанафсиаш истифода бурда ӯ ва ҳамроҳонашро Давлат Бозор ба сари замини ғаллаи ман фиристода буду ҳодиса содир шуд. Бахташ омад кард, ки тирҳои аз сурби майда тайёр карда ва доруи кам ба тирдон ҷо гашта таъсири бештаре нарасонида, пеши сина ва шиками мардро сӯрох гардонида, ба устухону узвҳои дарунӣ таъсири беш нарасонида будаанд, ки мард аз ҳалокат раҳид…
Ба даводаву ташфиқи Давлат Бозор суди Ховалинг маро гунаҳгор ҳисобид, ки ман бо далелу асосҳои худ раднома навиштам.

Суди минтақаи Кӯлоб Искандар Қаландаров мисли суди Ховалинг айбамро ба гарданам часпонида маро ба маҳкама кашидан хост, ки ман барои ҳимояи худ ба суди олӣ раднома фиристодам.
Раиси суди олӣ Карамхудоев, ҳама рақаму далелу ҳуҷҷатҳоро бо сар задании ҳодисаву оқубати он ҳаматарафа дидаву санҷида хулосаи худро баровард ва ҳукмномаҳои судҳои ноҳияву минтақаро бекор дониста, маро лаҳзаву соате дар маҳбас нигоҳ доштан намонда, бегуноҳ хукм кард ва чароғи нотавонбинон ба об афиду мурд.
Дар ин сол ба дуои хайри мӯйсафедони Ховалинг бачаҳоям ҳашар карда, замини ғалаамро даравидаву дарза баста, ғанак кардаву хирман ороста, кӯфта, он қадар ҳосил гирифтанд, ки хонаам пури гандум шид.
Нон карда мардуми Ховалинга ба меҳмонӣ даъват кардам.
Дареғ, ки Мирзо Ғанию Давлат Бозор он рӯз ба хонаам наомаданд…

X X X

**У1**

Бо мақсади тахту ҳамвор кардани раҳи қадди дара Сафар аз Ховалинг ба Хонақо булдозери раҳ соз мекардагӣ овард. Солҳо боз ин роҳ ноҳамвор буду ҳар баҳор сели аз қадди сову пушта ва дараҳои дигар ба ин ҷо омада роҳро кандаву ҳар ҷо сангу шағал туп карда, дар роҳи гузари мошин монеаҳо эҷод мекард.
Сайвалии тракторчӣ бо хушрафторию гиру монаш давраҳои кори Сафарро ба хотир меовард, ки ӯ низ айёми ҷавонӣ бори аввал ба паси агрегати ба трактор монанди раҳ сум мезадагии балогардон нишаставу касби механизаторӣ ёд гирифта буд.
Аз соати аввали кори Сайвалӣ Сафар фаҳмид, ки фаросати ҷавонмард баланд аст. Техникаи дар ихтиёраш бударо дар ин қади сангови дара бамулоҳизаву оҳиставу дониста кор мефармояд, зеро андак бемулоҳизагӣ боиси ба зери тасмачархи трактор  даромадани санге боис мегардид ва бемасъулиятии  минбаъд сабаби канда шудани тасма,  ё шикастани қисмати чархҳо мешуд.
Сайвалӣ роҳро мувофиқи гуфту нишондоди Сафар батартиб тахту ҳамвор мекард, то мошину дигар намуди техникаи ба ин роҳ меомадагӣ азият накашида озод рафтуомад карда тавонад.
Ҳаво нарм буд. Офтоби охирмоҳи баҳор ҳарчанд нурҳои сӯзон дошт, вале ҳавои салқини ин мавзе  салқиниро нигоҳ медошт.
Баъди соати корӣ ва аз саргаҳи дара то назди ҳавлӣ  тахт кардани роҳ Сафар ба тракторчӣ ишорати ба кор хотима бахшидан карда, ба Сайвалӣ бо имои даст фаҳмонд, ки андак дам гирад.
Тракторчӣ  дид, ки зани Сафар дастурхон таҳи кашу дар чиние ҷурғот ба таги тути миёнаи ҳавлӣ омадааст.
– Биё, мегум, занак зиёфат овардаст,– гуфт Сафар, ба Сайвалӣ, вақте ӯ мотори тракторро хомӯш карда аз кабина хамбида по ба лаби бора монд.
–Чура, ай саҳар, ки ова ба даҳан набурдаӣ. Кор намегуреза! Мо буд карда натонистему ту будуш мекунӣ?. Як чӣ бихӯр, баъд аз пайи кор шав!
– Зиёфат боша, омадам! – гуфт Сайвалӣ ва илова кард:

– Ҳама ҷонканӣ барои ҳамӣ шиками сабилӣ  будааст. Мо ба и дара зиёфатковӣ омадем. Лекин, акаи Сафар ай гиру монут ранги инженерҳои раҳ соз мекардагӣ метовӣ? Мара роҳбарию раҳнамудӣ дорӣ, гуфтум мутахассиси соҳаӣ?
– Ҳе, додар, корум мисли ту айни ҷавонӣ роҳсозӣ буд, – гуфт Сафар.
–Устухонум дар ҳамвор кардани раҳи мошингарди Данғараву Кӯлобу асфалтрезии ҳамон раҳ сафед шид. Дар ин раҳ ӯ қадар азобҳо кашидам, ки то мурдан ай ёдум намеравае! Лекин ҳамон заҳматҳо мара мард карданд. Ай баракати меҳнати ҳамон давра, ай хорию зориҳо баромадум, рӯзгору зиндагима ташкил кардум, одам шидум.
Ин лаҳза зани Сафар дар табақе гӯштбирён овард ва ҳарду мард даст шуста рӯи курпачаи зери сояи тут нишастанд.
Ҳангоми  хӯрдани зиёфат чақ–чақ,  сар шуд:
– Он замон ҳамагӣ ҳабдаҳ сол доштаму дар Кӯлоб, дар мактаби миёна мехонадам,– ҷавониашро ба ёд овард мард:
– Дар қишлоқи Шобика гӯштини наврӯзӣ мешудаст,– гуфта Сафар дар баробари хӯрдани гӯштбирён ба нақл сар кард:
- Ҳамсинфҳо  омаданду маро  бурданд. Ғайрату ғурури ҷавонӣ намонду бачаҳои гузар маро ба майдони гӯштин баровroutинд ва гуфтанд:
 – Ҳавои даҳан карда мегардӣ, бачамард! Барову ҳунарата нишон те!
 Медонистанд, ки дар мактаб машқи гӯштин мекардам.
Бахтам омад карду ба ҳарифи аввала ғолиб омадам.  Тарафи мағлубро гирифта узбакбачае бо ман талаби гӯштингирӣ кард. Маълум, ки майдон ҷойи гурез нест. Бачаҳои ҳамроҳам дилтиҳию бардор – бардорам карданд, дигар ҷойи қафо гаштан надорӣ. Ҷавонҳои Шобика сари номус омада талаб доранд, ки ба майдон бароям.
Узбакбача назар ба гӯштингири пештара бақуввату чусту чолок баромад. Бо ӯ сар ба сар шидан баробар мара сари севчӣ гирифта ба замин, ба тахтаи пушт заданӣ буд, ки худро раҳо кардаму ай миёнаи пойи росташ  ҳалук андохтам. Тарзи ҳалукандозира дар гӯштинҳои даврӣ дар маҳорати Искандаршо паҳлавон мушоҳида карда будам. Мардак ҳай ҳалолгӯштину паҳлавони номӣ буд он замон. Ном ба номи ҳалуки искандарӣ буде!
 Худо ин дафъа ҳам ба ма дод. Бо ин усул  узбака ҳалол, ба тахтаи пушт, ба замин задам.
Кадом марди ношиносе ай гирди давра ба ҳаяҷон давида омаду мара ба оғуш гирифта, ай хурсандӣ, аз замин баланд бардошт, баракалло гуфт. Марда нашинохтум. Гуфтум, шояд ай шиносҳои падарум бошад. Гӯштинам дар Шобика ҳамон шиду баъди мо паҳлавонҳои калонсолу номӣ ба майдон буромаданд.
Маърака ба ахир расиду ҳамроҳи бачаҳои гузар  пиёда тарафи Кӯлоб равон будем, ки ҳамон марди дар сару либос озода ба меҳрубонӣ аз ма пурсид:
– Кӯлоб, ки рафтанӣ бошен, ба мошин сувор шавен!
 Ва мо пайи ҳам хурсанд, болои соғуи мошин буромадем.
Зокири Кассир будааст номи он марди ҳаводори гӯштину маро баракаллогӯ.
Дар саргаҳи шаҳр, вақти ай мошин фаромадан, амаки Зокир ай ма ҳол пурсиду гуфт:

–Бача мактаба тамом, ки кардӣ ба идораи «ДЭУ», (идораи роҳсозӣ), биё. Ма ба кор қабулат мекунам, ҳунар ёд мегирӣ!
Аз гуфтаат, падарат бемори бистарӣ, модарат лоҳаз.Оилаатон сербачукач, зиндагиатон мушкил будааст. Дар чунин ҳол аздусар ба мактабҳои болоӣ рафта хонданата давом дода наметавонӣ. Биё ба идораам, ёриат мерасонам, рафтору феълат маъқулам шид.
Он вақт сардории идораи роҳсозӣ ба зимааш буду аввал маро ба Хорашман ном марди тотор вобаста кард, ки касби экскваторчигиро ёд гирам.
Ҳамагӣ чор моҳ шогирдӣ кардам, ки як саҳар амаки Зокир мара ба идорааш ҷеғ заду гуфт, ки катоки нав овардем, биё онро қабул куну ба кори мустақил гузар.
Катокаш, як агрегати ба трактор монанд, раҳи сангфарши мошинро ҳамвор мекардагӣ. Балки ин асбоби ниҳоят вазнин, ҳамагӣ аз муҳаррику ду чархи калони оҳанӣ иборат, ки чархҳо пурра аз оҳан рехтагӣ аст ва ҳангоми роҳравӣ бо чархҳои вазнин роҳи мошингарди сангу шағал рехтаро бо чархҳои балогардони вазнинаш пахш кардаву сум зада ҳамвор мекунад
Гуфтам, аз уҳдаи идораи ин агрегат намебароям, ки Хорашмани устодам дилбардориам кард, ки ту бачаи хушзеҳну даступопечӣ. Агрегат баробари одам оҳиста роҳ мегардад ва шояд аз ин сабаб амаки Зокир маро ба ин асбоб барои он вобаста карда буд, ки бачаи ҳанӯз ҷавон ба ягон садама дучор нагардам. Он вақт чӣ медонистам, ки дар ин агрегат чӣ мушкилиҳо маро пеш меояд. Мушкили кор он буд, ки боронгарию хунукӣ барои мумфарш кардану асфалтпӯш гардонидани роҳи мошингард монеа эҷод мекарданд, чунки муму гудрони аз болои сангу шағали роҳ мерехтагиро дар гармӣ об карда рехтан лозим меомад. Маълум, ки барои об кардани муму гудрон ҳарорати баланду ҳавои гарми тобистон зарур аст. Роҳ бошад кам не, қариб сад километр дарозию даҳ метр паҳн буд.
Тамоми баҳору тобистону тирамоҳи он сол, ҳар рӯз аввал корам раҳро бо катоки вазнин сум задаву пахш карда, болову поён ҳаракат кардан буд. Баъд, асфалти хому муми рӯйи сангу шағал рехтаро бо рафтуомади каток мустаҳкаму бобардошт мегардонидам.
Гармии панҷоҳ дараҷаи ҳавои тобистон як тараф буду ҳарорати аз гудрону асфалти то сад дараҷа гармӣ доштаи зери чархҳои каток, бӯву тафу ҳаври аз асфалт, сангу регу қум ҳосилшудаву ба ҳавои гарми чиллаи тобистон омехташударо болои катоки сар то ба по оҳани сумурт нафас кашидану бардошту тоқат кардан магар осон буд?
Қувваю ғайрати ҷавонӣ буд, ки ин ҳама мушкилотро паси сар кардаву касб ёд мегирифтам, баробари музди хуб гирифтан дар меҳнати тоқатфарсо обу тоб меёфтам.
Ҳарчанд айни гармои чиллаи тобистону авҷу барори кор аз таъсири тафбоди аз ҳад зиёд аъзои баданам сӯхтаву пӯст партофт, ин ҳама азиятро дар ҷону тани худ эҳсос карда, намурда зиндагӣ кардан насибам буду ба пуртоқатию бардошти худ офарин мехондам.
Аз он давра солҳо гузаштанд. Вақте ки аз миёнаи китобҳои китобхонаам, асари нависанда Павел Лукнитский «Одам пӯсташро иваз мекунад» – ро дарёфтаву мутолиа кардам, ба мардуми Водии Вахшро обод мекардагӣ

аҳсанту офаринҳо хондам, ки мисли ман бо чӣ азият ватан обод карда будаанд…
Ин лаҳза боз ба хотири Сафар  омад, ки камбизоатию нодориҳо он вақт имкони барои ба донишгоҳи сохтмонии Ленинград рафтанаш садди роҳ шуданд.
Зокир Кассиров ҳама ҳӯҷҷатҳояшро саришта карда барои роҳкиро ҳам маблағ ҷудо карду  Сафарро ба идорааш ҷеғ зада гуфт:
– Сафари ҷон! Мебинам, ки бачаи хушкору хушфеълӣ. Чӣ мешавад, ки шароит шудаасту барои соҳа каси маълумот дошта лозим. Хостем ба донишгоҳ равонут кунем.
– Рӯзгори мара хуб медонӣ, амакӣ,– гуфт Сафар. – Атам дардманду очам рӯйи ҷогаҳ. Онҳоро партофта рафта наметавонум. Хоҳару додаром ҳама баумеди музди кори ма.
Зокири Кассир ноилоҷ монду  гуфт:
–Ихтийрат, додар. Ту акнун марди ҳақиқӣ шудаӣ. Аз пайи корат бирав, лекин гӯштина фаромӯш накун!
 – Зиндагӣ пасту баландиҳои зиёде доштааст, – гузашт аз хотири мард.
– Баъд хизмати аскарӣ дар Урал,  дар Кӯлоб муаллимию ронандагӣ, дар муассисаҳои фарҳангию тиб кор кардан, ҳама шикасту рехти рӯзгори аҳли оиларо дар қатори бародарон саришта кардан буд талаби ҳаёти он давра.
 – Эҳей!– гуфта фарёди занашро  шунидан баробар Сафар хаёлоташро якҷо ҷамъ овард ва сӯйи овоз назар кард, ки марди аспсаворе дар бехи шиғи ҳавлӣ аз аспаш фаромада нияти асп бастан дорад. Мард фаҳмид, ки ба хона меҳмон омадааст, аз ин сабаб занаш ӯро овоз додааст ва Сафар хеста тарафи меҳмон рафт.
– Ассалому алайкум, акаи Абдураҳим! – гуфта Сафар бо меҳмон вохӯрд, ки ӯро мешинохт.
Абдураҳим, марди дар тану тӯш бақуввату болобаланд, банди аспро баста қомат рост кард ва  бо Сафар вохӯрд.
– Ака, ай сари пода омадум. Дар раҳ гузашта, ай дари хонаат надаромада натавонистум, – гуфт Абдураҳим.
– Хуб кардӣ, ки ба ҳами баҳона хабаргиримон омадӣ, – ҷавоб гуфт Сафар ва илова кард:
– Марҳамат ба тайи тут! Гилему курпача партофтагӣ. Ба бӯйи ту занак саргардон шида, як чӣ – ним чӣ мепаза. Ай ҳисоби ризқи меҳмон ба мо ҳам мераса.
–Гузашта мерафтуму овози трактора шунида , гуфтум Сафари ҷурам чӣ ободие мекунад?
– Раҳи қада медонӣ Абдураҳим, ки валангорай,– ба суханони меҳмон ҷавоб гуфт Сафар ва гапашро давом дод: –  Баъд, мо ҳам одами зиндаем. Ватана, ки обод  карданӣ шудӣ раҳ соз мекунию, дарахт мешинонӣ, гову мол мекунӣ. Омаду рафти одамо баъди зимистон дар и раҳ мушкил. Ҳама мисли ту аспсувор боша, гапе не. Ба ҳар пайраҳа, ба ҷову маконуш мераса. И вақт аксар мардум мошинсуворанд. Раҳи дарара, гуфтум андак ба тартиб дарорум.

Гузар Абдураҳим, рӯйи кӯрпача бишин, болишта таҳи каш бигир. Ай раҳ омадаӣ, шалпар шудаӣ?
Меҳмон нишасту ба ҷойи ҷавоб даст ба дуо кушод:
– Хайрияти қадам, ободии макон, тани саҳат! Парвардигор як хушию хурсандӣ ато фармояд!.
Мардҳо даст ба рӯ кашиданд.
Сайвалии тракторчӣ аз паси кораш рафту Сафару Абдураҳим дар таги тут, дар гирди дастурхон монданд.
– Ай сари пода омадум, гуфтӣ Абдураҳим. Пода дурай ё наздик?
– пурсид Сафар, баъди рафтани Сайвалӣ.
– Пода ӯ қадар дур не, наздикай. Дар ёлаи Кулолиёнай подаву Ҷумъахон подабон, гуфт Абдураҳим.
– Ҳардутон одамҳои хубен. Ганда маву Давлат Бозорем, – ба зарда гуфт Сафар пиёлаи чойро ба меҳмон муръат карда истода. Ва дарди дил кард: – Ай рӯзи ба нияти ҳами ватан омаданум, Давлат Бозори раис аз паям афтод. Медонӣ Абдураҳим, ки ай вақти барҳам хӯрдани Шӯравӣ Петров ай инҷа рафту Давлат Бозор раиси хоҷагӣ шид. Ё ҳамон вақт раис буд, дар ёдум нест. Иттиҳодия, ки Давлат дар он ҷонишини Петров буд, ӯ вақт кам не, панҷоҳ ҳазор сар гови зотӣ дошт. Дар давраи бесарусомонию ҷанги шаҳрвандӣ раисакои навбуромад дороии халқа батамом фурӯхтаву дуздидаву куштаву несту нобуд карданде! Ҳозир ду–се ҳазор сар гов боқӣ мондаст, ё не, ту аз ма беҳтар медонӣ.
Давлат Бозор техникаву иншооту фермаи чорвову замину пода, хулоса ҳама дороии халқа ба ҳисоби хоҷагӣ гузаронида азхуд кард, ҳамин тавр не?
– Ҳамин хел, акаи Сафар, – гуфт Абдураҳим ва илова кард:
– Зимин сахту осмон баланд. Ҳамара медонему ба доди мо дар давраи бесарусомонӣ кӣ мераса?
Корд болои гӯшту рӯған медава. Халқи бесоҳибу бечора устухони қоқ мондаасте. Корд болои устухон намедавад, акаи Сафар!
– Ма ба Хонақо омадам, ки ватан обод кунум,- дарди дил кард Сафар. – Хайр, бе замин намешава. Мисли дигар мардум андак замини кишту чарогоҳҳа ба номум ба ҳисоби хоҷагии деҳқонӣ ҳуҷҷат карда қонунӣ гирифтум. Ба гуфти Сайидои бузургвор ба коми раисҳо арраи пушти наҳанг гаштаме!
– Заминҳои кишту чарогоҳи мора танг кардӣ, – гуфта аз нависонавису дуғу пӯписара ба ҷон оварданмон. Ма танҳо бошум хуб, зиёда ай бист хоҷагира дар бузакбозӣ дохтанд. Як моҳу ду моҳ, як солу ду сол бошад, бало ба пасашон. Ҳафт сол боз кори мо ай милиса ба прокурор, ай прокурор ба суду ҳукумат даводав. На ба қарори давлату ҳукумат гӯш мекунанду на нафси балошон серой дорад. Хайр ҳамин хел замон омад ба сармон чӣ илоҷ?
Гуфтам, шикоятнависӣ кори мард нест, ки не Абдураҳими ҷон. Чашмои раисҳо сих мезана, ки ҷойи ғаллакорию чарогоҳашон андак кам шидаст. Ҳазору дуҳазор гектор замин барои раиси навбуромад кам будааст. Хайр паноҳи ҳар кас ба Худо! Гандум коридагӣ гандум медараваду ҷав коридагӣ ҷав. Ҷавобака бало гуфтӣ бало мешунавӣ.
Сафар андак андеша карду пурсид:

– Ҳозир гуфтӣ Ҷумъа дар сари подаҳай?
–Ҳова, акаи Сафар,– ҷавоб дод меҳмон.
– Сари дастурхонум  дигар шумора гап зада намешавад. Балки шумоҳо гуноҳ надорен. Шумо  итоатгари Давлат Бозорен. Ӯ фармон метия  шумо иҷро мекунен.
Порсолу парер сол хабартон карда будум, ки подаҳотон дар заминҳои хоҷагии деҳқонии ма мечаранд. Рафта раистона хабар кунед, биёяд бо ма шартнома бандад. Ба ҳар гектор замин ҳар сол  сӯм месупорум, ки не. Раис ҳамраҳи ма шартнома набаст. Шумора фармуд, ки подара дар заминҳои ма чаронен. Ту ҳамраҳи Ҷумъа  ҳардутон шоҳиди и корен. Кам не, панҷ сари сол боз подаҳотон дар заминҳои ма чаро мекунанду ма ба лаб кулӯх молида лом намегум.
Бечораи раис соли дуроз думболи мансабу вазифа, ай қафойи калонҳои ноҳияву вилоят, милисаву прокурору суд дар гашт. Вакили парлумон шиду барои раисии ноҳия даводав кард, ки феъли баду муомилаву муносибату порахӯриву порадиҳиша дониста ба вазифа таинаш накарданд.
Қарза ма суроғ накунам, ба фармудаи мусулмониву қонуни ҳукумат рост намеояд. Ин дафъа рафтӣ ба раисат бигу, ки Сафар ай сари пода як гови хуба  ҷудо карда, дар ҳисоби қарзи заминҳош бурд. Ба ин гап чӣ гуфтӣ Абдураҳим?
– Бахудо, ки рафтум мегум, – гуфт Абдураҳим ва илова кард: – Панҷ сол  мо подара дар заминҳои шумо чарондем. Ҳама гапҳота ма ба раис расонида будум.
– Парво накунен. Подара дар заминҳои Сафар чарондан бигирен! Ӯ заминҳо ай падаруш мондагӣ нестанд! Замин замини давлатай, – мегӯяд раис.
– Баракалло, Абдурраҳим,– гуфт Сафар ва илова кард:
– Каси дигар бошад, бало ба пасаш. Бахудо, ки мебахшидамаш. Давлат Бозор, ки мудом ай паям нависонавис мекуна, бахшидани и тариқ одам гуноҳай. Ҳаққи ҳалоли худама ма  ай даҳани аждаҳо кашида мегирум, Абдураҳим!
Ин дам Сайвалӣ  корро анҷом дода, тракторашро то назди ҳавлӣ оварду барои хайрухӯш ва гирифтани ҳаққи кор назди Сафар омад. Тракторчӣ ҳамроҳи Абдураҳими меҳмону соҳиби хона аз нав хӯрок хӯрдаву сӯҳбат карданд.
– Акаи Сафар, чанд вақт боз мегум  як чӣ пурсум, ба шарте малоли хотир нашава,– гуфта Сайвалӣ табассум карда гапашро давом дод:
– Барои чӣ мардум шумора Сафари Паҳ ном мебаранд, ҳами гапа нафаҳмидум?
– Ҳе, додар, Сайвалӣ,– гуфта Сафар, ханда карду гуфт:
– Лақаби Паҳа қиморбозҳо ба ма часпонда буданд. Аз ӯ давра вақти зиёд гузашту лақаб ба номум монду монд. Мехоҳӣ, ки нақл кунум?
– Ай дар номут садқа, шунавем,– ба ҷои Сайвалии тракторчӣ гуфт Абдураҳим ва илова кард:
– Ба Худо, ма ҳам ба и лақаб ҳайронум.
– Он вақт дар муассисаи рақами 10–и Кӯлоб ронанда будаму дар ихтиёрам мошини ГАЗ– 53, – ба нақл сар кард Сафар:

– Чиллаи тобистон буду ҳаво гарм. Аз ин сабаб ҳамроҳи Неъмату Ҳайдари ҳамкасбам, ки харду ронанда буданд, маслиҳат кардем, ки субҳи барвақт ба роҳ бароем, чунки дар роҳи Кӯлоб – Душанбе ҳангоми аз ағбаҳои Чормағзияку Шаршар гузаштан, оби мошин ҷӯш меомад ва зӯри муҳаррик дигар барои ҳаракати мошин намерасиду мумкин баъзан қисмҳои мошинро корношоям мегардонид. Он вақт аз анборҳои Тоҷикматлубот барои идораҳои савдои шаҳр орду дигар маводҳои озуқа мекашонидем.
Сафармон хуб гузашту борҳои лозимиро ба мошинҳо бор карда азми баргаштан доштем, ки ҷавоне мара кофта ёфту хабар кард, ки имшаб дар Тошкант бозии зӯр мешавад. Давлатшо гуфт, ки ҳамроҳи Муртазо мераванду шумо албата ба онҷо биёед.
Ҳайратӣ шудам. Мошин бор намедошт мерафтам. Барои зарурати бозӣ дар мошин маблағ доштам.
Давлатшо ҳамраҳи дилпур аст. Шояд акаи Ҳикмату дигарҳо ҳам барои бозӣ ба Тошкант бираванд.
Борро то Кӯлоб барам, рӯз бегаҳ мешавад. То шаб ба Тошкант расида наметавонам. Наравам кафкафаам мегирад. Мошини бордорро партофта рафта намешавад. Чӣ илоҷ ёбам?
Ҳамраҳи Ҳайдару Неъмат маслиҳкат кардам. Гуфтанд, ки мошинҳоро бор карда бошем ҳам то ҳол аз дохили анбор набаромадаем.
– Мошината ба қаровул месупорию чор тарафат қибла, – гуфт Неъмат. – Мо ба Кӯлоб расидем, мегӯем, ки мошинат вайрон шиду омада натавонистӣ.
– Дар Тошкант чанд рӯз мемонӣ? – пурсид Ҳайдар.
– Саҳарӣ баргашта меоям, – гуфтам ба ӯ.
– Шоб то ба рӯз миҷа таҳ накарда қимор мезанию чӣ тавр саҳарӣ ба ин ҷо мерасӣ?
– Зӯрат биёяд ҳама корро мекунӣ, – ҷавоб додам ман.
– Чӣ рӯзи ногузар дорӣ, ки зӯрат меомадасту ҷоната дар азоб мемонӣ? – пурсид Ҳайдар.
– Қиморбозӣ ҳам касал аст. Медонен, ки солҳо боз ба ин дард гирифторум. Зиндагӣ ҳамин аст, Ҳайдар,– гуфтаму шарҳ додам: –Як кас арақа дӯст медораду дигаре ба занакабозӣ шуғл дорад. Сюмӣ аспбозу кавгбоз аст. Ма ай хурдӣ қиморбозум. Чӣ хел фаҳмидӣ, Ҳайдар?
– Нағз фаҳмидум,– гуфт Ҳайдар. – Феъли бад, ки ба хун даромад бо ҷон мебарояд!
Мувофиқи маслиҳати ҳамраҳон мошина бо бораш ба мӯйсафеди қаровули анбор, Бобои Алӣ супоридаму гӯфтам: – Амакӣ пагоҳӣ, ки омадум розиат мекунам.
Аз кабини мошин рӯймоли пулро гирифта ба миён бастаму ба майдони ҳавоӣ рафтам, ки худобарост сардори милисаҳо Трягубов Николай Игнатевич, ки пеш вақт дар Кӯлоб кор макарду бо ман шиноси наздик буд, аз пеши роҳам баромад. Салому алек кардему пурсид:
– Сафар чӣ саргардонӣ?
– Кори зарур баромадаст. Тошкант парвоз карда рафтанам лозим.
– Зуд бош, ки баъди бист дақиқа тайёра ба тарафи Тошкант парвоз мекунад.

– Ма пулаву чиптаам бигир! Ҳолӣ ма равум, –  чипта нест, – гуфта саргардонум мекунанд, - хоҳиш кардам аз милиса.
Хулоса, рӯз бегаҳ нашуда ба Тошкант, ба хонаи Расул расидаму қиморбозҳои дигар дер карданд. Ба ҳар ҳол, то фарорасии шаб Давлатшову Муртазо омаданд, лекин акаи Ҳикмат чӣ фикр кард, ки наомад.
Бозигарони Озорбойҷону Русия, гурҷҳо ҳам дар бозӣ буданд.
Дар охир бурд бурди мо шиду нисфи шаб норасида бозигарони узбак бозира ба охир нарасонида  бо кадом баҳонае хеста рафтанд. Гуфтанд, ки давоми бозӣ шаби дигар.
Ҳайратӣ шидем.
Бозигарони аз ҷоҳҳои дур омада ба и рафтор  мисли мо ҳайрону ноумед, парешон  шиданд.
Мо се тоҷики тоҷикистонӣ ва Рустами тошкантӣ  вазъро нафаҳмида ба берун баромадем. Маву Давлатшо бурди калон карда будем. Муртазову Рустам дар қатори дигарҳо ҳама дороишона бой дода, зиқу хафа буданд.
Рустам таклиф кард, ки ба хонаи ӯ равем ва боқии шабро онҷо гузаронем, ки ма  розӣ нашудаму гуфтам:
– Рустам, имшав дарди сари ту намешавем. Ба дигар ҷо меравем.
Парво накунен,– дилтиҳӣ карданӣ хостам  Рустаму Муртазоро.
– Шумора мо  бенаво намемонем. Давлатшо марде ҳаст, ки ҳеҷ вақт ягонтаи мора дар нимараҳ напартофтааст. Шумо чанд маротиб дасти моро гирифтаед. Мо ҳам ай шумо қарздор намемонем.
Хуб мешава, ки нақшаи ай дасти узбакҳо халосӣ ёфтана тартиб бидиҳем.
Ягон вақт бозӣ ин тариқ зуд тамом намешид. Узбакҳо диданд, ки бахт тарафи мо гашт, бозиро бас карданд. Ягон номаъқулие ба нақша мегиранд. Моро бо бурди калон осуда намемонанд.
– Гапат ростай, Сафар! – баъди мулоҳиза гуфт Давлатшо. – Ма ҳам чизера пайхас кардам. Инҳо аз пайи мо меафтанд. Чӣ чора кунем?
То шави дигар инҷо монданамон хавф дорад.
– Ба хонаи Рустам не, меҳмонхона меравем,– гуфтам ман ва мақсадамро шарҳ додам: – Аввал, ки меҳмонхона ҷойи серодам аст. Баъд,  дар ҳар ошёна  милиса ҳаст. Меҳмонхона, ба фикрам, ҷойи аз ҳама бехавф.
– Рустам, ту ҷӯра ба хонаат бираву соатҳои дуи шаб барои мо дар халтае ягон хӯрданӣ меовардагӣ барин баҳона карда меҳмонхона биё. Мо то он вақт ягон раҳ мекобем, чораву тадбир меҷуем, ба ягон хулосае меоем.– раҳ ба раҳ гуфт Давлатшо ва Рустам рафт.
Рафту аз соати ду барвақтар омада моро ёфт. Балки мо хоб нарафта, омадани ӯро интизор будем. Дар чунин вазъ  хоби чӣ?!
– Ба хона рафта мошината гирифта, ҳо ба кучаи тарафи марказ мерафтагӣ меоию сад метр аз чароғаки раҳнамо қафотар моро интизор мешавӣ,– маслиҳат дод Давлатшо ба Рустам ва боз гуфт:
– Моро ба раҳи чап имшаб ба Термиз мерасонӣ Рустаму гашта меоӣ. Узбакҳо диданд, ки мо дар меҳмонхона ҷо гирифтем, имшаб бароҳат хоб мераванду саҳарӣ аз қафоямон мешаванд. Онҳоро чапғалат дода то саҳарӣ худмона ба Термиз расонем, отарафаш гӯё дар хонаи худем. Бо поезд ё таксӣ то Қурғонтеппаву Душанбе расидан осон.

Аз ин бало моро раҳонӣ Рустам, қарздор намемонем! Аз Термиз аз мо розӣ бармегардӣ!
Рустам рафт. Мо омодаи сафар шуда, раҳро дидаву санҷида хапу хилват худро ба қарибии ҷои нишондод гирифтем ва баробари омадани Рустам ба мошини ӯ нишаста раҳ сӯйи Термиз пеш гирифтем…
– Ҳафтайи дигар, шаби шанбе дар Регар ҷамъ мешавем,– гуфт ба маву Рустам Давлатшо ва боз таъкид кард: – Акаи Ҳикмату дигар рафиқора огаҳ кунен!
– Насиб бошад меоем,– гуфтам ба Давлатшо ва ҳамроҳи Рустам хайрухӯш кардем.
Нисфирӯзӣ ба Душанбе расидаму ба анбори Тоҷикматлубот омадам. Ҳангоми салому алек як панҷоҳсӯмара ба кафи амаки Алии посбон додаму аз ӯ дуо гирифта мошина тарафи Кӯлоб ба роҳ даровардам…
Бурди калон, ки дар он бурд ба номам лақаби Паҳ часпонданд, як шаби шанбеи зимистонӣ дар Ҳисор шида буд. Давлатшоҳи дарвозию Муртазову акаи Ҳикмат омадани мара дар ин бозӣ дида хурсанд шиданд. Ҳамроҳашон чанде аз рафти бозии ҳафтаи гузашта сӯҳбат кардем, ки бозигарони дигар Неъмати рубаву Ҳасану дигарҳо ҷамъ шиданд.
Бозира сар кардему қариб бист кас даврара гарм гирифтем.
Ин дафъа таклиф шид, ки вара бозӣ мекунем ва бозӣ то дами субҳ давом кард.
Дар ин тарзи бозӣ маълум, ки каси бой додагӣ, агар дигар маблағ надошта бошад, аз бозӣ худ аз худ бадар мешавад. Аз тарафи дигар, картаи ду каси дар бозӣ иштирок мекардагӣ, фарз кардем, 21–21 холӣ, ё бигӯем 18–18 холӣ омад, вара, яъне, зам гардидани маблағ ба хазинаи бозигарон давом мекунад. Каси нав ба бозӣ дохил мешудагӣ баробари нисфи маблағи дар вара ҷамъ гардида ҳатмӣ бояд сӯм партофта худро ба бозӣ ҳақдору шарик кунад.
Авҷи бозӣ бисёриҳо маблағҳои доштаашона бой дода, аз бозӣ қафо шишта тамошо доштанд, ки холи ду бозигар боз якхела омад ва ба вара боз сӯм зам гашт.
Ду даст гушта будем, ки қартаҳои маву Давлатшо боз баробар хол нишон доданд. Яъне дар ин бозӣ хазинаи вара аз ин ҳисоб бори чорум бой шид. Дар мобайн маблағи калон зам гашта буду охири бозӣ ду кас, маву Давлатшо мондем.
–Дарвозӣ, Худо ин дороира ё насиби ту, ё ай ма мегардона,– гуфта будум, ки Ориф пули калона дида ба завқ омаду гуфт: – Ма ҳамроҳ мешавум!
– Варара ҳисоб кунен! – фармуд Давлатшо ва шахсони вобаста ба тал чидани сӯму ҳисоб кардан даромаданд.
– Яку дуву севу… сию панҷу сиюшаш ҳазор,– гуфт яке аз касони пул ҳисоб мекардагӣ ва гапашро такрор кард? – Сиюшаш ҳазор сӯм,(он вақт ин миқдор сӯм баробари панҷоҳ ҳазор доллар буд).
– Пули Орифа ҳисоб карда ба вара ҳамроҳ кунед! – фармуд Давлатшо ва илова кард: – ма якуним ҳазор сӯм партофтам, Сафар намедонум чанд илова кард.

–Ма сад сӯм партофтум,– гуфтум, то ҳамраҳонам аз қартаи хуб доштанам огаҳӣ пайдо накунанд.
Пули партофтаи Ориф ҳабдаҳ ҳазору панҷсад сӯм ба вара, яъне ба сию шаш ҳазор сӯми пештара зам гардид.
– Навбати тақсим аз ту аст, Давлатшо! – гуфтам ман.
– Қарта гирифтаму зиракона ба неши чашм дидам, ки якум нуҳи дил, дуюм тузи дил, сеюм даҳи дил омад ба ма. Гуфтам: - Бачаҳо, бозӣ пӯшида! Ва худ ба худ андеша кардам, ки охири бурд 33 хол аст. Аз ма 30. Худоё, тараҳум кун!
Орифу Давлатшо ноилоҷ, хоҳу ноҳоҳ ба таклифам розӣ шуданд.
Давлатшо қартаҳои гирифтааша наздаш монд. Ориф қартаҳоша дар пешорӯяш нигоҳ медошт.
Гуфтам: – Ба навбат қартаҳора кушоен!
Аввал Ориф кушод, 21 хол.
Давлатшо, бамулоҳизаву оҳиста қартаҳояша рӯгардон кард, 0.
Мард ноумедона оҳ кашид.
– Ай мара худатон кушоен,– хоҳиш кардам ба ҳарду бозигар ва Ориф, ки дар барам нишаста буд, қартаҳоямро боз кард ва маълум, ки бо 30 хол бурд, бурди ма буд.
Аз хурсандӣ буд ё ҳаяҷон, ки яку якбора ба тамоми овоз: – Паҳ! Наход, ки и маблағи калона Худо ба ма муяссар гардонда бошад! – гуфтам. Овозум хонара ба ларза даровард ва бағал кушода маблағи вараро тарафи бағал кашидам.
– Афсӯс! Пули калон Кӯлоб рафт! – гуфт ба ҳасрат Давлатшо.
Ориф оҳи бадард кашиду ҳарфе нагуфт.
Баъди ин бурд андеша кардам, ки хоҳу ноҳоҳ дар бозиҳои оянда ин пулро бой медиҳам. Биё дар зиндагӣ як маротиб фикри баақлона кунам ва ҳамин тавр рафтор кардам.
Бо ин маблағ барои фарзандҳо дар Душанбе ду хонаи панҷҳуҷрадори кори калон харид карда ба Ховалинг омадам. Омадаму дар ҳаққи рӯҳу арвоҳ нон карда хешу табору ҳамсояҳора зиёфат додам. Дар қишлоқи Чуқурак хавлии калон гирифта, дар нисфи он барои аҳли деҳа масҷид ва дар нисфи дигари ҳавлӣ барои оилаам хонаи истиқоматӣ сохтам. Дар сохтмони масҷид раиси Ҳисайни Давлатшову мардуми қишлоқ мадад карданд. Гуфтам, аз пули қимор ҳам бошад, савоби дуову намозҳои дар масҷид хондаи мардум ба рӯҳу арвоҳ мерасад.
Гову моли зиёд харид кардаму аспи бузиву мошин. Ба подомани мазори Сайид Амири Фиғонӣ, ба деҳаи авлоду аҷдоду гузаштагонам, Хонақои северодара омадаму ба корҳои бунёдкорию ободонӣ, хонасозӣ оғоз бахшидам. Ҳамин ҳавлию хонаҳора обод кардам.
Ана меҳмонои ҷун, ай ҳамон рӯзи дар қимор бурди калон кардану аз завқ «Паҳ!» гуфтанам, қиморбозҳои ҳамраҳам ба номам лақаби Паҳро часпонданд ва маро дар ҳама ҷо мардум чун Сафари Паҳ ном мебурдагию мешинохтагӣ шудаанд…
Сайвалии тракторчию Абдураҳим ин дам ҳар кадом аз нақли Сафар кайфияти ба хад хосе гирифта хестанӣ шуданд.

– Ҷонум садқатон! – гуфт Сафар, вақти хайрухӯш ба меҳмонҳо.
Ва баъди рафтани онҳо  аспашро савор шуда тарафи пуштаи Кулолиён роҳ пеш гирифт то аз пода ҳақашро бигирад.
Ҷумъаи подабон омадани Сафарро аз дур диду ӯро шинохт. Ҳарду мард солҳо боз  шинос буданд. Ба қавли Ҷумъа Ховалинг мисли рӯйи кафи даст он қадар калон нест, ки мардум якдигарро нашиносанд. Балки дар ин мавзе кӣ чӣ гуна нафас мегирад, мисли ҳамсояи дар ба девор мардум аслан ҳамдигарро медонанд, аз феълу атвори ҳам бохабаранд.
Сафар, баъди саломи ҳолпурсӣ бо Ҷумъа, аз хурҷин рӯймоли бастаро бароварда, гӯшту чормағзи печонида барои подабон овардаро ба дасти Ҷумъа дод. Мард медонист, ки подабон дар адир ҳафтаву моҳ думболи посбонии чорво аст, ба ғизо имтиёз дорад.
–Саломатии аҳлу аёл, корҳоят чӣ хеланд?– пурсид Ҷумъа ва илова кард:
– Чӣ зарурат ба ин ҷоҳо овардат, ака?
– Ҷумъаи ҷон, – гуфт Сафар. – Дарак  дорӣ, ки панҷ сари сол  аст подаи шумо дар заминҳои  ма мечарад?  Ба воситаи шумо Давлат Бозора хоҳиш кардам, ки шартнома бандад ба зима нагирифт. Аниқаш, мара дар ҳисоби одам нушумурда шуморо таъкид қард, ки замина Худо халқ кардааст. Сафар гуфтан мегирад. Омадам, ки ҳақама гирифта барам.
– Бахудо, акаи Сафар чанд маротиб ба раис таъкидата расонидам, гуфти худат писанд намекунад.
Ҳамин саҳарӣ, ҳо ҳамон модгови қазоқӣ гӯсола зоид. Гирифта бар. Даъво кунад, пеши Худову банда шоҳидӣ метум, ки мардак ҳаққи ҳалолаша гирифта бурд. Панҷ сол зиёд мешавад, ки дар ҳамин заминҳо пода мечаронум.
Сафару Ҷумъа ба пастхамӣ, назди гови гӯсолазоида рафтанд, ки гов ин дам ба лиштани гӯсола машғул буд.
–Кай зоид, гуфтӣ? – пурсид Сафар аз подабон.
–Гуфтам–ку, ҳамин саҳарӣ.
– Модагови хуб будааст,– тарафи гов бо чашми харидорӣ зеҳн монда гуфт Сафар.
–Гуфтум–ку. Гови зоти қазоқӣ аст. Ҷувонаи и гов то шашсад кило вазн мегирае! Дар тақдират нарӣ зоидааст. Бар, акаи Сафар, ҳаққи ҳалолат, насибат кунад!
– Ма ба асп сувор мешавуму гӯсолара ба ма бидеҳда пеши қоши зин бигирум, гов ай думболи асп меояд. Паноҳат ба Худо Ҷумъа,– гуфта Сафар гӯсоларо дар болои асп пеши бағал гирифта тарафи хонааш рафт.
Фардои он рӯз аз нав даводави Давлат Бозор ба милисаву додхоҳ сар шуд. Намояндаи халқ дар парлумон бо кадом роҳ аз Сафар қассос гирифтанро намедонист ва гову гӯсолаашро аз дасти Сафар гирифта ҳам натавонист, зеро Абдураҳиму Ҷумъаи подабон ба ҳама намояндагони пурсупоскардаи органҳои қудратӣ баёнот доданд, ки подаи хоҷагиро панҷ сол боз дар чарогоҳҳои ба Сафари Паҳ тааллуқ дошта чаронидаанд ва роҳбарони хоҷагӣ ба Сафар шартнома набаста буданд.
Сафар бо аҳли оила  ширу  ҷурғоту дӯғу маскаи говро роҳати ҷон мекарданд…

X X X

**У11**

Дӯсти давраҳои кӯдакию ҷавонии Сафар, Ҳайдари Мармар ба Хонақо, ба аёдати ӯ омаду Сафарро дар ҳолати ногувор дарёфт.
Хабар ёфта буд, ки Сафар аз асп афтида, дасту поҳояш варам овардаанд. Барои аз як ҷо ба ҷойи дигар рафтан ба азобе ҳаракат дорад.
Баробари аз мошин хамбидан,чашми Ҳайдар ба Сафару дар атрофаш рӯйи алафҳо ба бозӣ машғул будани сагҳои хонадон Ҷеку Калла афтод, ки омадани мошину меҳмонро  дида, андаке аз таги тут дуртар рафтанд ва Ҳайдар пурсид:
– Акаи Сафар, саги захмӣ сиҳат шид?
– Саг сиҳат шид Ҳайдару маиби якумра гаштааст. Ашки гуроз рагҳои хиссиётии қисми қафои сага зарар расониданд, ки аз миён поёни саг корношоям аст. Намебинӣ, ки худаша кашида – кашида мегардад. Ба ҳар ҳол зинда монд, ҳамин ҳам давлат аст. Ҳамраҳи саги калон ҳавлию хонара ҳаминҳо бонӣ мекунанд.
– Хабарут бигирум,– нигоҳашро аз сагҳо канда гуфт Ҳайдар: – Дарак ёфтум, ки нотовӣ.
– Тани гарм бе дард намешава, додар,– ҷавоб гуфт Сафар ва ҳарду зери сояи тути ҳавлӣ рафтанд.
– Бе бало намегардӣ, Сафар! – гуфт Ҳайдар, баъди рӯйи курпача нишастан.
– Боз чӣ балора ба сар бурдӣ?
– Рост мегӯйи Ҳайдар, – гуфт Сафар ва илова кард:
–Бало ай таги по мехеза, мегуфанд, бовар намекардам. Акнун, ки ба сарам омад, бовар кардам. Сабил, Зафари туғакӣ мошинма  харид кард, пулаш нарасид. Гуфт, - ака, аспум бузиҳай. Ба бадали панҷ ҳазор сӯм бигир.
Ба хонаш рафтуму аспа дидум, гӯшо халта задагӣ. Гуфтум, аспи пашпалоқдумби ту мисли хари дарвозӣ ба ҳазор сӯм намеарзаву ту мегӯйӣ дар бадали панҷ ҳазор сӯм бигир.
– Бахудо и асп ба хироҷи мамлакат меарза, акаи Сафаре! Аспа паст назан, ки малол мешавум, – гуфт Зафару муҳобот кард:
– Ба афту андомуш нигоҳ накун, ака! Кора шамшер мекуна на ғилоф. Аспа аввал савор шаву бубин, баъд мефаҳмӣ.
– Ма ҳам исту бест накарда гуфтум, биёр зину лаҷома!
Мард, аспа зин заду қамчина додум. Майи сода, болои зин савор шиданма медонум. Як қамчин зада будум, ки сабил, асп аз чизе ҳарос кард, ё мара нашинохту  аз чизе тур кардусари ду по рост хесту кашид марае.
Зафари соҳибаш оили аспа сахт накашида будаст, ки зин чаппагардон шиду порикоб шидум. Асп дашти бедия ёфту чанде кашид мара, ки ҷура на по монду на миёну сар. Ҳама аъзои баданма мегӯйи дар уғрак кӯфта бошанд, ки  хулбуте кард, ки баъди қарор гирифтан  ай асп фуроварданум мурдайи тайёр. Поҳо ай зону поён пӯст кандаву гӯшт дариданд. Дастҳом ай ӯ бадтар. Шукр, ки сарум ба ягон санг барнахӯрд, набошад ай сад ҷон як ҷонум намераҳид. Ҳолӣ мебинӣ варамо  гаштанду ба одам монанд шидаме.

Чанд ба ҷоҳои варавоварда рӯғани сағуру қашқалдоқу хирс мемолию дар алов медорӣ?
– Намурдаӣ шукр,– гуфта дилбардорӣ кард дӯсташро Ҳайдар.
– Ина бин, пӯсти по то куҷо кандасту сергӯштӣ чӣ қадар даридаст,– гуфта Сафар почаашро боло карда ба Ҳайдар нишон дод ва Ҳайдар дид, ки дар ҳақиқат пои Сафар ҷо–ҷо мисли кундаи пӯстканда варам овардааст.
– Ганда мурдан надорад! – мегӯӣ худат ку, – гуфта шӯхӣ кардан хост Ҳайдар ва Сафар аз ин рӯҳ гирифта гуфт:
– Рост, гандара ҳеҷчӣ намешавад, Ҳайдар!
– Сафар ай сағерагиҳот, ки ҳамин хел ҷонсахтӣ. Балот намезана! Гуфтанд, Сафара асп порикоб кардаст, гуфтум хабарут нагирум намшавад. И хел мефаҳмидум, ки пову дастут камтар варамай намемадум.
Ба Худо, ҳамӣ рӯз хабар ёфтум, ай Душанбе хабаргирит омадум. Арақи тоза овардуме Сафар! Намегирем?
– Арақу қимора ҷура мо кайҳо бас кардем. Насибмон карда боша дар зиндагӣ арақа хела хӯрдему қимор задем.
– Бас карда бошӣ, мусулмон шидаӣ?
– Ма ай вахтуш мусулмон будум. Ба хӯрдани арақ гунаҳгор мешавию кофир не, Ҳайдар! Ту менти номусулмон, мусулмонира чӣ медонӣ! Намебинӣ, ки чанд сол мешава ма дар подомани азизу бузаргвор, мулка обод кардум, ки хайр кунуму тавба?! Парвардигори лакбахш гуноҳҳои кардагима бубахша.
– Шӯхӣ кардум, Сафар,– гуфт Ҳайдар.
– Хайр, ай омаданут минатдор, Ҳайдар. Арақ хӯрданат форад, бигир, роҳат кун,– гуфт Сафар, ки ба ёди Ҳайдар чӣ ҳодиса заду пеши гапи Сафарро гирифту гуфт:
– Ба ёдат ҳаст Сафар, ки айни сағерагӣ кафи ҳамӣ дастма бо корд бурида чок карда будӣ?
–Хоҳ, ёд надорум. Ҳаму вақт айби туву акаву додарот шиде! – гуфт Сафар.
– Айби чӣ доштем мо? – пурсид Ҳайдар.
– Ба куча баромада будам, ки ҳамраҳи акаҳот гирдма маҳкам гирифтен. Калтаку арматуру кордча дар даст, фаромӯш кардӣ?
– Дар ёдум ҳаст, лекин ту ҳар кадоми мора дар алоҳидагӣ лату куб мекардӣ–ку?
– Баъд, акаву додаро, ҳама якҷоя шида ба дови куштани ма буромаден?– гуфт Сафар.
– Куштан нею, хостем алови чашмта бигирем.
– Хайр, баъд худма ҳимоя накунум?– гуфта Сафар гапашро давом дод: – Шумо чор нафару ма тоқаву танҳо. Ҳозир донистӣ, ки асп маибам кардаст, қассоси ҳамон давраи кӯдакира гирифтанӣ наомада бошӣ, Ҳайдар?
Эй менти палковник! Ба болои мурдаи ма гузашта наметавоние!
– Бас, Сафар, ки ма як умр ҳавои даҳанта медонум.
Қаҳри Сафар аз пештара дида боло гирифту гуфт:
– Бас не! Ҳаму вақт дами корда мегирум гуфта кафи дастата чок кардам, ки рехтани хуна дидиву ҳушат якбора рафту ба замин ғалтидӣ. Акаҳот дар гурезогурез заданд.

Ба ёдат ҳаст, ки боз ма корут омадум? Пуштора карда табобатгоҳ бурдамате! Чоки кафи дастата духтурҳо дӯхтанду баъди доруву дармон, дасти маибта ба гардан овехтан. Боз ма ай таҳи кашат гирифта то дари даврозатона овардумут.
– Нишони ҳаму корди задаат ҳолӣ ҳам ҳаст Сафар,– гуфт Ҳайдар ва кафи дасташро кушода нишон доду гуфт:
–Ана бубин! Аз байн як умри одамӣ гузаштааcту нишони кори бадат мондааст. Ҳар саҳарӣ, бо мақсади рӯшӯӣ ба кафи дастам ов бигирум, ту ба ҳами афти хунукут пеши рӯм меоӣ. Чӣ рӯзҳои хотирмон буданд, давраҳои ҷавонӣ.
– Рост Ҳайдар,– гуфт Сафар андаке ба хаёлот дода шуда ва аз Ҳайдар пурсид:
– Шунидум, ки чанд рӯз боз дар ҳамин тарафҳо мегардӣ, тинҷӣ ҳаст?
– Ай вазорат Шукнов равонум карданд,– ҷавоб дод Ҳайдар.
– Супориш доданд, рафта масъалаи ғорат кардани тиллову алов задани агрегату техникаҳои дар сари кони тилло шикаставу пора кардара санҷида меоӣ.
– Рафтӣ, дидӣ?
–Рафтам, – гуфт Ҳайдар ва илова кард:
– Аз он вақт се сол гузашт. Намедонум, панҷ – шаш маротиб дигарҳо омада санҷида рафтанд. Касе сару нуги масъала, гунаҳгорони асосиро намеёбад.
Яроқбадастои Ховалинг мегӯянд, ки ҳама ин бетартибию ғорати 27 килло тиллои кон кори Мирзо Ҷагаву тавилдарагиҳо аст. Яроқбадастои Тавилдара мегӯянд, ки ба тарафи Шукнов аз он тараф кассе аз мо гузар накардааст. Мо ҳам ба ягон хулосаи дуруст омада натавонистем.
– Айби асосӣ камшуурию дарандатабиатии мо мардуми тоҷик аст! –гуфт Сафар ва илова кард:
– Масъалаи дар давраи бесарусомониҳои ҷанги шаҳрвандӣ ай кони тилло гум шудани миқдори калони дороии халқ, сӯхтаву пора кардани даҳҳо экскватору булдозеру мошинҳои пуриқтидор, ки нархи ҳар кадом аз миллионҳо сӯм боло аст, бояд кушода мешуд, лекин ай дасти ту барин ментҳои бесалоҳият ҷиноятҳо нокушода мондаанд.
Баромада муҳаррики мошинҳои «БЕЛАЗ»–а дидӣ, ки бо болға шикаста пора карданд? Дидӣ, ки ошхонаи англисҳо овардаро саропо кандаву сӯхтаанд? Мошинҳои тиллошӯии аз Магадан овардара дидӣ, ки шикаставу пора карда ба нестӣ расониданд? Экскватори худгарди ба миллионҳо сӯми халқ харида овараро дидӣ, ки ба чӣ ҳол гирифтор карданд?!
Бигирем, ки одамон гунаҳгоранд. Мошину агргатҳо чӣ гуноҳ доранд, ки ба дасти душман намонанд, гуфта ҳамаро сӯхтаву шикаставу пора кардаанд?! Душманон киҳо будаанд? Халқу миллати тоҷик, мову шумову худи ҳамон сакалтуҳои ин ҷиноятҳора содир кардагӣ!
Даъво мекардем, ки Искандари мақдунию Чингизу арабу урус омаданду моро ғуломи худ карда, тиллои моро асрҳои аср ғорат карда бурданд. Соҳибистиқлол шидему кони тилло азони мо тоҷикон шид. Ҷанги бемаънира баҳона карда додару фарзандони худамон, ки ҳамаи онҳоро худамон калон кардаву рӯйи кору мансаб баровардем, рӯшоду пинҳон дороии конро

дуздида бурданду ба мақсади рӯпуш кардани гуноҳи худ даҳҳо техникаи ободa шикастуву сӯхтаву вайрон карда гунаҳро ба гардани ҳамдигар бор карданием.
Ғазаби Сафар аз нав боло гирифту гуфт:
–Ҳайдар, бигу, ки Абдуллои корманди амнияти Ховалинга барои чӣ дар дари идораи давлатӣ, дар ҷойи кораш тирборон карда куштанду ҳавлию хонаи ӯро бо белу зоғнулу каланд саросар шудгор гузаронида тилло кофтанд?! Ин кора мардуми Тавилдвра кард, магар?! – пурсид Сафар ва ба нутқи дуру дарозаш хотима бахшид.
– Намедонум, – кутоҳ ҷавоб дод Ҳайдар.
– Ҳамаи милисаву амнияту додхоҳу додситони Тоҷикистона ба Ховалинг биёранд, мисли ту Ҳайдар намедонум мегӯянд! Тиллои таёри дар анбори кон буда чӣ миқдор буду онро кӣ дуздиду бурд, намедонед! Киҳо ҳама техникаи дар кон мавҷударо несту нобуд карданд, намедонед! Абдуллоро барои чӣ ва кӣ дар пеши чашми мардум тирборон кард, намедонед! Гӯри Абдуллоро баъди мудате кӣ кандаву сари ӯро аз ҷисми беҷон дар гӯр буридаву беруни гӯр бароварда, дандонҳои ӯро ба сангу болға шикаставу пора карда, тиллои дандонҳоро гирифта каллаи нимпӯсидара рӯйи раҳ партофта рафтанд. Ту Ҳайдар ин ҳамаро намедонӣ, органҳои қудратӣ, амнияту прократураву суд намеёбанду намедонанд!
Шумо чиро меёбеду медонед? Шикастану куштану сӯхтану ғорат карданро медонед, шумо?! На худро гунаҳгор мешуморед, на гунаҳгорро ҷуста ёфта метавонед! Яъне худи шумоед каси гунаҳгору айбдоркунанда, ки бо ҳамин як калимаи намедонум, худро дар назди халқ бегуноҳ нишон доданӣ мешавед!
– Сафар, хаёлам, вақти порикоб сарат ба санг бархӯрда майнаат осеб дидааст, ё дар ин қадди дара тоқаву танҳо зиста яқин ақлат костааст,– аз гапҳои Сафар хулоса бароварда гуфт Ҳайдари полковник.
–Чӣ гуфтӣ, Ҳайдар?! Костааст, гуфтӣ?!
Ҳа, ақли ма дар ҳақиқат костааст, Ҳайдар! – ба танбеҳ гуфт Сафар ва илова кард:
– Милиса шуда, худата маданӣ гирифта, Душанбе рафта калимаи костааста ёд гирифтӣ?
Ба ҷойи костааст, девона шудаӣ, намегӯӣ, ки мардум фаҳманд?! Боз ба ту мегум, Ҳайдар, ки и гапа аз вақти ба Душанбе рафтанат ёд гирифтаӣ! Ақлам мегирифту костааст намешуд, мисли ту рутбаи полковникӣ мегирифтаму ҳодисаву воқеа санҷида, намедонуму намефаҳмум, гуфта давлату халқа фиреб дода мегаштум! Мисли ту ана ин хел мошини «ҶИП»–и нав суворӣ мекардуму асп порикобум намекард, ақлам намекост, Ҳайдар!
– Сафар, хабаргирит омадаму ба бало мондам,– андак ранҷида гуфт Ҳайдар. – Гапҳои хуба фаромӯш кардаӣ?
– Ақлам, ки коста бошад, дар и кала гапи хуб ай куҷо мемона, додар?!
–Хайр, бубахш, акаи Сафару биё масъалаи бо Давлат Бозор судбозита бигу, ки ай даҳани мардум шунавидаму ӯ қадар соз не. Ӯ вақт ахир кадоматон ғолиб баромаден?– ҳушу ёди Сафарро ба масъалаи дигар бурдан хоста пурсид Ҳайдари полковник.

Зани Сафар дастурхон оварду чурғот, меваву анвои хӯрданӣ. Сафару Ҳайдар ҳанӯз машғули баҳсу мунозира ва сӯҳбат буданд.
– Ҳама ҳодисара медонӣ Ҳайдару боз таҳпурсӣ мекунӣ?– гуфт Сафар, аз нав сӯҳбатро идома бахшид.
– Не бахудо! Аз ҳама ҳодисаҳо бохабараму кашмакшу судбозии охиринтона ҳамроҳи Давлат Бозор намедонум, гуфт Ҳайдар.
– Касе андаки ҳодисара нақл карда буд, ки хуб нафаҳмидум. Ку аз забони худат шунавем.
– Кашмакашу паррондани Мирзо Ғанӣ дар сари замини ғаллара хуб медонӣ, Ҳайдар. Ана давоми ҳодисара гӯш кун.
– Судбозии Мирзо Ғанӣ ба ахир нарасида ба номум даъватнома омад, ки рӯзи душанбе, соати ҳашти саҳарӣ ба бинои суди иқтисодии вилояти Хатлон, ба шаҳри Қурғтеппа ҳозир шавен.
– Худое, и чӣ рӯз аст?– гуфтам худ ба худ ва андеша кардам, ки ба ин қадар кашмакаш дили Давлат Бозор хунук нашуда, боз навис–навис кардааст. Замин аз сари маву ӯ сабил намонд, ки ҷонмон халос шавад.
Суди Ховалинг масхъалара як ҳафтаву ду ҳафта санҷидаву дида муҳокима карду ба манфиати мо бистуяк нафар деҳқон ҳал кард.
Давлат Бозор ба ин тарз ҳал шудани масъала қонеъ нашид. Мардак аз болои ҳамаи мо ба суди минтақаи Кӯлоб муроҷиат кард.
Суди минтақа мисли инаш бистуяк ҳуҷҷата тагурӯ гардонду чангашона афшонд. Се маротиб маҷлису гуфтушунид кардаву ҳайати мушовара таъсис додаву муҳокима карда ахири ахир мо хоҷагиҳои деҳқонӣ доштаро ҳақ баровард.
Раиси Давлат Бозора қарори ин суд ҳам қонеъ накард. Ҳарчи мехост заминҳои кишту чарогоҳҳоро аз дасти мо кашида қонунӣ карда бигирад, ки натавонист. Ин дафъа ба суди иқтисодии вилоят муроҷиат кард ва мо маҷбур бояд ба он ҷо мерафтем.
Чӣ сохти ҷамъият асту чӣ пояи давлатдорӣ, намефаҳмам? Аз афташ, охири умр асту ин намояндаи халқ дар парлумони малакат моро ҷонсарак кардан ният дорад. То ҷони моро нагирад, аз дасти ӯ халосӣ надорем.
Чӣ илоҷ? Рафтам назди раиси ҳукумат. Ба Тоҷиддини Рауф вазъията фаҳмонидам, ёрӣ пурсидам. Гуфтам мо бистуяк деҳқона суди Қурғонтеппа фарёд кардааст.
Ёрии раис ҳамин шуд, ки ба раиси дастгоҳаш Ҳисайни Шариф фармуд, ки ҳамроҳам ба суди Қурғонтеппа мераваду ҳуқуқи бисту як деҳқона мо ду кас ҳимоя мекунем.
–Ҳуҷҷатҳои дигаронро ту ҳамроҳат мебарӣ! – фармуд раис ба Ҳисайн ва мо тайёрии сафар дидем.
– Хаёлам, Давлат Бозор, бо ин кирдор гумон дора, ки мо ба ҷон мерасему заминҳомона ба ихтиёри ӯ партофта, сар мулки Худо гирифта аз Ховалинг баромада меравем.
Хато мекунад. Намедонад, ки дар ин умри кутоҳи худ Сафар офату балоҳои зиёда аз сар гузаронидаасту ба осонӣ ҷон намета.
Натарс, Ҳисайн! Дар бари ма бошӣ ма дар ҳама ҷо ҳуқуқама ҳимоя карда метавонам!

Мошин гирифтему соати ҳафти саҳарӣ дар Қурғонтеппа шидем. Кофта – кофта идораи суда ёфтем, ки дар бинои баландошёна ҷогир будааст.
То саршавии соати корӣ вақт буду ҳамраҳи Ҳисайн ай бекорӣ атрофа тамошо кардем.
– Ба Қурғонтеппа омадӣ дар киссаат чанд сӯм дорӣ?– пурсидум аз Ҳисайн ҳангоми тамошо.
– Бахудо, ба умеди туам, Сафар, ягон сӯм надорум,– гуфт Ҳисайн ва аз ма пурсид:
– Ту чанд сӯм дорӣ?
– Сездаҳ сӯм дорум, Ҳисайн. Хайр, Худо подшоҳ аст,– гуфтум.
Соат ҳашт шиду коргарҳо якта– якта ба идораҳошона омаданд. Касе парвои мо накард.
Соатҳои ҳаштуним аз тирезаи қабати сеюми бино, ки идораи суд дар ин қабат ҷогир буд, ба берун назар кардаму дидам, ки мошини жигулии сафед ба майдони назди бинои баландошёна омаду Давлат Бозори депутат аз мошин фуромада ҳаловона, (саросема), ба дари бино даромад ва ба поғундаҳо ба қатори сеюм баромада тарафи мо назаре накарда, рост ба идораи раиси суд даромад.
Ронандааш ҳам мисли раис дарҳои ҳуҷраҳои биноро як– як кушодаву пӯшида ба кадом даре даромаду нопадид гашт.
Ба худ андеша кардам, ки Давлат Бозор ай Ховалинг дар мошин барои раиси суда пора овардааст, чунки феълу атвори мансабдорҳора дар зиндагиам борҳо дидаам.
Ҳаво оҳиста–оҳиста гарм мешуд. Дохили бино андак дилгир буду ҳама ҷо тинҷу ором. Паша пар намезад.
Ба Ҳисайн гуфтум: – Ҳаминҷо бест, як берун бароям.
Ва аз ошёнаи сеюм ба поён хамбидам.
Майдони назди бино камодам буд, Ҳайдар, фаҳмидӣ?
– Фаҳмидум, Сафар. Ҳушу гӯшум ба нақли ту бандай, сӯҳбата давом те,– гуфта Ҳайдар ба паҳлӯи дигар гашт.
Сафар андак хаёл карда ба давом додани сӯҳбат шурӯъ кард:
– Ай майдон ба ошёнаи сеюм назар кардам, касе наменамуд.
Атрофи мошини Давлат Бозор давр гаштум. Дар дохили мошин чизе ба чашмам натофт. Ба қафои мошин гузаштаму бори дигар ба тайи чашм ошёнаи сеюма санҷидам. Ҳама ҷо орому осуда тофт дар назарум.
Ай қаҳр, лағате ба қафои соғуи мошин фуровардум, ки сарпӯшаи соғу кушода шид. Бинум, даруни соғуи мошин лабрези гӯшти гови Ховалингае!
Синаву қоқдони гов пора карда дар соғу ай таҳ, дасту ронҳои лаҳм ай боло хушрӯ тал кардагиву клёнкапеч.
Сарпӯши соғуро пӯшидум, ки маҳкам нашид. Ай шатаи задаам, қулф ай ҷояш ребу вайрон шидаст. Ноилоҷ, ай қади ҷӯбор сангера гирифта рӯйи сарпӯши соғу мондум, ки пӯшида шаваду касе ай кори кардаам огаҳӣ наёвад. Баъд ай пеши мошин дур рафтуму ба атрофу қабати сеюми бино нигоҳ кардум. Шукри Худо, ҳама ҷо тинҷу ором буд.
Ин дам чашмум ба дукони самбӯсапазии ӯ тарафи раҳ афтид.
Назди самбӯсапаз рафтам, ки ба кори худ банд буд.

Марди миёнақади хомфарбеҳи калтарише самбӯсаҳои аз танур кандааша тагурӯ мекард. Боадабона ба ӯ салом додуму алек гирифт. Аз мард пурсидум:
– Ака шумо ай бозор гӯшта чанд сӯмӣ харид мекунен?
– Шаш сӯмӣ мехарем мо ҳар киллои гӯшта, чӣ буд?– ба андомум назар карда гуфт самбӯсапаз.
–Ҳаросон нашавен, ака! Тинҷиҳай! Ма ай Ховалинг гӯшти хуб овардам. Зарурум. Пул даркор шидаст. Гӯшти мара арзон намехарӣ?
– Гӯштат дар куҷо? Чанд сӯмӣ мегӯӣ гӯшта?
– Панҷ сӯмӣ. Рафта аввал гӯшта бубин! Гуфтум–ку зӯрум омадаст, сӯм даркор шидаст.
– Рафтем, ку гӯшта бубинем, дар куҷо гӯштат?
– Ҳу дар қафои ҳамон мошин. Ягон ҷавони бақуввата бигиру ароба. Ба қафои мошина биёен.
– Қувват! Ҳо Қувват! – гуфта самбӯсапаз тарафи ҷавоне овоз баланд кард.
– Ҳо, дадо, чӣ гуфтед?! – ҷавоб дод ҷавон.
– Аробаро гирифта биё! Кор баромад!
Ҷавони баландқомати танумande аробаро пешопеш тела дода худ аз қафои он зуд ба назадамон омад.
– Рафтем! – гуфтаму гирду атрофа назар карда, қадаммониамро тезонда ба қафои мошин ҳозир шудам. То расида омадани самбӯсапазу арроба аввал ошёнаи сеюми бино ва ошёнаҳои поёниро аз назар гузаронидум. Касе ба чашмам натофт.
Санга аз болои сарпӯши соғуи мошин гирифтам, ки сарпӯш боло хест.
Гуфтам: – Ака, гӯшта бубин! И хел гӯшт дар бозори Қурған нест! Гӯшти гови зотии Ховалингае! Гуфтум,–ку зарурум.
– Қувват аробара низдик биёру гӯшта бор кун! – фармуд самбӯсапаз.
Ма сарпӯша болотар бардоштаму ошёни сеюма бори дигар ба чашмом палмосидум.
Самбӯсапазу бачааш аз соғуи мошин ба зудӣ гӯшта ба ароба бор карданд ва тарафи дукони самбӯсапазӣ равон шиданд.
Ма сарпӯши соғуро мисли аввала пӯшидаму болояш санг гузошта, тарафи дукони самбӯсапаз рафтам.
Дар дил шукр мекардам, ки дар пеши чашми ҳимоятгарони қонун дузда қарақчӣ зад. Наволаи даҳани суда гирифта тавонистаму онҳо аз ин ҳол бехабаранд. Ва боз бахта бубин, ки касе аз ин ҳол огоҳ нагашт?!
– Ака, гӯшт кашидагиҳай! – баробари назди самбӯсапаз расидан гуфтам ба ӯ ва хоҳиш кардам:
– Бурда дар тарозу кашен. Ку бубинам, як маротиб шумо ҳаққи гапа мегӯед.
– Қувваталӣ, бурда гӯшта баркашу гашта биё! – фармуд самбӯсапаз ба писараш ва ҷавон аробаашро тела дода дар сари гардиши раҳ ай чашм нопадид шид.
Баъди андак вақт Қувват бе ароба омаду аз ӯ пурсидам:
– Гӯшт чанд кило омад?
– Як саду ҳафтоду панҷ кило,– ҷавоб дод ҷавон.

– Ҳақиқатан, одамҳои мӯъмину мусулмон будаед! Рости гапа гуфтӣ, додар! – гуфтам ба  бачаи самбӯсапаз  ва падараш аз кисса як дарза сӯм бароварду гуфт:
–Ҳашсаду ҳафтоду панҷ сӯм. Ҳисоб кун,  додар. Дар тӯйят кор биёяд, барака ёбӣ! – гуфта дуо дод самӯсапаз.
–Ба шумо раҳмат, акаву як хоҳиш дорам,– гуфтам ба самбӯсапаз:
– Ҷонам катӣ,– гуфт мард.
– Минат нашавад, гӯшти хуба ба шумо арзон додум, насибатон кунад. Аз ҳисоби худатон барои ма то нимрӯзӣ панҷоҳ самбӯсаи кори калон пазен! Мо ба ҳар ҳол меҳмонем. Нимрӯзӣ омада самбӯсаҳоро мебарум. Чӣ гуфтед, ака?
– Бо ҷону дил! Ба некӣ некӣ гуфтаанд, додар.
Бо хотири тинҷу  осуда пула ба кисса задаму ба ризқи худодод бори дигар шукрона карда, оҳи сабук кашидам ва тарафи идораи суд рафтам.
Ба ошёнаи сеюм баромадам, ки Ҳисайн ҳаросон пурсид:
– Куҷо гум шидӣ?!
– Кор буромад, ҷӯра,– гуфтуму  пурсидум:
– Давлат Бозора надидӣ?
– Дар идораи раиси суд ҳарду сӯҳбат доранд,– гуфт Ҳисайн норозиёна.
Андак дамама рост кардаму дари раиси суда тақ–тақ задам, ки ай дарун овози «Дароен!»–а шунида дарро кушодам. Давлат Бозор дар рӯ ба рӯйи раис сика зада ба чақ–чақ машғул  буд ва аз дидани рӯйи хунукам ҳарду раиса нафорид, ки раиси суд бо димоғи сӯхта пурсид:
– Тинҷӣ ҳаст?!
– Раис, шукри Худо тинҷему ду соат мешавад дар поҳомон рост, ай интизорӣ поҳомон ов фуроварде! Ай Ховалинг омадем!
Шумо ҳам мисли дигарҳо иззати депутат боло гуфта фақат ба онҳо сӯҳбат мекунен? Даъватнома фиристоден,  делаҳо (ҳуҷҷатҳо), таҳи каш, чанд местем?!
– Ҳозир, ака шумо берун буроен, ҳамин соат кора  мебинем,– гуфт раиси суд ба мулоимӣ ва ма  берун баромада дарро ба рӯяшон пӯшидам.
Баъди андак вақт дари идораи раиси суд кушода шуду аз он Давлат Бозору раиси суд берун шуданд. Раиси суд ба идораҳои пахлу сар халонида ду ҷавонмарди зердасташро наздаш хонда, ҳамроҳи Давлат Бозор ба поён хамбиданд. Фикр кардам, ки Давлат Бозори аз ҳодиса бехабар раиси суда назди мошин мебараду савғои аз Ховалинг овардааша пеш аз сар шудани мурофиа тақдим мекунад.
Тахминам  рост баромад.  Раиси суду Давлат Бозор ҳамроҳи он ду ҷавон ба қисми қафои мошин расидаанду аз афташ Давлат Бозор соғӯи мошинро холӣ дида дуд аз димоғаш баромад.
Ӯ ронандаашро ба наздаш ҷеғ зада чӣ дашному ҳақорат доду чӣ ҷазоро ба он бечора раво дид ба ма маълум набуд. Ма аз тирезаи ошёнаи сеюм ин ҳама манзарара тамошо карда дар дил хушбахту хурсанд будам, ки 175 килло гӯшти гови аълосифати пораи аз Ховалинг овардаи Давлат Бозор  ба дасти раиси суд нарасид, иншооллоҳ кор ба манфиати мо мардуми почаканда ҳал мешавад.

Аҳволи Давлат бозор ин лаҳза ба ҳама маълум буд ва раиси суд низ чандон ҳоли хуб надошт, зеро аз афташ Давлат Бозор аз овардани савғо ба ӯ хабар дода буду ин лаҳза ӯ аз пора бенасиб гашта буд.
Маҷлиси суд сар шиду пурсупосу санҷиши ҳуҷҷатҳо, саволу ҷавобу хулосабарориҳо то қариби нимрӯзӣ давом кард. Ба ҳар саволу пурсиши раиси суду Давлат Бозор ҷавоби аниқу пешниҳоди ҳуҷҷат осон набуд. Мардакҳо илми олӣ доштанду вазифа. Маълумоти ма миёна буд.
Хулоса, суд масъалара ба манфиати маву бист нафар ҳамроҳони хоҷагии деҳқонӣ ҳал кард.
Шукри Худоро ба ҷо меовардам, ки дар сурати пора ба дасти раиси суд расидан хоҳу нохоҳ масъала тарафи Давлат Бозор ҳал мегашт, зеро корд ҳамеша рӯи гӯшт медавад на болои устухон.
Давлат Бозор боз шикаст хӯрд.
Аз барор гирифтани кору ҳукмномаи суда ба дастам гирифтан хурсанд шидум. Маҷлиси суд баста шиду ба раиси суд рӯ оварда гуфтум:
– Мара мебахшӣ, раис, ки ба баҳонаи замин ба ҳам шинос шидем. Шумо ку ба деҳқону халқия сӯҳбату шиштана еб намебинеду чӣ мешавад, ки ай ҳисоби майи деҳқон як пиёла чойя ба ҳам бинем? Шумора намедонум, мо ай дами саҳар, ки ба даҳан ов нагирифтеме!
Раисону аъзоёни суд байни худ бич –бичу миҷ –миҷ карданду ба таклифам розӣ шиданд. Кадом раиса ай ҳисоби дигарҳо зиёфат хӯрдан намефорад?!
– Ба кадом ресторане дилатон хоҳад, марҳамат!– гуфтам ва Ҳисайни ҳамраҳам бо куни оринҷаш ба параи дилам нуқӣ зад. Тарафаш нигоҳ кардам, ба нигоҳаш чизе мегуфт. Фаҳмидам. Гуфтан мехост, ки : – Шон, и ҳотамӣ ай кадом ҳисоб аст?! Дар киссаат сездаҳ сӯму и катагира бине!
Оҳиста ба гӯши Ҳисайн гуфтум: – Парво накун Ҳисайн, Худо дод!
Ба ресторан расидему гуфтум:
– Касе чӣ мехоҳад фармояд. Ба назар бигирен, ки барои шумо боз панҷоҳ самбӯсаи варақии оличаноб фармидагиам.
Аз пешхизмат хоҳиш кардам ду шиша арақи «Русская водка» ва ду шиша коняки панҷситорадори арманӣ биёрад. Барои Ҳисайну худам мурғи бирён фармудаму газак.
Пешхизмат фармудара овард. Як шиша арақа пеши худам мондаму ба пешхизмат гуфтам: – Хоҳар, як нимчинӣ гирифта биё! Сабил, ма ба рюмка (ҷом), одат накардаам.
Баъд, даҳани шишаи арақа кушодаму ними арақа ба нимчинӣ рехтам. Хуб, ки Ҳисайн нанӯшид.
Нимчиниро бардошта ба раисҳо рӯ оварда гуфтам: – Нӯши ҷон шавад, марҳамат!
Аз афташ, аз ин рафторам Ҳисайна нафорид, ки ба куни оринҷ ба шикамам боз зад. Ба ӯ гуфтам:
– Додар, Сафар дар куҷо чӣ кар карданаша медона. Синаи мурға пора карда шикамата рӯғанӣ гардону рафта самбӯсапаза бугу фармудаҳора гирифта биёрад.
Ҳисайн пораи гӯшт дар даҳан аз пайи супориш шуду баъди андак вақт ду лаълии пури самбӯса ба пешамон ҳозир гардид.

Раису аъзоёни суд дар бораи ма чӣ фикру андеша доштанд, дар дил гуфтам, бало ба паси ҳамаашон!
Чӣ мегӯӣ, ки арақ таъсир карду ин лаҳза ду мисра шеър ба хотирам омад. Намедонистам, онро куҷое хонда будам ё аз пеши худ эҷод кардам, ки зери лаб хондам:
**Шукронаи даври бенавоӣ кардам.**
**Аз раҳ задаму оши худоӣ кардам!**
Ҳисайн шеърхонима шуниду ҳайрон пурсид:
– Сафар, маст шудаӣ, чӣ бало?
Ба ӯ гуфтум: – Худо мара маст кардаст, ҷӯра!
Зиёфат поён ёфту пешхизмата даъват карда, дарзаи пула пешаш гузоштаму гуфтам:
– Хоҳар, ба падарат ҳазор раҳмат! Ҳаққи хизматата ҳисоб карда бигиру барои хизматрасонии хубат даҳ сӯм ай акаат мукофот! Баъд, шишаҳои араќи нохӯрдаву мурғу самбӯсаҳои боқимондара дар халта андозу ба дасти Ҳисайни ҳамраҳам бидеҳ, дар раҳ кор меоянд. Мо аз инҷа сесад километр дур, Ховалинг мереме!
Ба берун баромадему ба майдони назди бинои суд рафтем. Раиси суду Давлат Бозор аз мо ҷудо ба ҳам миҷ–миҷу пич–пич карда пешопеш қадам зада мерафтанд.

Айни фурсати хайрухуш фаро расидан, ба раиси суд гуфтам: –Мӯҳтарам, раис! Паноҳи шумо ба Худову ба Ховалинг, ки омаден, ба Хонақои северодара биёену ба хонаҳои мо меҳмон шавен. Қадамҳотон болои дида.
Пас ба Давлат Бозор рӯ оварда хоҳиш кардам:
– Раис як дақиқа пешум биё!.
– Чӣ мегӯӣ?! – бо овози дағал тарафам ғӯррид намояндаи халқ дар парлумон.
Раис ба ҳар ҳол наздам омаду оҳиста ба ӯ гуфтам:
– Раис, китобҳое, ки ма мехонум ту то ҳоли нахондаӣ. Ба китобхонаам биё, китобат медиҳам. Китоб одама доно мекунад.
Худо, одама ба одам гирифтор накунад, раис!
Паноҳат ба Худо!..
Давлат Бозор, аз гуфтаҳоям чӣ донисту чӣ фаҳмиду чӣ хулоса баровард, намедонам, вале ӯ минбаъд ҳам нависонависӯ ғамтиҳии мора бас накард. Боз ҳамон даъвати милиса буду додситону додхоҳу амният ва майи ба ҷон расида ба хулосае омадам, ки ба ҳамон хел дег ҳамон хел кафлез зарур аст. Яъне пайт ҷуста хатои ногуфтании раису вакили халқа дида, дар сари гуноҳ мисли ӯ аз ҷойи ҷонаш бидорам, ки дигар ҷумбида натавонад.
Он рӯз фаро расид. Нафси бад ӯро мудом ба роҳи бад ҳидоят мекард. Дар давраи Шӯравӣ ҷонишини Петров буду аз ҳама корҳои ободонӣ огоҳ. Петров аз инҷо рафта, балки он давлат барҳам хӯрдаву давраи бесалоҳиятӣ ҳукм меронд. Ин давр, ки Давлат Бозор сарвари хоҷагӣ ҳисоб меёфт, ҳамроҳи раисони дигар ҳама дороии иттиҳодияро қариб ки ба нестӣ расонида буданд. Се – чор ҳазор сар гови ба ихтиёрашон боқӣ монда барояшон камӣ мекард.

Акнун ба шикастану пора кардани ободиҳо ба манфиати шахсии худ сарф кардани онҳо сар карда буданд.
Маълум, ки дар ноҳияи хурди кӯҳистон ба шахси аз ҳама баобурӯ, намояндаи халқ дар парлумон касе ҳӯрбаи лаб турш кардан надошт, касе пишаки ҷанобро пишт гуфта наметавонист. Ва медидам, ки аз майдони чорвофарбеҳкунӣ то мазори Хоҷабиансорӣ бештар аз шаш километр қубурҳои калонҳҷми обгузарро, ки бо ҳазор хуни дил дар давраи шӯравӣ обод карда буданд, бо фармони ин раис кандаву шикаставу пора карда несту нобуд гардониданд. Ба воситаи ин қубурҳо бо ёрии насос садҳо гектор замини Ховалинг обшор гардонида мешуду аз ин заминҳо мардум ҳазорҳо тонна маҳсулот истеҳсол мекарданд. Фикр кардам, ки ин мард ба нависонавис маву бист деҳқони хокпоши дигарҳоро солҳо боз ҷонсарак кардааст ва ҳеҷ не ба феъли бадаш хотима диҳад.
Аз болои касе шикоятнависиро кори номардӣ меҳисобидаму меҳисобам, лекин имрӯз маҷбурам ба ӯ мисли худаш ҷавоб гардонам. Роҳи дигари ислоҳи ин раис мавҷуд нест.
Ин вақт давлату ҳукумат барқарор гардида, қонун оҳиста–оҳиста ҷойи худро мегирифт. Гуфтам, Давлат Бозор дар замини кишти ман ҷав коррида буд, мон ҳосили ҷаваша дарав карда бигирад, насибаш кунад.
Рӯшод, бо қоғазу қаламу хату имзои худ ғайриқонун кандани қубурҳои обгузари калонҳаҷм ва ба мардуму халқ зарароварии Давлат Бозорро ба номи додситони олии мамлакат навишта, ба дасти одами таъин фиристодам.
Баъди ҳафтае ба ҳезори вакил гӯйи кайк даромада бошад, даводав сар шиде! Говкушию чормағзу асалу зираву порабарии раис аз Ховалинг то маркази ҷумҳурӣ шидат гирифт.
Кораш аз афташ барор намегирифт, ки як рӯз Сафари ҳамномум, дӯсти ҷонии Давлат Бозор, ба хонаам омаду салому дуруди раиса ба ма расонду гуфт:
– Раис илтимос кард, ки панҷ дақиқа мара қабул кунад, гапи зарур дорад.
– Бача, ма на идора доруму на муҳру вазифа. Хонам дарвозаву қулфу калид ҳам надора. Кадом вақте раис биёяд, нури дида тоҷи сар! Ма қатии раис ёру бародар, зиндаву мурдашарикум. Барои чӣ қабулаш намекардам?
Давлат Бозор, ба сари хам ба хона наздам омад. Омаду баъди саломуҳолпурсӣ гуфт:
–Акаи Сафар! Аризаи ба номи додситони олӣ навиштаата бозпас нагирӣ, намояндагии парлумон буданам аз сарам сабил мемонаду мара ба маҳбас мекашанд. Медонӣ Сафар, ки кӯдакдорум!..
Андеша кардам, ки ба ин рӯз мо ҳам мерасидаем.
– Аз киссаат қоғазу қалам барору забонхат навис, ки то зиндаам ба Сафари Паҳу мардуми Ховалинг кордор намешавум. Нависонавис намекунум. Аз болои фарзанди одамӣ шикояте ба ягон идораи болоӣ намебарум.
Ба забонхат таърихи рӯзу имзои мубораката мегузорӣ, ма сад ҷони Худо ай даъвом мегузарум!

Намояндаи парлумон ноилоҷ пешам нишасту қоғазу қалам гирифту хости дилама рӯйи қоғаз оварду таърихи рӯз гузошту имзои муборак монда ба дастум дод.
Қоғаза чорқат карда ба киссаам задуму гуфтум:
– Ма сад ҷони Худо ай даъвом  гузаштум!  Дар ин бора ба додситони олӣ мактуб мерасонум. Аз дигар тарафҳо розӣ кардани додхоҳи олию шариконашон ба зимаи худат. Шумо ҳама он роҳҳоро аз ма беҳтару хубтар медонед.  Дар умри кутаҳи худ садҳо чунин балоҳора паси сар кардаед, Давлат.
Паноҳат ба Худо!
Забонхати додари қиёматима  миёни қоғазе дар китобхонаам,  дар ҷойи алоҳид нигоҳ медорам. Метарсам, ки  рӯзе аз рӯйи одат боз аҳдшиканӣ накунад…
25.12.2013.                 -------------------------------------

X X X

# Ҳ и к о я ҳ о

## Қурбонӣ

(Ҳикоя)

- Отаи Фахриддин, хез! Хезу рафта бачаи чӯҷадорма гирифта  биёр. Дигар як соат дилум тоқат надорад.
А мӯйсафед, инсоф дорӣ ё не? Дилут ба ма насӯзад, ба ҳамин нуверaҳои гул ворӣ хушрӯ намесӯзад?
И Хисраву Фаридуну Гулрӯра бубине.
Шаву рӯз чашмошун чорай. Дина байтҳоӣ Гулрӯра шунидум, ҷигарум пора шиде.
**Атам рафтае дилум кабобай, очае,**
**Ду чашми сарум косаи обай, очае…**
Ҳисайни ғурамаргума пора - пора оварданд бас набуд, ки Фахриддини чӯҷадорма ба ҷанг равон кардӣ? Хонаи бе бача ба сарум ҳӯввас мекунае.
Ё нав ба хости дилут шид? Ҳамин рӯзу соат наравӣ, Фахриддинма кофта наёрӣ, худум аз пайи кофтукови лахти ҷигарум меравум…
  Бобои Хайриддин аз гиряву вовайло ва гуфтори кампири Ҳоҷарбӣ ба ҷон расид. Дигар тоқат карда натавонисту ба сафар баромад.
Ними нонро ба лаби локиаш печонида аз болои ҷомаи нимдошт ба миён басту саллаашро ба гирди сар печонида аз хона баромад.
- И мӯдарози ақлкӯтоҳ фикр намекунад, ки ҷигарум барои Ҳисайни гул ворӣ хушрӯи ҷувонмаргум бирёнайю  лаб таҳи дандон ғамҳома фурӯ мебарум.
Оши чили бачама медодум, баъд аз қафои кофтукови Фахриддин мешидум.
То рӯзи чили бачама даҳ рӯз мондасте. Ғайри як санг орд дигар ҳеҷ чиз дар хона надорум.

Рӯғану биринҷ ёфта натавонистум, таънасори мардум мешавуме. И бачаи калон ба ҷое, ки ба худоии додараш тайёрӣ бубинад, камон сари гардан ай пайи қасосгирии додараш рафт. Ба гапҳом гӯш накард, насиҳатҳома нагирифт. Ба Худо чӣ бадӣ кардем, ки ба и рӯзи сияҳ расидем?
Авлод ба авлод, ҳафтод пушти одамӣ надидаву нашунидааст, ки ду бародари ҳамхун ба зидди якдигар теғу камон каршад.
Дар ҷанги Гитлер ин зайл куштору хонасӯзӣ, и тариқ ваҳшигариҳора надида будем…
Мӯйсафед баъд аз ҷанг ҳама умр деҳқони хокпош буд.
Сарфарои ҷангу ҷидол, сиёсатбозӣ намерафт. Имрӯз бачаҳои ӯ пуштибони давлату қонун.
Меравад, писари яккаву ягона зинда мондаашро аз майдони ҷанг кофта ёфта, баргардонида ба хонааш меорад.
Охир Фахриддини писарашро на ҳукумат маҷбур кард, ки корду камон гирифта ба ҷанг равад ва на каси дигар.
Аз рӯзе, ки мурдаи бародараш Ҳисайнро ба деҳа оварданд, Фахриддин дигар ҷой нишаст наёфт.
Ҳисайнро ба хок супурданду дигар соате дар хона истода натавонист. Ба ҳамон мошине, ки ҳамяроқони Ҳисайн аз майдони ҷанг ба ҷаноза омада буданд, савор шуду рафт.
Мӯйсафед дигар аз Фахриддин хату хабаре надорад.
Аз он рӯз як моҳ гузашт. Дар ин мудат Бобои Хайриддин он қадар ғаму кулфат дид, ки хама умр надида буд.
Азодории фарзанд як тараф буду гиряву зории кампири Ҳоҷарбӣ сарбории ҳама ғамҳо.
Мӯйсафед ба хотир овард, ки рӯзи дафни Ҳисайн, баъди фотеҳаи мардум Фахриддин аз падар дуои хайр пурсид. Танҳа ҳамин қадар гуфт, ки «Ата ма ҷанг меравам, пешатон дуогирӣ омадам».
Ва Бобои Хайриддин ҳарфе нагуфта аз ин рафтори фарзанд лол монд. Худ намедонист, ки чӣ гуфту даст ба ришаш бурд. Танҳо баъди аз хонааш рафтани одамон ҳис карду донист, ки чӣ хатои авфнопазире содир кардааст. Ӯ бояд Фахриддинро ба ҷанг рафтан намемонд, вале акнун кор аз кор гузашта буд.
Мӯйсафед дар истгоҳ вақти зиёд наистод. Мошину тележкаҳои пур аз ҷавонмард паи ҳам ба роҳ баромада сӯи Қурғонтеппа равона буданд.
Ӯ ба мошин савор шудан хост, вале натавонист. Аниқаш ӯро саворшавӣ намонданд.
- И мӯйсафеди кавда куҷо мерафта бошад? – мегуфт ба ӯ ҳар каси дидагӣ.
- Ба ҷои ӯ як ҷувонмарди автоматдор сувор шавад, хуб аст,- мегуфт дигаре. Ва мӯйсафед аз мошин умедашро канда ба тележка нишаст.
- То Данғара мерам, бобо, - шунид овози тракторчиро Бобои Хайриддин ва аз дил гузаронид, ки ба Данғара расад, он тарафаш Худо подшоҳ аст.
Мӯйсафед домони ҷомаашро ғундошта болои тележка нишаст. Шукр кард, ки дар байни ин қадар одам ҷои холӣ ёфт.

Баъди нисфирӯзӣ трактор ба Данғара расид. Ӯ дар дуроҳагӣ аз тележка фаромада ба тракторчӣ 50 сӯм роҳкиро доду минатдорӣ кард.
-Ками мара, бачаи ҷун, ба ҷои беш бидон. Худо ай бачаҳот серат кунаву дар ду олам хор нашавӣ! – дуо дод ба тракторчӣ мӯйсафед.
Бобои Хайриддин инҷо бо мақсади мошин ёфтан вақти зиёде роҳ поист. Мӯйсафед фикр кард, ки то Қурғонтеппа роҳ дур аст ва то бегоҳӣ ба он ҷо расад, давлати калон.
Равуои мошин кам буд. Аз он тараф гоҳ – гоҳе ягон мошин ё тележка меомад, вале мошинҳое, ки аз ин тараф мерафтанд, асосан ҷавонмардони яроқбадастро ба ҷанг мебурданд.
Мӯйсафед ҳарчанд даст бардошта аз ронандаҳо зорию тавалло кард, касе гапи ӯро гуё намешунавид. Аслан мешуниданд, вале дар ин рӯзу соат мардум мисли ӯ сарсону саргардон буданд.
Ҷанг ҳамин хел қонуну қоидаҳои нонавиштаи худро дорад.
Мӯйсафед инро медонист, зеро худ иштирокчии бевоситаи Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, азияти ҷангро бар дӯши хеш кашида буд…
- Бобо инҷо чӣ саргардонӣ? - шунид ногоҳ овози шиносро Бобои Хайриддин ва сӯи овоз дида дӯхт.
Андак аз ӯ болотар ҷавонони зиёде болои мошини КАМАЗ рост истода омодаи сафар буданд. Ӯ аввал соҳиби овозро нашинохт. Дар назараш ҳамаи ҷавонмардҳои болои мошин ба ҳам монанд буданд.
Ҷавони мӯйсафедро пурсон шуда аз афташ фаҳмид, ки мӯйсафед ӯро нашинохтааст, аз мошин фаромада назди ӯ омад.
- Ма Камоли ошнои Фахриддинум,- гуфт ҷавон.
- Ай Заргар мешам. Мегум инҷо чӣ саргардонӣ?
- Ай дар пешат бимирум, Камоле! – ҷавонро шинохта гуфт мӯйсафед.
- Худо ай куҷо овардут, бачам? Ай саҳарӣ, ки дар тележка задаву кутида то ин ҷо омадум, дигар мошин намеёвум, ки пеши Фахриддин равум.
Мӯйсафед ба хотир овард, ки Камол ду- се маротиб дар хонааш меҳмон шуда буд.
Рӯзи дафнии Ҳисайн дар қатори ҷавонмардони деҳа хизмат кард. Имрӯз ӯ низ ба ҷанг меравад, ё аз майдони ҷанг омада, хешу таборашро хабар гирифта боз ба ҷанг рафтанист.
- Фахриддин дар Колхозобод, дар қурраи ҷангай,- хабар дод ба мӯйсафед Камол:
- Бобо, хуб мешавад, ки ай раҳат гашта хона равӣ.
- Мегум рафта бубинумуш, бачаи ҷун. Медонӣ, ки Ҳисайни нозанинма куштанд. Фахриддин ба қасди ҷони ӯ ба ҷаг рафтасту кӯдакош бесоҳибанд.
- Бобои ҷон, садқаи риши сафедут.  Биё, ба ягон мошин савор шуда аз роҳат гард. Дар он тарафҳо ҷанги сахт аст. Гузашта рафтанат намемонанд.
- Не, бачам. Ай сафарум намегардум. Дар ҳами мошинтон мара ҳам савор кунед.
Ҷавон ноумед назди ҳамраҳонаш рафт. Бо ким- кадоме, шояд бо сарвари яроқбадастон маслиҳат кард, ки тарафи мӯйсафед овоз дод:

- Биё, сувор шав!
Бобои Хайриддин аз ин даъват хушнуд болои мошин баромад.
Онҳо деҳаи Саргазонро гузашта, ба дуроҳагии Сангтӯда наздик расида буданд, ки кормандони милиса мошинро манъ дошта хабар доданд, ки аз он тараф мардуми гурезаи зиёде омада истодаанд.
Андак вақт нагузашта пеши гурезаҳо аз хамгашти теппа намудор шуданд. Мошину тележкаи зиёд пур - пури одам, занону кӯдакони сарлучу побараҳна буданд.
Қад – қади роҳи мошингард одамони ваҳшатзада ва аз куштор эминмонда гуреза шада пешодумбол ҳазори дар ҳазор сӯи Данғара меомаданду меомаданд.
Мӯйсафед, ки худ оқубатҳои ҷангро медонист, аз дидани ин манзара алами ду дунё гӯӣ ба сараш фурӯ рехт.
Нолаю шеван, оҳу фиғони мардум сою дараҳоро пур мекард.
Мӯйсафед дар нули соғуи трактори чархдори заминкан гаҳвора ва даруни он тифли маъсуми ба фиғон омадаро дида, чи сон аз мошин фаромаданашро надонист.
Ӯ назди трактор омада дид, ки даруни кабина тракторчӣ ва зани мӯпарешону ба ҳоли табоҳ афтода ҳамроҳи чор бачаву духтари пастобаланд базӯр ҷо ёфтаанд.
Дар бағали зан кӯдаки ширмак, даруни соғӯи эксклаторманданди трактор гаҳвораю дар дохили он тифли гирён.
- Оҳ, Худоё! И чӣ рӯзай? – оҳиста, зери лаб гуфт мӯйсафед ва ин лаҳза фиғону нолаи занони дигарро аз тележкаи қафо шунид:
-Чӣ гапай, бачам? – пурсид, Бобои Хайриддин аз марди лоғарандоми гурезае.
-Кӯдаке дар болои тележка мурдааст, - ҷавоб дод мард.
- Худо, аз ғазабат нигаҳ дор! – гуфт мӯйсафед ва сӯи тележка рафт.
- Ҳаминҷа гуруш мекунем? – пурсид марди сарлучу побараҳна аз мӯйсафеде, ки дар бари тележка рост меистод.
-Кафанӣ надорем. Ба ягон ҷои обод расем. Бачаи буз не, аз одамай! Чи хел дар сари роҳ, бе гӯру кафан таги хокуш мекунем?!
Ин дам аз қисми пеши равандаҳо фарёду фиғон баланд шуд:
- Бачама дар хона фаромӯш кардаме!!!
Зан аз рӯи тележка худро ба камари роҳ партофта хок бар сару рӯ мепошид ва мисли мурғи нимбисмил метапид.
-Рӯи сиёҳуме! Хонам сӯхт! И чӣ рӯзи сиёҳ буд, ки ба сарам омад?!!!
Мардуми кулфатзада гирди он зан ҷамъ омаданд. Ду зани дигар дасту бозӯи зани фиғонбардоштаро қапида буданд, то ки ӯро аз рӯканию мӯканӣ боздоранд.
-Раҳум нагирен, хешо! Мерам ба сари бачамае! Лахти ҷигарма фаромӯш кардаме!..
- И занак аз куҷо мешавад?- пурсид оҳиста Бобои Хайриддин.
-Ай совхози « Вахш» мешава и занак,- гуфт зане ва шарҳ дод:
-Зани муаллими Ҳалимай. Бечора, вақте ки хунхурҳои Мулло Абдулло дар қишлоқ куштор гузарониданд, шавҳарша дасту по баста алов

заданд. И занак бачаҳои калонша гирифта гурехтаасту тифли дар гаҳвора будаашро дар хона фаромӯш кардааст.
Якрӯза роҳ омадасту нав ҳушаш ба сар зада ай набудани кӯдакаш хабар ёфтааст…

X X X

Баъди намози шом онҳо ба наздикии шаҳр расиданд. Мошин аз зери купруки роҳи оҳан гузашта ба шаҳр наздик расида буд, ки аз ду тарафи роҳ тирпарронии ногаҳонӣ сар шуд.
Аз афташ, яке аз чархҳои пеши мошинро тир сӯрох кард, ки ронанда дигар онро идора карда натавониста мошинро дар тарафи рости роҳ боздошт.
Кадоме аз ҷавонҳои болои мошин тир хӯрда ярадор шуд. Ин ҳолатро дида ҷавонони рӯи мошин буда ба тирпарронии ҷавобӣ гузашта, ҳар кадом ба зудӣ аз мошин фуромада худро ба чор тараф заданд.
Мӯйсафед баъди дигарҳо аз қафои мошин фаромада, худро ба канори роҳ гирифта, даруни чуқурие паногоҳ ёфт.
Аз чор тарафи ҷавонони аз мошин фаромадаро камонбадастони таҳҷоӣ ҳалқасон печонида тирборон мекарданд.
Аз ҷои мошин истода ногоҳ садои таркиши гулӯлае шунида шуд ва баъди он алангаи оташ мошинро печонида гирифт. Дар ин лаҳза кӣ киро мепаронид, ба кӣ дармеафтод, касе намедонист. Танҳо ҳамин қадар маълум буд, ки ҷанговарони бо мошин омада аз ҳуҷуми ногаҳонӣ даступо хӯрда ба куҷо паногоҳ ёфтану сӯи кӣ тир холӣ карданашонро намедонистанд.
Ҳаво тираву тор буду тирпарронии берабт давом дошт. Баъди лаҳзае мошин якбора таркид ва алангаи оташ забона зада атрофро андак рӯшан кард. Пас аз ин тирпарронӣ боз хам авҷ гирифта, овози дашному ҷанги тан ба тан сар шуд.
Мӯйсафед қуввати ҷанги тан ба танро надошт, вале дар тирпарронӣ усто буд. Рӯз мебуд, ё шаби рӯшантар, автомат ба даст гирифта мубориза мебурд, вале ҳодисаи ба амал омада ӯро низ бесаранҷом гардонид. Намедонисту намедид, ки кӣ сӯи кӣ тир холӣ мекунад, кӣ киро мекушад. Танҳо ҳамин қадар маълумаш буд, ки фарзанди тоҷик тоҷики ҳамхуни худро кушта истодааст, аммо барои чӣ маълумаш набуд. Медонист, ки ин қавму миллати ҳамхуну ҳамтақдир дар рӯи замин ниҳоят кам боқӣ мондаро мансабталошону муллоюю диндорони навбаромад ба маҳалу мазҳаб, шиаву суннӣ, исмоилию муҳаммадӣ ҷудо карда ба ҳамдигаркушӣ расонида буданд.
Ҳама ҷо ҳамин хел куштор буд.
Тирпарронию занозанӣ ҳанӯз ба охир нарасида, аз ду тарафи роҳ мошинҳои зиреҳпӯши ҷангӣ ва танкҳо омаданд. Аз қафои онҳо дар мошинҳои боркаш боз ҷанговаронро оварданд.
Гурӯҳи ҳамроҳи мӯйсафед омадаро дар як мудати кутоҳ қариб, ки ба якборагӣ торумор карданд.
Танҳои беҷон, ҷасадҳои ҳанӯз ҷон канда истода болои роҳи мумфаршу чуқуриҳои атроф зиёд буданд.

Аз ҷанговарони ҳамроҳи мӯйсафед омада киро куштанд, кадоме аз онҳо ба ҷое паногоҳ ёфт, Бобои Хайриддин аниқ намедонист. Ӯ ҳанӯз дар даруни чуқурии канори роҳ панаҳ бурда, ин манзараро медид. Медиду ба хотир меовард, ки Ҳисайни ӯро яқин дар ҳамин хел ҷанг куштаанд.
Нисфишабӣ, вақте ки ҷасади ба хун оғӯштаи Ҳисайни ӯро ба хонааш оварданд, ӯ дид, ки пеши бару сари синаашро ҳафт тири заҳролуд ғарбол карда буданд.Ҷойҳои тирхӯрдаи Ҳисайн якумрӣ аз хотираш намераванд.
Ҳама дам пеши дидагонаш Ҳисайни ба хоку хун оғӯшта буду ҳаст ва мӯйсафед шабурӯз меноладу месӯзад, месӯзаду менолад ва зери лаб ин байтро такрор ба такрор мехонад:
**Чӣ медонам Ҳисайнам хонавайрон мешавад охир,**
**Чӣ донам Карбалояш мулки Хатлон мешавад охир…**
- Мурдаҳоша алов бизанену зиндаҳоша баста ба мошин бор кунен!
- шунид овозеро мӯйсафед ва хост аз чуқурӣ баромада ба ақиб, ба куҷое набошад, гурехта панаҳ ёбад, вале дид, ки мошинҳо чароғҳояшонро ба ҷои исти ӯ равона намуда, атрофро мисли рӯз равшан карданд.
Ҷои гурез набуд. Аз даруни чуқурӣ хезам – нахезам, ки ду автоматдор ба мӯйсафед дарафтоданд. Яке аз онҳо бо қундоқи автомат кашидаву кушода ба пушти ӯ чунон сахт зад, ки мӯйсафед пару афтод. Баъд ба сару бадану ишкамаш чанд лағат хӯрд, дигар ёд надорад…
Мӯйсафед вақте ба худ омад, ки ӯро ба мошин ҳамроҳи дигар асир гирифтагон ба мошине бор карда бурданд.
Баъд онҳоро назди биное аз мошин фароварда даруни таҳхонаи сементӣ, байни ҷасадҳои ба хун оғуштаю варам оварда партофтанд.
Даруни таҳхона рӯшан буд. Дар фарши бино чароғи элект хира месӯхт. Ба димоғ бӯи хуну халов, бӯи марг меомад.
Мӯйсафед ҳис кард, ки миёни тахтапушт ва ишкамаш сахт месӯзанд. Нафас дар қафаси синааш тангӣ мекунад.
Ӯ хост аз ҷо хезад, ки натавонист. Дасту пояш бо сим сахт баста шуда буд. Торҳои сим ҷо – ҷо пӯсти дасту пояшро бурида, қариб, ки ба устухон кора мекард.
Бобои Хайриддин қувваташро якҷо ҷамъ карда, баданашро кашон – кашон ба девор такя кардан хост ва дар тақдираш ҷасади ӯро назди дар партофта буданд ки танашро кашида ба танаи дар такя карда тавонист.
Ба ҳамроҳони асир афтода, ҳоло рӯи фарши сементӣ партофтаи атрофаш назар кард.
Шаш нафар ҷавонмард, ҳама он касоне буданд, ки якҷоя ҳароҳи ӯ ба мошин ба Қурғонтеппа омада буданд.
Комили ошнои фарзандаш ин ҷо набуд ва ба ӯ чӣ ҳодиса шуданро мӯйсафед намедонист.
Асирафтодагон бо сару рӯи хуншору варамида, бе ҳолу мадор, ҳар кадом хапу хомӯш мехобиданд. Танҳо яке аз онҳо нолиши пасту ҷонгудоз мекард.
Мӯйсафед хост донад, ки онҳоро ба куҷо оварданд, бино бар ин пурсид:

- Бачам, мо дар куҷоем?
- Дар ҳамоми совхози « Туркманистон»,- ҷавоб дод бо овози канда ҷавоне, ки дар бари ӯ мехобид.
- Инҷо кушторхонаи ваҳобиён аст, - гуфт он ҷавон ва илова кард:
-Асир гирифтагиҳоро ҳамин ҷо қассобӣ мекунанд.
Мӯйсафед хомӯш монд. Ӯ андаке ба фикр банд шуда атрофи таҳхонаро бори дигар аз назар гузаронид. Дар бари деворҳо ҷо – ҷо нишони ҷои тир, доғи хушкгардидаи хуни одамӣ дар чашмаш аён намуд ва аз дил гузаронид, ки дар ҳақиқат дар ин ҷо одам мекуштаанд.
Агар онҳоро куштанӣ бошанд, чӣ ҳоҷати ба ин ҷо овардан? Дар ҳамон ҷо, ё дар болои мошин куштанашон осон буд.
Аз берун овози мотори мошин, гоҳ – гоҳе тирпарронию ғавғо, дашному ҳақоратдиҳӣ, фиғону нолаи маъюбон ба гӯш мерасид…
- Нохунои дасту поша бикан, очағара! – шунид овози дағалеро Бобои Хайриддин ва баъди лаҳзае фиғони марде ҳама биноро ба ларза овард.
Мӯйсафед барои донистани воқеа худро ба дар ҷафс кард ва чашмашро ба сӯрохии аз тир пайдошудаи тахтаи дар бурда, ба берун назар карду фаҳмид, ки онҳо дар таҳхона даруни маҳбасанд, вале дар бари онҳо боз ҳамин тариқ таҳхонаи дигари сементӣ вақеъ аст, ки дар он ҷо низ маҳбусонро нигоҳ медоранд.
Ҷавонмарди танумանде дар рӯи фарши хонаи берун чун дигар ҳамроҳонаш бо дасту пои симпеч баста мехобид. Мӯи ҷингила ва абрувони пайвандӣ дошт он ҷавон.
- Ҷавоб те, ки ай Кӯлобӣ ё ҷои дига?! - пурсид марди ришакие болои сари ҷавон рост истода.
- Ай Данғара мешам, - ҷавоб дод ҷавон.
- Ай Данғара, ки бошӣ, Мулло Аҷика мешиносӣ?
- Не.
-Сангака чӣ?
- Акаи Сангака медонум.
-Ҳа, очаи ту кофара!!! Бо мега мусулмонуме!
Марди ришдор бо лағат ба шиками ҷавон чунон сахт зад, ки аз зӯри зарб ҷавон фиғон кашида хомӯш монд.
-Алӣ!!! - гуфта дод зад ҳамон марди ришакӣ.
-Лаббай! – гуфта марди ҳӯзарбе вориди хона шуд.
- Ов биёру ба сару рӯи и малъун бурез, ки ҳушаш ба сар ояд!
Алӣ берун баромада дар сатил об оварда ба сари ҷавони асир рехт.
- Чӣ ном дорӣ?! - баъди ба ҳӯш омадани ҷавон пурсид аз ӯ марди ришакӣ.
-Муҳаммад.
- Калимата арза кун!
- Лоилоҳа Иллалоҳу Муҳаммада Расуллалоҳ.
- Угам, чиба дар сарут лентаи сафед неву сурх мебандӣ?!
Ай гурӯҳи Седойӣ ё Исматча? Майдони Озодида будӣ? Сангак чит меша?!
…

- Гап намезанӣ?!  Ҳе, вота!!!
- Алӣ!
- Лаббай!
- Бра, бигу зинда ба зинда пустуш кунанд!
- Хуб, домулло.
Ҷавони асиреро, ки худро Муҳаммад номида буд, Алӣ кашолакунон аз дари хона ба берун баровард ва баргашта омад.
-Ту Қодир нестӣ?! - пурсид марди ришакӣ асири дигареро.
- Қодирум,- ҷавоб дод ҷавон.
-Қодир, ки бошӣ, ту очағара хуб мешиносум.
Медонӣ чӣ ҷазот метум?
- Медонум, мекушен, пӯст мекунен.
-Не. Ту нарсага, ай куштан батар менем.
-Алӣ!
- Лаббай!
- Ҳезорша бикашда ахташ кунанд. Рафта духтури Файзулоюфа бигу биёяву
Мулло Нура.
Алӣ аз дар баромад. Марди ришдор ба пурсиши дигар кас шурӯъ кард.
- Ту гуфтӣ Ситам ном дорум?
- Ҳова, номум Ситамай.
- Ай Вахшӣ?
Ин дам Алӣ бо марди харобаи хилъати сиёҳпӯше бо чашмони хуношом вориди таҳхона шуданд.
- Алӣ! – муроҷиат кард ба ҳамроҳаш марди ришдор.
- Пеши синашда, - тарафи Ситам ишорат карда,  гуфт ришакӣ, - ба ханҷар сурати ситораи панҷгӯшаи Кремла бикашу болои ҳар гӯшашда як ҳарфии номи Ленина бинавис. И ай авлоди коммунистои кофирай. Баъд зувонша бибур.
Фаҳмидӣ!
- Фаҳмидум.
Алӣ ба иҷрои супориш шурӯъ кард.
- Рут сиёҳ, та ворӣ боявикае!. Ита раҳмдил, ки бошӣ ҳуюш кун биравад.
Гӯш кун! Аввал гӯшоша бибур, бутешда бихӯрад, баъд  дандонҳоша бишкану
зувонша бибур!,
Фаҳмидӣ?!
- Фаҳмидум.
- Нохунҳои дасту поша якта- якта ба амбур бикан! Угам, устухонҳои дасту поша ба кувал ( болғаи вазнин), бишкан!  Мардиша бибуру ба муми ов кардагӣ дар даҳануш бичаспон. Сару рӯша ба паялни лампа
 (асбоби кафшергарӣ), бисӯзону угам ҷасадша дар сари чорраҳаи Қурған монда омадагиҳо бубинанд.
Фаҳмидӣ?!
- Фаҳмидум.

- Алӣ!  Нагу, ки хабарум накардӣ. Як соат пас меоюм, гуфтагиҳома накарда бошӣ, угам ба худут ҳами чораҳора мебинум!
Марди ришдор, ки Нозим ном дошт, ба рӯи асири ҷингиламӯ туф карда аз дар баромад ва таъкид кард:
-Алӣ ба кор сар кунен!
Мӯйсафед дид, ки Алӣ ва ҳамроҳонаш аз паи иҷрои супориши Нозим шуданд.
Онҳо ба болои сари Қодир омаданд.
-Алӣ     аввал инаша ахта кунем, баъд уша ма худам қассобӣ мекунум, чӣ гуфтӣ? - пурсид марди харобаи дар тан хилъати сиёҳ дошта, ки Файзуллоев
ном мебурданд ӯро.
- Майлаш,- ҷавоб дод Алӣ.
- Ту болои синашда сувор шав. Мулло Нур болои поҳошда, - фармуд Файзуллоеви духтур ва ҳарсе мард дасту остин барзада ба кор шурӯъ намуданд.
- Вой! Эй, дод!!!
Бобои Хайриддин, ки ин ҳамаро бо гӯшҳои шунавою дидаи бино мешуниду медид, дигар тоқат карда натавонист. Ӯ низ бо оҳи сӯзон фиғон бардошт ва сарашро ба дари чубини таҳхона сахт задан гирифт.
-Алӣ! Ӯра хап дорон! – фармуд Файзуллоев ва Алӣ дари хонаи дарунро, ки аз он ҷо оҳу войи мӯйсафед мебаромад, кушода, ба шиками мӯйсафед лағате фуровард, ки ӯ болои фарши таҳхона тову печ хӯрду аз ҳуш рафт…

X X X

Мӯйсафед  дар беморхона ба худ омад ва ҳайрон шуд. Бовар намекард, ки ҳоло зинда аст. Бо панҷаҳояш сару рӯ, пову баданашро даст – даст кард ва боварӣ ҳосил намуд, ки ҳама аъзои баданаш сиҳату саломатанд. Танҳо шикамаш дардманд буд.
Ӯ атрофро аз назар гузаронид ва чун беморони дигарро болои катҳои паҳлӯяш дид, яқин донист, ки ӯ дар таҳхона не, инҷо беморхона аст.
Мӯйсафед хост ҳодисаи шаби гузаштаро ёд оварад, вале аниқ ба хотир оварда натавонист. Фарёду фиғони ҷавони ҷингиламӯ ва Қодир ҳанӯз дар гӯшаш садо медоданд. Аз пеши назараш духтур Файзуллоев, Мулло Нур ва Алӣ дасту остин барзада, теғу ханҷарҳои хунолуд дар даст  ҳеҷ не, ки дур шаванд.
Баъди ин ҳодисаҳо, чун хоби даҳшатноки гузаштаву дур овози мошини зиреҳпӯшу танк, тиирпарронихҳои паи ҳаму шӯру ғавғоҳо дар гӯшаш пайваста садо медоданду садо. Ӯ дигар аз ҳоли Камолу ҳамяроқони ӯ хабаре надошт.
Баъдтар аз ҳампалатаҳо донист, ки аз он шаби даҳшатнок як ҳафта гузаштааст. Яъне субҳидами он шаб ҷанговарони фронти халқӣ ӯ ва дигар асиронро аз ҳамоми совхози « Туркманистон» озод карда ба ин ҷо овардаанд.
Духтур Файзуллоеву Алиро дастгир карданд. Низому Мулло Нур бо ҳамроҳонашон гурехта куҷое ғайб задаанд.

Баъд аз бистуду рӯзитабобат ба ӯ гуфтанд, ки ба хонааш равад, вале Бобои Хайриддин аз раъяш нагашт.
- Бе Фахриддин ба хона  рафта наметавонум, - гуфта аз сари нав ба пурсу суроғи фарзандаш баромад.
 Ба ҳар ҷанговари шиносу ношинос рӯ ба рӯ меомад ӯ аз Фахриддин пурсон мешуд.
Дар штаби ҷанговарони Колхозобод ба ӯ гуфтанд, ки Фахриддин то ҳамин рӯзҳои наздик дар ин ҷо буд. Гурӯҳи онҳоро ба Қумсангиру Шаҳритӯс фиристониданд.
Мӯйсафед аз нав ба ҷустуҷӯи фарзандаш баромад ва чун дар филми гурҷии « Падари афсар» ба касе рӯ ба рӯ ояд, аз фарзандаш пурсон мешуд.

Х Х Х

Дар роҳи Қубодиён мӯйсафед бо мақсади таҳорат карда намози пешин хондан ба лаби наҳр хамбид.
Бӯи дилбеҳузуркунандае ба димоғаш заду ба атроф назар кард. Байни қиёғу хасмолҳо саги дайдӯи фарбеҳе пои ҷасади мурдаи одамеро канда мехӯрд.
Мӯйсафед назди ҷасад рафт ва аз дилаш сад гумон гузашт.
- Раваду ҷасади Фахриддин бошад?
 Не! Не! Худо фарзанди ӯро дар паноҳаш нигоҳ дорад!
Мӯйсафед  аниқ кард, ки ҷасад аз Фахриддин не, ҷавонест мисли фарзанди ӯ нозанин, якпаҳлу афтода ҳангоми ҷонканӣ бо чанголҳояш заминро ханҷол кашида мехобид.
Кафаси синаашро тир ғирбол карда, аз сӯрохиҳои ҷои тир хун таровида болои фуфайка лаъл баста  хушк гашта буд.
Кирмҳои зиёде дар сару рӯ ва бадани ҷавон равуо доштанд.
Саг қариб, ки нисфи рони ҷасадро хӯрдаасту ҳанӯз аз афташ сер накарда буд, ки андак аз дуғу пӯписа ва кулӯхандозии мӯйсафед кебида бошад ҳам, аз пеши ҷасад дур намерафт, то аз гӯшти одамӣ ба серӣ бихӯрад.
Бобои Хайриддин сӯи деҳи наздик воқеъгардида  роҳ пеш гирифта, хост мардумро аз ин ҳодиса огоҳ кунад, то ҷасади фарзанди одамиро ба хок супоранд, вале дар деҳа касеро дарёфт карда натавонист. Аксари хонаҳо сӯхтаю валангор, байни роҳу пайраҳа ҳавлию куча сагони дайду, баъзан гову моли сарҳӯйро дид.
Аз ин манзара ӯро даҳшат фаро гирифт. Ӯ ҳарчанд авоз бароварда одамонро ба ёрӣ даъват кард, вале касе ӯро нашунид.
Ҳаёт дар ин ҷо аз ҳаракат бозмонда, гӯши фалак кар, забонаш лол гашта буд.
Мӯйсафед ба ҳавлии сари роҳ даромада бели шикастадастаеро дарёфт ва ба назди ҷасад баргаштан хост.
Ҳангоми аз болои купруки назди деҳа гузаштан чашмаш ба гирдоби болои купрук афтод. Рӯи гирдоб симчӯби аз миён шикастае давр мегашт, ки дар он модару кӯдак, занону мардонро бо ҳам ба симчӯб бо сим баста, баъзеашро мехкӯб карда ба дарё партофта буданд.

Мӯйсафед баъди дидани ин ҳодиса ба сари роҳи мошингард баромада хеле вақт роҳ поид ва дар толеи ӯ мошини зиреҳпӯши пур аз ҷанговар аз тарафи Қурғонтеппа расида омад.
Баъди хабари мӯйсафед ҷавонмардон аз сими ғафс чангак сохта, мурдаҳои ба симчуб бастаро аз дарё бароварда дар соҳил ба хок супурданд.
Онҳо инчунин ҷасади дар лаби наҳр дидаи мӯйсафедро низ дафн карда, Бобои Хайриддинро ба мошинашон савор карда, қарибиҳои офтобшин ба сӯи Шаҳритӯс роҳ пеш гирифтанд.

X X X

Дар штаби ҷанговарони Шаҳритӯс мӯйсафедро хуб меҳмондорӣ карданд.
Ӯ аз саргардонию ҳодисаҳои дидаву шунидааш нақл мекард, ҳасрат мехӯрд, ки Фахриддини ҷигарбандашро то ҳол наёфтааст.
Сарвари ҷанговарон, Сайдалӣ, ҷавонмарди хушчақчақу шӯх будааст. Саргардониҳои мӯйсафедро шунида ӯро ба ҳузураш қабул карда, аҳвол пурсид.
Ҷанговарони дастаи ӯ медонистанд, ки Сайдалӣ на ҳар касро ба ҳӯзураш омадан мемонад,  хусусан дар ин рӯзҳои ҷӯши ҷанг бо ӯ сӯҳбат меорояд.
Қумандон  (фармондеҳ), ба ҷавонҳои гурӯҳ фаҳмонд, ки  мӯйсафед аз ҳамшаҳриҳои падари бузургворашон будаанд ва нашавад, ки  ба ӯ ҳарфи дуруште гӯянд.
Дар навбати худ Сайдалӣ ба мӯйсафед дарди дил карда аз кирдорҳои дастаи мухолифин гап зада, барои таскини дил ва исботи гуфтаҳояш тавқи аз ресмон ба гарданаш овехтаро ба ӯ нишон дод.
Сайдалӣ нохунҳои ба анбур кандаи қиблагоҳашро, ки баъди ба ҳалокат расониданаш дарёфта будааст, барои поси хотири падараш ба риштае ҳамел кашида, ба гарданаш овехта мегаштааст.
Соате нагузашта дар дохили штаб ғалоғулае бархост. Сайдалии қумандон бо ҳамяроқон ғалабаи ҷанги имрӯзаро қайд карда, сархӯшу маст ба ҷои хоби Бобои Хайриддин омад.
Мӯйсафед надонист, ки сархӯшии ӯ аз шароб аст ё аз нашъа.
- Ота, садқаи номут. Ба падари бузургворам бисёр монандӣ,- гуфт Сайдалӣ ва баъди ба назди мӯйсафед омадан хизматгорони яроқбадасташро сарзаниш кард:
- Чиба,мӯйсафеда иззатдорӣ накардед?! Ма ба шумо мегум, чиба пеши пои и одами бузург қурбонӣ накардед?!
Медонед, ки и одам хешу табору ҳамшаҳрии отаи маҳай?!
Дар ҷонут садқа ота,  ай ма наранҷ.
- Ҳозир фармон иҷро мешавад! – гуфт яке аз ҷавонони автоматбадаст ва аз хона баромад.
- Биё, ҷонум садқат, ота!- зорӣ карда гуфт Сайдалӣ ва аз дасти мӯйсафед дошта ӯро барои ба берун баромадан таклиф кард.

- Ма як бандаи хокӣ. Барои ма ин қадар саргардон нашавен. Чою шӯрбо хурдум, намозома хондум, ҷои хобум бароҳатай. Боз чӣ лозим саргардонӣ? – зорӣ кард мӯйсафед.
- Не, бобо. Мо барои шумову фарзандотон, нувераҳотон меҷангем. Агар инҳо (ба зрдастонаш ишорат карда), шуморо беҳурматӣ кунанд, ҳамаша ҷазо метум!
Биё садқат, берун буроем. Ма худам пеши пои шумода гӯсфанд мекушум, қурбонӣ мекунум, ки ҷигарум тар шавад!
Мӯйсафед, ноилоҷ ҳамроҳи Сайдалӣ ба берун, ба ақибгоҳи ҳавлии штаб баромад.
Дар лаби ҷӯйбори назди ҳоҷатхона ҷавонмарде бо дасту пои баста пеши пои яроқбадастон мехобид . Дигарҳо андак кебида аз ӯ қафо қарор доштанд..
Сайдалӣ ханҷар аз миён баркашида назди ҷавонмарди дасту по баста омад. Омаду сари ҷавонро гӯсфандвор бурида, аз ҷо бархост ва дами хунолуди ханҷарро лесида, онро ба ғилоф андохт.
Бобои Хайриддин дар рӯшноии чароғи электр ҷонбозии сари бе тану тани дасту по баста ва ҷрн канда истодаи фарзанди одамиро аз наздик диду хуб зеҳн монд.
Зеҳн монду бо чашмони сар дид, ки ҷавонмарди кушташуда фарзанди ҷигарбандаш Фахриддин аст…

X X X

# Дарранда

(Қисса)

***Кулӯхандозро подош санг аст.***

*(Халқ)*

**1**

Модагурги бӯр, ки аз сергӯштии бари рони пойи чапаш захмин шуда буд, андаке лангида аз боло хами Ҳалқаҷарро гузашта ба сари ёлаи Уқобнишин баромада ист кард ва ҷойи яраи пояшро лесида ба паҳно назар намуд.
Субҳ оҳиста-оҳиста равшан мешуд ва гург аз рӯи ҳисси модарзодию аҷдодӣ ба хотир овард, ки баробари рӯз шудан бояд ба ҷойи касмадиде панаҳ барад. Хусусан, даҳшати шаби гузашта гургро сахт ба ташвиш оварда буд. Ӯ дар ҳама умри сарсарӣ ва саргардониҳои гургона воқеа ва ҳодисоти зиёдеро аз сар гузаронидааст, вале дина шаб бо айби ҳамраҳони худ ба доми фиреби одамон афтода, қариб ки талаф ёбад. Таҷрибаи рӯзгор ва ҳушёрии худи ӯ имкон доданд, ки аз байни галлаи гургон, захм бардошта бошад ҳам, танҳо ӯ чон ба саломат барад. Имшаб бошад, гург ба сӯзиши ҷойи тир тан надода, якаву танҳо ба ҷустуҷӯи ҳамраҳон, аниқтараш, ба кофтукови ду бачааш ва падари онҳо Маллаи тӯдакаш баромад. Ҳарчанд дараву пастхамиҳоро то рӯз кофт, аз гургон нишонае дарёфт карда натавонист ва имшабро дар адир

танҳо гузаронид.
Бӯр дар ҳаёти дувоздаҳсолааш, аз бозе ки ёд дорад, ҳеҷ гоҳ чунин сарсону бесаранҷом нагардида буд.
Ӯ аслан ҳама сол ҳамроҳи галлаи гургон, ё ҳеҷ набошад бо Маллаи тӯдакашу фарзандон ва ё гургони дигар ба шикор меба-ромад ва кам рӯзу шабон мешуд, ки якаву танҳо зиндагӣ кунад, зеро медонисту мефаҳмид, ки дар талоши ҳаёт ва муборизаҳои беамон зиндагӣ, барои аз марг эмин мондан дар дастҷамъӣ вуҷуд доштан, зинда мондан мумкин аст.
Гург ҳарчанд даррандаи соҳибчанг бошад ҳам, баъзан ба ҳам-лаи даррандаи аз худ зӯртаре дучор мегардад, ки талаф ёфтанаш яқин аст. Аз ин сабаб модагург ҳама дарди ҷонкоҳро фурӯ бурда, имшаби худро дар ҷустуҷӯи ҳамҷинсон рӯз кард, вале ягон ҳамҷинси худро вонахурда, ноумеду ночор ба сари ёла баромад.
Бӯр яраи ҷойи тирхӯрдаи пояшро, ки ҳанӯз ҳам аз он хун мечакид, лесида- лесида ба ҳамвории таги дараи Ҳалқаҷар назар кард. Боди тунд рӯ-рӯи барфи то зону баланди сари ёла, мисли кӯрпаи мулоим хобидаро рӯфта тарафи гург меовард ва резаҳои барфро ба сару рӯяш мезад. Гург бо мақсади панаҳ бурдану назора намудан, пушташро тарафи шамоли барфолуд гардонида, сари ду пойи қафо дунг нишаст ва бори дигар ба паҳно дида дӯхт.
Даҳшати ба сараш омадаро ба ёд оварда бесаранҷом шуд, вале ба зудӣ ба худ омада аз дил гузаронид, ки ҳоло аз ҷойи ҳодиса хеле дур шудааст ва хавфе таҳдидаш намакунад. Фақат ӯ тавонист, ки аз он галлаи гург аз тирборони се нафар автоматбадаст ҷон ба саломат барад. Дигар ҳама ҳамроҳонашро дар хами Ҳалқаҷар одамон ба доми фиреб андохта, дар роҳи баромади дара ба ҳа-локат расониданд.
Бо мақсади яку якбора несту нобуд кардани гургон ҳилла ба кор бурда, гӯсфанди ҳарроммурдаеро оварда ба ҳамвории хами Ҳалқаҷар партофтанд ва шикорчиҳо бо сарварии Ибод командир дар қарибии ягона роҳи баромади ҷар, дар ҷойи шамолпаноҳ, ки дар қисми ҷануб воқеъ аст, чуқурие канда пинҳон шуда, болои худро аввал бо хасу пахол ва баъд бо барф пӯшонида, пайт ҷуста нишастанд.
Баъди намози хуфтан, вақте ки гургҳои гурусна бӯи хуну гӯшти гандашудаи гӯсфандро гирифтанд, таги ҷар хамбида ма-шғули тӯй ва «бузкаши»-и ҷасади гӯсфанд шуданд. Шикорчиҳо гургони дар сафедии барф алоҳида намудорро якбора тирборон карданд.
Модагург ҳангоми аз дидбонгоҳ баромадани шикорчиҳо огаҳӣ ёфта, ҷонҳавлӣ худро аз марги яқин наҷот дод, вале дигар гургҳо дерӣ карда, зери борони тир монданд.
Гургони ба ҳарос афтида ҳарчанд роҳи гурезу наҷот ҷустанд, гирдогирдашон ҷарии касногузар буду дар дами ягона роҳи ба-ромад се нафар шикорчӣ. Аз ин миён Бӯр барвақттар аз ҳодиса

огаҳӣ ёфта то саршавии тирпарронӣ аз миёни шикорчиҳо халосӣ ёфта тавонист. Гургони дигарро одамон кушта пӯст канда, инчунин баъзан ҷойи гӯшту дандон ва нохунҳояшонро гирифта, ба хонаҳошон бурданд…

Модагург пас аз ҷойи ҳодиса дур рафтан, баъди сӯзиши ҷойи тир ва ба ихтиёраш итоат накарда камқувват шудани пойи чапашро ҳис карда фаҳмид, ки ин сӯзишу фалокатро ҳамон се нафар сиёҳпӯши милтиқдор ба ҷони ӯ раво дидаанд, на каси дигар. Ҳамонҳо буданд, ки ӯро аз фарзандони ҳанӯз ба камол нарасида ва ёри ҷониаш Маллаю дигар ҳамҷинсон абадӣ ҷудо карданд.

Ин лаҳза бошад гург бори дигар сӯи ҳамворӣ ва баромади Ҳалқаҷарро зеҳн монда, ҳодисаи ба сараш омадаро ба ёд овард ва чашмони мисли лахчаи алови дарранда ниқорталабона сӯи ҷойи паногоҳи одамон ва рӯи барфи хунолуд, ҷойи ҷасадҳои ҳамҷинсонаш нигарон буданд, вале ба чашмонаш он ҷо ба ғайр аз барфи сафед ва ҷо-ҷо чун доғи сиёҳ боқимондаи пӯсти даридаи гӯсфанд чизи дигаре наменамуд.

— Наход аз ҳашт гург ғайри ӯ ҷонвари дигаре зинда намонда бошад? - аз дил гузаронд Бӯр ва нигоҳашро аз қаъри дара канда ба атроф назар намуд. Чун хавфе ҳис накард, фукашро тарафи боди тунд вазида истода гардонида ҳаворо бӯ кашида, сӯи осмони тираву тор нӯлаи дароз кашид. Садойи гург ин лаҳза аламу доғи ҷудоӣ аз галлаи худ, фироқи фарзандон ва ёри вафодор, боз кӣ медонад, чӣ қадар ғаму андуҳи гаронеро ифода мекард, ки ин ҳамаро танҳо ҳамҷинсони худи ӯ, гургони дигар фаҳмида метавонистанд.

Одамӣ бо ин ҳама ақлу фаросат, шуури олӣ, назар ба ҳама мавҷудоти олам гоҳҳо аз дарки чунин ҳиссиёти даррандагону паррандагон оҷизу бечора аст. Инсон мебинаду мешунавад ва ҳис кардаву медонад, ки паррандаву чарранда ва ҳатто хазандаҳо байни худ бо имою ишора нидою садо ва овозҳои ба худ хос, муомилаю гуфтугӯ мекунанд, аз ҳаракату садойи якдигар рамуз гирифтаю огаҳӣ меёбанд, мақсаду мароми якдигарро мефаҳманд, вале дар фаҳмиши аксар ҳодисаю воқеаҳо аз ҳайвонот дида садҳо маротиб гӯли гумроҳ аст одам.

Модагург баъди нӯлаи аввал андак ист карда, ба чор тараф гӯш андохт ва танҳо акси садои овози худро аз сою дарраҳои атроф шуниду халос. Садои дигар ҳамҷинсонро интизор шуда Бӯр бо умед бори дигар нӯлаи ҷонгудози дарозтар кашид. Овози гург ба дуриҳойи дур расид. Ҳатто сокинони қишлоқи Заргар, ки теппаи азиме аз Ҳалқаҷар деҳаро ҷудо месозад, овози гургро шуниданд ва Бобои Хоркаш, ки мӯсафеди аз ҳама калонсоли деҳа ба ҳисоб меравад, ба мардум таъкид кард, ки гург минбаъд қассос мегирад.

Бӯр ин дафъа ҳам ба ғайр аз акси овози худ дигар садое на-

шунида, ба таҳлуқа афтод. Ноумед тарафи ҷангалзори Дараи Duздон, ки барояш ҷойи нисбатан бехавф буд, роҳ пеш гирифт ва раҳорах аз дилаш гузашт, балки фаҳмид, ки шикорчиҳо ҳамроҳонашро саросар нобуд карданд. Бале, одамон якумр ӯро аз дидори фарзандону Маллаи тӯдакаш бенасиб гардониданд ва модагург ноилоҷ пои маибашро кашола карда, вазнину гарон худро даруни анбӯҳи ҷангал, зери арчаи азими дарра гирифта, захми хунчакони пояшро ба лесидан даромад.

**11**

Боридани барфи баланд ва хунук омадани зимистон ба модагург имкон дод, ки мушкилоти зиндагиро осон бартараф кунад. Гап сари он буд, ки барф барои харгӯшу ҷайра барин ҷонварон, ки асосан гург онҳоро шикор мекард, монеаи асосӣ ба ҳисоб меравад, зеро ҳангоми таъкиб ин қабил ҳайвонот аз рақиби худ ба зудӣ гурехта паноҳ ёфта наметавонад ва гург бе заҳмати зиёд онҳоро ба ҷанг оварда тӯъмаи худ мегардонад. Ба ғайр аз ин бузу гӯсфандони кӯҳиро низ барфи баланду хунукии сахт ба паҳнои теппаю ҷангалзори ин мавзеъ хамбонд. Ин ҷо буттаву дарахтзорҳои зиёде мавҷуданд, ки баргҳои хазони зери дарахтон рехта, шохчаву навдаҳо хӯрокаи асосии мавҷудоти зиндаи ин макон шуда метавонанд.

Модагург рӯзи дароз пайт ҷуста, баъзан бузҳои пиру барҷомондаро низ шикор карда, ба зери арча меовард ва то ҳафтаи дигар ҷое нарафта ба лесидани захми пои худ машғул мешуд. Агар шаваду тӯъмае ба даст оварда натавонад, дар бармоли поёни дара макони кӯрмушҳои ёбоӣ мавҷуд буд ва гург медонист, ки ба андак заҳмат ҳелчаи онҳоро канда бо кӯрмуше нафси худро қонеъ гардонида метавонад.

Маззаву лаззати гӯшту равғани сағурҳои фарбеҳи доманаи кӯҳи Валвалак низ гоҳо ба хотираш меомад, вале дар ин фасли сол бо пои маиб модагург ба он ҷо рафта наметавонист. Аз тарафи дигар, ҳоло сағурҳо мисли хирс дар лонаҳои худ ба хоби роҳати зимистона рафтаанд ва саросари замини атрофии кӯҳ дар ин айём ях баста аст. Кандани ҳелчаи чуқуру печ дар печи сағур ҳоло хеле мушкил аст.

Гург оғилхонаи бузу гӯсфандони деҳаро низ фаромӯш накардааст, вале бо пои захмину тани танҳо ба он ҷойҳо ба шикор баромадан хавфи зиёд дорад. Бар замми ин овози даҳшатбори автомат, инчунин ҳодисаи ба сараш омада модагургро тарсвара ва боэҳтиёт гардонида буд.

Ин зимистон аз ҳама зиёд гург аз танҳоӣ ба ҷон расид, вале илоҷи дигаре ҳам надошт. Дар ин кунҷи дара яккаву танҳо зистан барои ӯ номумкин менамуд, вале дар ин ду ҳафта рӯ гирифтани яраи ҷои тир ва андаке қувват пайдо кардани пои маибаш ҳанӯз иаконият намедод, ки гург ба ҷустуҷӯи ҳамҷинсон ба ҷойҳои дигар равад.

Аслан гург танҳо барои бачазоӣ ва то майдонрав шудани гургбачаҳояш ҳелчаи муваққатӣ тайёр мекунад. Дигар тамоми ҳаёт бехонаву белона гаштугузори сарсарона дорад ва дар як манзилу макон ҳеҷ вақт зиндагии муқимӣ намегузаронад. Вале модагург маҷбур буд, ки то сиҳат ёфтани пояш чанд вақт зери арчаро андак кофта макони зист қарор диҳад. Аз ҳама ташвишовар барои Бӯр он буд, ки аллакай даҳ рӯзи аввали чиллаи калони зимистон гузашта, давраи мастшавӣ, ба ҳам ҷуфт гардидану айёми васл, асалмоҳи даррандаҳо, ки дар давоми сол як маротиб — зимистон воқеъ мегардад, наздик меомад, вале модагург ин ҷо яккаву танҳо монда буд. Малла агар зинда мемонд, ҳеҷ гоҳ дар ин айём ӯро танҳо намегузошт.
Ҳар сол зимистон чун давраи чилламаст дар галла барои модагургро соҳиб гардидан байни гургҳои нарина чанд шабонарӯз муборизаи якка ба яккаи беамон давом мекард. Дар ин муҳориба гурги зӯр нозӯрро мутеи худ мегардонид ва ҳатто дар ҷанги тан ба тан яке дигареро нобуд месохт.
Дар чор соли охир Малла ҳама гургҳои галларо мағлуб намуда, сарварии гургҳоро соҳиб гардида буд ва Бӯр низ дар қатори модагургони дигар аз Малла насли солиму бақувват мегирифт.
Ин зимистон бошад айёми васлу ҷуфтшавии даррандагон то рафт наздик мешуд, вале дар паҳлуи модагург Малла набуд, балкӣ дар ин тобеот гурги дигаре боқӣ намонд. Талаботи ба ҳам наздикшавии модагург бошад рӯз аз рӯз меафзуд ва ӯро лозим буд, ки бо кадом роҳе набошад, ҳамҷинси наринае пайдо кунад, зеро авлод ба авлод асрҳо боз ин қонуни нонавиштаи табиат дар ҷисму ҷон, хуну гӯшту пӯст, ҳама сиришти дарранда, ин талаботро тавъам офаридааст ва чунон ки гурусна бе хӯрок зиндагӣ карда наметавонад, дар ин давраи муайяни сол модагург ҳатман бояд бордор гардад ва аз худ насл боқӣ гузорад.
Баъдтар чиллаи калон гузашта, чиллаи хурд даромад ва модагург маст гашта, ҳар шаб баъди шикору луқмае ба даст овардан аз пастхамии ҷангал ба ҷустуҷӯи ҳамҷинси нарина ба сари ёла баромада, такрори ба такрор бо нӯлакашӣ медарояд, то садояшро шунида гурги наринае ҳастиашро бидонад ва ба ӯ нидои ҷавобӣ гардонад, вале ҳар субҳ баробари рӯшан шудани ҳаво хастаю ноумед ба зери арча, ба лонааш меояд ва ба лиштани захми пояш машғул мешавад.
Пас аз хастагиаш баромадан ҳис мекунад, ки рӯз аз рӯз пояш сиҳат ёфта, қуввату мадораш мисли пештара барқарор мегардад ва ин боиси бобарории шикору афзудани талаби бештари шаҳвонӣ мешавад.
Дар яке аз шабҳои сарди чилла, баъди боридани барф ҳаво андак соф карда хунукӣ ба авҷи аълояш расид. Шамол ба гӯши гурги ба шикор баромада, аз нишемангоҳи ҷангал садои ба ҳам бархӯрдани навдаҳои дарахтеро расонд ва ӯ гӯш ба қимор он

тараф равон шуд, то бидонад, ки дар ин бевақтӣ кадом ҷонзот оромии шабро халалдор месозад. Аниқтараш, ҳиссиёти шунавоӣ ва биноӣ дар зиндагӣ барои гург чизи аз ҳама асосӣ ба ҳисоб мераванд, зеро маҳз ҷонвар танҳо бо ҳамин узвҳо ва бозую дандонҳои тавонояш мавҷудияти худро таъмин карда метавонад.
Гург ба оҳистагӣ аз зери дарахту буттаҳо гузашта торафт ба ҷои ҷунбиши шохи дарахт наздик шуд. Ногоҳ бӯи бузи кӯҳӣ ба димоғаш зад ва гург дар бадан ҷони тоза пайдо кард. Ӯ мефаҳмид, ки боридани барфи зиёд бузҳоро маҷбур кардааст, барои шохча ва барги дарахт хӯрдан ба ин мавзеъ биёянд ва пеш аз торикшавӣ онҳо баргашта ба боло, ба камари кӯҳҳои сар ба фалак мераванд ва дар камари шуху ҷои шамолпаноҳ шабро рӯз мекунанд, аммо ин буз бо кадом сабаб ин ҷо мондааст, намедонист. Гург ноайён ба ҷои ҷунбиши дарахт наздик шуд.
Аз афташ, шамол бӯи гургро низ ба машоми буз расонид ва ё боз кадом ҳассиёти дигаре аз омадани фалокат хабар дод, ки бузи ба навдаи дарахт андармон гардида безобита шуд ва хост худро аз он раҳо кунад. Навдаи дарахтро ҳарчанд сахт такон дод, илоҷи халосӣ наёфта ҷонсарак худро ба чор тараф задан гирифт.
Буз ногаҳ дид, ки гург бо чашмони оташбор ва ҷуссаи бадҳайбати худ дар рӯ ба рӯяш қарор дорад. Буз охирин қуввати худро ҷамъ карда аз байни навдаҳои дарахт ва аз марги яқин халосӣ ҷуста, бо тамоми ҳастӣ худро ба чор тараф зад, вале беехтиётию тасодуфи тақдир ӯро раҳо кардан намехост. Шохҳои дарозу тову печ хӯрдаи таккабузи пирсол, ки аз дастони одам ҳам калон буданд, ҳангоми шохчахӯрии соҳибашон ба дуқӯшагии навдаи бақуввати зарбед сахт андармон шуда буданд. Буз аз қарибии фурӯравии офтоб то ба ин дам ҳарчанд ҷон коҳонд, худро раҳо карда натавонист ва акнун луқмаи тайёри гург мегардид.
Бӯр туъмаи муфти худододро аз даст раҳо кардан нахоста, бо як ҷаҳиш дандонҳои тезашро ба гулӯи бузи ба навдаи бед андармон халонида, дар андак вақт ҷонварро хафаҷуқ ва беҳолу мадор кард ва чун лаҳзаи муносиб дарёфт шиками бузро даррида, фукашро ба даруни бадани буз тиқонда, дилу ҷигарашро канда, кашида ба берун баровард ва бо ду- се маротиб даҳон кушода пӯшидан туъмаашро фурӯ бурд ва аз нав ба канда хӯрдани қисмҳои дигари сайд даромад.
Буз ҳанӯз дасту по зада ҷон меканд, вале гурги наҳси сару рӯ пур аз хуну хулов ба муроди дил расида буд. Яъне ин дам «буз дар ғами ҷон буду қассоб дар ғами чарбӯ».

111

Ҳоҷати зиндагӣ гургро ба саг зор кард ва модагург ноилоҷ сӯи деҳа роҳ пеш гирифт.
Шаби сармои зимистон буду осмон ситоразор. Хунукӣ ба мағзи устухон кора мекард ва гурги чилламаст аз паи дарёфти саг сӯи деҳаи Заргар рафт.

Дар кӯҳистон, ки пештар дар давоми солҳо овози камону
садои тир ба гӯш намерасид, акнун «та-та та»-и автомат замину
замонро ба ларза оварда, ба дилҳо ваҳму ҳарос, ба ҷонҳо ларза
меангехт. Дар рӯи замин тухми марг мекорид камони навбаро-
мади автомат.
Модагург низ медонист, ки дар ҳар қадами ба деҳа, ба ҷои
зисти одамон наздик шудан, ба ҷонаш хавфу хатар таҳдид мекунад,
вале дар ин рӯзу соат ӯ дигар худро идора карда наметавонист.
Ҳама вуҷудаш мисли одамони нашъаманд, балкӣ бадтар аз он
ӯро маҷбур мекарданд, ки бо ҳамҷинси наринаи худ ҷуфт шавад
ва коми васл ситонад. Дар хобу хаёлаш, дар бедориаш модагург
вақтҳои охир ҳама дам Маллаи тӯдакашро пеши назар меовард,
вале ҳарчанд ҷустуҷӯ кард аз Малла нишоне пайдо карда ната-
вонист. Гург барои дарёфти ҳамҷинсони дигар мебоист садҳо
чақрим кӯҳу камарро тай карда, то бешазори Дарқад равад, вале
пои маибаш ҳанӯз қуввату мадори пештараро соҳиб нагардида
буд ва ноилоҷ дар ҷустуҷуи саг афтод. Ягона мақсадаш шикори
бузу гӯсфанд не, балкӣ саги мувофиқе ёфта алоқаи ҷинсӣ карда, аз
худ насли солим боқӣ гузоштан буд. Ва гург дар торикии шаб ба
саргаҳи қишлоқ омада ба паси кумбии теппаи болои деҳа худро
панаҳ карда, ба овози сагон гӯш андохт.
«Ҳаф- ҳаф»- и сагҳо гоҳ аз поёну гоҳ аз миёнаҷои деҳа бараъ-
ло ба гӯш мерасид ва гург аз рӯи овоз камқувватию зӯрии сагро
муайян карда метавонист, зеро дар умри на чандон кӯтаҳи худ
таҷрибаи зиндагӣ андӯхта, барфу борони зиёдеро аз сар гузаро-
нида буд Бӯр.
Аз байни ҳама овозҳо овози бадҳайбату марғуладори Полвон-
саги Бобои Хоркаш, ки хонаи мӯсафед дар канори деҳа воқеъ
буд, ба гург маъқул шуд. Дилаш андак таскин ёфт ва гург ҳанӯз
ҳам дар ҷои пештара ором меистод, то бори дигару дигар ба ин
овоз гӯш диҳад.
Бӯр беихтиёр аз теппа хамбида сӯи овози саг, тарафи деҳа
равон шуда, баъди андак вақт назди ҳандақи гирди ҳотаи Бобои
Хоркаш, ки саросари он бо шохаи шулашу навдаи дулона ва
ҷузхор шиғ гирифта шуда буд, қарор гирифту рӯи барф дароз
кашида фукашро болои дастон гузошта, гӯш ба қимор истод.
Мардуми деҳа ҳама масти хоб буданд ва ба бахти гург як
ҳафта боз бо кадом сабабе қувваи барқ қатъ гардида, чароғҳо
хомӯш буданд. Танҳо дар баъзе хонаҳо лампаи карасинӣ месӯхт
ва аз тирезае ба берун нури хираи баъзеи онҳо намудор буд.
Гург чанд муддат аз ҷо наҷумбида беҳаракат интизор ис-
тод.
Полвон аз рӯи одати муқаррарӣ ба ҷакидан даромад.
Бӯр аз сӯрохиҳои шоғ дид, ки саг дар пешайвони каҳдон рӯи
хасрӯбаҳо ҳалқа зада то ҳол аз омадани ӯ пай набурдааст ва лозим
донист, ки бо ҷумбиш ё ҳаракате сагро огоҳ созад.

Модагург ин дам аз сагони дигари деҳа дар ҳаросу ташвиш буд. Медонист, ки як ҳаракат, як ҷумбиши ноҷо бас аст, ки гурҷинҳои хурдҷӯссаи овозҳояшон мисли занг ҷарангосӣ баногоҳ хабар ёбанд, ҳама нақшаю умедаш барбод меравад. Аз дасти ин хели сагон коре наоянд ҳам, бо «ҳаф- ҳаф»- и дуру дароз ва овози дилбазанашон мардуми деҳаро ба по мехезонанд.

Бӯр баъди интизорӣ бо панҷаҳои худ навдаҳои шиғро ду- се бор андак харош дода буд, ки саг ҷакида аз ҷо хест ва чашмаш ба сиёҳии рӯи барф хобида афтоду ба тамоми ҳастӣ худро ба ин тараф зад.

Модагург ҳаракати сагро дида ба зудӣ ба сари ҳандақ поин хамбида сӯи теппа дар гурез шуд, вале давидани гург он қадар оҳиста буд, ки Полвон дар ду ҷаҳиш ба ӯ расида, ба пеши синааш гурги давида истодаро сахт зад, ки гург рӯи барф каладав афтида, зери пои саг як ғел хурду аз нав ба по хест.

Бӯр ин замон дид, ки саги дар ғазаб ҳангоми афтидани ӯ аз шасти зиёд аз пешаш гузашта акнун ба қафо гузашта, тарафи ӯ ҳуҷум мекунад ва андаке дер монад, аз гулӯяш дошта ӯро хафаҷуқ карда ба ҳалокат мерасонад. Аз ин рӯ, гург ягон муқобилият нишон надода, зингасти меҳрубононае карду сагро чапғалат дода ба тамоми ҳастӣ роҳи гурезро пеш гирифт.

Саги аз ғалабаи аввал шерак гардида, аз нав ба думболи рақиби худ афтод, вале гурги зирак то рафт ҳаракаташро тезонида, қадам ба қадам аз саг дур мешуд.

Вақте ки онҳо пешодумбол рӯи теппаи болои деҳа баромаданд, Полвон аллакай аз гург хеле қафо монда буд.

Баъди чанде Бӯр хами Ҳалқаҷарро гузашта, сари ёла баромад ва ба қафояш назар карда дид, ки саги дамсӯз дар нимаи ёла аз хезу пар монда, ноумед ба қафо, сӯи деҳа гаштааст.

Модагург дар дил шод шуд, ки нақшаи пешбинишудааш шаби аввал ба некӣ анҷом ёфт. Ӯ ҳарчанд шалпару бемадор гашта бошад ҳам, андак хушҳолу осуда аз ёла ба поён, тарафи ҳелчааш, сӯи арчаи азим равон гардид.

Барои гург аз ҳама муҳим дарёфтани саг ва мулоқоти аввал мушкил буд, ки ин ҳама муяссараш гашт.

Шаби дигар дар ҳамон вақту соат гург ҳама сагҳои деҳаро дар ғафлат мононда, пайт ҷуста аз нав ба сари ҳандақ, назди сархории шиғи гирди ҳотаи Бобои Хоркаш ҳозир шуд ва чун шаби аввал рӯи барф дароз кашида, сагро ҷустуҷӯ кард. Полвон ин дам дар рӯи ҳавлӣ саргарми устухонхӯӣ буд ва аз омадани гург бехабар монд.

Модагург ҷубҳои чапаракро як- ду маротиб харошида буд, ки гӯшҳои саг сих шуда ба тарафи садо назар кард ва чашмонаш ба гург афтод, ки ҷои дишаба дароз кашидааст.

Саг ин дафъа ҳам худро ба сӯи гург зад ва ҳангоми аз сӯрохии шиғ гузашта андак андармон шудан дид, ки гург алакай аз

ҳандақ гузашта чун шаби аввал сӯи теппа роҳи гурезро пеш гирифтааст.
Полвон ин дафъа давашро тез карда ҳарчӣ зуд ба гург расидан хост, вале дид, ки гург давашро ба роҳгардӣ табдил дода, як навъ рафтори сулҳҷӯёна дорад, аммо саги дарғазаб баробари ба гург расидан аз гарданаш ба шаст газида онро ба як тараф ҳаво дод.
Гург аз зарб ба паҳлу афтида, рӯи барфи мулоим ғел хурду бо вуҷуди сахт лат хурдан тоқат карда, чун аввала имдодталабонаву сулҳҷӯёна ба думҷумбонӣ даромад.
Полвон боз ба сари гург ҳуҷум оварда, ба пояш дандон халид, вале рафтори гургро дида аз ғазабаш гашт.
Саг ҳис кард, ки гург дар ҳақиқат ба ӯ ягон таҳдиду ғазаб ва рақобате зоҳир намекунад, бино бар ин гирди гург давр гашта ӯро аз дур бӯ кашида, пайти аз сари нав ҳуҷум кардан кард.
Гург рамуз гирифта, тарафи Полвон дум ликонда, ҳаракатҳои меҳрубонона нишон дода, гӯё бо ин рафтори худ сагро даъват мекард, ки ҳамаи онҳое, ки ҷанҷӯ баданд, хун рехта ҳамдигарро даррондаю маъюб карда ба ҳалокат расониданд, кучоро гирифтанд?
Зиндагӣ таҳо аз куштору занозанӣ ва хуни ҳам рехтан иборат нест. Беш аз ин ба ту чӣ бадӣ кардам, ки ин қадар дар ғазаб дандон тез карда, маро буғӣ карданийӣ?
Рӯзгор ин рӯзу шабу ин лаҳза маро ба ту муҳтоҷ кардааст, вагарна мисли даҳмардаҳо қуввату дармони даҳ сагро дорам. Кӣ дидааст, ки ту барин саг гургро маъюбу маслуқ карда бошад? Амри тасодуф агар аз ҳазор якеи зоти шумо сагҳо гурггир набошад, дигар ҳамаатон тайёрахӯр, муҳтоҷу дастнигари мардумед. Моем, ки дар талоши зиндагӣ ва мубориза луқмаи худро бо зӯри дасту бозуи худ меёбем…
Полвон боз як кӯшиш кард ба гург дарафтад, вале чун аввала аз гург ягон ҳаракати ноҷову муносибати бад надида, оҳиста-оҳиста аз ғазаб фуромад, вале ҳанӯз ҳам ҳисси ниқорталабиаш паст нагардида буд.
Бӯр ҳамоно рафтори меҳрубонона карда, ба ҷумбишу ҳаракатҳо ва думликонии худ кӯшиш мекард, ки сагро ҳарчӣ зуд ба хад моил созад.
Ғурури Полвон акнун он ҳисси ҷангҷӯии пештараро надошт, балкӣ қаҳру ғазабаш лаҳза ба лаҳза камтар мешуд ва баъди чанд муддат гӯё байни сагу гург низое нагузашта бошад, ки Полвон ба модагург наздик шуда, ӯро бӯ кашида, дар ҷисму ҷони худ ҳиссиёти гуворою ҳаловатбахше эҳсос кард. Охир, ӯ низ аз ҷинси даррандагон буд. Ва ин замон дар вуҷуди саг низ ғаллаёни ҷуфтшавии шаҳвонӣ ба авҷи аълояш расида буд…
Саг диду ҳис кард, ки модагург маҳз бо ҳамин мақсаду маром шаби аввалу имшаб назди ӯ омадаст, вагарна кайҳо гурехта мерафт.

Дар ин муддат гург сар то қадами Полвонро бо чашми харидорӣ зеҳн монда, дум ҷумбонида тани худро ба тани саг хеле наздик кард ва сару рӯи Полвонро бӯ кашида, андак ба ноз рӯи барф қадам ниҳода бозистод то саг наздиктар биёяд.
Ин дафъа фукашро бори дигару дигар ба сару гардани Полвон расонида «зинг- зинг»- и ҳалимона кард, то дар вуҷуди саг ҳисси шаҳвониро бедор созад.
Шаклу шамоили Полвон ба модагург маъқул шуда буд.
Полвон аз сагони зотии ба гург монанди немисӣ буд, ки дар кучукиаш Қадам—писари Бобои Хоркаш аз дӯсти сарҳадбонаш гирифта буд.
Ҳоло саг зимистони чорумро аз сар мегузаронид ва айни хурӯши балоғаташ расида, вале то ба ҳол бо модиёне муносибат накарда, лаззати маҳбубае начашида буду таҷрибаи ишқварзиро намедонист.
Модагург чун фаҳмид, ки саг сӯи ӯ рағбат зоҳир карда, майли даводаву бозӣ дорад, озодона гоҳ аз пешу гоҳ аз қафои саг дум ҷумбонда, ҳар лаҳза тани худро ба тани ӯ ҷафс карда, ҳамроҳи саг ба бозӣ даромад ва оҳиста- оҳиста бо мақсади тори теппа баромадану сӯи манзилаш рафтан сагро саргарми бозӣ машғул дошта, худ тарафи хами Ҳалқаҷару ёлаи Уқобнишин майл дошт.
Полвон ҳарчанд ҳангоми тез рафтан дами ӯро гирифта гургро манъ доштан мехост, вале мақсади гург аз ӯ чудо шудану ба лонааш рафтан буд ва вақте ки онҳо аз деҳа дур шуда, ба тори теппа баромаданд, модагург роҳгардиашро ба дав табдил дода, аз саг ҷудо гашт ва худро ба ҷангал зада аз чашми саг ноайёну нопадид гардид.
Полвон баъди чанде сархаму ноумед ба деҳа баргашт ва тамоми рӯзи дигар омадани гургро интизорӣ кашид.
Баробари торикшавии рӯз саг худро болои хасрӯбаҳои айвони каҳдон гирифта, ду чашм сӯи сӯрохии тарафи поёни шиғи гирди ҳавлӣ омадани гургро поида истод.
Имшаб ҳам модагург дар вақти муайян ба деҳа омад ва ҳангоми аз болои теппа хамбидани гург саг ӯро дид ва ба пешвозаш баромада тозон ба наздаш рафт.
Атроф сокиту ором буд. Моҳи нав баромада, дар ҳавои софу беғубор ба рӯи барфи тозаву озода рӯшноии ширмонанди худро дареғ намедошт ва ҳар ситора дар қаъри осмони кабуд дар ин шаби сармо боз ҳам рӯшантар ба назар мерасид.
Гӯи ситораҳо ҳар кадом зебо будани худро ба бинанда намоиш доданӣ мешуданд, ки яке аз дигаре хушрӯтару хушнамуд ҷилванамоӣ мекарданд.
Дар доманаи теппаи назди деҳа модагург буду Полвони дар ишқ навомӯхт. Дигар ҷонзоте ба назар наменамуд.
Гург бо саг ошноӣ пайдо намуда, аз мастии васлу лаззати муҳаббати ҳамдигар ба ғайр аз дидори маҳбуб пастию баландӣ,

монеаи дигаре ба назарашон наменамуд. Балкӣ ҳарду дилдода ин шаб кӯри ҷаҳони гузарону бинои дидори ҳамдигар буданд…

## IV

Фасли сармо оҳиста- оҳиста паси сар шуда, омад- омади айёми зебогии табиат, арӯси гулбасар, баҳори нозанин то рафт наздик мешуд.

Бодомҳои барии Ҷари Вокак аз барф раҳоӣ ёфта, шохчаҳо-яшон аз гармии нури офтоб дар талоши муғҷабандию интизори шукуфтананд.

Каҳину хадраҳои базеби шулаш ва дигар буттуву гиёҳҳо низ алакай аз фарорасии баҳор бохабар гашта, қомати хешро аз зери тарма озод намуданд. Дар қатори дигар ҷонзоти ин мавзеъ мо-дагург низ ҳис кардааст, ки баъди чанде баҳор фаро мерасад ва табиати афсункори доманакӯҳ ҳусну таровати дилраборо соҳиб мешавад.

Ҳурӯши чашмасорону садои обшорон, парвозу хониши мурғо-ни хушилҳон, қақбаи кабки дарию чун пӯпаки кокулони духтарони дилрабои кӯҳистон намоён шудани гули рошаки барии ҷар, бӯи диловези пӯдинаву ҷамбилаку гулхорҳо ва боз садҳо гиёҳи ин ҷо ба дидаҳо нуру ба дилҳо сурур мебахшанд.

Модагургро бедоршавии табиат ба ташвиш овардааст, зеро ӯ ҳомиладор асту давраи бачазоияш наздик.

Баробари гарм шудани рӯзҳо ӯ аз паи интихоби ҷои ҳелчаи нав шуд. Ҳама ҷои дарaро гашта барои худ зери буттаи гулхори саргаҳи оббуридаеро интихоб кард.

Гулхор дар ҷое воқеъ буд, ки аз ду тарафи он ҷарии касно-гузар буду аз қисми қафо анбӯҳи дарахтони ҷангал.Обкандагӣ танҳо роҳи борику ноаён дошт, ки то лаби чашмаи Асал рафта мерасид. Аз ягон тараф ба сӯи лонаи нави гург даррандаи за-рраррасони дигар сар даровaрда наметавонист. Ва аз ин ҷо ҳама паҳно ба чашм айён буда, оби чашма ҳам барои гургу бачаҳояш дар қарибӣ воқеъ буд.

Модагург ҳелчаи худро дар як ҳафта бо роҳҳои каҷу килебу баромадгоҳи эҳтиётӣ канда тайёр карад. Барои таги пояш хасу каҳмоли мулоим овард ва лонаи зери арчаи азимро, ки зимистонро он ҷо гузаронида буд, тарк гуфта, ин ҷо аз паи захираи хӯрока шуд. Гап сари он буд, ки гург баъди бачазоӣ, аз як тараф ҷисман заиф гашта, шикор карда натавонад, аз тарафи дигар гургбачаҳои худро бесоҳиб партофта рафтан мумкин набуд, зеро ба ғайр аз ӯ дар атроф рӯбоҳу гурбаи ҷангалӣ барин дигар даррандагон низ буданд, ки пайт ҷуста дар лаҳзаи барояшон муносиб гаргбачаҳоро тӯъмаи худ карданашон аз эҳтимол дур набуд, бино бар ин Бӯр вақтҳои охир бештари вақти худро барои шикор сарф мекард. Бо ҷуссаи нисбатан вазнингашта хургӯшу буз шикор карда натавонад, дар ин айём кӯрмӯшу ҷайра ҳам барояш хӯрокаи бад набуданд.

Дар яке аз чунин рӯзҳо, ки ҳаво нисбатан гарм шуда буд, ба

хотири Бӯр расид, ки вақти аз хоби зимистона бедор шудану аз ҳелчааш ба берун баромадани сағур фаро расидааст. Беҳтараш ба баландиҳо, ба макони зисти сағурҳо, ки аслан дар бари теппаҳо, дар ҷои офтобрӯи доманаи кӯҳи Валвалак гурӯҳ- гурӯҳ назди ҳам ҳелча сохта умр ба сар мебаранд, ба шикор меравад ва гург фикр кард, ки дар давраи бачазоӣ хӯрокаи захира кардааш басанда нест, балкӣ сайди гӯшту рӯғандори болаззат бештар манфиат дорад.
Ин дам бузу гӯсфандони кӯҳӣ ба хотираш расиданд, вале барои гурги ҳомиладор шикори ин қабил ҷонварон аз имкон берун аст.
Дар ин сурат тездавию чолокӣ зарур, ки дар ин вазъият гург аз уҳдаи он намебаромад. Ҳатто ҳоло аз бузу гӯсфандони раммаву подаи қишлоқ чизе рабуда наметавонист.
Ҳар сол дар ин давра мудом Маллаи тӯдакаш ҳамроҳ ва ёрирасонаш мешуд. То роҳрав шудани бачаҳояш Малла харгӯшу хуки ёбоӣ барин хӯрданиҳои лазиз шикор карда меовард, вале ин баҳор тани таҳо зиндагӣ барояш вазнину мушкил хоҳад шуд.
Метавонист бо ҳиллаву найранг саги ба дом афтондааш - Полвонро бо худ ҳамроҳ гирифта, ба ин ҷо биёрад, ҳама умр онҳо якҷоя бо ҳам бошанд, вале боз ҳамон одамон монеъ шуданд.
Он вақт зимистон дар як ҳафтаи аввали бо ҳам омӯхта шуданашон сагро ба ҳелчаи аввалааш, зери арчаи азим оварда буд, вале Полвони тайёрахӯр ба зиндагонии гургона тоқат накарда, гашта ба деҳа рафту дигар наомад.
Модагург он вақт аз нав ба ҷустуҷӯи саг ба ҳавлии Бобои Хоркаш рафт. Рафту сагро ба занҷир маҳкам баста дид ва он шаб то қарибии рӯз ҳарчанд занҷирро бо дандонҳояш хоид, то сагро аз банд раҳо кунад, ки натавонист. Аҳли хонавода, балкӣ ҳама деҳа аз ин ҳол огоҳ гардида, шӯру ғавғо бардоштанд ва модагург ягона хонаи умедашро тарк гуфт.
Вақти гурехтан аз қафояш қатори тирҳои автомат садо доданд. Хушбахтона, ягон тир ба ӯ нарасид, вале садои даҳшатовари автомат ӯро аз Полвон ҷудо кард ва боз кӣ медонад, ки дар зиндагӣ онҳо бо ҳам дидор мебинанд ё не?
Модагург ҳанӯз ҳам гоҳҳо сари ёлаи Уқобнишин мебарояд ва сӯи деҳаи Заргар ба умед менигарад. Ҳаворо ба меҳр бӯ мекашад, вале аз он бӯи ҷонбахши ҷуфти дӯстдоштааш- Полвонро дигар намеёбад. Гург бо ҳамон ноумедию маъюсӣ худро ба зери арчаи азим, ба дари ҳелчааш мезанад ва танҳо дар ин ҷо шамае аз бӯи сагро, ки ҳамроҳаш ба ин ҷо омада буд, дарёфта ҳарисона ҷои гашту хоби Полвонро мебӯяд ва дар танҳоӣ оҳистаю пурдард нӯла мекашад. Садои нӯлаи ҳазинаш ба дарраю теппа ва кӯҳҳои сар ба фалак намерасад, балкӣ дар фазои зери арчаи сарсабз, дар гулӯяш дармемонад.
Модагург мехоҳад, ки Полвонро ба навозиш хонда, бо имою ишора, бо забони гургонаи худ ба саг бифаҳмонад, ки дар батнаш аз ӯ бача дорад ва бояд фарзандҳоро якҷоя бо ҳам калон кунанд,

рӯзи нек бубинанд, вале имрӯз гург ин дарду аламашро ба кӣ гӯяд, ба куҷо равад, сари яккаву танҳояшро ба кадом дар занад, намедонад, ки намедонад…
Гург бо мақсади ба даст овардани сайди калонтаре ба боло, сӯи доманаи теппа раҳсипор гардид ва шаби аввали шикораш барор нагирифт. Ин ҷо назар ба паҳно андак салқину хунук ҳам буд барои гург, вале маҷбур шуд, ки рӯзона аз паи шикор шавад, зеро медонист, ки сағурҳо рӯзона ҳам аз ҳелчаашон бахри дарёфтани ғизо ба берун мебароянд ва гург баробари дамидани субҳ ва рӯшан шудани атроф худро даруни чуқурии паси теппачаи болои ҳелчаи (лонаи), сағурҳо гирифта, мондашавию саргардониҳои шабонаашро баровардан хост.
Модагург дид, ки ҳаво нисбатан соф аст ва медонист, ки дар чунин ҳавои беғубор, ҳамин ки офтоб аз паси кӯҳҳо баромада, нурҳои худро бедареғ ба бари теппаҳо паҳн менамояд, сағурҳо паи ҳам ба дари ҳелчаашон баромада, бадани худро гарм мекунанд ва гӯё мусобиқа мекарда бошанд, дам ба дам то бегоҳӣ ба ҳелчаҳояшон даробаро мекунанд.
Модагург хато накарда буд ва баъди соати интизорӣ дар ҳақиқат, сағӯрҳои зарду мулоимпашм ба истиқболи офтоб, ба дари ҳелчаҳояшон баромада, дар атрофи он андак гардиш карда, баъд сари ду по чулук нишаста, гӯӣ дар ин саҳарӣ баъди аз хоб бедор шудан рӯ мешуста бошанд, панҷаҳои пои пешашонро ба ҳам молиш дода, сару рӯяшонро ба кафмолзанӣ даромаданд ва аз чизе пайхас карда, ҳаловона боз ба ҳелчаҳояшон даромаданд.
Гург рамуз гирифта, фикр кард, ки бо роҳи қафои теппа ноайён ба паси ҳелчаи яке аз онҳо равад. Баногоҳ ин дам чашми Бӯр ба рубоҳ афтод, ки аз бехи бутаи пӯш сӯи ҳелчаи сағур назора дорад.
Аз ҷои исти гург на танҳо ду гӯши рӯбоҳ бараъло метофт, балкӣ пушт ва думи дарози ӯро низ гург ба хубӣ дида тавонист. Модагург аз нияти пеши ҳелчаи сағур рафтан гашта, интизор истод то бубинад, ки рубоҳ чӣ ҳилла меандешад. Охир ин ҷонвар ба шикор баромадаст ва ӯ низ мақсади ба дом афтонидани сағурро дорад, вале дар ҷанги тан ба тан назар ба рубоҳ сағур бағайрату бақувват аст ва дар муборизаи рӯирост ҳеҷ гоҳ рубоҳ ба сағур ғолиб баромада наметавонад, зӯраш намерасад.
Гург медонист, ки рӯбоҳ ҳиллагари гузарост ва танҳо бо ягон макр сағурро метавонад ба дом афтонад ва тӯъмаи худ гардонад.
Дар ҳақиқат, баъди андак вақт сағуре аз сари нав аз ҳелчааш баромад ва гург хуб зеҳн монд, ки сағур майда не фарбеҳу калон аст.
Баробари аз ҳелча баромадани сағур рубоҳ дум ликонда, аз паси буттаи пӯш ба пешвози сағур баромад ва майли бозӣ карда, дар нимароҳ рӯи хоки мулоим нарм дароз кашида, тарафи сағур

ким чӣ хел имою ишора кард, ки сағур давида пешаш рафт.
Гург аз ин муносибати сағур ҳис кард, ки рубоҳ пештар сағур-
ро ба худ омӯхт гардонидааст, вагарна дар сурати бори аввал
вохӯрдан сағур ҳеҷ гоҳ назди рӯбоҳ намерафт.
Рубоҳу сағур дар офтобрӯя бо ҳам ба бозӣ даромада, чанде
ҷасту хез карданд ва гург дид, ки рубоҳ оҳиста- оҳиста сағурро
саргарми бозӣ доронда, сарнишеб тарафи поёни теппа, аз ҳелчааш
дуртар мебарад.
Ин лаҳзаи муносибро гург аз даст надода, хилвату ноайён аз
ҷои пинҳоншудааш ба қафои теппа гузашта, дар қарибии ҳелчаи
сағур қарор гирифт. Гург андеша кард, ки дар сурати ба ҳелчааш
баргашта омадани сағур луқмаи ҳалоли ӯ мегардад, зеро ҷонвар
ҷои рафти дигар надорад дар ин дунё.
Гург фикр кард, ки дар ҳама ҳолат сағур ба зудӣ ба ҳелчааш
бармегардад ва ягона муҳофизи сағур ҳелчаи каҷмакаҷи чуқури
заризаминии уст. Дар ҳолати ба ин ҷо омадан аз наздикӣ гург
метавонад бо ду ҷаҳҳиш сағӯрро туъмаи худ гардонад.
Рубоҳу сағӯри аз гург бехабар ҳамоно саргарми бозӣ буданд
ва рубоҳ гоҳ аз бару гоҳ аз қафои сағӯр ҷаҳидаю дум ликонда ғел
хурда, ӯро бозӣ доронда, дар нишебӣ поинтару поинтар мебурд
ва ҳарду як вақт ба ҳамвории поёни теппа расида чанд муддате
бозию даводавӣ карданд.
Гург ҳанӯз аз ҷо наҷумбида саргарми тамошо буд ва ногаҳон
дид, ки рубоҳ аз бари сергӯштии гардани сағӯр сахт газида як
силтав дода, зуд аз сағӯр ҷудо шуда тарафи ҳелчаи сағӯр, тарафи
болои теппа рӯ ба боло гурехт ва дар нимароҳ ист кард.
Сағӯри аз дарди захми задаи рубоҳ ба фиғон омада, қассос
гирифтан хоста, аз паси рубоҳ давида то ба ӯ расида буд, ки
рубоҳ сағӯрро чапғалат дода, боз аз бари гардани сағӯр газид.
Газиду силтав дод, вале ин дафъа сағӯрро сар надода, баракс аз
нав тарафи поён, ба сӯи хамгашт кашола кард, ки сағӯри маҷбур
аз думболи рубоҳ маҷбуран тарафи поён рафт.
Сағӯр дар ин афту дарафт ва мубориза мувозинаташро гум
карда, ғел хурду каладав ҷар шуд. Зуд худро ба даст гирифта,
ба по хеста ҷангро бо рубоҳ раво надида сӯи ҳелчааш дар гурез
шуд.
Рубоҳ аз сари нав ба назди сағӯр ҳозир шуда, ба бари ши-
ками сағӯр дандон халонида ӯро боз сарнишеб кашиду як тараф
ҳаво дод.
Сағӯр ин дафъа то қарибии ҳамворӣ ғел хурда, аз нав ба
по хест ва дид, ки рубоҳ аз ӯ гурехта, аллакай дар байни кутал
қарор дорад.
Сағӯри сар то ба по тайи хун боз тарафи ҳелчааш ҳаракат
кард, то он ҷо ҷон ба саломат барад, вале рубоҳи ҳиллагару чо-
лок дар нимароҳ ӯро интизор истода, ин дафъа сағӯрро чал дода
аз банди пояш газиду тарафи нишебӣ поин кашид ва баробари

афтодан ба шиками сағӯр даҳон андохта, қадре пӯсту рӯғани баданашро канда гирифт.
Сағӯри тамоми зимистон дар ҳелчааш хоб рафтаву сари дилу баданаш рӯған баста дар ин афту дарафт аз куталбароию нишеб-хамбӣ зуд хаставу шалпар шуда буд. Балки ҳангоми аз нишебӣ ба бари теппа, тарафи боло дубораю себора баромадан дами дилаш сӯхт ва дигар мадори гурехтан накард, вале баробари ба по рост истодан ҷонҳавлӣ аз нав сӯи ҳелчааш ҳаракат кард. Ҳар бор рубоҳи чолок ба баданаш даҳон андохта, ӯро ба тарафи поён кашола карда меғалтонд.
Мубориза хеле вақт, то даме, ки сағӯри рӯи дил рӯғангирифта дамгир шуда аз хезу пар монд, давом кард.
Рубоҳи ғолиб ин дам аввало гулӯи сағӯрро хафа карда, ӯро нимҷон гардонид ва баъд ба канда хӯрдани аъзои бадани рӯған-дори сайдаш шурӯъ намуд.
Гург, ки ин ҳама манзараро тамошо мекард, акнун лаҳзаро муносиб дида, ба сари оши тайёр, ҷасади мурда истодаи сағӯр ҳозир шуд ва рубоҳи заҳматкашидаю ҷон коҳонда нав туъмаашро соҳиб гардида, аз ҳайбати гург чанд қадам дур истода, тарафи ин дарранда ноилоҷ дандон гиз карда, дар рӯзи рӯшан бо чашмони сари худ медид, ки гург луқмаи ҳалоли ӯро аз чангаш мерабуд ва рубоҳ дигар тадбиру чорае намеёфт.
Баробари фарорасии баҳор модагург чор бача зоиду Полвон аз ин бехабар буд. Дарак меёфт ҳай шодӣ мекард! Гирди модари бачаҳояш аҷаб парвона гашта, ҷастухез менамуд в меҳрубонӣ изҳор менамуд. Вале дареғ, сад дареғ! Ба мақсаде, ки аз хона гурехта наравад, ҳанӯз ҳам саг занҷирбанд буду ҳама ташвиши бачакалонкунӣ ба гардани модар.
Модагург медонист, ки ғами бисёр дорад бачадорӣ ва ӯ мисли бевазанҳои бекасу бесоҳибмондае, ки дар «Дашти Карбало», чӯли бедолу дарахту бедия меафтанд, бояд ҳама мушкилотро паси сар карда, қутти лоямуташро худаш ба даст оварда, гургбачаҳояш-ро калон мекард. Тани танҳо ба воя мерасонид, азияти рӯзгори нобасомон дошт Бӯр, вале ба ҳама ин мушкилот худро хушбахт меҳисобид, ки бо паи қадами муборақи гургбачаҳояш аз танҳоӣ раҳид ва акнун машғулгӣ дорад.
Барои гург дар ин давра аз ҳама хавфи ҷиддӣ бесоҳиб мондани бачаҳои навзод буд. Дуруст аст, ки дар назди ҳелчааш зиёда аз нисфи гӯшти сағӯр ва ду калламӯши шикоркардаашро таҳи каҳ-молу хас карда мондааст ва аз ҳайбати ӯ гурбаи ваҳшию рубоҳ ё дигар дарранда ба ин ҷо ҳурбаи омадан намекунанд. Бештари ҷонзоти дар атроф буда аллакай аз лонаи нави гург хабар доранд, вале дарранда ҷондори ваҳшӣ аст ва пайти муносиб ҷуста, лаҳзаи қуллай, ки дарёфт, тӯъмаашро азхуд карда дарҳол ба ҷое ғайб мезанад, ки онро дигар дарёфтан амри муҳол аст.
Гург ин ҳамаро медонад ва ҳамеша назди бачаҳояш ҷумбуҷул

мекунад. Чанд устухони сермағзу рӯғандори сағӯрро ба ҳелчааш овардааст, ки вақтҳои гурусна мондан истифода мекунад ва ӯ дар як шабонарӯз танҳо бегоҳӣ чанд лаҳзае аз ҳелчааш берун баромада, вазъиятро аз назар мегузаронад ва андак поён хам-бида аз чашмаи Асал ташнагӣ шикаста, ба зудӣ баргашта пеши бачаҳояш меояд.

Аҷаб дунёест, дунёи модару кӯдак. Ҳамин ки гургбачаҳои гурӯснамонда почак задаву даҳон боз карда синаи модар меҷӯянду баъди азиятҳои зиёде чочҳои пур аз шири модарашонро аз пашмҳо ҷудо карда ба даҳон меандозанд ва комак зада қатраҳои шири ҷонбахшро бо ҳӯзуру ҳаловат нӯши ҷон мекунанд, модагург ҳама ғами танҳоию азоби рӯзгори мушкили ба сараш омадаро фаро-мӯш месозад. Ва танҳо гоҳ- гоҳе Маллаи тӯдакаш ба хотираш меояд, ки дар чунин ҳолатҳо мудом атрофи лонааш гаштугузор мекард ва ягона рӯзирасонаш буд. Дуруст аст, ки дар ин давра модагург Малларо низ ба ҳелчааш даромадан намемонд, зеро медонист, ки Малла вақти гурусна мондан ва туъмае дарёфт кар-да натавонистан гургбачаҳоро хӯрданаш мумкин ва Малла аз ин рафтори модари бачаҳояш бемалол аз паи шикор ва муҳофизати модагург буд. Шояд Полвон, ки ин зимистон ҷои Малларо ги-рифта буд, мисли ӯ ба модагург ғамхорӣ мекард, вале саг ҳанӯз ҳам дар хонаи соҳибаш занҷирбанд буд ва хато карда ба ин ҷо омада наметавонист.

Баҳор акнун ба ҳама шукӯҳу шаҳомот ва дилрабоиву афсун-кориҳояш дар ин мавзеъ ҳукмронӣ мекард. Теппаву дарра ва ин кӯҳу камарро ҳоло овози қақбаи кабкони қӯшаи дарию чаҳ- чаҳи булбулони хушилҳон, қум- қуми кабутарону навои боз сад хели мурғону паррандагони дигар пур аз фараҳ намудааст. Ин ҳама нағмаи дилошуб бо оҳанги обшорон ҳамнаво гардида, дилҳоро ба ҷӯшу ҷонҳоро ба хурӯш меоварад. Танҳо гоҳ- гоҳе шикорчиҳо ба ин ҷо низ омада, бо садои ваҳмангези тиру камонҳояшон сукунату дилангезии табиати ин гӯшаро халалдор мегардонанд. Хусусан, бо фарорасии баҳор омаду рафташон зиёд мегардад ва ҳама мавҷу-доти зиндаи табиат аз дасти онҳо дар тарсу ҳарос аст.

Гургбачаҳо акнун роҳ гашта, то дари ҳелча мебаромадагӣ шудаанд ва модагург дар рӯзҳои ҳаво онҳоро ба берун, дуртар аз лонааш бурда, дар офтобрӯяи бармол бозию ҷасту хез меомӯзад. Инчунин ҳар кадом аллакай медонад, ки дар сурати набудани модарашон хавферо ҳис кунанд, дарҳол ба роҳи каҷмакаҷи зери навдаҳои бодомча давида ба паноҳи бутаи гулхор мерасанд ва аз он ҷо ба зудӣ ба даруни лонаашон даромада пинҳон мешаванд.

## V

Ибоду ду каси автоматбадасти дигар, «кабки рав омадааст». гуфта ба шикор баромада буданд ва имрӯз аз саҳар боз, вақте ки аз поёни дара модагург овози тирпарронии онҳоро шунид, дар тану ҷонаш даҳшат ҳис карда, сар то қадамаш ба ларза даромад.

Дарди ҷонкоҳе вуҷудашро фаро гирифт. Охир, ӯ бо чашмони сар кирдору ваҳшонияти шикорчиҳоро дидааст. Балки дар ҷони худ заҳри тири ҷонсӯзашонро чашидааст.
Модагург соат ба соат аз хелчааш ба берун баромада, аз байни шохаҳои бодоми пургул в гулхори муғчабаста атрофро назора мекард ва танҳо аз поён, аз ҳамвории қаъри дара овози сагон ва гоҳ- гоҳе садои тирпарронирo аз автомат шунида, ҳаросону ларзон саросема ба ҳелчааш медарояд ва бачаҳояшро зери шикамаш панаҳ мекунад. Бо «виз- виз»-у ким-чӣ хел садои дардолуди дигари гургона оҳиста оҳиста ба бачаҳояш пешомади хатареро гӯшрас таъкид менамояд.
Гургбачаҳо низ рамуз гирифта, сар дар бағали нарму мулоими модар мениҳанд ва ҷунбишу садои беҳуда намебароранд.
Бӯр баъди соате овози шикорчиҳо ва «ҳаф-ҳаф»-и сагони онҳоро аз даруни ҳелчааш аранге шунид ва ларзаю ҳаросаш зиёд гардида, бачаҳояшро зери бағал тангтар гирифта, гӯш ба қимор истод. Аз зӯри тарс сар то ба пои гург меларзид. Дандонҳояш ба ҳам бархӯрда гиҷиррос мезаданд.
Сагҳои шикорӣ паи гургро гирифта то ба ин ҷо омаданд ва аз думболи сагон Ибоду дигар шикорчиҳо низ расиданд.
Вақте онҳо ба назди бодомчаҳои шохаҳояш пургул омаданд;
— Ина дар шохои бодом пашми гургай, бачаҳо!—гуфт Муҳаммад ном яке аз шикорчиҳо.
— Ба Худо, рост мега,– гапи Муҳаммадро тасдиқ карда,– гуфт Ибод ва пашми гургро дида илова кард.
— Ҳелчааш дар ҳамин ҷоҳай. Буковен, бачаҳо!
Сагора файрод кунен!!! Тузик баҳ!!!
Саги тозии дарозгӯш ба зудӣ омада заминро бӯ кашида дар пеши буттаи гулхор истод. Баъд таг- таги он то дари ҳелчаи гург расида ба «ҳаф- ҳаф!» даромад. Шикорчиҳо низ аз паи саг шохчаҳои пургули бодомро, ки роҳбанди раҳашон мешуд шикаста як тараф ҳаво дода, аз қафои саги тозӣ дар дари лонаи гург ҳозир шуданд.
— Белчата бигиву ҳелчара бикан,Ҷобир! – фармон дод Ибод, ба шикорчии ҳамроҳаш, ки назар ба ӯ ҷавон буд
— Пухолдудуш медозем, камандир. Очағар куҷода боша, мебуроя,– ба ҷои Ҷобир ҷавоб дод Муҳаммад ва ҳаловона киссаҳояшро кофта илова кард.
— Ба ӯ белча ҳелчаи кач- макаҷи гурга чанд мековӣ? Ина зажигалка,- оташгирёни киссагиашро бароварда ба Ибод нишон дод Муҳаммад.
— Дар и фасли сол гург пашм партофтаст. Пӯсташ чӣ кор меояд?—гуфт Ибод.
— Сабил ягон кавг- павг мезадем, кирои саргардонӣ мешид. Дасти холӣ ба кадом дидаву рӯ хона мерем?

— Ита (ин тавр), боша шумо ҳаминҷа камтар гир шавен, ки
гург, сабил ҳиллагарай. Боз буромада нагуреза. Ма каҳу каҳмол
ҷамъ карда меорум,– гуфт Муҳаммад ва аз паи тадбир шуд.
Ибоду Ҷобир андак болотар аз буттаи хор сари по нишаста
дам гирифтанд. Муҳммад баъди андак вақт аз бармоли поёни
лонаи гург аз каҳмол банд тов дода, дар он як дарза хасу каҳ
сари гардан гирифта овард. Қисме аз онро ба дари ҳелчаи гург
тиқонда алов дар доду таъкид кард.
— Ҳушёрӣ кунен - ҳа! Бо набурояву набинен. Гург, очағар,
бисё ҳиллагарай.
— Рост мега,– гуфт Ибод, гапи Муҳаммадро тасдиқ карда,
аз бари болои ҳелча гузашта, автоматашро дар бағал гирифту
гуфт.
— То Ҷорҷик (ҳамин хел лақабро ба Ҷобир раво дида буданд),
ай бари ма унсутар, ҳо ай дуд поин ҷо бигир, боз гурга мондагӣ
мара напарронӣ! У қадар сағираи соқ нестӣ.
Гапи Ибод ба Ҷобир нафорида бошад ҳам, ҳарфе нагуфта
андак дуртар рафта нишасту камин гирифт.
Каҳмолу хасҳои дар дода нимсӯз дуди ғализи сиёҳу кабуд
мебароварданд ва ғаллаёни дуд чун сутуни ғафс, балкӣ баробари
дарахти азиме аз дари ҳелча ба боло сӯи осмон ба фазо печид.
Кӣ медонад? Ин дам даруни лона модагург ҳамроҳи бачаҳояш
чӣ ҳол дошт?
Баъди он ки каҳмоли аввал дардода нимсӯз шуда, қадре аз он
кам монд, Муҳаммад аз нав ба даруни ҳелчаи гург хасу каҳмоли
дигар андохта, аввал бо мӯзаҳои пояш онро ба даруни ҳелча
тела дод. Баъд фикре ба сараш заду кордро аз ғилофи ба тасмаи
миёнаш овезон буда кашида, навдаи дуқушаи пургулро бурида
овард ва ба воситаи он боқимондаи каҳмолро аз болои каҳмолҳои
пештар ба ҳелча тиқонида тела карда, аз нав алов дар дод.
Ин дафъа сутуни дуди ғализ баландтар баромад ва тахмин
даҳ қадам дуртар аз байни буттаҳои шулаш, ки химчаву навдаҳои
рости базеб дошт, андак дуди ғализ берун шуд ва пеш аз шикор-
чиҳо сагҳо ба он ҷо давида аз сӯрохӣ баромадани дудро дида ба
ҷакидан даромаданд. Ё шояд гург аз он ҷо баромада гурехтан
хост, ки сагҳо ӯро дида бесаранҷом шуданд.
— Ҳо сабил, раҳи буромад доштасте!—гуфта Ибод бароба-
ри хабар додани сагҳо ба он тараф давида ба ҳамроҳон таъкид
кард.
— Бачаҳо ҳушёр шен (шавед)! Инна ай иҷа (инҷо), дуд бу-
ромаде. Раҳи ҳелчаш ай иҷа ҳам будасте. Ма нагуфтум, ки гург,
очағар, бисё ҳиллагарай..
— Ҳушёр шав, Ҷорҷик!—таъкид кард Муҳаммад, ки худ ҳа-
моно бо чуби дасташ хасмолҳои боқимондаро ба ҳелчаи гург пеш
карда, чуби дар дасташ бударо ба як тараф монда автоматашро
ба даст гирифт.

Модагург ҳамроҳи бачаҳояш ин дам аз зӯри дуди талху нафасгир, ки тамоми лонаро пур карда буд, ҳоли табоҳе дошт. Балки ба талвосаи ҷон афтода роҳи наҷот меҷуст, вале тақдири нобафарҷом ӯ ва чор фарзанди ҳанӯз чашм кушода дунё надидаро ба коми марг ҳукм карда буд.
Барои гургбачаҳои ӯ аз дороии дунё чизе не, танҳо нафаси тоза зарур буд, вале ҳавои бесоҳибро ҳам ин дам шикорчиҳо бо заҳр омехта ба коми ҷонварон равона мекарданд, ки аз он ҳар замон нафасгардон шуда, даруни ҳелча ҷонканӣ доштанд.
Модагург дар рӯи замин рӯз надида, барои худ ва гургбачаҳояш зери заминро манзилу макон қарор дода буд, то даме ин ҷо осоиш ёбад, фарзанд ба воя расонад, вале одамӣ ба ин ҷо низ роҳ ёфта ӯро ба ҳоли худ намонд, ки намонд.
Бӯр ҳарчанд бачаҳояшро ба зери шикамаш гирифт, то онҳоро аз дуди талхи заҳролуд бираҳонад, вале нафаси худи ӯ ба дарун афтода чашмонаш кӯр гаштанд.
Гург ҳис кард, ки на танҳо ход, балкӣ ҳама бачаҳояш талаф меёбанд.
Чӣ чора кунад? Кадом тадбир андешад, намедонист, Бӯр. Ашк аз дидагонаш ҷорӣ гашта буд ва маълум набуд, ки оби чашмон аз талхии дуд буд ва ё аз алами хавфи марги фарзандон.
Модагурги дар ҳавли ҷон заминро бо панҷаҳояш ханҷол кашида аз ғазаб ҳатто бо дандонҳо хокро газид, то раҳ ёфта бачаҳояшро аз аҷал раҳонад, аммо даҳонаш пури хок шуду илоҷе ёфта натавонист.
Хост бачаҳояшро гирифта ба берун барояд. Худ шикаммол хазида гургбачаҳояшро аз думбол ба дари ҳелча овард, вале дар пеши чашм алангаи оташро дида, ба дари лона наздик шуда натавонист, бино бар ин баргашта сӯи роҳи эҳтиётии ҳелчааш хазида рафт. Ва ҳамин ки ба дари эҳтиётӣ расид, боз алангаи оташ ва овози сагу одамонро шунида, аз нав ба қафо, ба миёнаҷои лонааш омад.
Модагург ноилоҷ бачаҳояшро зери шикам гирифта, фукашро ба замин шакида- шакида чуқуричае кофт, то ҳавои тозае пайдо карда нафас рост кунад. Аз замин мадад ҷуст, вале замин ба ин сон бузургӣ ба ёрии ӯ ноилоҷ буд ва мададгораш нагашт, ки нагашт…
Модагург фаҳмид, балкӣ яқин ҳис кард, ки дигар дар лонааш ҷои наҷот нест. У аз ноилоҷӣ боз гавак кашидаю хазида то ба даҳани дари эҳтиётии ҳелчааш расид ва гашта дид, ки бачаҳояш аз қафо бо «виз- виз»- у ким-чӣ хел садоҳои дардомези худ аз модар ёрию мадад меҷӯянд, зора доранд, ки аз мурдан раҳоӣ бахшадашон.
Шикорчиҳо боз каҳмол оварда, ба даруни лона пур карда, аз нав оташ дар доданд ва дуди ғафсу талхи тоқатшикан гулӯву ҳалқ ва ҳама роҳи нафаскашии гургро комилан банд кард, ки ӯ мадори

ба по рост истоданро гум карда, сараш чарх зад ва ба замин пару афтод. Хост ба девори лонааш такя карда ҷисмашро мувозинат нигаҳ дорад, вале дигар пойҳояш ба ӯ итоат накарданд. Нафас рост кардан хост, вале боз аз дуди заҳромез димоғаш пур шуд. Модагург пас аз лаҳзае дар худ мадори тоза пайдо карда, тамоми қувваташро ҷамъ намуда, чашмонашро кушод ва ба қафо баргашта бо панҷаҳояш заминро палмосида бачаҳояшро кофт. Гургбачаҳо рӯи замин ҷон меканданд.
Гург якеи онҳоро, ки аз ҳуш рафта, рӯи замини лонааш почак зада -почак зада ҷон меканд, дарёфта, аз паси гарданаш оҳиста ба даҳон гирифт ва худро ба дари ҳелчааш зада, аз он ба берун баромад.
Ибод, ки чанд қадам дур аз даҳони ҳелча нишаста интизори баромадани гург буд, аввало дасту по хӯрд, вале баъди лаҳзае тир холӣ кард. Гург дар бари сағрин сӯзишеро ҳис карда, як калави-ду аз нав ба по хест, вале бачааш аз даҳонаш хато хӯрд. Тир ба сағринаш бодрӯ расида буд.
Модар дигар фурсати ист надошт, зеро садои тирпарронии паиҳам баланд гашт ва модагург худро ба чуқурии оббурида зад, ки рӯ- рӯи онро шохаҳои дарахтону буттаҳо пӯшонида буданд ва дигар ба чашми шикорчиҳо нанамуд.
Гург қад- қади обдара то чашмаи Асал расида худро ба ҷангал гирифт ва аз сагону тири шикорчиҳо эмин монд.
Сагҳо чун аз таъкиби гург натиҷае ҳосил карда натавонис-танд, хастаю локот баргашта, бо фармони шикорчиҳо аз нав ба кофтуков даромаданд.
Ибод, ки дар даҳонаш бачаашро гирифта баромадани гургро дида буд, ба дигарҳо фармуд, ки ҳамагӣ аз паи дарёфти гургба-ча шаванд. ва атрофро печонида сагҳоро ҷеғ зананд, то аз зери буттаву хорҳо гургбачаро ёфта тавонанд.
Баъди кофтукоб саги тозӣ ҷасади беҳолу нимҷони гургбачаро, ки акнун ҳушёр шуда буд, аз обкандагӣ, аз зери буттаи каҳине ёфт ва шикорчиҳо онро дастгир карданд.
— Алова букушен- да дигар бачаҳоша ай ҳелча буқапем!— фармуд Ибод ва зердастонаш ки ин дам гургбачаи итоат наме-кардагиро ба борхалтаи брезентии сафарӣ андохта, даҳони онро маҳкам карда, дар дасташ нигоҳ медоштанд.
— Ӯ дуди балора бубин,командир,– гуфт Муҳаммад ва илова кард.
— Дар и дуд гург тақат карда натависта баромаду бачаҳош зинда мемона? Шумо камандир очаша, ки нолаи (наволаи), тайёр буд, ай даст хато карден, задаш натавонистену бо гургбача суроғ мекунен?
— Ту чӣ?! – дӯғ зад Ибод ва илова кард.
— Қатори ма автомат надоштӣ? Бо шон мара гап нишон мета. Гуфтум, ки алова букуш-да дигароша буқапем! Ба боса (сарвара)

бубарем, ҳай таҳфаи хуб мешава- да.
— Гапуш нест, камандир,– гуфта Муҳаммад аз паи иҷрои супориш шуд ва Ҷобир низ аз қафои ӯ рафт.
Шикорчиҳо пас аз он ки оташро хомӯш карда, аз ҳарду тарафи даҳони лонаи гург бо белчаи сафарии аскарӣ канданд, диданд, ки дар назди даҳони дари эҳтиётии лона ҳарсеи бачаҳои дигари гург мурда мехобиданд.
Сагҳо ба гургбачаҳои беҷон дарафтода чанд ҷои баданашонро канданд ва Ҷобир ин ҳолро дида андак инсоф карда, сагҳоро аз ин кори разил боздошт ва аз пеши гургбачаҳои мурда дур кард.
Баъд сагҳо бӯ гирифта кофта луқмаи пинҳонкардаи гургро аз зери буттаи пӯш ёфтанд ва Ибод аз ҷо- ҷои боқимондаи пӯсти пашмдор гӯшти сағӯр будани онро фаҳмида ба Ҷобир фармуд, ки онро аз пеши сагҳо гирифта ба борхалтааш андозад.
— Рӯғани и ҷонвар ба сад дард давоҳай, меган, – гуфт Ибод ва Ҷобир фармонро иҷро кард.
Шикорчиҳо гӯштпораҳои пури хоку бӯгирифтаи сағӯру гургбачаи зинда ғанимат гирифтаашонро дар борхалтаҳои сафарӣ сари гардан карда хурсанду ғолиб бо «сари баланд» сӯи деҳа роҳ пеш гирифтанд.

**VI**

Аввалҳои шаб абри сиёҳе аз паси кӯҳи Валвалак бархосту шамол онро ба фазои ин мавзеъ овард ва соате нагузашта ҳама ҷоро тираву тор гардонид. Дар як лаҳза дараву сой ва пастхамиҳо-ро ҷута ғафс печонд. Дар ин шаби баҳор ба димоғ бӯи борони барфолуд меомад.
Модагург баъди воқеаи шуми ба сараш омада рӯзро дар чуқу-рии касмадиди Дараи Дуздон гузаронида, баробари фаромадани торикӣ тарафи хонааш раҳакӣ шуд. Пистони модар пури шир буду гургбачаҳояш гурусна. Мехост ҳарчӣ зуд ба лонааш баргардад. Чун ба ҷои зисташ наздик омад, обкандаву зери буттаи пӯш ва бехи дарахтонро бӯ кашидаву пайт ҷуст, вале аз гургбачаи аз ҳелчааш баровარда нишоне пайдо карда натавонист. Танҳо паи бачаашро аз обкандагию зери буттаи пӯш дарёфт ва онро то назди ҳелчааш оварду бӯи бачаашро он ҷо гум кард. Лонаашро кандагию валангору хокрез ва гургбачаҳояшро рӯи хок мурда дарёфт. Ин дам гӯӣ ҳама замину замон ба якборагӣ ба сараш фурӯ рехт.
Мудҳиштарин фоҷеаи олам он аст, ки модар марги фарзандашро ба чашм мебинад.
Гург ҷасадҳои ба хоку хуну дуду хокистар омехта гардидаи гургбачаҳояшро беҷон дарёфта назди ҳар кадоме алоҳида рафта бӯ кашидаву бо панҷаву даҳону забон онҳоро навозиши модарона менамуду мелесид ва чун медиду эҳсос мекард, ки бачаҳояш беҷо-нанду ҷунбишу ҳаракате зоҳир намекунанд, рӯи заминро ханҷол мекашиду сӯи осмон фиғон дар медод.

Нӯлаи гург ин лаҳза нолаи модаронеро мемонд, ки рӯи мурдаи фарзанд навҳаи ҷонгудоз мекашанд. Садои паиҳаму ҷигарсӯзи нӯлаи модагург дар ин тирашаб ба фалак мепечид. Балки ҳама ҷонзоти дар ин кӯҳу дара, парранда хазанда ва даррандагони умр ба сар мебурдагӣ аз фалокати ба сари модагург омада огоҳ гардида буданд, вале аз тарси садои даҳшатбори тиру камон, ки дар ҷони онҳо низ асар дошт, ҳама хапу хомӯш меистоданд ва дар бартараф кардани ин мусибат дасткутоҳу бечора буданд. Онҳо медонистанд, ки ҳамон шикорчиҳо—ҷонзотҳои дупо, ба сари гург ин ваҳшониятро раво дидаанд ва ҷӯку ҷондориёти олам ягона роҳи халосиро то кунун аз ин балоҳои дупо танҳо дар роҳи гурез мебинанд.

Нӯлакашии Бӯр то нисфишабӣ давом кард у, гург бо ҳоли зору дидаи хунбор ва дили абгор беҳолу бемадор гардида, ҳанӯз ҳам назди ҷасадҳои гургбачаҳои рӯи хок мурда хобида дароз кашида онҳоро бо навбат бӯ мекашид. Пистонаш пури шир буду ширхораҳояш шир хӯрда наметавонистанд…

Як вақти шаб ба хотири модагург боз гургбачаи зиндамонда ва нобуд гардидааш расид ва ӯ мисли модаре, ки дар ҷанг фарзанди азизаш, ягона пуштибону такягоҳ, умеду орзӯяшро бе ному нишон гум мекунад ва худро ба ҳазор кӯчаю дар мезанад, аз паи ҷустуҷӯи лонааш шуд ва аз сари роҳ бо панҷаҳояш ба ҳар тараф кандаю пареш намуда, саропои ҳелчаашро ҷустуҷӯ кард, вале бачаашро ёфта натавониста ба берун баромад. Гург боз роҳу пайроҳаҳоро бӯ кашида ҷои изи по ва бӯи фарзандашро кофт. Кофту аз нав то он ҷое, ки сагҳо ба бачааш дарафтоданду Ибод гургбачаҳояшро аз сагон халос карда, ба борхалтааш андохта буд, омад ва бӯи фарзандашро ҳамон ҷо боз гум карда, фаҳмид, ки шикорчиҳо онро бо худ бурдаанд, вагарна паи бӯяш дар ягон ҷо мемонд.

Модагург аз нав ба назди ҷасади фарзандони мурдааш омада, чуқурие канду ҷасади гургбачаҳояшро зери хок кард, то ҳайвону даррандае онҳоро хӯрда натавонад. Пас аз он беихтиёр аз паи шикорчиҳо сӯи деҳаи Заргар равон шуд.

## VII

Шаб аз нисф гузашта буду модагург бӯву пай гирфта, эҳтиёткорона то дари хонаи Ҷобир омад, зеро Ибод дар роҳ борхалтаи дар он гургбача нигоҳ медоштагиро ба Муҳаммад бор карда буду рӯғани сағӯри бӯ гирифтаро ба Ҷобир. Дар чорраҳаи аввали деҳа гург бӯи бачаашро гум карда, ба бӯи сағӯр ба хонаи Ҷобир рафт. Рафту ҳавлию оғил ва ҳезумхонаи Ҷобирро давр гашта ҳарчӣ кофт, ғайри бӯи сағӯр аз фарзанд осоре ёфта натавонист ва ноумед аз деҳа баромада ба сари чорраҳае омад, ки он ҷо шикорчиҳо аз ҳам ҷудо шуда, ҳар кадом ба хонаҳои худ рафта буданд.

Гург бӯ кашида паи Иборо ёфт ва дар ҷустуҷӯи хонаи ӯ шуд.

Ҳавлии Ибод мисли ҳавлии Бобои Хоркаш дар канори деҳа воқеъ буд. Балкӣ дар деҳа аз хонаи Ибод поён дигар хона вуҷуд надошт.
Ҳаво тираву тор гашта, ҷути ғафс болои деҳаро пӯшонида буд. Ба бахти гург шамол намевазид, зеро андаке вазидани бод боиси ба димоғи сагон раонидани бӯи дарранда мегардид ва сагҳо дар як дам деҳаро ба по мехезониданд.
Модагургро паи Ибод то даричаи дарвозаи дутабақаи оҳанини хона овард.
Дарвоза маҳкам буд. Гарг раҳ кофта аз қисми ҷанубии ҳавлӣ обмӯрие дарёфт, ки аз он ба осонӣ гузашта ба ҳотаи Ибод дохил шуда дар бехи девори сафил дароз кашиду ҳавлиро аз назар гузаронид. Ба бахти гург Ибод саг надошт.
Ин дам ҳама ҷо сокиту ором буд. Зери долон лампочкаи электрӣ хира месӯхт ва дар торикии ҷут нурҳои он атрофро чандон рӯшан намекард.
Гург баъди чанде таг- таги сафил ҳезумхонаву оғилро аз назар гузаронид. Даруни оғил пури гову гӯсфанд буд ва гург сари по ба бари девор рост хеста, аз мурии барои ахлотпартоӣ кушодаи оғил, ки бе дарича буд, ба дарун назар кард. Молу гов ин дам ё чашмони отишбори гургро диданд ва ё аз бӯяш дарранда будани ӯро фаҳмиданд, ки яку якбора бесаранҷом гардида, аз ҷои хоб ба по хеста, ҳар кадом ҳаросон сӯяш дида дӯхтанд.
Гург бӯи бачаашро наёфта поҳои пешашро аз танаи девор гирифту аз қадди девори муҳрӣ поён хамбид ва тарафи хона ҳаракат кард. Ба хоитраш расид, ки ниҳоят гурусна аст, вале Бӯр аз шикор худдорӣ кард. Ҳолати дигар мешуд, дар ин оғил бозори гардон ташкил мекард Бӯр, вале ҳоло мақсадаш бачаковӣ буд на шикор.
Шикорчиҳо инсоф накарда, ҳатто луқмаи ҳалолаш, чанд пора гӯшти сағӯрро, ки барои рӯзи мабодо назди лонааш таги хок карда монда буд, ба ӯ эб надида, ҳамроҳи ягона фарзанди зинда мондааш гирифта оварданд.
Гург роҳашро давом дода, то назди нонхонаи Ибод омада буд, ки бӯи бачааш ба димоғаш расид.
Модагург гӯё аз нав ҷони тоза дарёфт, ки зуд- зуд ҳама ҷоро бӯ кашида яқин кард, ки бачааш ин ҷост ва ӯ бо панҷааш дарро кушодан хоста, таги дарро ханҷол кашид, вале дар маҳкам буд.
Бӯр назди тиреза омада ду пои пешашро ба девори таги тиреза такя дода сари пои ақиб ба қадди тиреза рост шуд ва аз шиша ба дарун назар кард, вале даруни хона сиёҳи торик буду чизе ба назараш нанамуд.
Гургбача аз даруни хона дар рӯшноии чароғи таги долон аз назди шишаи тиреза модарашро дида хурсандона ба «зинг- зинг» даромад ва модар садои фарзандашро аранге шунид. Шуниду тирезаро ба ханҷолкашӣ даромад. Фукашро ба шишаву чӯби

тиреза шакидаву расонида онро кушода бачаашро рабудан хост, вале натавонист.
Гург аз сари нав ба замин хамбида назди дар рафт ва бори дигар онро кушодан хост, натиҷае ҳосил нашуд.
Бӯр ҳис кард, ки синаи пури шираш сахт ба дард омадааст. Балки шири сина аз чочҳояш чаҳида ба замин рехт. Мехост бачаашро маконад, вале гургбача даруни хона буду дару тиреза маҳкам.
Гург пасу пеш чанде қадам, зада аз нав назди дар омад ва ба кандани андоваи рӯи хоки долон мушкилӣ кашид, вале баъд кораш осон шуд. Хоки зер чандон сахт набуд ва гург дар андак вақт аз таги дар чени даҳани танур чуқурӣ канда, хоки онро зери долон баровард.
Бӯр ногҳ аз хонаи дигар овози гиряи кӯдак ва гапзании соҳибхоназанро шунида аз кандан бозистод. Аз хонаи паҳлу дар кушода шуду аз он зани Ибод духтарчаи раҳгардонашро барои адои ҳоҷат ба берун баровstreet, дар рӯшноии чароғ дар дами хонаи дигар гургро бо чашмони оташбор дида, аз тарс як «Ваҳ!» гуфту зунуки гирифта дар ҷояш шах шуд. Танҳо ҳамин қадар ақлаш гирифту тавонист, ки дари хонаро бо мушт сахт зада шавҳарашро аз хоб бедор кунад.
Ибод овози ваҳшатзадаи зан ва кӯфтани дарро шунида аз ҷо хеста, берун баромад ва ӯ низ сӯҳроби гургро дида бо мақсади камон гирифтан аз нав ба хона даромад.
Гург Ибодро шинохт. Афту андоми ӯро дар зиндагӣ бори сеюм медид ва ин лаҳза ҳис кард, ки ин башара албата, мусибатеро ба сараш меорад. Бино бар ин, Бӯр худро аз рӯшании таги долон канор гирифта, бо ҷаҳише ба ҳавлӣ ва аз он ҷо таг- таги сафил то назди обмӯрӣ расида аз он берун шуд.
Дар ин нисфишабӣ садои паиҳами автомат на танҳо хонаву ҳавлии Ибод, балкӣ ҳама деҳаро ба ларза оварда, бештари мардумро ҳаросону ҳаромхоб гардонид, вале гург алакай деҳаро тарк гуфта, худро ба доманаи теппа, ба ҷои торик зада буд.
Шаби дигар низ гург аз нав ба хонаи Ибод омад. Омаду дар ҳавлӣ саги тозии шикориро дид, ки зери долон хоб аст. Ҳис кард, ки мард аз тарси ӯ ба ин ҷо саг овардааст. Дигар аз ин ҷо бачаашро халос карда бурда наметавонад.
Бӯр ният кард, ки ягон шаб аз қафои девори хона сӯрохие канда, бачаашро гирифта меравад.
Паси хонаи Ибод замини юнучқазори хоҷагӣ буд ва хоҳу нохоҳ агар ба ин роҳ корафтодае гузар накунад, дигар вақт ин ҷо орому осуда аст.
Модагург баъди дидани саг имшаб аз мӯрии оббароии ҳотаи Ибод ноаён баромада ба адир рафт, вале то шаби дигар аз ғами фарзанд даме оромиро надонист. Гӯӣ ҳар лаҳза гургони дигар дилу ҷонашро тала мекарда бошанд, аз хобу хӯр монда буд.

Баъди ду рӯз Бӯр боз аз нав ба деҳа омад.
Борони баҳорӣ бошиддат мебориду меборид. Гург, вақте ба хонаи Ибод наздик шуд, борон он сон шиддат гирифта буд, ки гӯё аз шифери рӯи бомҳо бо сатил об мешорид ва маълум, ки дар чунин ҳолат аз як тараф равуои одамону ҷонзоти дигар кам гардад, аз тарафи дигар, шамол бӯи гургро ба ҷои дур паҳн карда наметавонад.
Гург аз қафои девори хонаи Ибод, ки бачааш он ҷо маҳкам буд, ба кор сар кард ва дар як муддати кӯтоҳ чуқуриро қариб то нисф канда буд, ки саги дайдӯи гурӯснае, ки хона ба хона гашта, қутти лоямут пайдо кардан мехост, аз паси хонаи Ибод гузашта, хоккании гургро дида, бо садои гӯшкаркунанда ҳама сагони деҳаро огоҳ намуд. Як дам нагузашта, чанд саги деҳа аз қафои тозӣ шуда гургро думболагир аз деҳа баровარданд.
Рӯзу шабони минбаъда дар деҳа ҳодисаҳое ба амал омаданд, ки гург сарфаҳми онҳо намерафт ва бадии кор дар он буд, ки Бӯр ҳарчанд пайт меҷуст, ба деҳа наздик шуда наметавонист.
Фардои он шабе, ки сагҳо ӯро таъкиб карда, қариб то болои теппаи Ҳалқаҷар думболагир оварданд, дар қишлоқ парон- парону хонасӯзӣ, одамкушию ғоратгарӣ оғоз ёфт ва садои пайдарҳами даҳшатбори тиру камон қариб, ки як ҳафта давом кард.
Он шаб қарибиҳои намози хуфтан модагург ёлаи Уқобнишинро гузашта сӯи деҳа раҳсипор гардида буд, ки яку якбора ба гӯшаш садои тирпарронии берабт расид ва ӯро беихтиёр аз роҳаш боздошт. Гург гашташро дигар карда, тарафи Дараи Дуздон тоб хӯрд ва аз байни каҳмолу шулашзори он ҷо тарафи деҳа зеҳн монда дид, ки рӯшании фавораи оташ аз дуриҳои дур намудор буд. Хона аз паи хона месӯхт, дар деҳа ва садои мотори мошинҳои зиреҳпӯши ҷангию тирпарронӣ, ҳаёҳӯи одамон, гиряи кӯдакону нолаю зори занон ба гӯш мерасид.
Гург танҳо ҳамин қадар фаҳмид, ки дар деҳа фалокате рух додаст ва ба он ҷо рафтан ба ҷонаш хатар дорад.
Дар баробари ин кадом қуввае ӯро маҷбур мекард, ки ба пеши бачааш, ба деҳа равад. Охир он ҷо аз ҳама дороии дунё азиз, ягона умеду орзӯяш—бачаашро дар хонае маҳкам нигоҳ медоранд ва фарзанди ӯ низ дар қатори одамон дар байни обу оташ аст. Модагург бояд то даме зинда аст, то вақте ҷон дар рамақ дорад, барои халосии фарзандаш мубориза барад, вале бар қасди тақдир он ҷо мардум чӣ рӯзи қиёмате барпо кардаанд, ки Бӯр аз тарси ҷон ба он ҷо рафта наметавонад.
Гург се шабу се рӯз аз даҳшати тирпарронию хонасӯзӣ ёла ба ёла гашта ҳарбаи (қуввати), ба деҳа хамбидан накард.
Чӣ рӯзҳои наҳсу чӣ шабҳои шум буданд, ки мардум ба сари ҳамдигар тиру камон кашида хонасӯзию одамкушӣ мекарданд?!
Дарранда чӣ медонист, ки тоҷик, ки худ дар рӯи замин он қадар ҳам зиёд нест, ин шабу рӯз ба сари бародари ҳамхуну ҳам-

тақдири худ корду камон кашида хонасӯзӣ дорад, фарзанди якдигарро сар мебуррад?
Мардуми камшууру бемаърифатро сиёсатмадорони ҳанӯз худ дар сиёсат хом барои соҳиби мансаб гардидан фиребида ба як дину ду мазҳаб, суннию шиа (юрчику вовчик), ҷудо намудаву ба ҳам зид кардаанд ва ба ҷанги хунин кашидаанд.
Гург инчунин намедонист, ки Ибоду Муҳаммад ва Ҷобир, ки ба сари ӯ ин ҳама офату бало оварданд, имшабу рӯзҳои дигар деҳа ба деҳаву шаҳр ба шаҳр гашта ба сари мардум ва ҷигаргӯшаҳои худ низ чӣ бадбахтиҳо меоваранд…

## VIII

Бегоҳие гург ҳис кард, ки дар деҳа тирпарронӣ шунида намешавад ва дигар аз сӯи деҳа ва атроф садое ба гӯш намерасад. Ҳатто овози сагон кам гаштааст ва Бӯр, ки тамоми он рӯз сар-сарӣ гашта, фурӯравии офтобро бетоқатона интизор буд, баробари торикшавӣ худро дар паноҳи теппаи болои деҳа гирифт. Аҷабо, дар чашмаш дар деҳа рӯшноие нанамуд.
Танҳо дар ду-се хона рӯшании хираи чароғ метофту халос.
Аз ягон ҷо овозе ба гӯш намерасид.
Дар ин шоми наҳс гӯё ҳама ахли деҳа ба хоби гарон ё абад афтода буданд, ки шамол танҳо ба димоғ бӯи сӯҳтагии хокистару гӯшти гандашудаи нафратоварро меовард ва гург аз ин оромию бӯи бад ба даҳшат афтод. Ӯ дар умри худ ҳеҷ гоҳ чунин оромии тарсовар, бӯи бади дилбеҳузуркунандаро надидаю ҳис накарда буд ва гург ҳайратзада шуд.
Бӯр вақти аз болои теппа ба поён хамбидан рӯи дашт сиёҳии хобидаеро дида пештар рафт ва назар кард, ки саги мурдае бӯ гирифта, дам карда хобидааст. Ӯ аз бӯи бад нафасгардон шуда, хост аз ҷасад дуртар гузарад, вале дилаш гувоҳӣ дод, ки саг шинос аст.
Гург ба ҷасад наздик шуда зеҳн монд, ки ҷасади Полвон, ҳамон саги ошност, ки занҷир дар гардан, бадани бо тирҳои автомат ғирбол гардонида шуда, варам, балкӣ дам оварда мурда хоб аст.
Гург фаҳмид, ки сагро парронда куштаанд ва кӣ медонад, аҷаб не дар охирон лаҳзаи ҳаёт Полвон ҷисми аз тир ғирболашро кашидаву кашола карда, сӯи лонаи гург шояд равон будааст, то ҷонашро аз марг раҳоӣ бахшад?
Дареғ, ки саг ҳатто намедонист, одамон ба сари бачаҳои ҳанӯз рӯз надида ва ба дидори падар мушарраф нагардидаашро ба чӣ даҳшат гирифтор карда куштаанд. Ин соат бошад модагурги модарашон барои наҷоти ягона фарзанди зиндамондаашон чӣ рӯз дорад?!
Модагурги ваҳшатзада баъди чанде аз пеши ҷасади Полвон дур шуда, ба деҳа наздик омад ва деҳаро ба ҳоли табоҳ дид.
Дар чашмаш ҳавлию хонаҳои сӯхта, тӯпҳои хокистар, пояҳои

оҳании кандаю чойлобҳои вайрона, дару девори валангор, гову моли сарҳуйю бесоҳиб намуданд ва гург донист, ки хонаи ободи мардумро мисли лонаи ӯ сӯхтанд, канда ба ғорат бурданд, фарзандони инсонҳоро мисли бачаҳои ӯ шикорчиҳо куштанд.
Модагург роҳи бозгашт чун ҳарвақта худро назди обмӯрии ҳавлии Ибод гирифта хонаро назора кард. Дар ҳавлию хона ҷонзоте ба назар наменамуд. Гург шикаммол хазида, аз обмӯрӣ гузашт, ва ин дафъа шишапорае синаи пур аз ширашро андаке бурид, ки гург бесаранҷом гардида худашро ба бехи сафил гирифту синаашро лесида, ҳис кард, ки дар баъзан ҷои пистонҳояш аз сабаби намакидани гургбачаҳояш ва манъ шудани шири сина захмҳо пайдо шуда, пӯсти синаро дардманду абгор гардониданд.
Модагург рӯ- рӯи захмҳоро низ дар қатори ҷои буридаи шиша лесида каме осуда шуд ва гирдогирди ҳавлию хонаҳоро назора кард. Чун нохӯшие пайхас накард, рост ба тарафи долон ва хонае рафт, ки он ҷо бачаашро маҳкам нигоҳ медоштанд.
Бӯи ғализи кӯрпаю намади сӯхтаю хонаи валангор, латтапораҳои титу парешони рӯи ҳавлиро дид гург, вале аз соҳибони хона ному нишоне ба чашмаш нанамуд. Хонае, ки дар он бачаашро нигоҳ медоштанд, дару тиреза надошт. Касе онҳоро канда бурда буд.
Гург гирдогирди хонаро бӯ кашида ҷои зисти пештараи гургбачаашро ёфт, вале аз фарзандаш нишоне набуд.
Бӯр бори дигар давродаври хона гашт ва чун осоре дарёфт накард, ба хонаи дигар гузашта даруни он хонаро низ аз назар гузаронид. Аввал ба долон ва баъд ба ҳавлӣ хамбида сӯи оғилхона рафтан хост. Ногоҳ аз таҳхона нимшунаво, ахранге ба гӯшаш овози нолишомези кӯдак расид. Гург аввал аз овоз кебида каме ҳаросон шуд, вале баъди хуб пайхас кардан аз роҳаш баргашта, низди дари таҳхона омад. Аз сӯрохии дари он нолиши тифле базӯр ба гӯш мерасид.
Гург дарро ханҷол кашид, то раҳ ёфта ба таҳхона дарояд, вале дари оҳанин маҳкам буд. Дили модар гувоҳи медод, ки шояд бачааш ҳамроҳи ҳамин тифл дар таҳхона аст.
Бӯр фукашро ба сӯрохии бари дар бурду бӯ кашид. Дар қатори бӯи тифл, боз кадом бӯҳои дигар низ ба димоғаш заданд. Нолиши дардноку имдодталабонаи кӯдак боз ба гӯшаш расид ва дарранда бо мақсади раҳкушоӣ аз таги девори намкашида ба кандан сар кард…
Соате нагузашта гург ба таҳхона ворид гардида, аз бӯи бади ҷасади мурдаи одамӣ нафасгардон шуд. Гург ҷасади варамовардаи зану рӯи ҷасад сина ҷуста истодани тифлеро дид.
Шаби аввали ба ин ҳавлӣ омадан симои ин занро дарранда дида буд, вале он шаб ин тифл не, духтари дигар, кӯдаки раҳгардон буд ҳамроҳи зан. Ин тифл фарзанди хӯрдии зан буд.
Он шаб ин зан аз ҳайбати гург як «Ваҳ!» гуфта бо мушташ

дарро зада, шавҳарашро аз хоб бедор карда буд. Акнун зан кайҳо мурда, ҷасади бӯ гирифтааш дам оварда, вале тифли ҷон дар рамақ доштаи ӯ комак зада синаи модар меҷӯсту мададгоре, барои ин тифли масъум набуд.
Чашмони зан аз косахонаи сараш баромада, баданаш аз тирҳои автомат ғирбол гардида буду бо тани варамовардаю ҳоли зору табоҳ ба хоби абад рафта буд зан.
Аз афти кор, зан тифли ширхорашро аз «шикорчиҳо» дар бағал панаҳ карда будааст, ки кӯдак зинда монда бошад ҳам, дар ин се шабонарӯз бе шири модар рамақи ҷонаш ҳанӯз боқӣ монда, комак зада, синаи модар меҷуст, вале ақлу қуввати дарёфти пистони модарро надошт. Балкӣ аз ҳодиса ва марги модар низ тифл огоҳ набуд.
Модагург аввало аз чашмони калон- калон кушода мондаи модар ҳаросид, вале баъди он ки нолиши дардомези тифли ҷон дар рамақ мондаро шунид ва комак зада сина ҷустанашро фаҳмид, саропои вуҷудашро ҳисси модарӣ фаро гирифту ихтиёр аз даст дод.
Дарранда болои сари кӯдак омаду сар хам карда, тифлро бӯ кашиду сару рӯи кӯдакро лесид. Кудак меҳрубоние ҳис намуда, андак ба ҷумбиш даромад ва панҷаҳои ногирояш синаи модар ҷустанд.
Модагург ҳаракатҳои тифлро дида ноилоҷ поинтар аз ҷасади модари тифл ҷисмашро ба замин хобонида бо панҷаҳояш кӯдакро аз зери ҷасади модари варамоварда меҳрубонона кашида ба бағал гирифт ва дид, ки сари тифл ҳанӯз аз синааш болотар аст. Даҳони кӯдак ба чочаш намерасад.
Гург каме хазида ҷасадашро болотар кашид, ки сина ба даҳони тифл баробар рост ояд ва кӯдак чочи синаашро ба даҳон гирифта тавонад.
Ҳарчанд ба лабу даҳону рӯи тифл пашмҳои гург халида ӯро нороҳат карда бошад ҳам, тифли дар ҳасрати лаззати шири ҷонбахши модар бо панҷаҳояш синаи гургро ҷонҳавлӣ қапида, чочи гургро ба даҳон гирифту комак зада ба макидан даромад ва кӯдак дигар ин сарчашмаи ҳаётро ҳаргиз аз даст раҳо кардан намехост, ки намехост…
Модагург аз комакзанию макидани тифл ончунон ҳаловат бурд, ки ин дам дарди ҷонкоҳи захмҳои сина ва ҷои шишабуридаи синааш аз ёдаш фаромӯш гардида буданд.
Баъди ба серӣ хӯрдану синаи гургро раҳо карда, ором гирифтани кӯдак, гург дар таҳхона баногоҳ бӯи бачаашро ҳис кард. Аз ким - куҷое бӯи гургбача ба димоғаш расиду дарранда девона шуд. Гургбача мисли тифли нимҷон дар каҷии таҳхона, дар даруни панҷараи оҳанин аранге меҷумбид.
Гург аз ҷунбиши андаки ӯ донист, ки бачааш ҳанӯз ҷон дорад. Бӯр панҷараҳоро кушодан хоста ба яке дандон зад ва чанде

онро хоид, вале ҳис кард, ки оҳани панҷара сахт аст ва онро дар муддати кӯтоҳ хоида, канда, шикастан осон нест, бино бар ин аз амали аввалааш даст кашида ба кандани хоки зери панҷара шурӯъ намуд.
Ин дафъа бахти модагург омад кард ва баъди кандани замини зери панҷара, қисми поёнии симҳо кушода гардиданд ва гург бачаашро аз зери он халос карда тавонист.
Ибод бо мақсади аз чашми дигарон пинҳон кардани зану кӯдакон ва бачаи гург онҳоро дар таҳхона ҷо карда, аз сабаби надоштани қафаси оҳанӣ сими ғафсеро ба қадри тахмин як метрӣ калта карда, як тарафи симҳоро ба замини каҷии девори таҳхона халонида, болояшонро чун сабад бо сими мулоим маҳкам баста, гургбачаро даруни он ҷо дода, болояшро бо намади кӯҳна ва ҷиғелпорҳо пӯшонида будааст.
Ибод ҳавас дошт, ки гургбача андак калон шавад, онро дар мошинаш бор карда, ҳамроҳ мегардонад, то дар назди ҳамяроқону мардум ифтихор кунад, ки ягона ӯ чунин муъҷизаро дар ин замину замон дорост, на каси дигар, ки ӯ думболи бародаркушӣ сарсону саргардон буду аз ҳоли хонаводааш бехабар. Ҳама ҳавасу ормонҳояш акнун дар дил монда буд ва ин замон касе намедонист, ки Ибод зинда аст, ё ӯро ҳаммиллатонаш мисли аҳли оилааш куҷое нест кардаанд.
Модагург рӯи замини таҳхона чун тифли нав сина маконидааш гургбачаашро низ наздаш оварда, дар бари ӯ хоб кард ва бачаашро ба серӣ маконд, ки гургбача оҳиста-оҳиста қуввату модор гирифта, ҷони тоза ёфт ва калавида ба по хестанӣ шуду натавонист. Гургбача ҳамин қадар қувват кард, ки пеши фуки модар омад.
Бӯр сар то ба пои фарзандашро бӯидаву лесида акнун дар тарадуди он буд, ки аз ин таҳхона баромада равад. Ин дам кӯдак аз нав ғаш карда, ба гиря даромад ва гург бесаранҷом шуд, зеро овози гиряи тифл на чун пештара нолиши ҳазин, балкӣ садои баланд буд. Шояд кӯдак баъди нӯшидани шир қуввату мадор пайдо карда буд, ки гиряи ӯ сахту гарон менамуд.
Модагург бачаашро ба ҳоли худ монда, назди кӯдак рафт ва бо меҳрубонии модарона аз нав сару рӯ ва ашки бари рухсораи кӯдак таровидаро ба лесидан даромад.
Кӯдак ором гирифта, комак зада бо панҷаҳояш сина ҷуст ва гург ноилоҷ аз нав дар бари ӯ хоб карду мисли пеш аз ин бо панҷаҳояш ӯро назди синааш овард. Кӯдак чочи гургро ба даҳон гирифта хомӯш шуд.
Модагург тифлро шир медоду дилаш дар изтиробу ҳарос буд. Ҳис мекард, ки фурсат танг аст ва ӯ бояд ҳарчӣ зуд аз ин ҷо баромада равад. Аз шикорчиҳо метарсид, бино бар ин оҳиста аз ҷо хеста, гург бачаашро ба даҳон гирифта, бо сӯрохии кандааш аз таҳхона баромад.

Кӯдак баробари аз даҳонаш канда шудани чочи гург боз фиғон бардошт ва овози гиряи ӯ ба гӯши модагург алоҳид расид. Даррanda атрофро аз назар гузаронида хавферо ҳис накарда,то назди обмӯрӣ расиду бачаашро он ҷо гузошта аз нав ба таҳхона омад ва аз парпечи тифл озод газида, кӯдакро мисли бачааш ба даҳон гирифта аз таҳхона берун шуд ва ба зудӣ назди бачааш расида тифлро ба ҷои ӯ ба замин ниҳода, бачаашро ба даҳон гирифту аз деҳа баромад.
Баъди он ки модагург бе осеб то паси теппаи болои деҳа расид, андак осуда шуд, вале садои гиряи тифл ҳанӯз ҳам дар гӯшаш шунаво садо медод ва меҳри модарӣ гургро аз нав бесаранҷом кард. Бӯр бачаашро сари теппа ба замин гузошта, каме нафас рост намуд. Атрофро аз назар гузаронида ба осмон дида дӯхт. Дарранда фаҳмид, ки ҳаво рӯшан шуда истода, субҳ медамад. Қарор дод, ки рафта, тифли бесоҳиб зинда мондаи одамиро аз дами шикорчиҳо халос карда, ба ин ҷо биёрад. Баъд ин манзилу маконро ҳамаумрӣ тарк гуфта, кӯдаку бачаашро аз ин манзилу макон ба ҷангалзорҳои дури дур бидарад, то ки дигар дар олам чашми одамӣ ӯ ва кӯдаконашро ҳаргиз набинад, ки набинад. Дарранда бо ҳамин мақсад сӯи хонаи Ибод равон шуд…

X X X

----------------------------------------

## Деҳотӣ

(Ҳикоя)

Усто Ашӯрмад хислати аҷиб дорад. Рӯзи истироҳат, ки фаро расид, ҳатман ба деҳа, ба хонаи бародараш Азиз меояд.
Меҳмонию хабаргирӣ не. Ҳамин хел мардак одат кардааст.
Саҳарии рӯзи шанбе баробари рӯз шудан мебинӣ, ки аз кӯҳтали болои қишлоқ сарнишеб хамбида омад.
Ба хонаи Азиз расидан баробар, баъди ҳолу аҳволпурсии бародару келин чанд дақиқа бо кӯдакҳо шӯхию бозӣ карда, баъд ба ҳота медарояд.
Мебинӣ ё замин побел мекунад ва ё бехи дарахтони гирди ҳотаро нарм намуда, шоху навдаҳояшонро қайчӣ зада ба тартиб медарорад. Кори дигар, ки наёфт, ӯро ба хишоваи пали пиёзу гашнич андармон мебинӣ.
Пас аз анҷоми кори ҳавлии Азиз, Усто Ашӯрмад ё барои Сафархӯҷаи ҳамсоя сафил мепӯшонад ва ё дару тирезаи хонаи Бобои Фозилро васл мекунад. Хулоса тамоми рӯз дар деҳа андармони кор аст.
Нисфирӯзӣ Ашӯрмад дар хонаи Азизи бародараш хӯроки ҷамоа ташкил мекунаду бо ҳамсояҳо соате аз кору бори зиндагӣ сӯҳбат меорояд. Бачаи мардак ҳай хӯшчақчақу сӯҳбатороест.
- Ба Чуқурак дилбастагӣ, ки дорӣ, барои чӣ ба шаҳр кӯчидӣ? -пурсид боре Сафархӯҷа ва гуё ба ҷои дардманди Ашӯрмад даст расонида бошанд, ӯ ба алам дарди дил гуфт:

- Сабил, занакҳо созомадӣ накарданд. Медонӣ, ки худоро шукр, аз ман чор фарзанд дорад янгаатон. Пагоҳ ё бегоҳ панҷумаша таваллуд мекунад. Аз Азиз дута.
Занҳо « гадо бошему ҷудо бошем», гуфта ҷанҷол бардоштанд.
Ҳавлӣ танг, ки хонаи дигар созем. Дар ин замона ҳатто кӯру шал ҳам аз падару модару бародар ҷудо зиндагӣ мекардагӣ шудаанд.
Шаҳру қишлоқе нест, ки он ҷо гузари « отабезорон» бунёд нашуда бошад. Ана, ман ҳам маҷбур, аз ягона бародарам ҷудо шудам.
Ҷои зистам дар шаҳр, дар ошёнаи панҷум. Зиндагиам бад не. Хонаҳо ҳама роҳати ҷони занак, лекин сабил барои ма ҳабсхона.
Дар гӯр феъли бадам, ки ба ин хонаҳои тозаю озода, газу ваннаи бароҳат одат накардаам.
Оби ҷую шаршара аз инҳо беҳтар. Аз хурдӣ, ки дар ҳамин пастиҳо одат кардам, ба хоку обу лой ҷӯлидаю олуда калон шудам. Ба ма баландию озодагӣ намефорад.
Бе гову мол, бе заминпобелкунӣ, нони гарми танурию сандалӣ зиндагӣ чӣ маънӣ дорад?
Гуфтам- ку, хонаҳои нав барои занак роҳати ҷон. Дар қишлоқ гову мола саришта кардан лозим, об овардану  ҳавлирӯбӣ, нонпазию боз сад ташвиши дигари рӯзгор.
Дардо ба дарди зимистон нарасад, Мебинӣ, ки хунукиҳо сар шудан баробар кӯфу пӯфи печкаву дӯдаи сиёҳ сар мешавад. Ай дуди тапаку рӯған ҳафтадармиён тӯтаи печкатозакунӣ.
Баландошёнаҳои шаҳр мисли кафтархона ҳам бошанд, бе дуду тафанд.
Зани ун хел роҳата дида гапи пастубаланди хусуру хушдоману зуқ- зуқи зани ҳевара мебардора?  Намебардора. Лекин ҳамон хонаҳои маданӣ ба табъи дили ма нагуфт.
Рӯзи истироҳата поида меистам, гӯям масхараам накунед. То и рӯз мерасад каф - кафаам мегираде. Дар он ҷо намедонам сарама ба кадом дар занам. Ҳамсояҳо ҳамагӣ маданӣ. Дар идораҳои боло кор мекунанд.
Дар як хонаи капа калон як худам коргари мӯзапӯш. Дигар ҳама галстукдор.
Бегоҳӣ, ки мешавад ҳар кадомашон мисли хирс дар хонаҳошон медароянду дарҳо маҳкам. Лонаи гургу рӯбоҳ хубай, ки раҳаш каҷу килеб ҳам бошад, дар надорад. Дарҳои мо ҳамагӣ ай дарун қулфи хориҷӣ.
Каси даҳ маротиб ба хонаат омада ҳам аз якрангии хонаҳо раҳгум мезанаде.
Дар гӯр одати бади рӯизабонимон. Муроотӣ хоҳам нахоҳам, яъне «чарх зада бетон хонаҳои моҳонба, четвёртий этажанда», мегӯему гузашта меравем. Ана ёбу гир, ки ҷои зистамон дар кадом кафтархона аст.
Туф ба инхел ҳолу аҳволпурсию одамгарӣ!
Гуфтам – ку, дар қишлоқ сад хоҷагӣ зиндагӣ кунад, ҳар кадом аз аҳволи ҳамдигар бохабар, ёрирасони ҳамсоя.
Дар ҷойҳои маданӣ ин хел нест.

Барои ҳамин як соат, ки бекор мондам, худама ба даргоҳи Азизи бародарам мезанам. Ҷони дардмандама инҷо таскин мебахшам…
Бегоҳии рӯзи дигар офтоб ҳанӯз нанишаста, мебинӣ, ки Усто Аӯрмад бо ҳамон роҳи дина рӯз омадааш кӯҳталро рӯболо шуд.
Дар рӯймолаш барои кӯдакон як каф қуруту се- чор дона себ савғо гирифтааст. Бо мӯзаҳои чармӣ қадаммониаш вазнин, мисли одами равам- наравам, дилаш ба кору бор, сӯхбати ҳамдеҳагон ва хонаи Азизи бародараш кашол аст.
- Наравам, занак дар сарам чормағз мешиканад,- мегӯяд ӯ нимҷиддию нимшӯхӣ ва сари кӯҳтал баромадан замон албата сӯи деҳаи Чуқураки назарногир бори дигар ба меҳр дида медӯзад…

X X X

----------------------------

# Фиғон

### (Ҳикоя)

### I

— Шоҳини ҷун!
— Чӣ гуфтӣ, Қумринисо.
— Имрӯз як бор тарафҳои мо гузар накардӣ.
— Духтурҳо иҷозати раҳгардим наметан.
— Бало дар саршун. Биё Шоҳин, ёдут кардаме.
— Сад бор ба ту духта(р) гуфтум, ки гапҳота хоида бизан.
Ма зану бача дорум.
— Садқаи бачаҳот.
— И гапа ҳазор бор шунидум. Гапи нав бигу.
— Хайр, садқаи Нигинамои очаи бачаҳот. Садқаи сагои гузартон. И дили сабилима чӣ кунум? Дустут медорум, Шоҳин. Дар ҷони дардмандут бимирум.
— Мурдан осон шид, Қумринисо. Ягон ҷавони саҳати дигара дӯст бидор. Занум шунава тарту партат мекуна. Медонӣ, Қумринисо, ки аксар духтарҳову медсестраҳо (хоҳарони шафқат) рӯшоду пинҳонӣ ишқварзӣ мекунанд, касалиҳо ба худию бегона мегарданд. Майл дошта бошӣ, ба онҳо шарик шав. Мара ба ҳолум мон.
— Дар и дунё ба ғайри ту ба касе майл надорум. Пеши Худо шукрона мекунум, ки ҳами дарда миясарум гардонду туро дидум. Шоҳин, айби ма не, хости Худо будаст, ки меҳри туро дар дилум ҷо кард.Дар як моҳ, дар як сол боре бубинумут, ба Худо шукрона мекунум.
— Ҳамаи макр то ягон бача ёфтана набоша?
— Э не, Шоҳини ҷун. Намедонӣ, ки и силкасал (туберкулёз) оқубат зана безурёт мегардона. Аксари занакҳои ба и дард гирифтор фарзанда бо ҷон таваллуд мекунанду бачаҳошон намезияд. Дар моҳи аввали ба дунё омадан кӯдакҳо ай захри сил мемиранду очаҳошона бадбахту рӯсиёҳ мегардонанд. Духтари ба и касал гирифторро кӣ ба занӣ мегирад, Шоҳин?

— Садқаи дили дардмандат, Қумринисо. Чӣ и дарда даво мекарда бошад?
И саҳарӣ дер омадию гуфтум куҷо шуд Қумринисои нозанин:
— Дар ҷонут бимирум, Шоҳин, ки ёдум кардӣ?
Сарма шуста пеши очаат сарбофӣ рафтум. Мӯҳои бақадма панҷак бофту таъриф кард. Ина даст карда бубин, чилкокули очат бофтагира. Ҳарчанд қуввату дармон надошт, садқаи панҷаҳои амам, кокулома хушрӯ бофтаст.
— О балое. Ба ӯ ҳам сирри дилата гуфтаӣ?
— Бе гуфти ма ҳам медонад. Ай меҳри ма кӣ хабар надорад?.
Ҳама одамҳои касалхона ҳоли сӯхтаи дили мара медонанд. Аҷаб не очаи кӯдакҳоят ҳам хабар дошта бошад. Фақат ту Шоҳини қайсар ай ҳоли дилум хабар надорӣ.
Хабар дорӣ. Медонию худата ба нодонӣ мезанӣ. Ай ма мекебӣ.
**Илоҳӣ мисли ман ошиқ шавӣ бар ишқ дармонӣ,**
**Ба дасти нокасе афтӣ, бисӯзӣ, қадри ман донӣ.**
Не, не. Худо ба дасти нокас наафтӣ. Ба очаи бачаҳот насиб кунӣ.
Садқаи дардут, Шоҳин! Шавад, ки ҷонма ба ҷонут пайваст кунанд, сиҳат шавӣ. Сиҳат шавиву пуши зану бачаҳот биравӣ. Баъд, баъд мара хабаргирӣ биёӣ. Биёию ҷонма қурбонут кунум.
Мефаҳмум, ки дард мағзу устухонта месӯзад, рӯз ба рӯз харобу хастаат мегардонад, ворӣ (вале) дустут медорум, Шоҳин.
Медонум, ки мисли зиндагӣ вафоим намекунӣ, лекин хости Худо будааст, ки ма ба бачаи чӯчадор дил бастум. Дил бастуму дил канда наметонум, сазои сарум.
Садқаи ранги зарди Шоҳини ноомухтум.
Ҷонум дар ӯ абрӯҳои пайвандиву холи бари рӯт.
Рӯи кат хашрӯву бароҳат бишинда ормонум бишканад, Шоҳини меҳмонум. Ма дар кати дугонаи Сайбим мешинум.
Як севи сурх очат дода будум, бигир ҳамира ай дастум. Хонаи муваққатии ноободи Қумрии овораи бечорара пурнур кардӣ. Хона рӯшан шиде. Хона не, дилум ай омаданат шод гашт…
Бубин, Шоҳин, кафтаре дар даҳани тиреза ҳардуи мора тамошо дорае. И ҳам ошиқ бошад?
Ай болои сарут, Шоҳини ҷон доирара бидеҳ, як байтут бихонум.
**Э кафтари қум- қумӣ, қум- қум ба ҳаво,**
**Шоҳини мара бигир бубар пеши Худо.**
**Ту арзи мара бигуву, ма арзи туро,**
**Ба сӯзиши силкасал, бигу чист даво?!**
— Қумринисо, худату мара и қадар насӯз. Овозта ҳама шуниде. Шармандамон кардӣ!
— Сад нобут, қаҳр накун, Шоҳин. Бишин ана сурудхонира

бас кардум. Дигар овозма баланд намегирум. Паст- паст бихонум, майлаш?
— Майлат, бихон, Қумринисо.

**Дар палати рӯ ба рӯ меҳмон дорум,**
**Як лаҳза ба шиштанот ормон дорум.**
**Як лаҳза бишинда бишканад ормонум,**
**Дар қошои пайвандит барояд ҷонум.**

— Садқат, Қумрӣ, бас! Бас, ки ҳозир ҳамаи касалиҳо овозта шунида меоянд. Ба палатаи худма равум, ки атам гуфта буд меояд. Насиб бошад, боз меҳмонӣ меём, Қумринисо…

**II**

— Ота. Омадӣ? Биё садқат. Барои чӣ чор рӯз мешавад, ки очам хабаргирӣ намеояд?
— Духтурҳо дору рехтанаш, нотов шидаст. Андак ҳолаш беҳ, шавад, меояд.
— Фиребум накунӣ, ота?
— Не, бачаи ҷун.
— Аҳволи худам ҳам ӯ қадар хуб нест. Нафасам тангӣ мекунад. Айни сулфа задан хун туф мекунум.
— Шукрона кун, Шоҳин, ки ба ғазаби Худо гирифтор нашавем. Чӣ хатову уболе, чӣ ношукрие ай дасти худмон гузашт, ки ба азоби алим афтодем.
— Ҳазор бор шукри Худо…
— Ота, ҳамаи мора заҳри пахта ба и ҳол гирифтор кардааст. ё дарди дигар? Аз як хонаи бозори гардон ҳама якбора бемори бистарӣ шудем? Гуландому Зарнигори хоҳарҳом аз ҳами касал мурданд. Келинат, очаи кӯдакҳом дар табобатхонаи Кадучӣ. Очам дар палатаи чоруми ҳами табобатгоҳ. Худат, отаи ҷон, дар палатаи якум.
Дар як табобатгоҳему ма очама хабар гирифта наметавонуму очам мара. Ду додарум дар табобатгоҳи Мачитон. Хоҳарҳо дар табобатгоҳи Восеъ. Як Рустами додарум андак рӯи по мегардад. Ай Рустам, хабаре дорӣ, ота?
— Як бача ай Пушиёни боло, ай пеши Рустам омадаст. Гуфт, ки ҳӯҷҷатҳоша дар техникуми (омӯзишгоҳ) савдо супурдааст. Ду рӯз пас имтиҳон доштанд. Иқболаш баландӣ кунаду дохил шавад, чӣ давлате. Лекин саломатии Рустамҷонум ҳам хуб нест. Сулфаи бачаҳалок азобаш метия.
— Ота, ҳами касали исқо аз куҷо пайдо шуд?
— Ай заҳри пахта. Ай рӯзгори норасо. Шоҳини ҷун, тану ҷони худам ба дарди бало гирифтору ғами шумо сарбории ғамҳом. Ба маргам ризоям. Кошкӣ, мемурдаму и рӯзи сиёҳа, дарду ғами шумора намедидам…
— Ота, намедонистум, ки ғами дилат боз рӯ мезанаду гирёнат мекунам. Охир, чор рӯз мешавад очама дида наметонам. Шавҳо хобам намебарад. Ҷонум месӯзаду фикр мекунам.

Ягона таскини дилам очам мондасту шумо, ота.
Зинда мондани мову шуморо ҳам Худо медонад. Тақдир чанд рӯзу соати дигар дар азалмон зиндагӣ кашида бошад?
— Шоҳини ҷун, шукрона бикун, ки «дард дигару марг дигар аст». Умри ма ай шаст гузашт. Ту ҳоли нав ба бистуҳафт даромадӣ. Як каф хоки дасти ту насибам шавад, дигар ормон надорам…
— Ота!
— Ҷони ота.
— Рӯз торик шид. Албат, ки намозхонӣ меравӣ.
— Ҳова бачам. Намозҳома, ки хонадам, доруҳои фармудаи духтура мехӯраму меоям.
— Очама хабар бигир, ота, баъд биё.
— Садқат, Шоҳини ҷун. Албатта меём…

**III**

— Омадӣ, отаи ҷон?
— Омадум Шоҳин. Дардат сабук шид?
— Баъди рафтанатон кислородам доданд. Бе кислород нафасгириам вазнинай,ота.
— Бачаме. Худо худаш мушкилиҳоро осон мегардонад.
Ягон майда авқот (хӯрок) хӯрдӣ?
— Камтар шилаи (шавла) бемаза оварданд, дар даҳанум талх тофт. Хона бошад, ки очам оталаи бурида пазаду ҳамсояҳора хабар кунӣ. Якҷоя гирди дастурхон бишинӣ.
— Ҷигари рехтама бирён накун, бачам. Ҳолӣ ай ӯ рӯзгор чӣ монд? Дару дарвозаи хона пӯшидагӣ, қулфу занҷир. Хонаи бекӯдак ҳуввас мекунад. Кӯдакҳо дар табобатгоҳҳо, дар ба дару хок ба сар. Ҳамсояҳо ҳам дар қишлоқ намонданд. Ҳамагӣ бечораҳо ай дасти и дард нобуд шиданд.
Фаромӯш накунам, и ду дона себа очат дод, ки ба Шоҳина бубар. Гулмома оварда будааст.
Хотирпарешонум, бачам. Як по ин ҷову пои дигарум дар палатаи очат хов будагӣ.
— Гулмомаи зани Раҳмон омадаст, ота?
— Ҳова. Гулмома ҳам инҷо табобат омадаст. Дар бари очаат хобаш карданд.
— Гулмома сиҳат буд- ку?
— Э не, бачаи ҷун. Ҳуҷбемор мегашт. Сиҳат, ки мешид, ай дувоздаҳ кӯдаки таваллудкардааш ягонтояш намезист?
— Ҳолӣ ҳами Гулмома ягон кӯдак надорад?
— Не, Шоҳини ҷун. Кадом зани исқокасал (силкасал) кӯдаки солим зоида буд, ки Гулмома бачадор шавад? Кӯдаконаш бо ҷон таваллуд мешаванду дар се- чоррӯзагиашон мемиранд.
Як соати пеши очаат будан Гулмомаи бечора ӯ кадар гиристу нолид, ки гуфтан надорад.
— Ақалан як бачама номмонӣ насибум мешуд, и қадар ормонӣ

намешидум.- мегӯяд Гулмома.
Таъсири заҳри касал, бачам, дар батни модар ба ҷони кӯдак асар мекунад.
Рӯзи сиёҳи бандара бубин, ки се рӯз пеш дар магазин (мағоза) орд овардаанд. Раҳмон ордгирӣ мераваду кадом беақле даъво мебардорад, ки одамҳои кӯдакдор гурӯснаву и зану шӯи бефарзанд чӣ ҳақ доранд, ки панҷоҳ килло орда соҳибӣ кунанд?
Раҳмони бачаҳалок, хона меояду ай алами бефарзандӣ Гулмомара талоқ мекунад. Ғами Гулмома, бачам, дар дунё намеғунҷад. Ай ноилоҷӣ бечора боз худаша ба табобатхона задаст. Ҳолӣ ҳам ба умед аст, ки ай и касал мераҳаду кӯдакдор мешавад…
— Чӣ дарди балое, отаи ҷон?! Мегум дар ватанҳои бобоӣ, пештар ҳами хел дардҳо буданд?
— Э не, Шоҳини ҷун. Ҷонбахти Ховалинг, ватани бобоимон рафта будӣ- ку. Ба ёдут ҳаст? Эй ватан, ҷаннати рӯи заминай.Ҳолӣ ҳама чойи гову молу пода шидасту хирси ҳадир. Хонаи қишлоқвайронкуна Худо вайрон кунад, ки муҳоҷир карда ба таҳдашт овард мораву ба и дарди бало гирифтор гардидем.
И касал, бачам дар қишлоқи худамону атроф яку якбора рӯ зад. Солҳои аввали ба ин ҷо омадан ку аксар мардум ай дасти тафбоди гармӣ касал шуданд. Бисёриҳо мурданд, лекин и хел вабои умум набуд он вақт. Ай заҳри пахта шид ё ай ови наҳри поёнии фермаҳои мурғу гов, чӣ донум?
Духтурҳо медонанду намегӯянд. Ай ҳукумат метарсанд. Дар и даҳ соли вабо қариб қири одам буромаде. Аз оилаи бобои Раҳим чордаҳ кас паи ҳам дар се сол нобуд шид. Ай авлоди Каримиҳо касе намонд. Аҳли қишлоқ қариб, ки хонасалот шиданд. Ҷои хонаи бобои Ҳалиму кампири Ҳафизамора шудгор карда пахта кориданд.
Санҷишгарон паи ҳам меоянду месанҷанду мераванд. Ҳама медонанд, ки обу хоки ин ҷо пури микроби касали силай. Бӯи марг мекунад, бачам обу ҳавои хоки қишлоқи Пахтакор, лекин чорае намебинанд.
Як гови ферма касал шавад, рӯи ҳам табибу духтурон меоянд. Сад одам бимирад, касе парво надорад…
Шоҳини ҷун, мераму очата хабар, ки гирифтам, меоям. Ӯ ҳам чашм ба раҳ интизорай. Тобаш набуд.
— Майлат ота. Бираву лекин нагу, ки касали ма вазнин шидаст.
— Ҷонум садқат. Гуфтаҳота иҷро мекунум
— Духтурҳоро бигу, ки кислород биёранд. Нафасам тангӣ мекунад, ота.
— Мегум, бачам. Ҳозир рафта зорӣ мекунум, ки кислород биёранд.
— Отаи ҷон. Духтарҳо ба ғазалхонию байтгӯӣ даромаданд. Андак бест ашӯлахонии духтарҳоро якҷоя гӯш кунем.

— Хуб бачам, ана пешат мешинам.
Овози Қумринисои сиёҳпичара шинохтӣ, Шоҳини ҷун?
— Шинохтум, ота.
— Дӯстут медора, бачаму чӣ чора?
Духтари якум:
**Ай палат буромадум зира- зирае,**
**Бо халати балниса хира- хирае.**
**Бо халати балниса Худо кард мара,**
**Ай дӯсти ширин зиндаҷудо кард мара.**
— И овози Сайбӣ нест?
— Ай Сайбиҳай, ота.
Духтари дуюм:
**Дар пуштаи балниса ширмаҳтовае,**
**Дар даруни балниса Сайбӣ ховае.**
Духтари якум:
**Балнисаи Сабзикор дилгирум кард,**
**Афтода ба пои худ занҷирум кард.**
**Не табибу не муллову не мирум кард,**
**Ма духтари дурӯза касал пирум кард.**
Духтари дуюм:
**Хезен, хезен, вақти намозай очае,**
**Сабзикор мерам раҳӯм дарозай очае.**
**Сабзикор мерам даҳмоҳаву даҳрӯза,**
**Табобати силкасал дарозай очае…**
Ҳарду духтарон:
**Зори зорум очае,**
**Касали зорум, очае.**
**Дар даруни балниса,**
**Бо чашми чорум очае.**
— Қушаовоз шиданд, сияҳпичаҳо, бачам.
— Ҷигарҳои сӯхтагимона мерезонанд, ота.
Духтари якум:

**Дар пуштаи балниса қушдулонае,**
**Отам омадаст ба пеши врачмонае.**
**Эй отаи ҷон, бъра бишин дар хонае,**
**Сиҳатии духтарта Худо медонае.**
Ҳарду духтарон:
**Зори зорум, очае,**
**Касали зорум, очае.**
**Дар даруни балниса,**
**Бо чашми чорум очае.**
Духтари якум:
**Либосои балниса аҷаб рах- рахтай,**
**Азобои балниса бисёр сахтай.**
**Бо пахтаи духтурӣ овум додане,**

**Духтурои беинсоф азобум додане.**
Ҳарду духтарон:
**Зори зорум, очае,**
**Касали зорум, очае**
**Дар даруни балниса,**
**Бо чашми чорум, очае.**

**IV**

— Мардак, Шоҳина бигу биёяд, бубинумуш.
— Духтурҳо дору рехта истоданаш.
— Доруи сабил тамом намешава?
…
— Отаи Шоҳин! Дар як балниса, ду қадам дур ай бачам, мемираму ай даҳ фарзанд ақалан Шоҳини чӯчадорма дар дами ҷонбуроим намебинум? Чӣ ҳодиса шидаст?!..
…
— Отаи Шоҳин, дидорҳо дар қиёмат. Пиҳилам кун. Лаби дукон, пеши бачаҳом насибам набудаст. Дар балниса мемирум. Оҳ, и тақдири талх!!!

**V**

— Шоҳини ҷун!
— Лабай, ота.
— Биё хонат бубарум.
— Зинда намемонум, ота.
Уҷа кислород нест, нафасум мегирад, мемурум.
— Очата бурдем…
— Мара ҳам дар барии очам гӯр кунен, отаҷон!!!

**VI**

Субҳидамӣ суруди нолаомезу гиряолуди духтар ба фиғон мубаддал гардида ҳамаро ба по хезонд:
**Ай хона буромадум Самандар мераме,**
**Ма Қумрии бе Шоҳин кадом дар мераме?!!!**
Соли 1990.

X X X

**---------------------------------------**

# Пас аз Рахш

**(Ҳикоя)**

**Аз нақли Одинаи Ҳошим**

Асп ба ҳоли ҷунун афтода худро аз банд раҳо кардан мехост. Ду чашми ҷонвар аз ғазаб аз косахонаи сараш берун ҷаста, аз даҳонаш кашмоба мерехт. Ҳарчанд гирди тути ғафс давр мезаду арғамчини қилиро кандан мехост, наметавонист. Сум мекӯфту ба атроф назар мекард.
Соҳибаш, Қаҳҳори савдогар ҳамроҳи мудири ферма, (молхона) Алами Раззоқ ва Кавраки галабонро меҷуст, вале онҳоро ёфта наметавонист. Ҳарсе мард аз ин рафтори Рахш ба ҳарос афтода, аз паи дарёфт кардани кишану занҷир саргардон буданд.

Асп аз хашм наъра мекашиду ду даст ба ҳаво мебардошт. Ба арғамчини қилӣ ва танаи тут дандон мезад. Аз ноилоҷӣ ва ғазаби қаҳри ҷунун дасту по ва бари рону бадани худро газида, канда хуншор мегардонид…

* * *

Бобои Ғаффар чӣ медонист, ки Қаҳҳори писараш чунин носипосӣ мекунад. Он вақт медонист, шояд ба Гулрӯи занаш намегуфт, ки ба кӯррача шири одам хӯронад. Ва боз модари Рахшро намедӯшиданду аз шири он ба Қаҳҳори писараш диҳанд.
Мӯсафед боварӣ дошт, ки ба курра шири одам хӯронӣ, асп мисли инсон бофаҳму боақл мешавад. Ва шири байталро ба Қаҳҳор ба он мақсад доданд, ки ҷавон ба Рахш меҳр бандад, зеро дар кӯҳистон ҷавонмрдро аслан бо аспаш мешиносанд.
Ва бобои Ғаффор боварӣ дошт, ки Рахш аспи номӣ мешаваду шӯҳрати писарашро ба ҳама ноҳияҳои кӯҳистон овоза мекунад.
Мӯсафед хато накарда буд. Қариб даҳ сол боз дар ноҳияву вилоят Рахш овозадор аст. Мардум ба номи Рахши бобои Ғаффор Рахши овозадору яккаву ягонаи Рустами дастонро ба ёд меоваранд. Ин асп номбардори Қаҳҳори савдогар гардида буд.
Дар маъракаву тӯйҳо, ки ҳангоми бузкашӣ Рахш ба чашми мардум намудор мегардид, чӣ дар зебогию дав ва чӣ дар бузкашӣ номи Қаҳҳори савдогар мегирифтанду ба ӯ таҳсину офаринҳо мехонданд. Баъди анҷоми маърака ҳафтаву моҳҳо номи соҳиби асп, Қаҳҳори савдогар вирди забони мардум буд.
— Бачамард, ҳай сувори хубай, ҳай бузкаши номиҳай! Аспи хуб номи човандоза мебардорад.
— Аспа бобои Ғаффор асп кард. Қаҳҳори бачаш савориша медонаву даву тозаша. Ӯ ҳам мисли ҷувонҳои навбаромад қадри аспа чӣ медонад?!
— Муҳобот нашава, и асп ай ҳаму зоти Рахши Рустами дастонай,- мегуфтанд одамон.
— Хушзот набошад, аз байни дусад сувори бузкаш, ҳалолҷора кофта меёбад? Диден, ки рӯзи тӯи Камолбойи хонаободӣ, вақти дар байни ҳалолҷо ҳеҷ кас ай замин буза бардошта натавонист. Рахш худаша ба миёнаи тӯда гирифт. Ҷонвар пеши буз ба зону зад. Қаҳҳори соҳибаша дар як дам ба берун бароварду баъди давр гаштан ай пушта сарнишеб шуду сафедии каҳи ҳалолҷора кофта ёфта, аз байни савори маҳшар худаша халос кард. Барзагови танӣ ҳаққи Қаҳҳор шид …
— Дар тӯйи ҳӯкуматӣ чӣ? Рӯзи Иди Наврӯз диден, ки Қаҳҳор мӯзаи пошнапаст пӯшида будааст, ки пояш аз узангу гузашт. Порикоб шуд, бачамард. Айни силтавосилтави бузкашҳо почаки буз дар даст қуштайпо буд Қаҳҳор. Суворҳои барибабару қафо дар кашмокаш, ки зини асп якбора чаппа шид. Рахш дар сари дав дар ҷояш истод. Аспи дигар мешуд, аз сад ҷон як ҷони ҷувонмард намераҳид. Лекин Рахш истод. Қаҳҳор пояша аз узангу

буроварда аз ҷо хесту зину абзоли аспа соз кард. О, и асп шири одам хӯрдагиҳае…
Сифоти Рахш ба дуриҳо рафта буд ва мегуфтанд, ки аз Ҳисору Дарвоз то Деҳнави Ӯзбакистон ба деҳаи Заргари назарногир одамон аз пайи ин асп омада толибу харидорӣ карданд, лекин бобои Ғаффор Рахшро ба ҳеҷ ки нафурӯхт.
Қаҳҳори писараш порсол бо Тошмуҳаммад ном марди ҳисорӣ Рахшро фурӯхтанӣ шуд, лекин бобои Ғаффар намонд.
— Аспа нафурӯш, бача, ки дуои бадат мекунам,- гуфтааст, бобои Ғаффор. – Ҳолӣ як «Волга» медиҳанат мегӯӣ, - вақте Қаҳҳор хостааст, аспро бо мошини наппа-нави Тошмуҳаммад иваз кунад.- Ма аспа ба сад мошин наметум. Мард ору номус дорад! Ма Рахша ба бачаҳом баробар медонуме. Фарзанда намефурӯшанд, медонӣ, Қаҳҳор?! Кай вақте, ки худат асп калон кардиву ном буровард, баъд ихтиёрут. Он замон кордорут намешавум, бача. Шумо, ҷувонҳо қадри аспа чӣ медонед.
Рустами дастон бе Рахш чӣ Рустам буд? Ҳамӣ бобои Сайдаҳмади доровигӣ набуд, ки бо Гули Бодом ай ин ҷо то Берлин, дар ҳамон ҷанги хонумонсӯзи Гирмон рафту бо ғалаба гашта омад? Асп намешуд, хаёлат ӯ зинда мемонд? Э не! Гули Бодом буд, ки ӯро ай сад марги яқин раҳо кард. Боз дидӣ, ки дар сари пирӣ аспдор шидааст. Кофта- кофта ай ҳаму хоназоти Гули Бодом ёфта гирифтааст. Ҳолӣ бинӣ, мӯсафед ҳамраҳи бачаву нувераҳо ба думу суми асп бозӣ мекунае. Қоматуш нав рост шидаст. Асп қанатай, бача!
Гӯш кун, ки дар ҳаққи и асп чӣ мегӯяд шоир:
**Суми мармар, думи мухпар,**
**Пари кафтар, дави сар сар.**
**Миёни дастаи ханҷар.**
**Чӣ гардан, гардани духтар!**
**Аҷаб хушрӯю бозингар,**
**Гули Бодом!**
… Ва Қаҳҳор дар фикри он шуд, ки аз Рахш насл гирад. Мард ҳис кард, балки медонист, ки вақтҳои охир Рахш он ғайрату ғӯрур. Қуввату дармони пештараро надорад. Солҳои аввал бо як имо Рахш мисли бод соҳибашро ба марра мерасонид ва бузро аз дилхоҳ савор канда бадар мерафт, вале ин зимистон Рахш дар бузкашӣ он қадар ном набаровард.
Дар тӯйи хоҷахалилиҳо Рахш ба тӯда даромадан нахост.
Қаҳҳор ҳарчанд бори дуюму сеюм сари аспро ба тӯда рост карда қамчин зад, вале Рахш базӯр ба даруни тӯда раҳ ёфта аз байни бузкашҳо худро раҳо карда натавонист. Пои буз дар дасти Қаҳҳор миёни тӯда музтар монд. Мард ҳарчанд аспро пошна заду овоз баровард, ки Рахш аз саворон ҷудо нашуд. Қуввати аз миёни тӯда ҷудо шудан накард.
Бегоҳии он рӯз, вақте ки Қаҳҳор ба хона хафаю хиҷил баргашт

падараш рамуз гирифта гуфт, ки соли асп ба ҷое расидааст. Байтали мувофиқе ёфта аз Рахш насл гирифтан лозим.
Ҳоло бошад, баҳор қариб ба охир мерасиду Қаҳҳор асп мекофт. Савори Рахш буду байтали бардаму бақуввате меҷуст, то аз Рахш нишоне аз ӯ монад.
Падараш фармуда буд, ки ба Гулисой равад, бо галабонҳо маслиҳат карда, байтали хушзотеро ёфта Рахшро ҳамроҳ кунад, вале Қаҳҳор корашро баҳона карду нарафт.
Аввали баҳор бобои Ғаффор касалманд шуду аз олам гузашт. Дигар Қаҳҳор саргардони гӯру чӯби мӯсафед ба асп нарасид. Баъд, баъд Қаҳҳори писараш коре кард, ки ба ҳафт пушти падар иснод овард…
Бегоҳирӯз буду офтоб ба ғӯруб мерафт. Рахши пурқуввату тавоно девонавор наъра мекашиду ба хоку хун оғушта илоҷи раҳоӣ наёфта. гӯшти бадани худро ба дандон меканду меканд. Ҳарчанд Қаҳҳору Аллам ва Кавраk бо ҳиллаву найранг ба дасту пои асп кишан зада, занҷирбанд карданд, вале рахшро аз по афонда натавонистанд.
Асп дар талоши раҳо кардани худ буд, то аз онҳое, ки ӯро ба чунин ҳол гирифтор карданд, қасос бигирад. Чун илдоҷ намеёфт, ба бадани худ дандон мезад.
Аз ҷойи ба дандон кандаи бадани асп хун таровида замини зери пои ҷонварро лолагун гардонида буд.
— Асп кишану занҷира шикаста қассос мегира, мегум, - гуфт Аллам. – Сабил, ай кори мо хабар ёфтаст. Чашмоша бин хун бастане. Худо бигу раҳо накунад, набошад, ай сад ҷон як ҷони мову ту Қаҳҳор зинда намемонад…
— Аз Чавкӣ дида дигар байтали хуб ёфта наметавонӣ,- маслиҳат дода буд ба ӯ дӯсти қадрдонаш, мудири ферма, Аллами Раззоқ, ки таъмини каҳӯ ҷави Рахш, асосан, аз ҳисоби фермаи ӯ буду гапи Аллам ба Қаҳҳор маъқул шуд. Ӯ фикр кард, ки Чавкӣ дар ҳақиқат, байтали хушзот аст ва боз насли Рахшро аз дасти Кавраки подабон бо ҳар ҳилливу найранг гирифта метавонад.
— Бегоҳӣ хона биё, чорта чақ- чақ мекунему Кавраки подабона мегӯм Чавкира меорад. Як оғили ферма холиҳай. Рахша ҳамроҳи Чавкӣ сар метӣ, вассалом.
Биё ҷура, ай ҳаму тозаааш, як шиша, («Русская водка»-ро дар назар дошт Аллами Раззоқ) мондааст. Майда–майда чақ-чақ мекунем. Шумо савдогарҳо айдусар ҳамон мурдаи пешинаен. Ҳолӣ бо дасти холӣ меоӣ. Дар зиндагӣ ризқу рӯзиатон аз ҳисоби дигарҳо аст, неки (лекин) метарсам, кафани охирататон ҳам мардумӣ мешавад.
— Даҳанут гарм шид, Аллам, чӣ бало? – гуфт дар ҷавоб Қаҳҳор ва донист, ки дӯсташ шӯхӣ мекунад, бинобар ин наранҷида ҷавоб дод:
— Ғами кафании мара нахӯр. Мурдаи мо ай ту ганда дида

бақадрай. Мо кадри ҳукуматем.
— Хайр и қадар муҳобот накуну хона биё, - гапро кӯтоҳ кард, Аллам.
Қаҳҳор шоми торик ба хонаи Аллами Раззоқ, ки назди ферма воқеъ буд, омад. Каврак Чавкиро оварда буд ва Рахш баробари вориди ҳавлӣ гардидан аз бӯи асп фаҳмид, ки байтал дар қарибӣ баста шудааст.
Рахш шиҳа кашида тарафи Чавкӣ рафтанӣ шуд, вале Қаҳҳор намонд. Лаҷоми Рахшро чап гардонида аз асп фаромад ва банди аспро ба тути назди дарвоза баста, худ ба хона даромад.
Чавкӣ Рахшро надида бошад ҳам, аз бӯю овози шиҳааш шинохт. Ин бӯю овоз аз соати ба дунё омадани Рахш ба Чавкӣ шиносанд ва танҳо ду соли охир онҳо ҳамдигарро дида натавонистанд.
Ҳар зимистон ҳангоми маъракаҳои бузкашӣ Каврак Чавкиро мебарад. Бо ин асп бузкашӣ не тамошо мерафт Каврак ва Чавкӣ аз байни ҳазор асп Рахшро мешинохт. Ба хушрӯгиву хушдавии Рахш зеҳн мемонд. Ҳамроҳи Рахш соате фориғ аз оламу одам будан мехост. Чун дар айёми кӯррагии Рахш бари гардану сару рӯи аспро бӯ кашидану меҳрубонӣ кардан мехост.
Хусусан, рӯзи тӯйи соҳибаш келинбиёронро дар хотир дорад Чавкӣ. Он рӯз чодари гулдӯзии рӯи зин партофтаю болои Рахш савор шудани арӯси нозанин, аз лаҷоми нуқракӯби бо баргак ҳотамкоригардида қапида пешопеши асп оҳиста-оҳиста қадамзании Қаҳҳори шаҳбача, хушбахтии мӯсафеди Ғаффору кампири Гулрӯ, садои мусиқию овози форами ҳофиз он ҳама ҳангомае буд, ки ба зебогии Рахш ҳӯсни беандоза зам намуда буд.
Он айём чун хобу хаёли ширину шакаролуд дар ёди Чавкӣ боқӣ монда, рафта-рафта фаромӯш мегардид ва танҳо вақти ба дидори якдигар мушарраф гардидани модару фарзанд он ҳиссиётҳо дар лавҳи хотири Чавкӣ рӯ мезаданд.
Ба хотири модар аз Рахш назар ба дигар фарзандон ҳодисоти зиндагӣ бештару гуворо нақш бастаанд.
Хушбахт аст, Чавкӣ, ки дар зиндагӣ гоҳ- гоҳе ҳам бошад, дидори Рахш муяссараш мегардад. Аз чор тойи баъди Рахш таваллудкардааш бештар ба ҳамин асп рӯ ба рӯ меояд. Дигар фарзандони ӯро одамон ба куҷоҳое бурдаанд, модар намедонад ва солҳо боз дидори онҳо муяссараш намегардад.
Чӣ ходисаҳое рух намедихад дар зиндагӣ. Рахш он вақт ҳанӯз сеи чорбуро буд. Ҳашт сол аз ин пеш, вақте ки намояндагони ҷамоат ҳамроҳи Садири милиса ба хонаи бобои Ғаффор омаданду ба ӯ гуфтанд, ки дар хонааш бар замми гову мол нигоҳ доштани ду сар асп ғайриқонун аст, мӯсафед маҷбур шуд Чавкиро ба Каврак фурӯшад. Намояндагони ҳукумат фармуданд, ки ё байталашро ба ҳисоби гӯшт ба колхоз супорад ва ё Рахшро ба галлаи хоҷагӣ хамроҳ кунад, набошад аз болои ӯ делои ҷиноятӣ мекушоянд.

Барои аз хона баровардани Рахш мӯйсафед розигӣ надод. Лекин ноилоҷ монду Чавкиро ба Каврак фурӯхту зину абзоли Чавкӣ ба Рахш монд…
— Зину лаҷоми аспи Қаҳҳора бигиру ҳамраҳи байталат бурда дар оғили боло ҳардуро сарҳуй мон. Дарвозаро қулф гузарон! – фармуд Аллами Раззоқ ба Кавраки подабон, ва баъди андак нишастан аз хона баромад.
— Байтал ҳам дар тоб омадагӣ,- баъди рафтани Каврак гуфт Аллам. – Як ҳафта боз айғир кофта шиҳа мекашад. Рахша сари вақт овардӣ, додар. Ин дафъа насиб бошад, Чавкӣ тойи нарӣ зояд, худам мегирам. Ё насли Рахша мардумӣ карданиӣ?, - дар охири суханаш пурсид Аллам аз Қаҳҳор.
— Ҳолӣ дар и миён, соҳиби асп, Каврак чӣ мегӯяд?- гуфт Қаҳор.
— Каврак подабони зердастам. Ту, додар, розӣ шавӣ, ма Каврак, чӣ, ки Худора розӣ мекунуме. Дасти паловхӯрита те, мард ворӣ (барин). Тойи Рахша ба бародарат намебахшӣ? Як ҳавас кардем, ҷӯра не негӯ. Дар зиндагӣ некӣ кардан тани мо. Алам хушҳол дастурхон густурда чой кашид. Қаҳҳор ҳарчанд норизо буд, вале ноилоҷ даст дод ва Каврак баргашта омаду гуфт, ки аспҳоро дар оғили торик маҳкам карда, дарвозаи дутабақаи онро қулф задаст.
— Мон то саҳарӣ якҷоя бестан,- хурсандона гуфт Аллам.
— Худат хоҳӣ шаб инҷо мон. Меҳмонхона холӣ. Нахоҳӣ, то вақти хоб мешинему ба мошинам хонаат мебарам.
— Андак мешинему хона мерам. Саҳарӣ сабил, кор. Наравум намешава, - гуфт Қаҳҳор ва ҳарсе мард то посе аз шаб гузаштан дар хонаи Алам сӯҳбату чақ- чақу хӯшҳолӣ карданд.
Саҳарӣ Каврак хабари нохуш овард, ки Рахш бо Чавкӣ муносибате накардааст ва ба ин хабар Алам бовар накард.
— Рахш дар чашмдид раҳ байтала бина, сувора ба замин мезанаду чӣ балош зада бошад? – ҳайрон пурсид Қаҳҳор
— Чӣ донум. Ҳозир айни ваҳшонияти нафсонии Чавкиҳай,- бо тааҷҷӯб ҷавоб дод Каврак. – Надонум сабил якдигара шинохтанд, чӣ бало? Ҳар рӯз тавилара канда айғур мекобаду ҳозир бинум тинҷ. Шояд оғил у қадар торик набудаасту Рахш аз Чавкӣ будани асп огаҳӣ ёфтааст. Асп, сабил ҷондори боақлай. Боз и Рахш шири одам хӯрдагӣ.
— Мегум, мисли Чавкӣ аз куҷо байтали хушзот меёвум? – бо таассуф пурсид Қаҳҳор, баъди шунидани хабар.
— Рахш яқин очаша шинохтаст, - гуфт Каврак. – Сабил, бузу гӯсфанд, хару хингала, ҳамааш ба зоти худаш муносибати ҷинсӣ мекунанду Рахш чӣ балое худдорӣ кардааст.
— Ғам нахӯр. Илоҷаша меёбем,- дилдорӣ кард, Алам ба Қаҳҳор.
— Рахша маст кардан даркор.

— Чӣ хел маст мекунем?
— Ба асп арақ хӯронем- чӣ? – пурсид, Қаххор.
— Не. Як моҳ Рахша дар якамех банду ҳар рӯз ду сангӣ (даҳ кило) ҷав те. Асп ҷавмаст шава, насл солим меояд. – Ма ҳам Чавкира ай тавила раҳо мекунам, - гуфт Каврак.
— Ҳайвон, ки маст шид, ай дарранда бадтар мегардад,- фикри аввалаашро тасдиқ кард, Алам. – Баъд хеш пеша фарқ намекунад Қаххор ба гуфти дӯстон амал кард. Рахшро ду моҳ дар сарой нигоҳ дошта, се маротиба дар як шабонарӯз ба асп ҷави серӣ дод. Дар ин муддат асп гӯшти тоза гирифта ба сағрии ҷонвар даст расонида намешуд.
— Тойи ай Рахшу Чавкӣ тавлидшуда насибат намекунад, Алам,- худ ба худ қарор дод Қаххор, вақте зебогии аспро бори дигар дид, аз дил гузаронид, ки даст дода бошад ҳам, Алами Раззоқро фиреб мекунад. Ба ӯ кӯрра ваъда медиҳаду вақташ ояд онро аз дасти Каврак албатта кашида мегирад. Ба ин асп он қадар омухт шудааст, он қадар ин аспро дӯст медорад, ки намехоҳад аз зоти Рахш дар дунё каси дигар монанд асп дошта бошад.
Пештар, дар мавсими баҳор Рахшро чунин парво намекарданд. Ҳар сол қарибии тирамоҳ, вақти офтоб ба тарозу баробаршавӣ бо маслиҳати бобои Ғаффар Қаххор аспро ба сарой даровaward мебаст ва шаст рӯзи ҳисобӣ ба Рахш ҷави серӣ мехӯронидаанд. Ду ҳафта пеш аз саршавии тӯю маъракаи бузкашӣ Қаххор хунуки аспро мегиронд.
Мӯсафед ҳар доим таъкид мекард, ки писараш аспро бо нозукиҳо парварад. Ҳангоми сафар ҳеҷ гоҳ ба Рахш вақти арақолуд будани баданаш ҷав надиҳад ва ё бегоҳу саҳар соати муқаррарии ҷавдиҳии аспро нагузаронад, ки Рахш ё ҷав меғалтад ва ё нохуна шуданаш мумкин. Аспи бузию бидав, ки ба ин дардҳо гирифтор гардид, баъд меҳнату азияти зиёд зарур, ки ҷонвар ба ҳолати аввала биёяд.
Ин дафъа бошад Рахш пас аз гузаштани тӯю бузкашиҳо дубомаст шуда буд ва назди асп ба ҷуз аз Қаххор дигар кас рафта наметавонист.
Бегоҳи ваъда додагӣ, вақте ки Қаххор Рахшро аз нав ба ферма овард, бо фармони Алами Раззоқ Чавкиро ба ҷойи бордоркунии махсуси говҳо бурда маҳкам баст. Аламу Каврак яқин карданд, ки Рахшу Чавкӣ дар ин ҳолат якдигарро намешиносанд ва муносибати ҷинсӣ мекунанд.
— Зину лаҷоми Рахша кушода бигирда аспа бубарем,- гуфт баъди торикшавии шом Алами Раззоқ.
— Боз ба ҳамон оғили говҳо? – пурсид Қаххор.
— Не, таъкид кард Алам. – И дафъа Чавкира ба ҷои говпаронӣ бурда бастем. Байтал дар даруни чуқуриҳай. Рафтем, ки дар идора майлис мешудааст. Ним соат пас ба майлис рафтанам даркор…

Кавраk пешопеш, Қаҳҳору Алам бари ба бар Рахшро назди дастгоҳи бордоркунии сунъии говҳо, ки дар як гӯшаи ферма, зери сарой воқеъ буд, бурданд.
Рахш вазъиятро пай бурда ҷонвар андак ист карда ҳаворо бӯ кашиду аз ҳодисае огоҳ гардида, шиҳаи мастона кашид ва аз назди дастгоҳ худро қафо гирифту ду даст ба ҳаво бардошт. Қариб буд, ки банди асп аз дасти Кавраk хато гардад.
— Ҳе, и падарлаъната чӣ бало задаст?! – ба қаҳр гуфт Кавраk ва нухтаи аспро суст карда, худро ба як тараф гирифт, то зери пои асп намонад.
Чавкии даруни дастгоҳ музтар низ безобита шуда худро ноҳинҷор ҳис кард ва аз банд раҳо шудан хост, вале илоҷе надошт. Байтал дар ҳолати ногувор афтода буд. Сари асп аз тарафи пеш бо банди қилӣ ба ҳалқаи оҳанине мустаҳкам баста шуда буд. Аз тарафи паҳлӯ, аз ду тарафи асп бошад, девори бетонӣ аспро иҳота мекард. Аз қисми болоӣ тахтаҳои ғафс бо оҳану бетон васл гардида буданд. Чавкӣ дигар мадори ҷумбидан надошт.
— Худат лаби бетон бесту Рахша як бора дигар ба байтал наздик бубар, - гуфт ба Қаҳҳор Аллам.
Қаҳҳор супориши Алламро иҷро кард, вале ин дафъа Рахш ҷуфтакпар худро ба қафо партофт ва наъраи ҷонгудозе кашид, ки акси шиҳаи он аз хами Ҳалқаҷар шунида шуд.
Рахш худро раҳо кардан хост, вале натавонист. Авзои беҷои аспро дида, Кавраку Аллам ба ёрии Қаҳҳор омаданд ва ҳарсе мард аз банди Рахш маҳкам доштанд.
— Ноасл, боз Чавкира шинохтаст! – ба қаҳр гуфт Алам ва таъкид кард: - Маҳкам қапен, ки сабил хато накунад!
— Намефаҳмид, и хел девонагӣ намекард, - гуфт Қаҳҳор пас аз он ки Рахшро аз назди Чавкӣ дур бурданд.
— Аспа хона бубар, баъд ягон фикр мекунем, - гуфт Аллами Раззоқ.
— Барои и сабил боз саргардон шавум? – илтиҷоомез гуфт Қаҳҳор.
— Ба майлис дер мемонум. Раис, падарлаънат, хомохом мехураме,- гуфт Алам.
— Дар гӯр ҳамон майлисат! Коре кун ай и бало халос ша-вем.
— Пагоҳ биё, Қаҳҳор. Дидӣ, ки падарлаънат, Чавкира шанохт. Ҳозир майлис рафтанам зарур. Пагоҳ илоҷаша наёбам, ма ай пушти Раззоқи падарам не! Пеши Ҷаббори аптекчии (доруфурӯш) ошном равум, дунё гулистон.
Бегоҳии дигар Қаҳҳор аз нав Рахшро ба ферма овард.
— Ма рӯймола бигиру чашмҳои аспа маҳкам банд,- фармуд ба Кавраk Аллам ва худ дорӯи шаҳвонии аз Ҷаббори мудири дорухонаи ҳайвонот овардаашро ба пораи қанде олуда карда ба Рахш хӯронд.

Ба Чавкии дар дохили асбоби говбордоркунӣ мустаҳкам баста низ аз он дору хӯронданд…
Соате нагузашта, Рахш дигар замину замонро фарқ карда натавониста ба ҳолати ваҳшонӣ гирифтор шуд…
Пас аз кушодани чашмон ва гузаштани таъсири дору Рахш аз ҳодисаи ногуфтанӣ огоҳ гардид…
Бегоҳӣ буду вақти ғӯруби офтоб. Хуршед ба паси ағбаю кӯҳҳои ҷануб оҳиста- оҳиста фурӯ рафта, нурҳои зарҳалинаш ба теғаи кӯҳҳо бархӯрда баъди ин ба абрпораҳои сиёҳ андармон мешуданд. Офтоб ин дам ба табақи пури хун монандӣ дошт…
Аз тарафи ғарб боди нобаҳангоми сахте хеста, хасу хошоки ин мавзеъро ба хок даромехт. Гумон мекардӣ, ки ҳамин лаҳза ё соати дигар бӯрони даҳшатоваре сар мешаваду дар як дам ҳамаро вайрону валангор месозад. Замину замонро чаппаву роста мегардонад…
Ба димоғ бӯи дилбеҳузуркунандаи хоки ба хун омехта меомад. Бӯи хуни ба замин рехтаи асп буд он бӯ.
Ҳама мавҷудоти олам ин лаҳза дар ҷову макони худ паноҳ бурда буданд. Танҳо Рахши яккаву ягонаи бесоҳибмонда ва дар кишан маҳкаму занҷирпеч дар таги тути назди дарвозаи фермаи деҳаи Заргар маҳкам баста ҷон меканд.
Нафаскашии асп лаҳза ба лаҳза суст гардида, нолиши ҳазинаш ҳангоми сакароти ҷонканӣ ба нолаи марди ба ҷарии бетаг афтида ва маъибу маслуқгардида шабоҳат дошт ва канда- канда аранге ба гӯш мерасиду ҷигарҳоро пора мекард.
Асп аз Алламу Каврак ва Ғаффори соҳибаш қассос гирифтан мехост, вале чун илоҷи аз банд раҳо гардидан надошт, дандон зада гӯшту пӯст, рагу пайванди бадани худро кандаву пора карда илоҷи ягонаро дар ҳалок гардонидани худ медид …
Дигар шиҳаи мастонаи ин ҷонвар даравау кӯҳу пуштаҳоро ба ларза намеорад. Дигар он Рахши тӯдакаш аз миёнаи сад савор соҳиби хешро ба манзили мурод намерасонад. Дигар ба пӯшти Рахши заринёл келинбиёрон намекунанд…
Зеботарин аспи диёр бо ҳама доногию ақли расо фирефтаи нафсонияти ҳароми одамон гардид. Аз кӯтоҳдастию алами хеш асп илоҷи дигар наёфта, гаштаю баргашта гӯшти баданашро ба дандон канда- канда зору низор худро ба ҳалокат расонид …
Мегӯянд, ки баъди нуҳ моҳу нӯҳ рӯзу соат байтали Каврак – Чавкӣ кура зоида натавониста мурдааст. Кӯрраро кашида гирифтанду байталро куштанд. Кӯрраи чӣ, ки тавба кардам, чор пои кӯрра аз зону поён нестанд…
Боз мегӯянд, ки мӯсафеди Ғаффор зинда мебуд, ин ҳодиса рух намедод…
— Аз он аспи афсонавӣ дар олам дигар нишон намонд. Сад дареғи Рахш!
— Рӯи сиёҳам! Ин шармандагӣ дар олам овоза мешавад…

Соли 1985

X X X

-----------------------------

## Алифбои нотамом

(Ҳикоя)

Дар сӯгвории фарзандам

— Ота!
— Ҷони ота.
— Шаб и қадар дароз. Хобам намебарад.
— Куҷоят дард мекунад?
— Ҳама ҷоям.
— Биё туро ба бағалам бигарам. Баданат дар таб и қадар месӯзад…

Модарашро сарзаниш мекунам, ки барои чӣ беаҳмиятӣ кардаасту кӯдак баъди аз мактаб баргаштан бо либосҳои дар борон таршуда бозӣ карда, хунук заданашро надонистааст. Ба хонаи дигар гузашта дору меорам.

Аввалҳои тирамоҳ бошад ҳам, ҳаво нисбатан хунук. Борон меборад. Ба писарам бо зорию тавалло дору мехӯронам ва ӯро гармакак мепечонам, то ки табаш суст шуда, хобаш бурда монад…

— Ота!
— Ҷони ота.
— Афсонаи «Бузаки ҷингилапо»-ро нақл кун.
— Дар як вақту замон, дар ким-кадом макон, буд набуд- як бузаки ҷрнгилапо буд…

Афсонаро то ба дари хонаи буз омадани гург нақл мекунам.

— Вой!!! – ба тамоми ҳастӣ фарёди ҷонхарош баровarда аз ҷой мехезад, писарам. Аҳли хонавода аз хоб бедор мешаванд. Чароғро дар мегиронам. Вуҷуди фарзандам аз тарс меларзад…

— Ота!
— Ҷони ота.

— Дигар афсонаи «Бузаки ҷингилапо»-ро нақл накун.
— Кадом афсонаро нақл кунам?
— Ҳеҷ кадомаша. Мара ба бағалат бигир, шеърхонӣ кунем.

Аввал навбати ма:

**Соли нав омад,**
**Шоду ғазалхон…**

Баҳромам чунон бо лафзи ширини кӯдакона шеър мехонад, ки ман як дам ҳама ҳодисаҳоро фаромӯш мекунам. Ҳузуру ҳаловати шеърхонии фарзандам хастагиамро мебарорад.

Кӯдак шеъри аваларо ба поён расонида ба хондани шеъри дигар шурӯъ мекунад:

**Ман калон мешавам,**
**Қаҳрамон мешавам.**
**Бар ватани худам,**
**Посбон мешавам…**

Ин шеъра бобои Миршакарам барои мо навиштааст. Ман калон, ки шудам, худам шеър менависам,- мегӯяд ӯ ва суханашро давом медиҳад:

— Боз чанд шеъри дигар медонам. Онҳоро порина дар синфи тайёрӣ азёд карда будам. Имсол ана чанд вақт боз дар синфи якум мехонему ягон шеър азёд надоданд. Муаллими порина хуб буд.

— Муаллими имсола ҳам нағз, бачам. «Алифбо»-ро, ки хонда тавонистагӣ шавед, баъд шеър азёд мекунед.

— Ма «Алифбо»-ра хонда метонам. Хеста китобама биёрам?

— Не, бачам. Охир ду шабу рӯз аст, ки мижа таҳ накардаӣ. Ҳоло хоб кун. Пагоҳ ту ба мактаб раву ма ба кор, ки рафтам як китобчаи бобои Миршакарата харида морам. Баъд чӣ қадаре, ки хоҳӣ, азёд кардан гир…!

— Ота!

— Ҷони ота.

— Хобам намебарад. Сарам дард мекунад. Ҳама аъзои баданам месӯзад…

Имшаб ҳам ба поён мерасад, вале Баҳромамро аз сӯзи дард ягон лаҳза хоб намебарад. Ӯро ба духтур мебарам. Ҳарораташро санҷида мегӯянд, ки ҳеҷ гапе не, табаш андак баланд. Баъди сӯзандору дардаш сабук мешавад.

Бегоҳӣ бо китоби ваъда додагӣ ба хона меоям. Баҳром дар бистар. Ба мактаб рафта натавонистааст.

Аз омадан ва китоб оварданам каме шод шуда табассум мекунад.

— Баҳромҷон!

Ду дида ба сӯям медӯзад.

— Касали сахт шудӣ?

— Сарам дард мекунад. Барои чӣ дер омадӣ? Ма омаданата бисёр интизор шудам.

— Дер наомадам, - ку. Ана китоби бобои Миршакарата овардам. Пур аз шеър.

Ӯ китобро кушода варақ мезанад ва баъди аз назар гузаронидан ба бағал мегирад.

— Хонда наметавонам,- ба таассуф мегӯяд.

— Дина гуфта будӣ, ки «Алифбо»- ро хонда метавонӣ.

— Касал шудам. Ҳолӣ хонда наметавонам. Сиҳат шавам, ҳамаи шеърҳояша аз ёд мекунам.

— Ҷонам садқат! Касалат мегузарад. Духтурҳо омада буданд?

— Ду- се амаки духтурам омада дору доданд, укол (сӯзандору)

заданд, фоида накард. Хобам набурд.
— Ҳеҷ гап не, бача касал мешавад, боз дардаш мегузарад. Ана акаву додаронат ҳам гоҳ- гоҳ касал мешаванд, боз сиҳат мешаванд…
— Ота!
— Ҷони ота!
— Дигар мара ба духтур набар! Ана вақти саг газидагиам бурдӣ зиқ шудам. Шумоюю хоҳарам Салтаната бисёр ёд кардам…
Хабари каслии фарзандамро шунида хешу таборон, ҳамсояҳо омаданд.
Ранг аз рӯи кӯдак парида, лабонаш аз зӯри таб хун бастаанд. Авзояш як навъ, беҷо.
Падари мӯсафедам мегӯяд, ки дарди кӯдак зӯр.
— Дар умри ҳафтодсолаам то ҳол надидаю нашунидаам, ки касалӣ дар се шабу се рӯз мижа таҳ накарда, хоб рафта натавониста боша. Ай тарс як қад парида аз ҷо мехезад. Оллоӣ мегӯяд, - таъкид мекунад падарам…
Мошини ёрии таъҷилӣ ҷеғ зада кӯдакро ба беморхона мебарам. Духтурон зориамро ба назар гирифта, маро ба паҳлӯи фарзандам ба палатаи кунҷакие ҷо доданд.
Табибон яке паи дигар омада ҳолати кӯдакро месанҷанд, дору мегузаронанд. Аз беморхонаҳои дигар духтур ҷеғ зада маслиҳат мепурсанд. Машварат мекунанд. Мефаҳмам, ки чӣ бесаранҷомие доранд.
Кӯдак баъди андак ором гирифтан, боз безобита мешавад. Мушкил он аст, ки хобаш намебарад.
Шаб пардаи сиёҳи тира ба бар кардааст. Се шабу рӯзи бехобӣ ва нооромию бесаранҷомӣ дар қатори фарзандам маро ҳам беҳолу бемадор гардонидааст.
Нисфишабӣ дар як лаҳзаи ба палата даробарои духтурон канда шудан маро хоб бурдааст. Ногоҳ аз фарёди ҷонгудози фарзандам ба худ омадам.
— Ота, отаҷон!
— Ҷони ота, аз чӣ тарсидӣ?
— Ҷонам месӯзад, Сарам дард мекунад.
— Дар ҷонат бимирам, ҳоли ҳозир сиҳат мешавӣ. Духтурҳо табобатат мекунанд.
— Мара саг газид. Ҳу ана саг!
— Кадом саг? Дар ин ҷо ҳеҷ чиз нест.
— Ҳамон саге, ки дар хона мара газида буд. Ҳо ана ҳамон, дар паси дарай!..
— Он саг дигар ба ту ҳеҷ осебе намерасонад.
Биё, ҷони ота, болината дуруст кунам, хоб рав. Чашмота ана ҳамин тавр пӯшу як лаҳза ҳам бошад, хоб рав.
Кӯдаки беҳолу мадоргашта ба гапам гӯш дода аз нав ба ҷогаҳ медарояд. Хун аз рӯяш паридааст. Гоҳ- гоҳ абрувони пайвастааш-

ро аз зӯри дард чин карда паҳлу мегардад. Гоҳи дигар дар лабони парсингбастааш табассуми ширин ҳувайдо мешавад. Дарди ҷонкоҳ лаҳзаи дигар тану ҷони ӯро ба ларза меорад ва дар қатори ӯ дилу ҷони ман ҳам дар табу тоб баробар месӯзад.

Як дам ором мегирад, вале дидагонашро пӯшида наметавонад, ки андаке, лаҳзае ҳам бошад, хобаш барад.

Аз палата ба берун баромаданӣ мешавам. Дар идораи навбатчии духтурон гуфтугӯи табибон ба гӯшам мерасад.

— Ҳори девонагӣ хурӯҷ кардааст ва баъди чанд соат кӯдак ҳалок мегардад,- мегӯяд яке аз духтурон.

— Тамоми оиларо зери назорат гирифтан лозим,- мегӯяд дигаре…

— Худоё, рӯи сиёҳам! Наход, духтурон доир ба касали фарзанди ман ва оилаи мо баҳсу мунозира кунанд?! Наход саги фарзандамро газидагӣ девона бошад?!

Чил рӯз пеш аз ин ба Баҳромам дар назди ҳавлӣ, ҳангоми аз мактаб баргаштан кадом як саги дайдуе дарафтода манаҳи ӯро газида, андак ярадор карда буд ва худи ҳамон лаҳза кӯдакро ба духтурон нишон дода ба табобат гирифта будем. Аз байн чил рӯз гузашт. Ягон нишонаи беморӣ дар бадани кӯдак намондааст, вале ҳоло духтурон чиҳо мегӯянд?

Ба назди табибон меравам. Онҳо як дам хомӯш шуда, паи ҳам аз идораи навбатдор баромада мераванд. Ман мемонаму сардухтур- марди ҷингиламӯи дар сину сол ба ман қариб баробар.

Аз беҷошавии авзоям ким-чие пай мебарад.

— Бародар, шумо худро ба даст гиред,- ҳалимона даст ба китфам ниҳода мегӯяд сардухтур.- Кӯдакро безобита кардан хуб нест…

— Духтур, магар гапҳои шунидаам ростанд? Писарам девона шудааст?

— Шуморо фиреб додан ғайри инсонӣ мебуд. Саги фарзандатонро газидагӣ девона будааст. Заҳри он ба воситаи ҳуҷайраҳо алакай ба асабҳои майнаи асосии сари кӯдак таъсир кардаанд. Аз оби хунук тарсидану хоб карда натавонистан, таъсир нарасонидани доруҳо гувоҳи ин гуфтаҳоянд.

Баъди пайдошавии хурӯҷи ҳори девонагӣ дар илми тиби ҷаҳон то ҳол касе ёд надорад, ки одам зинда монда бошад.

Ҷойи саги девона газидагӣ аз майна дур бошад, мумкин аст дорую табобат манфиат расонанд. Аслан, аз сад нафари ин навъи беморон навад- наваду панҷ нафарашон сиҳат меёбанд. Мо ҳоло илоҷи дигар надорем. На танҳо мо, балки тамоми табибони олам то ҳол давои ин дардро чун касали саратон (бод) наёфтаанд. Хурӯҷи ҳори девонагӣ, ки сар шуд, бемор дигар зинда намемонад…

— Духтур, наход дигар илоҷе вуҷуд надошта бошад? Шуморо илтиҷо мекунам,чи некие дар олам вуҷуд дошта бошад, аз дастам

ояд, бароятон ба ҷо меорам. Ҳатто ба ивази ҷони худам, ҷони фарзандамро харидорам, то фарзандам аз марг раҳоӣ ёбад.
Ҷавонмард ба сӯям ба меҳр нигарист. Дидам, ки мисли ман ашк бари рухсораҳои базебашро тар кард ва ӯ аз ноилоҷӣ ҳарфи дигар ба забон оварда натавонист.
Вуҷудамро дарди ҷонкоҳе фаро гирифт. Ҳама ғаму ғуссаи дунё яку якбора ба сарам фурӯ рехт. Пеши чашмонамро сиёҳи пахш кард.
Мани бахтбаргашта дар рӯ ба рӯи фарзанди ҷигарбандам аз марги бармаҳали ӯ огоҳ гардида, чун сайди ба ҷигар тирхӯрда нола мекардам…
Ба палати назди писарчаам омадам ва ба рӯи кат паҳлӯи фарзандам нишаста, Баҳромамро ба бағал гирифтам…
— Ота!
— Ҷони ота.
— Шеърхонӣ кунам?
— Бихон, бачам.
**— Ман калон мешавам,**
**Қаҳрамон мешавам…**
— Ту дигар калон намешавӣ. Ҷону ҷигари падар, хушрӯю ҷавонмарги падар, ғунчаи то ҳанӯз нашкуфтаам, бачаи ҷаҳоннадидаам!
Ҳамагӣ чанд соати ҳаётат боқӣ мондаасту мани шӯрбахт ба сиҳатшавиат умед доштаам. Ана барои чи се шабурӯз туро хоб намебурдааст, ҷонат месӯхтааст. Шоири ҷавонмаргу гумноми падар.
Ҳамсолонат акнун «Қаҳрамон» мешаванд, вале танҳо «Алифбо»-и ягонаи ту нохондаю нотамом мемонад. Ман онро ба мактабу муаллимон бо кадом дидаву рӯ бурда, бо ду дасти адаб месупорам?
Ҳар саҳар ҳамсолону ҷӯраҳоят ба дари хона омада; «Баҳром, биё ба мактаб равем», мегӯянд. Ман ба онҳо минбаъд чӣ ҷавоб мегуфта бошам, намедонам…
— Ота гиря накун. Магар мард мегиряд? Ҳоли ҳозир, китоби амаки Миршакарама бароварда шеъри нав мехонам.
Ӯ китобро аз бағал бароварда мехоҳад онро кушояд ва ба шеърхонӣ оғоз намояд, вале дасту панҷаҳои ногирояш меларзанду китоб ба фарши беморхона меафтад.
Дар ин лаҳза гӯӣ ё касе ба синаам ба ханҷар зад.
Чӣ даҳшатест, он соат, ки кас аз марги ҷигарбанди худ огоҳ мегардидааст…
— Ота!
— Ҷони ота.
— Аз китоб, ки хонда натавонистам, ҳамин хел аз-ёд мехонам. Танҳо шумо гиря накунед.
— Ман дигар намегирям, ҷону ҷигарам. Ту шеър бихон.

**— Баҳорон шуд, баҳорон шуд,**
**Ба рӯи сабза борон шуд…**

— Кошки, кӯру кӯр мешудаму ин лаҳза, ин рӯзи сиёҳро намедидам. Ба ҷои ту мемурдам, Баҳроми тармаргам!!!

Биё, туро ба бағалам гирифта сару рӯята бибӯсам, аз бӯят сер шавам…

Ба модару додараконат ин шеърхонии туро чӣ тавр мерасонам? Аз маргат чӣ гуна онҳоро огоҳ мекунам?! Баҳорро надида гули хазонгаштаи падар!!!

Бигузор, борон биборад. Замину осмон, ки ҳоло ба тан ҷомаи сиёҳ пӯшидаанд, чун мани бахтбаргашта мотами туро доранд, ба ҳоли ман, ба ин рӯзи сиёҳу шоми тори ҳаётам мегирянд. Ту акнун ба ҳаштумин соли умр қадам монда нав мактабхон шудаӣ. «Алифбо»-и зиндагӣ нахонда, тармарги падар…

Ман ин қадар тавоноям. Ҳама мардуми олам пушту паноҳи мананд, вале имрӯз дар халосии ҷони ту ҳама бечораю дармонда, илоҷи дардатро намеёбем, ки намеёбем.

Ба дарди бедармони ту духтурон, балки ҳама табибони олам то ҳол давое наёфта будаанд. Мисли мани рӯсиёҳи бахтбаргашта дасткӯтоҳ будаанд, бачам…

— Ота!

— Ҷони ота.

— Маро ба хона бубар, то бори дигар очаву додар ва хоҳарҳояма бубинам.

Китоби бобои Миршакарро ҳамроҳ бигир. Ман хонда натавонистам, додару хоҳаронам, ки калон шуданд. мехонанд …

20. Х1. 83

Х Х Х

--------------------------------

# Рӯсиёҳи ду олам

(Ҳикоя)

Аз нақли бобои Садриддин

- Валии додарама, ки дар ҷанги Гирмон (1941-1945) бе ному нишон гум шуда буд, кофта- кофта ба як қишлоқи Украина омадам. Хабар ёфтам, ки дар қабристони ин ҷо гурҳои тоҷикписарон зиёд будаанд.

Роҳбаладам, посбони гӯристон, мӯсафеди қоматхамидаи хохол- Сергей Иосифович,- шиносонид худро ба ман, баробари кушодани даричаи қабристон ва мо ҳарду аз роҳрави байни гурҳо оҳиста қадам зада сӯи теппаи дар тарафи офтобшин воқеъбуда рафтем.

Авзои ҳаво якнавъ тираю тори дилгир буд. Аз муқобил шамоли хунук вазида, қатраҳои борон не, яхчаҳои сарди сурбмонандро ба сару рӯ мезад.

— Аз афташ, имшаб барфи зиёд меборад,- гӯё фикри маро дониста гуфт мӯйсафед ва сӯи осмон нигарист. Ман ҳам ба ӯ пайравӣ карда ба ҳаво назар намудам ва баъди андаке ба атроф нигаристам.
Рӯи лавҳаву сангҳои болои қабрҳо сурату навиштаҷотҳо. Расми калонсолону кӯдакон, марду зан, пиру ҷавон, вале ҳарчанд ҷустам, сурату номи бародарам ба чашмам нанамуд.
Марг аз касе наҳаросида ҳазори дар ҳазор одамонро кашида ба ин ҷо овардааст, аммо қабри додари ман, нишони ӯ дар куҷост?
Худоё, ба бандаи осиат раҳм кун! Кам не, понздаҳ сари сол аст, ки шаҳр ба шаҳру мулк ба мулк додар мекобаму аз ӯ нишоне намеёбам, ки намеёбам.
Ин дафъа сари сахтамро ба кадом қабристон занам, намедонам. Бо кадом дидаву рӯ ба хона бармегардам, ба хешу ақрабо чӣ ҷавоб мегӯям?
Эй мардуми олам! Эй ҷанги лаин! Бигӯед, охир куҷои рӯи замин нишони бародари нозанин биҷӯям? Гураш дар қабристони кадом мулк аст?!.
Гаштаю баргашта ба лавҳаи гурҳо назар мекунам, мани ноумеду бародар меҷӯям.
Атроф ҳама хапу хомӯш асту рӯи қабрҳо гулпӯш.
Аз хотирам гузашт, ки дар ин макон шоҳу гадо, қаҳрамону ватанфурӯш, қотилу мақтул, неку бад ҳама зери хок яксону баробар ҷо доранд.
Дар зиндагӣ баъзеҳо молу мулк, замини зиёд, дигаре кам доштанд. Яке бою бадавлат, дигаре нодору камбағал. Ин ҷо бошад ба ҳама баробари қадаш замин расидааст.
Боз дар нигоҳам рӯи лавҳаи гур сурати тифли маъсуму арӯси нозанин, ҷавонмарди ҷаҳонгаштаву модари чашм ба роҳи фарзанд интизор бари ба бар хобанд. Дунёи пур аз розу ниёзҳои ногуфта, ғамхонаи олам будааст қабристон.
Ба хотирам расид:
**Аз дори ҷаҳон насиби ту як кафан аст,**
**Онро ба гумон аст, ки барӣ ё набарӣ.**
Дар забонам ин сатрҳо, ки овози мӯсафед маро ба худ овард.
— Болои теппа «Қабристони бародарӣ». Ҷанговарон он ҷо хобанд,- гуфт пирамард ва бо дасташ чуқуриеро нишонам дод, ки рӯи нисбатан ҳамвори онро сабза пӯшонидааст.
— Ин ҷо чорсад ё зиёд аскарбачаҳои советӣ хобанд. Зимистони қаҳратуни соли чилу се. Дар он ҷанги ҷаҳонӣ, кӣ ҳисоб карда буд онҳоро?
Бист миллион ё панҷоҳ миллион одамро ҷанг ба коми худ фурӯ бурдааст, мегӯянд.
Дар ин ҷо бошад ҳу ай ҳаму станитсаи (деҳаи) Слатинои қари-

бии Харков ҷамъ карда бо ароба оварда ин ҷо ба хок месупурданд ҷасадҳои аскарбачаҳоро…
Ин гулҳои гирди қабрҳоро худам нигоҳӯбин мекунам, - гуфта пирамард мӯҳҳои сафеди бетартиб ва риши расидаашро бо панҷаҳояш палмосида назди лавҳаи гулпӯш бурд маро ва қоматашро хам карда, дастонашро ба фуфайкааш андак шакида рӯи санги лавҳаро оҳиста дастмол карду гуфт:
— Аз давраи баъди ҷанг ин ҷо қаровулам. Кӣ медонад, мумкин ҷасади бародари ту ҳам ҳамин ҷо бошад…
Ба навиштаҷоти рӯи санг дида дӯхтам ва ба ҷуз аз «Қабристони бародарӣ» ҳарфи дигаре нанамуд дар назарам. Ҳар чӣ гӯеду нагӯедам, ин лаҳза беихтиёр:
«Бародарам, бародарам, бародари ба ҷону дил баробарам», гуфта фиғону нолаи ҷонгудози ҳамаумраи Мӯъмин Қаноат, ки ифодагари дарду доғи дили абгори ман, балки ҳама аҳли ҷангзадаи башар аст, аз хотирам гузашту дилам реш- реш гашт.
Хаставу хазину ноумед аз қабристон баромадам. Ҳаво низ мисли мани аламзада ғуборолуд буду дидаи пурнам дошт…
Вақти бо пирамард видоъ кардан дар беруни гуристон чашмам ба устухонтӯдаи одамӣ, болои хоки даруни панҷараи алоҳидае афтоду ҳайрон пурсидам.
— Амак, магар инҳо устухони одам нестанд?
Мӯйсафед ҳайратзадагиамро дида сӯям нигоҳи маънидоре карда баъди мулоҳиза гуфт:
— Гумони бад макун. Инҳо устухонҳои одаманд. Лекин аз бародарони ману шумо не. Ин устухонҳои очаи як аскарбачаанд. Ин қисса ғами ногуфтаниест, лекин мегӯм ба ту, додар. Ай раҳи дури дур, ай мулки дигар омадаӣ. Шояд ба мардуми дидаат бигӯӣ, панде шавад. Мон ҳама олам бидонанд, ки ҷасаду қабри и занака аҳли деҳи мо ба қабристон раҳ надоданд, ки надоданд. Тавба кардам, ӯ вақт бегоҳӣ ҷасадаша ҳамин ҷо таи хок мекардем, саҳарӣ меомадем, ки беруни хокай. Ягон одам и кора мекард ё ҷондоре намедонам. Рӯзи дигар боз ҳамон ҳол. Баъд гуфтем, мон дар ҳамин сари роҳи мардум устухонҳояш монанд. Ба ҳафтод пушти одамӣ, балки то дунёбино насл ба насл ҳама донанд ин ҳодисаро.
Пирамард оҳи бадард кашида нақлашро давом дод:
— Шояд он вақт ин зан айбе надошт. Ин мусибат аз касофатии ҷанги лаъин буд.
Зимистони соли чилу-сеюм хунуки сахт омад. Фашистҳо деҳу шаҳрҳои ин ҷоро сӯзонидаю валангор карда сӯи Москва ҳӯҷум доштанд. Дар деҳаи мо ба ғайр аз даҳ- понздаҳ кампиру мӯйсафеди маибу маслуқ дигар касе намонда буд.
Онҳо барои аз хунукию гурӯснагӣ намурдан чӣ азобҳое кашида, чӣ корҳои ношояму гӯшношуниде кардаанд.
Одамӣ барои раҳонидани ҷони худ аз даррандаи ваҳшӣ ҳам

разил мегаштааст.
Ин зани муштипару бесоҳиб, ки фарзанди ягонааш Стёпа дар аскарӣ будаасту мисли додарҳои мову шумо ба муқобили фашистҳо меҷангидааст, бо мақсади қутти лоямуте пайдо кардан худро ба сад дар мезанад, вале аз ягон ҷо луқмаи хӯрдание пайдо карда натавониста маҷбур мешавад, ки шабҳо аз ҳама пинҳон ба ҷойи ҳарбу зарб гузаштаи ҷанигиён рафта борхалтаю кисса ва ё либосҳои ҷасадҳои аскарҳои мурда ҳафтаҳо дар зери барфи ҳандақҳо бесоҳиб варамхобидаро кофта хӯрдание ба даст оварад.
Баъзан, либосу мӯзаҳои нимдошти мурдаҳоро аз танашон кашида оварда дар кулбааш тоза карда андак рангубор дода, бо нон ё ғизои дигар иваз менамудааст.
Дар яке аз чунин шабҳои наҳс, ки хунукӣ ба мағзу устухон кора мекардааст, зан корду табар ва чанаашро гирифта хапу хилват ба «шикор» мебарояд ва дар дашт, дар даруни ҳандақе аз байни мурдаҳо палмосидаю санҷида мӯзаи навтари ҷасаде маъқулаш, мешовад. Мӯзаҳои ба поҳои варамкардаи аскар ях бастаро гирифтан муясараш намегардад. Баъд зан илоҷе карда бо корду табар поҳои аскарбачаро аз буғумҳои зону поён бурида, ҷудо намуда, болои чана гузошта рӯ- рӯи барф кашола карда ба кулбааш меорад ва баъди ба оби гарми тағора андохтану об шудани ях мӯзаҳоро бе осеб аз поҳои бурида кашида мегирад.
Аз даруни мӯза мактуби секунҷа қаткардае пеши пояш меафтад.
Худоё, мани пургуноҳро аз ғазабат нигаҳ дор!
Медонӣ, додар, он мактуб чӣ мактуб будааст? Хат, хати дар мӯза буда, додар, мактуби Стёпа, яъне фарзанди ҳамин зан, ба модараш будааст…
Баъди як ҳафта мардум ҷасади кампирро дар хонаи вайронааш, дар ҷои ҳодиса мурда меёбанд.
Одамон ҷасади аскарбача, Стёпаи побуридаро кофта ёфта дар қатори ҷанговарони дигар даруни қабристон гур карда, мурдаи модарашро ба гуристон роҳ надодаанд…
Ана ҳамин хел, додар, то ба имрӯз ақлам намерасаду намефаҳмам, ки фашистони ҷангҷӯ рӯсиёҳи ду олам будаанд ва ё ин модари бадбахт?..
Августи соли 2001

X X X

----------------------------------

## Ману шумо

(Ҳикоя - гузориш)

— Ҳами лентара бурда дар репортёр (асбоби сабти овоз) гӯш карда матнаша навишта бигир!- фармуд ба ман раиси радио Қурбони Ғофил ва баъди иҷрои супориш ҳафтаву моҳу солҳо гузашту раис дигар онро суроғ накард. Аз афташ, барои шунавонидан дар

барнома онро лозим наҳисобид.
Вақти рӯи қоғаз овардани матн номи марди нотиқ маълум набуд. Танҳо аз рафти ҳодиса донистам, ки ин гузориш аз кадом маҷлис ё ҷамъомади дабдабанок аст. Лентаи сабти овоз ва қоғазҳои рӯбардоркарда солҳо инҷониб дар байни ғарами навиштаҳоям боқӣ мондаанд ва аз чӣ сабаб бошад, онҳоро нобуд кардан нахостам. Матни гуфторро пешкашатон мегардонам ва агар зарур шуморед, бихонед.
«Рафиқон! Олиму сиёсатмадорон, касони соҳибмансаб сухан гуфта, аз ин минбар нутқҳои оташин карданд. Ман ҳам ҳавас карда хостам ба Шумо дарди дил гӯям. Хатое содир шавад, узр, чунки одамӣ шири хом хӯрда, хато мекунад, албатта.
Хуш ки бошад, рафиқон, тоҷики тоҷдор мегӯеду ман аз ин номи баланд шарм мекунам. Ба ҳафтод пушти худ фахр доштем, ки модари мо ба олам Рӯдакию Сино, Фирдавсӣ барин бузургҳоро додаст, лекин ҳеҷ кадомамон ба ёд овардан намехоҳем, ки дар ҳаққи бузургони худ чӣ хорию зориҳоеро раво дидаем.
Шуморо намедонам, ман аз дасти бегонагон не, аз худ гила дорам.
Ҳай ҳиллигаронем. Ба чӣ мазҳабталошиҳо худро тарафтори азиятҳое намегардем.
Худро мусулмону диндори комил меҳисобем ва ончунон номусулмониҳо мекунем, ки чунинашро кофарони габр ба касе раво намебинанд. Ҷаннат талаб дорему дар рӯи замин барои мусулмонони ҳамдину ҳаммазҳабамон қиёмат, дузахе барпо мекунем, ки Худо ба ин кирдорҳоямон ангушти ҳайрат мегазад. Ягон қавму халқияти дигаре чу мо гумроҳу осии рӯсиёҳ нест. Мо ҳатто ба фарзанди худ раҳму шафқат надорем.
Бигӯед, дар ин олам кӣ мисли мо падаркушу валадизино, кӯри худу бинои дигарон аст?!»
— Мисол биёр! – шунида мешавад овози касе.
— Бе мисол гап назан! – мегӯяд дигаре.
— Хуб мисол меорам,- нутқашро давом медиҳад мард: - Магар ман набудам, ки панҷаҳои Борбади Марвазиро бо гуноҳи хунёгари воло буданаш буридам?
Бо ҳамон дасту панҷаҳои ғарқи хун ту набудӣ, ки ба гавҳари дидагони Одамушшуаро мил кашида кӯраш кардӣ?
Бӯалиро кӣ кофар хонд? Ӯ дарди оламиёнро табобат карда тавонист, вале ба дармони дарди нотавонбинии халқи хеш дармонд. Рӯҳи поки ӯ то ҳанӯз магар бо дилу дидаи хунбор аз ғарибиҳои Эрон сӯи Бухоро наменигарад? Балкӣ чун Темурмалик «Атрии кафан зи хоки ватан» орзу дорад Бӯалии бузургвор?
Воқеан, ҳама медонед, ки рӯҳи шикастнопазири Темурмалики таҳамтанро Чингизу лашкари муғул таслиму мутеи хад гардонида натавонистанд. Ӯро аз насаби худ, мисли ману Шумо, чун Рустами дастон Сӯҳроби ялро бо ҳиллаву найранг, ба қатл расонид, бо

дасти асли худ куштем Темурмаликро.
Як ҳодисаро аз Шумо пурсиданиам. Шоҳ Маҳмудро кӣ ба тахти салтанат нишонд? Ману Шумо не магар? Ва баъд бо шайтанати кӣ он «шоҳи кишваркушо» аз Худо натарсида шоиреро, ки то дунёбино касе чун ӯ шеъри асил гуфта натавониста, мехост зери пои фили ҷангӣ партояд.
Аз он фармони нофарҷому беқадргардониҳои Фирдавсӣ то ҳанӯз замину замон, балки ҳисори Худо ларза мекунад.
Гузашта аз ин Робиаи то ҳанӯз бахту тахти арӯсӣ надидаро кӣ дар оташи гармоба сӯзонид? Магар мову Шумо нестем он бародари ҷаллоди Робиа?!
Ҳой мардум! Оё худ боре аз худ пурсидаед, ки мисли Камоли мискин дар ғарибӣ ҷон супурдан осон аст магар? Рӯҳи Ҳилолию Адиб Собир магар дар хобатон аз шумо хунталаб нашудаанд?! Шоҳини ғурамарги умрҳо сил бемори дар нимароҳи ҳаёт аз парвоз монда чӣ?!
Мисол биёред, гуфтед, инҳо кам бошанд, метавонам бароятон ҳазори ҳазор чунин мисолҳо биоварам.
Мо мусулмонҳои комил асрҳо боз роҳу тариқи нав ба нави куштори инсонҳоро ихтироъ менамоем.
Қатли ҳамаасраи курдҳо, ирониҳо, афғонҳо, боснягиҳо бас набуд, ки тоҷики тоҷдор дар охири асри XX ба куштор даст зад?!
Ё одамкушию хунрезӣ мисли тӯфону буронҳо, заминҷумбиҳост, ки аз он сӯи уқёнус то ба мо расида?
Ба ҳамин наздикиҳо оё барои турбати «абадшаҳаншоҳ» як касу ду кас не, зиёда аз якуним миллион бародарони ҳаммиллату ҳамхуну ҳаммаслаки иронро накуштанд?! Аз хуни одамӣ ҷӯю дарёҳо пур шуд, вале чашми наҳсамон рӯи сериро надид. Шумою мани рӯсиёҳ ба ин куштор шарикем ва он қадар гунаҳгорем, ки замин бо ин бузургӣ моро дигар ба дӯши худ бардошта наметавонад.
Ваҳшониятҳое, ки ману Шумо кардаем, дар рӯи олам ягон махлуқу мавҷудоти зиндаи дигар содир накардааст. Он қадар қотили шуурноки бераҳм, хунхори бемазҳабу бедиёнатем, ки мисламон ҷонзоте дар саросари олами ҳастӣ вуҷуд надорад.
Мулоҳиза фармоед, ки кадом хазанда ва ё ваҳшию даррандаи дигар бо дастони хеш синаи модар медаррад? Каждум аст, ки раҳми модарро хӯрда ба олами ҳастӣ меояд, вале мо аз мору каждум бадтарем.
Кадом аждар хоҳари ҳамхуни ҳомилаи худро шикамчок карда, тифли дар батни модар ҳанӯз ҷон доштаву олами ҳастӣ надидаро қатл месозад? Шумо ҳама ба ин кирдорҳо шоҳидед. Пас ҷавобам диҳед, кист он махлуқ, ки ҳамҷинси худро бо дасти хеш безурёт месозад?! Ҷавоб мепурсам аз Шумо! Ҳама хомӯшед.
Худ ҷавоб мегӯям: Ману Шумоем он кофар!
Кист оне, ки тифли дар гаҳвора будаи модари худро аз парпеч кушода, зинда ба зинда дар руғани ҷӯшон бирён кардааст? Ману

Шумоем он манқурти ақлгумкардаи рӯсиёҳи ҳарду олам!
Ба ивази ин ҳама рӯзу солҳо инҷониб усулҳои қатли одамиро ихтироъ мекунем, то чашми мардумро тарсонида, дар зиндагии дурӯза ҳукмрони баҳру бар бошем.
Э хок бар сари ману Шумо!
Магар ман набудам, осии малъун, ки дар ҷанги миллат бар ҷамъи кирдору кушторҳои касмадиду гӯшношунидам бо мақсади таскини ҷони қассосталабам, барои шод гардонидани рӯҳи волидайнам ҳар бегоҳи рӯзи панҷшанбе ҷавонмарди аз миллату дину оини худам асир гирифтаеро сар мезадам ва қурбонӣ мекардам ва боз барои ин корнамоиҳоям мардуми тарсую гумроҳ маро Қаҳрамони миллат ҳисобиданд. Бароям кушку пайкараҳо бунёд крдаанд?!
Бале манам уммати пайғамбари охирзамон, ки чордаҳ аср инҷониб болои хун қадам мениҳам. Ва таърих гувоҳ аст, ки аз куштори Дашти Карбало то ба имрӯзу ҳар рӯз аз нуги ханҷарам, аз дасту панҷаам ҳамасола хун мечакад.
Шумо ҳама ин ҷо ҷамъомадагон гуноҳҳои гуфтаамро ба гардан гирифтан намехоҳед, агарчидоне медонед, ки дурӯғ не, ин далелҳо раднашавандаанд. Вале ба Шумо як чизро гуфтаниам. Оё Шумо боре ба хотир овардаед, ки ин ҳақиқаиро як рӯз не як рӯз ба Шумо ҳамин тариқ рӯирост мегӯянд ва ҳамаатонро мисли мани қотил ба зери дор хоҳанд кашид?
Оре, оре, Шумо ҳама мисли ман қотилони падару фарзандкушед.
«Бани одам аъзои якдигар…», ки бошанд, ман ба Шумо мурочиат менамоям, ки аз ҷо бархезед! Бархезед аз ҷо! Ҳар он носозгорие, ки дар олам сар мезанад, бо гуноҳи ману Шумо сар мезанад. Аз ин рӯ, ана ин банди дор аст. Бале, бале, ҳамроҳи худ ман ба ин ҷо банди дор овардаам. Аввало, як чашму ҳалқаи онро ба гардани ман андозеду маро ба қатл бирасонед ва баъд дигаронро низ. Чун додхоҳ талаб дорам аз Шумо! Бидонед ва огоҳ бошед, ки ману Шумо дигар дар рӯи замин ҳаққу ҳуқуқи зиндагӣ кардан надорем!!
**10. 01. 1994.**

**X X X**

**--------------------------**

# Кабк

**(Ҳикоя)**

Модакабк, чӯҷаҳо аз думбол, аз байни буттаю каҳмолҳо ба пайраҳаи борик хамбид ва ба сӯи Чашмаи Бедак роҳ пеш гирифт.
Боди сабук мулоим вазида, порчаи абри сафедро аз тарафи Ғарб сӯи абри сиёҳи ғафси аз паси кӯҳ намоён мебурд. Нарҳои сӯзони офтоб баъди пешин тарафи ҷанубии теппаро, ки чашма

дар қади дараи ҳамин тараф воқъ аст, назар ба қисми шимолии он гарм мекунад. Шояд аз ҳамин сабаб тарафи ҷанубӣ, ки аксар сангреза аст ва дар ин қисм дарахту бутта ва хасу каҳмол қариб, ки намерӯяд. Ҷӯку ҷондори зиёде аз аввалҳои баҳор ба ин ҷо омада асосан, дар қисми шимолии теппа, бештар дар поёнии кӯҳпора, байни анбӯҳи дарахтон ҷой гирифтаанд. Саҳарӣ ва қарибӣ оф- тобшин қаҳ-қаҳи кабк ва хониши мурғони дигар ин сойюу дараро пур аз навои дилнишин мегардонанд.

Дар қисми шимолӣ, аз қади сангов сар карда, то тарафи боло ҷо- ҷо баттаҳои газу дарахтони зарбед, болотар аз он дар доманаи теппа дулонаю чормағз, муруди ёбоӣ, олучаю себи худрӯй зиёд аст. Каме болотар дар андак даштигарӣ, Боғи булбулон воқеъ аст, ки каси ба ин ҷо омада гумон мекунад ҳама булбули дунё дар ин боғ макон гирифтаанд. Охири дара торафт ба ҷангали анбӯҳе табдил ёфтааст ва солҳост, ки ба ин ҷо ғайр аз ҳайвону дарранда- гони ваҳшӣ паи қадами одамӣ нарасидааст. Аксари шикорчиҳое, ки ба ин тараф пинҳону рӯшод маоянд, бештар дар қисми поён гаштугузор мекунанд.

Модакабк дар поёни Боғи булбулон, хеле дур аз пайраҳаи ба сӯи боғ меомадагӣ, зери гулхори начандон калоне тухм хобонида чӯҷа бароварда буд ва панҷ чӯҷаи нав серӯза шуда чик- чикунон аз думболи модар худро ба чор тараф зада лаҳзае ӯро ором на- мегузоранд.

Аз рӯзи аз тухм баромадан то ба ҳашт- даҳрӯза шадани чӯҷаҳо давраи ниҳоят мушкил ва азияткашии модакабк аст, зеро дар ин рӯзҳо чӯҷаҳо ба ғайр аз хислатҳои модарзодӣ ва қуввату ҳаракати роҳгардии зиёд, болу пар ва таҷрибаи зиндагӣ надоранд, ки худро аз душман муҳофизат карда тавонанд.

Рӯзҳои аввал модакабк чӯҷаҳояшро аз назди буттаи гулхор он қадар дур набурд. Онҳоро аз думбол то пайроҳа бароварда аз душман пинҳон шуданро омӯхт ва ҳамин ки модар як бор «пих» мегуфт, алакай чӯҷаҳо хавферо пай бурда, барои ба зери бутта ва ё сӯрохие панаҳ бурдан тайёр мешуданд. Вақте ки модакабк «қа- қӣ» гуфта овоз мебаровард, чӯҷаҳо ба ҳар тараф гурехта сари худро ба сӯрохӣ ва ё зери хасу каҳмол панаҳ карда, почаҳакони борики худро ба зери бадан ҷамъ намуда, наҷумбида, қарор ме- гирифтанд, то даме ки модар бо овози нисбатан форам «қа-қиб, қа-қиб» гуфта садо намебаровард, ҳеҷ кадоме аз онҳо заррае аз ҷо намеҷумбид.

Табиат ранги пашмакҳои нав аз тан баромадаи чӯҷаҳоро ба ранги регу хоки ин мавзеъ чунон монанд гардонидааст, ки ҳар-чӣ чашми тезбин дошта бошед, ёфтани чӯҷаҳо кори осон нест. Аммо ҳамин ки чӯҷаҳо пару бол бароварда аз давраи калакӣ баромада гирдтефак мешаванду парвозро ёд мегиранд ва хусусан, вақте ки кабк пари қанҷақ бароварда арӯсак мешавад, дар сару бадан хату хол, дар гардани базеб ҳалқаҳои ранги бунафшу гулобӣ

айён мегардаду ҷик – ҷикаш ба қақбаи кабкони дигар монанд мешавад, чӯҷаи ягон паррандаи дигар дар зебогӣ ба чӯҷаи кабк баробар шуда наметавонад, вале даст гирифтани чӯҷаи кабк дар ин ҳолат номумкин аст.
То ин ҳангом модакабк он қадар таҷрибаи зиндагиро ба чӯҷаҳо меомӯзонад, ки чӯҷа зиндагии озодонаи кӯҳу пуштаро хуб сарфаҳм меравад ва ба шарте ба дасти одамӣ афтад ҳам, ром шуданаш амри маҳол аст. Ҳатто то охири ҳаёт ӯро барои дар қафас нигоҳ доштан меҳнат кунӣ ҳам, кабки ноомӯхти сурак сурак мемонад.
Ба гуфти усто Сайёди ҳамсояамон, ба шарте сагро ба зӯрӣ шикор бурда фоида бинӣ ҳам, кабки суракро ба зӯрӣ ром карда, ба шикор бурдан фоида надорад. Яъне бачаро дар бачагиаш ақлу фаросат, одобу ахлоқ омӯзонидан осон аст.
Шикорчиён ба ҳама мушкилӣ тан надода, ҷон мекоҳонанд, ки чӯҷаҳои кабки ҳилолро дар ду- серӯзагиашон ба даст даровcovарда, барои барор гирифтани шикори ояндаашон омӯхту ром кунанд ва ба воситаи як кабки ром садҳо дигарашро ба дом афтонанд …
Модакабк зери буттае қарор гирифт ва чӯҷаҳоро таги пар кард. Зери тефи модар ҷойи аз ҳама ҳаловатбахш барои онҳо буд ва ҳар кадом ҳамин ки «қа- қиб»-и ҳалимонаи модарро мешунид, ба зудӣ хадро таҳи тефи модар, миёни парҳои нарму мулоим мегирифт. Чанд муддат «ғут-ғут» мекарду баъд ба хоби хуш дода мешуд. Модар гӯё ин лаҳза аз зиндагӣ, бахту толеи баланд, сархушу мадҳуш гардида, осудаҳолона ба хоб мерафт, вале модакабк аз қисмати ояндаи чӯҷаҳо, аз тарсу бими даррандаву хазанда ва шикорчиҳо бедорхоб аст мудом.
Он бегоҳирӯзии гарм модакабк баъди аз бехи бутта ба сӯи чашма хамбидан андоми сиёҳи шикорчиеро, ки аз афташ шикораш барор нагирифта буд, аз дур дид, ки аз Боғи булбулон камон дар китф шалпар- шалпар ба сӯи буттаи гулхор меояд.
Кабк бӯи бади доруи тиру камонро ҳис кард ва безобита шуд.
Ин бӯи нофорам аз куҷое дар хотираш монда буд.
Соли гузашта, дар ҳақиқат, мисли ҳамин сӯроби сиёҳпӯшу камон дар китф дар хамгашти теппаи Шикоргоҳ ба сӯи селаи кабкҳо тир холӣ карда, як ҷуфти онҳоро зада афтонида буд. Садои гӯшкаркунанда ва бӯи бади дорӯи он шикорчӣ ҳанӯз аз хотири ҷонвар нарафтааст.
Модакабк аз дидани андоми сиёҳи шикорчӣ ба ҳарос афтода, чӯҷаҳояшро аз пайроҳа бероҳа карда, аз думбол, ба тарафи лаби ҷарӣ бурд, вале дар он ҷо ба ғайр аз сангреза дигар буттаеро наёфта, лаб- лаби ҷар ба тарафи чапи он, ки нисбатан нишебии ҳамвор аст, гузаронид.
Харгӯше, ин дам чун кабк аз шикорчӣ тарсида рӯ ба гурез оварда, аз болотари кабку чӯҷаҳо ҷаҳида гузашт ва чанд санги зери пои ӯ ҷудо шуда сангҳои дигарро беҷо кард.

Тараҷо-туруҷкунон ба поён ҷар шудани сангҳоро шунида.
модакабк «пих», гуфта чӯҷаҳоро аз фалокат огоҳ кард, вале санги ҷаршуда чӯҷаи аз ҳама ҷафо меомадагиро дарёфт карда, онро ҳамроҳи худ як ғел доду гузашта аз лаби ҷарӣ ҳавоӣ шуд.
Пои рости чӯҷа ба санг бархӯрда шикаст, ки чирикасти ҷон-варак ба дара бо садои сангҳои ҷаршуда омехта ҳамсадо гардид ва чӯҷа тову печ хӯрда болои як по хеста як- ду ҷадам заду аз нав ба паҳлу афтид.
Шикорчии то ин лаҳза гӯё кӯру кар буду баробари шунидани овози чӯҷа ҳарду гӯшаш шунаво шуд, чашмонаш нур гирифтанд, якбора дар ҷой истода, сӯи овоз дида дӯхт. Вале чизеро дида ната-вониста, аз рӯи таҷриба пай бурд, ки овоз овози чӯҷаи кабк аст ва саросема ба тарафи овоз равон гардида, ҳаракаташро тез кард.
Модакабк аз ин ҳол огоҳ гардида, лаҳзае назди чӯҷаи поши-каста истод ва ҳис кард, ки ҳаёти тамоми чӯҷаҳояш дар хатар аст.
Кабк чӯҷаҳояшро он ҷо монда якбора парвоз карда, пар- паркунон аз ҳаво худро даҳ- понздаҳ ҷадам болотар аз шикорчӣ ба замин партофт ва чун мурғи нимбисмил ба ҷонканӣ даромад.
Шикорчӣ ин доди Худоро дида, ба ҷафо баргашт ва аз саро-семагӣ ҳатто камонашро аз китф нафаровара ба сӯи кабки ҷон мекандагӣ шитобид. То сайди нимҷон як ҷадам мондан, шикор-чӣ онро ҷапам- наҷапам худро ба болои кабк ҳаво дода буд, ки ҷонвар ҷонҳавлӣ пиррӣ карда, ба ҳаво хест ва бист- сӣ ҷадам болотар аз пайроҳа аз нав аз баландӣ худро ба замин зад ва чун аввала ба ҷонканӣ даромад.
Шикорчӣ, ки хоҳони зинда ба даст овардани сайди худодод буд, аз сари нав сӯи кабк давид ва раҳорах камонро бори зиёдатӣ дониста онро аз китф тарафе ҳаво дод ва хадро ба назди сайд расонид. Кабк ин дафъа ҳам аз замин баланд парвоз кард ва дар ҳаво муаллаҷ зада тову печ хӯрду пар- пар карда, худро ба паҳнои дара, ба чуҷурие патофт.
Шикорчӣ ҷойи афтидани кабкро хуб зеҳн монда, дар ҷаҳр назди камонаш рафт ва яроҷашро гирифта ба поёни дара хамбид.
Кабк то ба наздаш омадани Андоми Сиёҳ мунтазир истод ва ҳамин ки шикорчӣ ба ӯ наздик шуд, кабк ғолибона парвоз карда баъди як давр гаштан аз нав тоб хӯрда ба тарафи чап, ба болои ҷарӣ ба назди чӯҷаҳояш омад ва нисбатан хушҳол буд, ки бо ин рафтораш Андоми Сиёҳро фиреб дода, чӯҷаҳояшро аз чанголи марг наҷот дода тавонист.
«Ҷаҷ-ҷаҷ», шуниданд чӯҷаҳо, овози шиноси модарашонро ва ҳар кадом аз зери сангу сӯрохиҳо сар боло карда ҷик- ҷиккунон ба пеши кабк омаданд.
Хавфи Андоми Сиёҳ ҳоло ҳам аз хотири кабк нарафта буд ва ӯ чӯҷаҳояшро гирифта ба назди чӯҷаи маъюбшуда омад.
Чӯҷаи пошикаста, ки бе ҳолу мадор, ба як паҳлу афтода буд, бо омадани модар аз нав ба чирик- чирик даромада, аз ҷо хестанӣ

шуд, вале натавониста ба паҳлу афтод.
Модакабк болои сари чӯҷа истода бо нули худ ӯро меҳрубонӣ кард «Қақ- ба», гуфта аз сӯзи фарзанд овоз баровардани буд, ки садо дар гулӯяш дармонд, зеро ба хотираш расид, ки Андоми Сиёҳ то ҳол аз ин дараву сой дур нарафтааст.
Кабк чанд муддат дар гирди чӯҷаи маъюбаш зору ҳайрон монда, онро таги пар гирифт, вале чӯҷа ором намешуд. Чӯҷаҳои дигар аз гармӣ тоқат накарда, таҳи параш даромаданд.
Ҳаво торафт тасфида, боди гармсел чӯҷаҳои таги пари модар-ро дамгир менамуд ва онҳо ташна монда, аз зери пари модар ба берун баромада бетоқатӣ мекарданд, аз нав дар таги пари модар панаҳ меҷустанд.
Модакабк низ ташна монда, даҳон кушода нафас рост мекард, вале ҳоли тангу ҷив- ҷиви чӯҷаҳо ӯро бештар бетоқат карда буд. Чӯҷаҳо аз таги пари модар берун баромада, худро ба сояи бутта ва ё санге гирифтанӣ мешуданд, вале аз бахти бадашон дар ин ҷо буттаи сабзе наменамуд. Санг ва регмайдаҳои тафсида таги пояшонро месӯзонид.
Модакабк ноилоҷ бо нӯлаш аз гардани чӯҷаи пошикаста озод гирифта даҳ-понздаҳ қадам ба поён хамбид. Аз сӯзи дард чири-касти ҷонгудози чӯҷа баланд шуд. Модар онро ба зери буттаи пӯши поёни харсанге, дар соя гузошта, гирду атрофро аз назар гузаронид, ки хавфу хатаре таҳдид намекунад, чӯҷаҳои дигарро аз думбол гирифта, ба сӯи чашма роҳӣ шуд.
Роҳ ба замми дурӣ сарнишеби сангрезадор буд ва то лаби чашма расидан барои чӯҷаҳои то ҳол парвозӣ нашуда мушкилӣ мекард.
Модакабк гоҳ аз пеш ва гоҳ аз қафо чӯҷаҳоро раҳнамудӣ карда, ба чашма наздик шуда буд, ки аз дур ҷунбиши пӯдинаҳои дар лаби чашма рӯидаро ҳис кард.
«Пих», шуниданд кабкчӯҷаҳо ва дар ҷойи худ шах шуданд.
Кабк бо мулоҳиза бори дигар ба атрофии чашма тез- тез назар кард ва аз байни роғи гургаки бо пари кабк оро додашудаи пеши рӯ ва аз сӯрохиҳои он ду чашми Андоми Сиёҳро дид, ки чун чашми мор бозӣ доранд.
«Қа-қӣ, қа қиб», гуфта овоз бароварда буд кабк, ки чӯҷаҳо аз рӯи рег хеста аз думболи модар қафо, ба роҳи омадаашон ба тарафи боло равон шуданд.
Кабк чӯҷҳоро дур бурда наметавонист, зеро аз гармии тоқат-фарсо ҳама хастаю локот шуда буданд.
Модакабк нағз медонист, ки ба ғайр аз Чашмаи Бедак дар ин наздикиҳо дигар об мавҷуд нест. Танҳо чашмаи дигаре аз қисми болои Боғи булбулон мавҷуд аст, ки оби он ба сойи он тарафи дара мерезад ва чӯҷаҳояш қуввати ба он ҷо рафтан надоранд. Агар чӯҷаҳоро ба тарафи поёни Чашмаи Бедак барад, он гоҳ ҳама ба чашми шикорчӣ чун дар кафи даст аён мегардад. Илоҷи

ягона дар паногоҳ ба чашми Андоми Сиёҳ нанамуда, интизор истодан ва танҳо баъди ноумед шуда хеста рафтани душман ва аз хавфу хатар эмин гардидан ба лаби чашма бурдани чӯҷаҳо имкон дорад.
Модакабк хеле қафо рафта, аз чашми шикорчӣ панаҳ бурд ва барои наҷоти фарандон ноилоҷ синаашро сӯи офтоб гардонида, ҷӯҷаҳояшро аз қафои худ ҷо дод, то ки дар сояи баданаш андаке ҳам бошад, аз нури сӯзони офтоб панаҳ бурда, худро ором гирифта тавонанд ва худ ду дида ба сӯи чашма интизор истод.
Ин ҳолат соате давом кард, вале Андоми Сиёҳ гоҳ- гоҳе ҷум-бида ҳанӯз ба умеди лаби чашма омадани кабку чӯҷҳояш дар сояи бед байни пӯдинаҳо истода буд.
Гармсел оҳиста- оҳиста ба тундбод мубаддал шуда, чангу хок пеши нурҳои сӯзони офтобро гирифт. Абри сиёҳи болои кӯҳ торафт баланду васеъ паҳн шуда, ба ин тараф ҳаракат кард.
Модакабк аз вазъи ҳаво бесаранҷом шуд. Чӯҷаҳо аз ташнагию тангнафасӣ тоқат накарда, гоҳ ба таги пари модар медаромаданд ва гоҳи дигар ба берун баромада ҷонсарак рафтанӣ мешуданд, вале реги тафсон пойҳояшонро, ки месӯзонд, ба фармони мода-рашон гӯш надода, ба қафо ба сояи модар момаданд.
Кабк ба ин аҳвол дигар тоқат накарда «қа- ких», гӯён чӯҷаҳо-ро болои рег хобонид ва худ ба тарафи муқобил баланд парвоз карда, баъди давр гаштан зеҳн монд, ки ҳанӯз ҳам Андоми Сиёҳ байни пӯдинаҳо нишастааст. Аз ин сабаб кабк ноумед ба назди чӯҷаи маъюбаш парида рафт, ки ӯ ҳанӯз чирик-чирик карда ме-нолид.
Модар фарзандашро чанде таги пар гирифта онро аз зери буттаи пӯш ба зери харсанг, ба ҷойи камхавф гузаронид.
Ҳаво торафт сиёҳи дуд гашта, аз абри сиёҳ овози тундар шу-нида шуд. Баъди раъду барқ борони чакра-чакра сар шуда, дар як лаҳза ҳаво шохнам гирифт.
Модакабк ба талвосаи ҷон афтода поён, ба назди чӯҷҳояш парида омад. Чӯҷҳоро як ҷо ҷамъ карда ба таги параш гирифт.
Ғулғулаи тундар ба кӯҳу дара печид. Тафи аз рӯи рег бархоста чӯҷаҳои ташнамондаро димгир мекард ва онҳо як- як аз таги пари модар ба берун баромада дучори шохнам шуда, худро аз нав ба зери пару боли модар мегирифтанд.
Кабк ба чор тараф назар карда паногоҳ меҷуст, вале алафу бутта ва ҳатто оббурида ва санге ба назараш наменамуд, ки аз ин офат худ ва фарзандонашро паноҳ карда тавонад.
Баъд борон андаке суст шуд ва кабк чӯҷаҳояшро аз таги пару болаш бароварда ба боло, ба умеди ёфтани паногоҳ ҳаракат кард, вале чӯҷаҳои бемадоргашта ва хунукхӯрда аз рафтан саркашӣ мекарданд.
Борон аз нав шиддат гирифт. Модакабк хост қақбаи ҷонкоҳе бароварда, аз ин ҳол дигар кабкҳоро огоҳ кунад, имдод талабад,

вале Андоми Сиёҳро ба хотир оварда, аз марг дида, овоз баровар-
данро хатарнок ҳисобид ва ноилоҷ чӯҷаҳояшро таги пар гирифта, болҳои худро ба тан ҷафстар кард.

Борон рафта- рафта ба жола мубаддал гардид. Чӯҷаҳои хунукхӯрда таги пару боли модар ҷив- ҷив карда, ҷойи гармтаре меҷустанд. Акнун ташнагӣ аз ёдашон рафта буд.

Модакабк ин дам дар ғами чӯҷаи маъюби аз ӯ ҷудомонда буд, ки аз ин офат кошки ақл карда, худро ба сӯрохии харсанг гирифта тавониста бошад.

Жола торафт пару боли модарро сусту бемадор гардонида, аз мобайни пеху парҳо қатраҳои оби сард ба болои чӯҷаҳо раҳ меёфтанд.

Бадани кабк аз зарби жола ва хунукӣ рафта- рафта сардшуда, «ғут-ғут»-и чӯҷаҳо низ канда- канда гардида, дар зери садои кубокуби донаҳои чун сақо вазнину сахту сарди жола заифтару сусттар шунида мешуд.

Қарибиҳои торикшавии рӯз абрҳо пароканда шуда, ҳаво аз боридан монд, вале аз кабку чӯҷаҳо нидое ба гӯш намерасид Шикорчии аз ин ҳама бехабар ва сар то ба по тар аз зери

беди лаби чашма бархоста ларзида-ларзида сӯи хонааш ба роҳ баромад, вале ҳангоми аз назди харсанг гузаштан садои «чирик-чирик»-и ҳазини чӯҷаи маъюбро аранге шунида, дар танаш ҷони тоза дамид ва аз роҳ баргашта ба тарафи овоз равон шуд …

X X X

---------------------------

# Хотираҳ о

## Шери жаёни Панҷшер

### Дар повараҷи романи «Масъуди сипаҳсолор»

### 1. Дар ҷустҷӯи Аҳмадшоҳи Масъуд

Аз солҳои 80- уми асри XX, замоне, ки Иттиҳоди Шӯравӣ ба Афғонистони ҳамсоя артиши беш аз садҳазорнафараи худро бо тамоми лавозимоти ҷангӣ дохил карда буд, дар матбуоту радио ва дигар воситаҳои ахбори умум дар бораи шуҷоату корнамоии муҷоҳидони ватандӯсти дараи Панҷшер бо сарварии Аҳмадшоҳи Масъуд хабару мақола ва гузоришҳои зиёд пешкаш мегардиданд ва бояд хотиррасон кард, ки дар ин бора зиёда аз си соли минбаъда низ, мардуми соҳибмаърифат ба ҳодисаҳои Афғонистону Аҳмадшоҳи Масъуд таваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд. Яъне чун муборизи ватанпарвару лашкаркаши ғолиб Аҳмадшоҳи Масъуд дар охири асри XX ва солҳои аввали асри XX1 диққати оламиёнро ба худ ҷалб кард. Дар ин давра рӯзу ҳафта ва моҳеро ёд надорам, ки дар бораи муборизаҳои муҷоҳидони дараи Панҷшер хабаре,

гузорише дар расонаҳо ба табъ намерасид.
Медонистам, ки Аҳмадшоҳи Масъуд аввалан тоҷики мусулмон аст ва чунин мубориზи матин дар арсаи ҷаҳон кам андар кам арзи ҳастӣ кардааст. Аз ин рӯ, ҳусни таваҷҷӯҳам ба ӯ бештар мегардид.
Солҳои аввали муборизаҳои ӯ ман дар рӯзномаи «Роҳи ленинӣ»-и Кӯлоб хабарнигор будам, баъд ба ҳайси хабарнигори телевизиони ҷумҳурӣ дар собиқ вилояти Кӯлоб кору фаъолият кардам. Минбаъд соле чанд аз матбуот дур, ба деҳқонӣ машғул шудам ва соли 2005 аз нав ба ҳафтавори «Кулябская правда» чун хабарнигор омадам, то ин ки аз аҳли қалам дур набошам.
Дар ин мудат дилам мехост барои аз наздик шиносоӣ пайдо кардан бо ҳаёти Аҳмадшоҳи Масъуд ба Афғонистон сафар дошта бошам, вале дар давраи Шӯравӣ ин орзуро амалӣ гардонидан мушкил буд.
Воқеан, соли1989 хабари хуши шунидаам он буд, ки Артиши Шӯравӣ Афғонистонро тарк гуфт, зеро дар мудати 10 соли ҷанги байни Шӯравӣ ва мардуми афғон ҳазори дар ҳазор нафар ҷавонмардони тоҷику рус, украину қазоқ дар хоки ин кишвари ҷангзада кушта шуданд. Саросари Афғонистон хароб гардид.
Ман ба ҷуз аз хабарҳои дар расонаҳо ва матбуот дарҷгардида, аз ҳаёти Аҳмадшоҳи Масъуд дигар огаҳӣ надоштам ва мудҳиштарин хабаре, ки дар ҳаёт шунидам, хабари террор ва ба шаҳодат расидани ин родмарди олам буд, ки рӯзи 7 сентябри соли 2001 дар шаҳри Кӯлоб ба гӯши ман расид.
Хаёлам ин рӯз рӯзи бадбахтӣ ва мотаму азодории ҳама тоҷикону мусулмони дунё буд ва дар он рӯз аз сӯзи дил дубайтие рӯи қоғаз оварда будам:

***Ба рӯзи марги Аҳмадшоҳи Масъуд,***
***Баромад аз дили дарёи манн дуд.***
***Чу Фирдавсӣ зи дида хун гиристам,***
***Расид бар мақсади худ шоҳ Маҳмуд.***

Он рӯзҳо дар байни мардуми Кӯлоб овозаҳо паҳн шуданд, ки гӯё Аҳмадшҳи Масъуди захминро барои муолиҷа ба Кӯлоб оварда бошанд ва ӯ дар ҳамин шаҳр ба шаҳодат расидааст.
Касони дигар мегуфтанд, ки баъди марг ҷасади ӯро дар мурдахона (морг)-и ҳамин шаҳр се шабурӯз нигоҳ дошта, баъд ба ватанаш фиристоданд.
Овозаҳои дигар низ буданд ва ман ҳақиқати ин овозаҳоро баъди солҳо, дар натиҷаи пурсишу ҷустуҷӯ аниқ муайян кардам, ки хонада дар ҳамин навиштаҷот аз асли онҳо ба пуррагӣ огоҳ хоҳад шуд.
Баъди чопи маҷмӯаҳои қисса ва ҳикояҳои «Дунёи бевафо», «Зиндаҷудо», маҷмӯаи шеърии «Сӯзи дил» ва романи «Шукронамарг» таҷрибаи сисолаии эҷодӣ ҳосил карда будам. Маълум, каси

дар ин қадар вақт бо қалам сарукордошта андак қуввату дармоне дошта бошад, қарор намеистад, боз аз пайи ҷустуҷӯи мавзӯъ ва навиштани асари дигар ҷаҳд мекунад. Кори нависандагӣ, дағал ҳам шавад, ба нашъаманду афюнӣ монанд аст. Ҳамеша дар давоми умр бояд мавод ҷустуҷӯ кунад, аз пайи дарёфти мавзӯи шеър, ҳакоя ё қиссаю роман қаламкаш шабу рӯз дар такопуст, то моли адабие офарад, дар баробари хонаву фарзанд дар зиндагӣ сатри шеъре, байте, маҷмӯае ба ояндагон ба ёдгор монад.
Ба эҷодиёти шоири зиндаёд Лоиқ ҳама умр ихлоси беандоза дорам ва аз мутолиаи пайвастаи солҳои тулонӣ сар то сари эҷодиёташонро қариб, мазмунан азбар кардаам. Ба фикрам, устод Лоиқ ба ҳама саволҳои зиндагӣ мардона ҷавоб гуфтаанд ва рубоии зеринашон дар ин давра ҳар лаҳза вирди забонам буд:
***Гар дард барад, дарди замонат бубарад,***
***Гар об барад, оби калонат бубарад.***
***Дар ҳавзаи хушкида чӣ заврақ ронӣ,***
***Бигзор, ки тӯфони ҷаҳонат бубарад.***
Мисраи ғазали Соиби бузургвор «Ҳар кӣ бо домони доно даст зад доно шавад» низ тақозоям менамуд, ки аз ҳаёти саромадони адабиёт панд бигирам.
Медонистам, ки устод Сотим Улуғзода дар тамоми давраи эҷодиёташон, дар баробари қиссаву ҳикояҳои баландғоя ду асари мукаммал, романҳои «Восеъ» ва «Фирдавсӣ»- ро офаридаанд. Яъне асарҳои устод аз ҳаёти Қаҳрамони халқи тоҷик, Восеъ ва устоди шоирони ҷаҳон Фирдавсӣ қаламдод шудаанд. Пас чӣ садди роҳам мешавад, ки худро ба тӯфон бизанам?
Чун Аҳмадшоҳи Масъуд куҷост қаҳрамони накӯноми олам?
Медонистам, ки ҷамъ овардани мавод барои навиштани роман ниҳоят мушкил аст, дар шароити набудани қувваи барқ дар деҳот, ки ман ин ҷо зиндагӣ дорам ва боз садҳо баҳонаҳои дигари монеъшавӣ ба офаридани асар вуҷуд доранд, вале «Мард бояд, ки ҳаросон нашавад». Ҳатман худро ба тӯфони ҳодисаю воқеаҳо заданам зарур, то кореро ба манфиати халқу миллат ба анҷом расонам.
Аз байни мақолаю китобҳо достони «Масъуднома» - и устод Мӯъмин Қаноат бештар хушам омад, вале дар муқоиса бо достонҳои ин адиби нотакрор дар «Масъуднома» ҳаёту фаъолияти Масъуд ба пуррагӣ инъикос нагардидааст. Шояд устод ба Панҷшер сафар карда натавонистаанд, балки дар чанд соли ҷанги шаҳрвандӣ ва бесарусомониҳо шеъро дар дили шоир куштаанд. Бесабаб нест, ки Лоиқи бузаргвор фармудаанд:
***Кушед ин замонаро, ки мекушад таронаро,***
***Даруни чашм мекушад нигоҳи шоиронаро…***
Касони аз адабиёт огаҳ достонҳои «Мавҷҳои Днепр», «Суруши Сталинград» ва дигар достону асарҳои барҷастаи Мӯъмин Қаноатро нағз дар хотир доранд. Дар муқоиса ин достонҳо бо

«Масъуднома» дигару дигаранд.
Шукри истиқлолият ва замони осоишта, ки роҳ сӯи Афғонистон кушода аст, таҷрибаи эҷодӣ дорам. Қуввату дармон ҳаст. Аз адабиёти афғонистон ба қадри ҳол бохабарам. Дар шеър адибони афғон баландғояанд, вале дар наср то ба ҳол дар ин сарзамин ҳикоя, қиссаи кироие, ки боиси таваҷҷуҳи оламиён гардад, мавҷуд нест. То имрӯз дар ин сарзамин роман офарида нашудааст.
Бахти гузаштагонамон омад кардааст, ки инқилоб мо тоҷиконро фарогир шуду, дар баробари ободии диёр забони русӣ омухтем, ба адабиёти Ғарб шинос гардидем. Дар ҳаёт асарҳои Хемингуей, Ҷек Лондон, Мопассан, Гёте, Горкий, Чехов, Шукшин, Чингиз Айтматову Расул Ғамзатов ва дигаронро мутолиа кардам. Аз ин бузургони олами адаб тарзи офариниши асар, ҳусни баён ва боз дигар нозукиҳои навиштани асарҳои бадеиро омӯхтаам. Бояд азм кунам, дар фикри ҷамъ авардани мавод барои таълифи асари калонҳаҷме аз ҳаёти Аҳмадшоҳи Масъуд шавам.
Маводе, ки дар рӯзномаю маҷалла, гузоришҳои телевизионӣ дастрасам мегардид, талаботи маънавиамро пурра қонеъ гардонида наметавонист, зеро мехостам ҳаёти ин мардро ҳарчи бештару баҳтар бидонам ва агар Худо умрам диҳад, бо офаридани асар ноил гардам, ҳам талаботи маънавии худ ва ҳам мардуми ба адабиёт бадеӣ таваҷҷӯҳдоштаро қонеъ мегардонам. Аз зиндагии Масъуд асари мукаммале бояд офарид.
Мақсадамро ба дӯст ва бародарам, шоири бароям азиз, Сафар Аюбзодаи Маҳзун, ки дар шаҳри Душанбе кор ва зиндагии муҷаррадона доштанд, ба воситаи телефон изҳор кардам.
— Дилат чӣ мегӯяд? – парсиданд Маҳзун, баъди шунидани хабар.
— Мехоҳам аз зиндагии Аҳмадшоҳи Масъуд асаре офарам,- гуфтам дар ҷавоб.
_ Ба ҳукми дил бирав, бародар! Мо, эҷодкорҳо аслан мардуми хаёлпарастем. Дилат чӣ фармояд, ҳамон бикун, боқӣ худат медонӣ…
Китобҳои «Зиндаҷудо» ва «Шукронамарг» таҳи каш аз Кӯлоб ба Душанбе рафтам, то аз паи мақсад шавам. Яъне бояд бо афғонистониҳое, ки дар ин шаҳр ба кору савдо машғуланд, сӯҳбат дошта бошам, шояд дар миёни онҳо касонеро дарёбам, ки дар ҷабҳа бо Масъуд амал кардаанд ва ё ӯро аз наздик мешинохтанд.
Дӯсти айёми ҷавониам, ки бо ҳам дар донишгоҳи Кӯлоб якҷоя таҳсил мекардем, Сайҷалоли Саид, ки ин вақт дар синамои тоҷик ҳамроҳи Муҳаммад Ғоиб кор мекарданд, марди бомаърифату фарҳангист. Мақсадамро дониста, маро роҳбаладию ҳамроҳӣ карданд.
Дар кӯчаю бозор аз дилхоҳ афғонистонии бо мо вохурда аз ҳоли Масъуд пурсонӣ мекардем ва касе гуфт, ки дар фалон кӯчаю хона қумандоне бо номи Гадо зиндагӣ дорад, ки солҳо дар ҷабҳаи

Аҳмадшоҳи Масъуд қарор доштааст.
Баъди ҷустуҷӯ ба он даргоҳ омадем. Кадом кӯчаву гузари Душанбе буд фаромуш кардам.
Дар майдони зери бинои истиқоматии баландошёна гирди танӯре занҳои маҳаллӣ нон мепухтанд. Чеҳраи занҳо мисли нони нав аз танур канда гуворо ва дилкаш намуд. Кадбонугии занҳо, бӯи нони танӯрии ба атроф паҳнгардида, солҳои кӯдакию ҷавонӣ, дар танӯр нон пухтани модарамро ба ёд оварданду дилам гум зад. Назар кардам, занҳо ҳалиму меҳрубон. Хаёлам, дар олам зани дигаре чун модари тоҷик ин қадар ба дилу дида наздику ҳалим нест, ки нест.
Баъди салом арзи ҳол кардам, ки хонаи оқои Гадомади афғонро нишонамон бидиҳанд.
— Ҳамин хона хонаи акаи Гадомад аст,- гуфт яке аз занҳо, хонаи дар ошёнаи аввал ҷо доштаи паҳлуи танур бударо нишон дод ва илова намуд:
— Худашон, ба фикрам, дар хона нестанд.
— Зану фарзандашон будагист, - гуфтам ман.
— Занакҳои инҳо ба назди мардҳо намебароянд,- таъкид кард зан.
— Ягон мардина дар хонаашон набошанд? Аз Кӯлоб саргардон шуда омадем.- бо таассуф гафтам ман.
— Ба фикрам, кадом ҷавоне дар хонаашон ҳастанд, - гуфт зан ва аз назди танӯр ба даҳани тиреза омада шишаи тирезаро бо ангушти ишоратӣ оҳиста тақ- тақ зад.
Аз даруни хона ҷавони тахмин 18- 20 - сола ба берун назар намуд ва баъди андак вақт аз дари хона ба наздамон омад. Бо мо салому алек карда аҳвол пурсид.
— Ба оқои Гадомад кор дорем, - гуфтам ба ҷавон баъди ҳолпурсӣ.
— Аз пайи коре ба Маскав рафтанд. Шояд баъди ягон ҳафта биёянд, - гуфт ҷавон ва боз маҳтали шунидани сухани ман истод.
— Афсӯс, мо дар ин ҷо як ҳафта истода наметавонем. Корамон барор намегирад- чӣ?,- бо таассуф гуфтам ман.
— Чӣ кори заруратон буд?- пурсид ҷавон.
— Ман нависандаам, - гуфтам ва мақсадамро шарҳ додам:
— Ҳамҷиҳодони Аҳмадшоҳи Масъудро меҷуям, то дар бораи ӯ китобе нависам.
— Ба сафоратхона равед,- таъкид кард ҷавон ва илова намуд:
- Он ҷо Ҳусайнхон ном мардро суроғ кунед, мушкилатон осон мешавад.
Дар Душанбе мисли Ҳусайнхон касе аз ҳоли Омир Соҳиб огаҳӣ надоранд.
Ибораи Омир Соҳибро дар умри худ бори аввал мешунидам ва ба мазмуни ин ибора сарфаҳм нарафтам. Хонандагон низ шояд

мазмуни ин ибораро нафаҳманд, вале баъди сафар дар Афғонистон донистам, ки дар саросари ин мулк Аҳмадшоҳи Масъудро аз рӯи ихлосу эҳтиром бо ҳамин унвон ном мебурдаанд, ки мазмун «соҳиби бузург» гуфтанӣ гап аст.
Ҳамроҳи дӯстам Сайҷалол ҷустуҷӯ карда сафоратхонаро ёфтем.
Ба милисаҳои назди дарвозабуда мақсадамонро баён кардем.
Марди баландқомати кушодачеҳраи зардинае, ки он ҷо қарор дошт, аз ман пурсид:
— Ба Ҳусайнхон ягон кор доштед?
— Ман нависандаам,- гуфтам ба ӯ ва китобҳои дар дастам будаæро нишон дода илова кардам. – Мехоҳам бо Ҳусайнхон шинос шавам. Ба ман гуфтанд, ки он кас солҳои зиёд дар ҷабҳа ҳамроҳи Аҳмадшоҳи Масъуд будаанд. Аз ҳаёти Аҳмадшоҳ пурсонӣ карданам зарур. Мехоҳам дар бораи Масъуд китобе нависам.
Мард китоби «Зиндаҷудо» ва «Шукронамарг» - ро таку рӯ гардонида гуфт:
— Ман Ҳусайнхонам. Бо ҳуруфоти кирилӣ ошноӣ дорам. «Зиндаҷудо»- ятонро мутолиа кардаам. Ҳикоя ва қиссаҳои аҷиб дорад. Қиссаи «Дарранда»- атон ба ман хеле маъқул афтод. Рафтем, ҳамроҳ ба утоқи кориам.
Милисаҳо дигар ба мо андармон нашуданд ва мо вориди сафоратхона шуда, аз қафои Ҳусайнхон ба ошёнаи дуввум баромада, ба ҳуҷраи кории ӯ ворид шудем.
Баробари ба хона ворид гардидан, дар рӯ ба рӯ, дар бари девор сурати калон ва зебои Аҳмадшоҳи Масъуд ба чашмам расид.
Ба курсие нишастам ва Сайҷалол низ паҳлуям нишаст. Ҳусайнхон дар курсии рӯ ба рӯ ҷо гирифт. Ба чеҳраи ҷавонмарди афғон дурусттар назар кардам. Мӯйҳояш зарднамо, чашмонаш кабуд, табассумаш меҳрубонона буд.
Ба ростӣ, дар ҳаёт бори аввал бо марди афғон рӯ ба рӯ менишастам ва зеҳн мондам, мард бо табассум ба сӯям менигарад ва суол кард:
— Шумо аз куҷо нишонии маро ёфтед?
— Чун зарурат пеш омад аз Кӯлоб ба Душанбе омадам, хостам бо касони Аҳмадшоҳи Масъудро медонистагӣ вохурам, аз ҳаёти ӯ пурсон шавам. Ба мо нишонии оқои Гадомадро гуфтанд. Он ҷо рафтем. Он кас бо зарурате ба Масква рафта будаанд. Ҷавоне дар хонаи Гадомад номи
шуморо гирифт ва гуфт, ки ба сафоратхона равед. Омадем ба ин ҷо ва хушбахтона, шуморо ёфтем.
— Ҳамроҳи Омир Соҳиб солҳои зиёде дар ҷабҳа будам, шиносоӣ ва ошноӣ доштем, балки ҳамсояқишлоқ, хешу ақрабоем мо. Мақсади навиштани китоб дошта бошед, ба Панҷшер раф-

танатон лозим.
Ба ростӣ, ман китоби қисса ва ҳикояҳои «Зиндаҷудо»- ятонро мутолиа кардаам. Ба ман навиштаҳоятон хуш омад.
— Ба Панҷшеру Афғонистон чи гуна равам? Ман боре ба он ҷо сафар накардаам ва раҳу ростонро намедонам,- гуфтам ман.
— Ба шумо ёрӣ мерасонам,- гуфт Ҳусайнхон ва суханашро идома бахшид:
— Насиб, дар моҳи сентябр, солгарди Омир Соҳиб аст. Ман шуморо ба Панҷшер мебарам. Шумо ягон ташвиш накашед. Мисли шумо марди эҷодкорро ҷустуҷӯ мекардам. Ба Кӯлоб ки рафтед, шиносномаи (паспорт) хориҷӣ дастрас кунед. Насиб, охирҳои моҳи август шуморо меёбам. Ба Афғонистон рафтанатон зарур…
Бо Ҳусайнхон сари як пёла чой сӯҳбатамон қаймоқ баст ва соатҳои тӯлонӣ бо ҳам дар бораи Аҳмадшоҳи Масъуду дараи Панҷшер, муборизаҳои муҷоҳидон пурсон шудему гап задем.
Хонандагонро огоҳ кунам, ки ман то ин вақт бо мақсади ҷамъ овардани мавод дафтари махсус кушода будам, аз хондаву шунидаҳоям баъзан рақаму далелҳоро рӯнавис мекардам. Ин дафтар ҳамеша бо ман буд.
Ҳусайнхон гап мезаду мо аз ӯ пурсонӣ мекардем ва қалам дар даст баъзан фикрҳоро ба дафтар менавиштам, то ҳангоми таълифи асар аз онҳо истифода барам.
Чун одами бароям заруриро ёфта будам, мехостам ҳарчи беш бо ӯ суҳбатҳо дошта бошам. Аз Ҳусайнхон хоҳиш кардам:
— Касони ба Аҳмадшоҳ наздику хеш дар Душанбе ҳастанд. Чӣ мешавад, ки як ё ду каси онҳоро ба наздамон даъват намоед?
Мард бо телефони мобилӣ ба касе сӯҳбат кард ва гуфт, ки як нафар одами даркорӣ бояд биёяд.
Соат аз сеи рӯз гузашта буд. Мо аз пайи ҷустуҷӯ кӯча ба кӯча гашта аз саҳар боз луқмае ба даҳон нагирифта будем. Бо Ҳусайнхон саргарми сӯҳбат гузаштани вақтро нафаҳмидем.Гурусна шуда будем, вале ин мард дар ҳуҷраи кориаш бо мо сӯҳбат дошту ба ғайр аз як пиёла чой дигар ҳаракати хӯрокхӯрӣ надошт.Маҷбур шудам дар ин бора ҳарф занам:
— Ҳусайнхон, дар наздикиҳо ягон дӯкони самбӯсафурӯшӣ нест, ки гурасна мондем?
— Хок дар сари ҳардамхаёлӣ!- гуфт бо таассуф Ҳусайнхон.
- Ҷанг маро ҳамин хел фаромушхотир гардонидааст. Худо ба насли одамӣ рӯзҳои дидаи моро дигар нишон надиҳад.
— Шумо меҳмони моед. Дар хона ман ош фармуда будам. Хезед, рафтем. Хонаам дар ҳамин наздикист.
Ва мард аз ҷо хест. Мо аз думболи ӯ равон шудем.
Хонаи дар яке аз биноҳои баландошёна будаи Ҳусайнхон бо сафоратхона наздик будааст ва мо баъди андак роҳ расидем.
Расму русуми Ҳусайнхон дар меҳмонқабулкунӣ мисли мо. Чун ба хона ворид гардидем, баъди рӯи кӯрпача нишаста дуо гуфтан

соҳбхона оби дастшӯӣ оварда маъзарат хост:
— Бачаҳо дар мактабанд,- гуфт ӯ. – Каси ба меҳмон хизмат мерасонидагӣ нест.
— Бачаҳоятон ин ҷо таҳсил доранд? – пурсидам аз соҳибхона.
— Бале. Сафоратхона ин ҷо бо ҳуруфоти форсӣ мактаби таълимӣ ташкил додааст. Муаллимон, баъзе аз Афғистонанд, қисми дигар сокинони маҳаллиянд. Аз Панҷшер писаронамро ҳамроҳ ба Душанбе овардам, то инҷо таҳсил кунанд.
Каси бо телефон даъват кардаи Ҳусайнхон омад. Ҷавонмарди нозанин, тахмин 30 – 35 сола. Бо мо гарм вохурӣ кард ва номашро Шоҳид гуфт.
— Писари Коко Тоҷиддин аст,- фаҳмонд ба мо Ҳусайнхон.
Аз хондаҳоям медонистам, ки Коко (тағо) Тоҷиддин яке аз шахсони наздики Масъуд аст ва дар ҷабҳа аз ӯ дида каси наздиктаре Масъуд надоштааст. Завҷаи Масъуд духтари ҳамин Коко Тоҷиддин, хоҳари калонии Шоҳид аст, ки ҳоло назди мо омада буд.
Дар рӯи табақи тунукагие оши палави афғонӣ оварданд. Зеҳн мондам, ош на сабзӣ дораду на пиёз ва на гӯшт. Биринҷро шояд дар об мисли кореягиҳо ҷӯшонида оши палав пухтаанд.
Гурусна будем ва ҳар хоку балое мешуд, нафси ҳаромро пас мезадем, боке набуд. Дар умри дароз, дар давраҳои серию пурии Иттиҳоди Шӯравӣ он қадар зиёфатҳо дидаем, ки шояд шоҳи баъзан мулк надида буд.
Ошро ба ҳар ҳол хӯрдем. Ҳарчанд ошҳои мо тоҷикон, хусусан аз мардуми Хуҷанд, ки бо равғани думба, мурчу зира, сабзию пиёз ва боз даҳҳо гиёҳ пухта мешавад, дигару оши мардуми афғон дигар будааст.
Сӯҳбат чун аввала атрофи зиндагиномаи Аҳмадшоҳи Масъуд мерафт.
Воқеан, ман паш аз ин китоби Солеҳ Муҳаммади Регистониро, ки беш аз бист сари сол ҳамроҳи Аҳмадшоҳи Масъуд дар ҷабҳа будааст ва мисли Ҳусайнхон дар ҳамсояқишлоқи Аҳмадшоҳ зиндагӣ доштааст, батафсил, гаштаю баргашта мутолиа карда, бисёр рақаму далелҳоро аз он ба дафтарам рӯбардор карда будам. Аз ҳаёти падари ҳамсуҳбатам Шоҳид бохабар будам. Медонистам, ки хоҳари калонии Шоҳид завҷаи Аҳмадшоҳи Масъуд аст. Масъуд як писару панҷ духтар доранд, вале номи завҷаи Аҳмадшоҳи Масъуд ва фарзандонашон то ба ҳол маълумам набуд.
Дар асари бадеӣ номи одамонро аниқ оварданам зарур, зеро дар сӯрати иваз кардани ном, дуруғ навиштан, баъд ошкор хоҳад шуд, бино бар ин дар рафти суҳбат ба Шоҳид гуфтам:
— Шоҳиди ҷон. Ман нияти офаридани асар дорам. Дар китоб хоҳу нохоҳ номҳои аслии падару модар, хоҳару бародаронатонро дар мавриди лозимӣ зикр хоҳам кард. Номи падаратонро медонам,

ки Коко (таѓо) Тоҷиддин аст. Номи модаратонро мегуфтед.
Мисли он ки мардро дашноми қабеҳ дода бошам, ранг аз рӯи Шоҳид канд. Авзояш якнавъ беҷо шуду ба танбеҳ гуфт:
Номи модарамро аз падарам пурсед!
Ин охирин сухан буд, ки аз забони Шоҳид баромад ва ӯ дигар ба ман гап заданро раво надонист.
Хаёлам, Шоҳид илоҷ медошт, ҳамин соат дар ҳаққи ман бадтарин ҷазоро раво медид, вале ӯ медонист, ки инҷо шаҳри Душанбе аст ва ман соҳибмулку соҳибватанам.
Сину соли ман аз 65 гузаштаасту аз куҷо медонистам, ки аз мардуми дар Афѓонистон зиндагӣ мекардагӣ пурсидани номи модару зан ин қадар нораво будааст. Вой бар ҳолам, ки минбаъд номҳои модару зану панҷ духтари Аҳмадшоҳи Масъудро чигуна меёбам, то дар асарам истифода барам?
Воқеан дар сӯҳбати аввалаи имрӯза аз Ҳусайнхон, ки яке аз касони наздики Аҳмадшоҳ аст, номи зану кӯдакони ӯро пурсида будам, вале Ҳусайнхон гапро ба дигар тараф гардонида танҳо ҳамин қадар гуфт, ки номи писари Масъуд Аҳмад аст.
Ба дил гуфтам, ки ҷустуҷӯ ҳоло дар пеш аст ва бояд ноумед нашавам…
6- уми сентябири соли 2006 Ҳусайнхон маро ба сафоратхонаи Афѓонистон ба Душанбе даъват кард. Омадам ва Ҳусайнхон ҳуҷҷатҳои барои сафар заруриамро дуруст карда, гуфт, ки пагоҳии 7 – сентябр ҳамроҳи як гурӯҳ намояндагониТоҷикистон бояд ба Кобул сафар дошта бошам. Ҳайати намояндагон худашон ба он ҷо мераванд …

## 2. Сафар ба Афѓонистон

Сарвари ҳайати намояндагии Тоҷикистон, ки бояд дар солгарди Шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд иштирок мекарданд, Ҳоҷӣ Абдушукур, марди соҳибмаърифат, ки ҳоло дар сафорати Афѓонистон дар Душанбе адои вазифа доштанд, паш аз ин бо ман шиноси наздик буданд. Солҳои ҳаштодуми асри гузашта, ки дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» хабарнигор будам, Абдушукур хабарнигори рӯзномаи «Мубориз» -и ноҳия Восеъ буданд. Аз рӯи ҳамқаламӣ гоҳҳо он кас ба Кӯлоб меомаданд ва гоҳи дигар мо ба ноҳияи Восеъ, ба идораи рӯзнома медаромадем, хуллас, аз ҳоли ҳамдигар бохабар будем.
Баъд, солҳои ҷанги шаҳрвандӣ нофаҳмиҳое шуданду Абдушукур ба Душанбе рафтанд ва беш аз даҳ сол аз ҳамдигар хабар надоштем.
Чун азми сафари Афѓонистон кардам ва донистам, ки Абдушукур сарварии намояндагонро ба ӯҳда доранд, хурсанд шудам.
Бо Абдушукур дар сафоратхона вохурдам, ки он ҷо хабарнигори телевизиони ҷумҳурӣ Сайидмуроди Раҳим, муаллими Донишгоҳи миллӣ Пайванди Гулмурод низ ҳузур доштанд. Маслиҳат кардем, ки аз назди бозори «Саховат» соати панҷи саҳар ба роҳ

мебароем, то бегоҳӣ ба шаҳри Кобул расида тавонем.
Субҳи 7- сентябр ҳавои тобистон софу беғубор буд. Аз поён-тари бозор то бандари Шерхони Қумсангир мошин киро карда ба роҳ баромадем ва чӣ роҳи дарозе будааст аз Душанбе то ба Кобул, вале сӯҳбату латифагӯӣ ва ҳазлҳои намакини Пайванди Гулмуроду Ҳоҷӣ Абдушукур, хабарнигор Тӯрдиалӣ Бойбобоев боис шуд, ки дарозии роҳро эҳсос накунем.
Дар шаҳри Қундуз, ки аз лаби оби Панҷ тахмин 40 километр онтараф воқеъ аст, мошини дигар киро карда, сӯи Кобул раҳси-пор гардидем.
Баъди аз шаҳри Қундуз баромадан, дашти васеи бе долу да-рахт, мисли биёбони нопайдоканор моро иҳота кард. Аз гармои зиёди тобистон сабзаҳои қумзори ин дашт батамом сӯхта, ба чашм ҳузнангез менамуданд. Дили касро воҳима зер мекард.
Мо, ки дар Тоҷикистон ҳама умр дар мулки сарсабз зиндагӣ кардаем, баъди соатҳо роҳ паймудан, чашмонамон зорӣ мекар-данд, ки як гиёҳи сабз, ақалан хори ҷантоқ ё дарахти саксаул, ки дар биёбонҳо мерӯяд, бубинем, то мондашавии чашмонамон рафъ шавад. Набуд сабзае, гиёҳе, дарахти сабзе дар ин дашт. Ҳатто хори мағелон ҳам аз гармои зиёд намерӯидааст дар ин мавзеъ.
Дар ҷо- ҷо баъзан деворҳои алоҳида ё пояи аз хоку лой со-хтаи хиргоҳҳои чӯпонӣ ба назар менамуд, ки шояд фасли баҳо-рон ҳангоми аз як мавзеъ ба дигар ҷо ронда бурдани гӯсфандон чӯпонон дар ин дашт сохта буданд. Дигар дар ин дашт гӯиё ҳаёт вуҷуд надошт.
Оби дарёи Панҷ аз паҳлӯи ҳамин дашт мегузарад, вале то ба имрӯз аз он ҷӯе ба ин биёбон накандаанд, то мавзее сабзу хуррам гардад.
Баъд ағбаи Соланг оғоз гардид, ки то ба қуллаи баланди он расидан мошин 40 километр роҳи куталро тай мекардааст.
Чун ба ағба наздик гардидем, мисли ағбаи Анзоби мо оби мусаффаи барфу тармаҳо ва чашмасорон ба ҷӯю рудҳо ҳамроҳ шуда ба поинҳо ҷорӣ буданд. Ҳавои ағба дар ин айём нарму дилкаш буд.
Ба аввалин нақби дар ағба кандаи Шӯравиҳо расидем, расми ниҳоят калону зебои Аҳмадшоҳи Масъуд ба чашмамон намуд, ки дар даромадгоҳи нақб овезон карда буданд. Яъне ин арҷгузорӣ нишони ихлосу эҳтироми бепоён доштани мардуми афғонро нис-бат ба қаҳрамони дӯстдоштаи худ нишон медод ва бояд бигӯям, ки сохтмончиёни Иттиҳоди Шӯравӣ дар ағбаи Соланг кам не 27 адад нақб кандаанд, ки бештари онҳо аз як километр то ҳафт километр дарозӣ доранд.
Роҳи мошинагарди аз шаҳри Қундуз то Кобул беш аз 450 километр тахту ҳамвору мумфарш низ дар солҳои пеш аз тарафи мутахассисону коргарони Иттиҳоди Шӯравӣ сохта шудааст, вале чунон ки баъд фаҳмидам, ин ҳамаро муҷоҳидони Афғонистон но-

дида гирифтанд ва ба сохти сотсиалистии зиндагӣ розӣ нашуда, даҳсолаҳо бо коммунистони худию Шӯравӣ муборизаҳои хунин бурдаанд.
Дар ин роҳ Зобулсироҷ ном мавзеъ, ё шаҳраки дар сари роҳ қарор дошта, ки дар охири ағбаи Соланг аз он тараф воқеъ аст, диққати маро ба худ ҷалб кард.
Дар дашти васеи сари роҳ шикастапораҳои яроқҳои вазнини ҷангии аз низомиёни Шӯравӣ то ба ҳол бесоҳиб монда буд. Инҳо танку тӯп, мошинҳои ҷангии яроқи Граду Катюша, садҳо ҳазор мошину олоти ҷангии шикаста, ки чашми бинанда аз як тарафи шикастамошинҳои ҷангӣ ба дигар тарафаш базӯр мерасид, ҳама вайрону валангору зангхӯрдаи басоҳиб дар ин дашт партофта шуда буданд. Балки ин мавзеъ қабристони яроқу лавозимоти ҷангии аз Шӯравиҳо мондаро мемонд, ки баъди аз ин сарзамин баромада рафтани онҳо инҷо ҷамъ оварда шуда будааст.
Бегоҳирӯзӣ ба Кобул ворид гардидему ба чашм биноҳои вайрону валангор, роҳҳои пурчангу ғӯбор, рафтуомади бенизому берабти мардуму мошину арроба расид.
Дареғу ҳасрату ҳайфи шаҳри чандҳазорсола, ки ба ҷои ободӣ аз дасти худию бегона ба шаҳри вайрону валангор табдил дода шудааст.
Дар сари ҳар қадам, дар бари дару дарвозаи хонаҳо, дӯкону мағоза, рӯи аробаю мошину велосипед, дар дасти пиру барно расму мусаввараҳо бо акси Аҳмадшоҳи Масъуд ба чашм менамуд. Хаёлам, дар ягон гӯшаи олам мардум ба қаҳрамонфарзанди худ ин қадар меҳру муҳаббати зиёд надоранд, ки халқи Афонистон ба Аҳмадшоҳи Масъуд дорад.
Китоби яке аз сарлашкарони муҷоҳидини Панҷшер, Солеҳ Муҳаммади Регистонӣ «Масъуд ва озодӣ» - ро бодиққат мутолиа карда будам ва баробари ба даргоҳи меҳмонхонаи «Континентал»-и Кобул қадам мондан, моро Устод Мирдоди Панҷшерӣ пешвоз гирифта, хайра мақдам гафтанд. Аз мутолиаҳои ин китоб ва аксҳои он Устод Мирдодро шинохтам. Медонистам, ки ин мард дар кашмакашҳо ва ҷангҳои дохилӣ ширкат доштааст ва ҳафт сари сол ҳамроҳи зану кӯдаконаш азияти маҳбасро низ кашидааст.
Бо ёрии Мирдод аввалин маротиб миёни сарвари муҷоҳидони Панҷшер Аҳмадшоҳи Масъуд ва сарфармондеҳони Шӯравӣ музокироти сулҳ анҷом меёбад ва ҳуҷҷатҳои он ба имзо расонида мешаванд, ки дар натиҷа ҳазорон нафар мардуми афғон ва аскарбачаҳои Шӯравӣ аз марг эмин мемонанд.
Соли Мирдоди Панҷшерӣ аз шаст гузашта бошад ҳам, ҳоло бардаму бақувват аст. Он кас ҳар яки моро бародарвор ба оғӯш гирифта, бо ҷою макони истироҳат таъмин карданд. Аз хотир гузаронидам, ки бо ин мард ҳамсӯҳбат буданам зарур.
Он рӯз даву ғеҷашон зиёд буд ва ман натавонистам бо ӯ суҳбати тӯлонӣ дошта бошам. Аниқ медонистам, ки дар бораи

Аҳмадшоҳи Масъуд аз устод маълумотҳои зарурӣ гирифта метавонам. Умуман ҳар як марди дар Афғонистон буда барои романи минбаъдаам маълумоте дода метавонист, зеро ман ба ин мулк бори аввал омада будам.
Дар меҳмонхона маълумам гашт, ки ҳоло Устод Мирдод дар Афғонистон вазифаи ҷонишини сарвазири мамлакатро дар соҳаи кишоварзӣ ба ӯҳда дорад ва ин замон сардории маъракаи солгарди
Шаҳид Аҳмадшоҳи Масъудро ӯ иҷро мекардааст.
Аз дилам гузашт, ки мақому манзалат ва қадри Аҳмадшоҳи Масъуд дар Афғонистон он қадар баланд аст, ки ҷонишини сарвазири мулк меҳмонҳои ба маҷлиси солгарди ӯ омадаро пазироӣ мекунад.
Дар як ҳуҷра бо Ҳоҷӣ Абдушукур ҷо гирифтем ва бегоҳӣ аз телевизион танҳо ва танҳо дар бораи ҳаёту муборизаҳои Аҳмадшоҳи Масъуд намоишҳо нишон дода мешуд. Ҳамин ки як намоиш ба охир мерасид, намоиши минбаъду оянда низ аз корнамоиҳои ин қаҳрамон омода мегардид. Забони ровӣ ва хабарнигорон бошад, дарӣ- форсӣ, ба ман фаҳмо.
Дафтарамро бароварда, баъзан маводи заруриро сабт мекардам ва хурсанд аз он будам, ки дар хонаи роҳат баҳузар нишаста, бе ягон ташвиш барои асари дар оянда меофаридагӣ ҳарчи беш маълумот ҷамъ меоварам.
Қарор додам, ки пагоҳу рӯзҳои дигар ба ҷое наравам ва дар ҳамин ҳуҷра аз телевизион ҳар он чи ба ман лозим аст, дастрас хоҳам кард. Мақсади сафарам ҳамин ҷамъоварии рақаму делел, нақлу ривоят ва асли ҳодисаҳои Панҷшеру дигар мавзеъҳои Афғонистон дар солҳои охир буд.
Саҳарӣ ҳамраҳонамро ба тамошои ҷойҳои таърихии Кобул бурданд. Ман ҷое нарафтам. То бегоҳ дар назди телевизор нишаста, аз барномаҳои он барои китобам далелу рақам ҷамъ овардам. Санадҳои лозимиро барои аз хотир фаромӯш нагаштан, дар саҳифаҳои дафтар сабт менамудам.
Воқеан, дар давоми ҳафт рӯзи дар Афғонистон будан ҷою маконам ҳамин ҳуҷраи барои хоби ману Ҳоҷӣ Абдушукур муносиб донистаи рақаи 234-и меҳмонхонаи «Континентал»-и Кобул буд ва дар ин сафар дигар ягон гӯшаю мавзеи Кобулро надидам, ҳатто ба бозору дӯкони ин шаҳр нарафтам, зеро мақсадам аз сафар дар бораи Аҳмадшоҳи Масъуд ҷамъ овардани мавод буд, ба мақсадам расида истода будам. Дар ин муддат, ки дар сар то сари Афғонистон маросими солгарди ин қаҳрамонро қайд мекарданд, телевизион аз саҳар то бевақтӣ фақат дар бораи корнамоӣ ва ҳаёту
муборизаҳои ӯ мавод намоиш медод. Ҳаммаслакону ёру дӯстон, касони муътабари Афғонистон, шахсони аз наздик бо ӯ ҳамкорӣ дошта дар барномаҳо дар бораи Аҳмадшоҳи Масъуд сухан ме-

гуфтанд, ки ҳама ин барои ман чун обу ҳаво зарур буданд.
Ба худ гуфтам, шаҳри валангору саросар аз ҷангҳо хокистартӯдаи Кобул чӣ ҷои тамошо дорад? Насибам гардад, бори дигар ин шаҳрро хоҳам дид, зеро дар он рӯзҳое мо он ҷо будем, саросари мардум пинҳону ошкор яроқнок буданд ва ҳарҷое моро мебурданд, медидам, ки дар ҳама ҷо мо дар иҳотаи яроқ ва ҳимояи яроқем.
Ба ростӣ, солам аз шаст гузашта, парвои марг ҳам надорам, зеро тақдирнавис то кадом рӯз нону нусибро кашида бошад, ҷои гурез нест, вале баъди дидани вайронаҳои Кобул ва ҳоли мардуми ин ҷо дар мулки бегона мурдан намехостам. Дар дами ҳазори дар ҳазор туфангу автомат беҳуда рафтанам чӣ зарурат дорад, ки дар ҳуҷраи тинҷу ором мақсадам иҷро шуда истодааст?
Ин ҷо ба пуррагӣ боварӣ ҳосил кардам, ки ватани мо, дар ҳақиқат, биҳишти нозанини рӯи замин аст ва то охирин лаҳзаҳои ҳаёт баҳри ободию осудагии Тоҷикистону Кӯлобу деҳаи назарногири Сариосиёб, ҳама кишвари бо ҷон баробар, ки дар ин ватан умри бобаракат дида, фарзандон ба камол расонидаам, заҳмат бояд кашид, то мулки мо рӯз аз рӯз ободу осуда бошад.
Баҳри ин мақсад бояд зист.
Дар меҳмонхона бо мӯсафеди посбон Ҳаётхон ошногӣ пайдо кардам, ки ӯ дар Панҷшер зиндагӣ мекардааст ва онрӯзҳо ҳар вақти мусоид бо ӯ суҳбат меоростам. Байту ғазалдон буд мӯсафед. Ҳама даҳшатҳои ҷанги дар давоми даҳсолаҳои охир ба сари мардуми афғон омадаро бо чашмони худ дида, азияти аскару афсарони Шӯравӣ барои мардуми Панҷшер овардаро дар ҷони хеш кашида буд.
Ба ғайр аз мӯсафеди Ҳаётхон бо устод Мирдод, ҷавонмарди тарҷумон Абдусамад ва умуман ҳар як каси дар чашмам маъқул афтода суҳбаторой мекардам, аз зиндагии мардуми Афғонистон пурсон мешудам, то барои асарам нуқтае, байте, ҳикмате дастрас гардад.
Рӯзи дигар моро ба маҷлисгоҳи Шӯрои Олӣ, (Луи Ҷирга) ба ёдбуди Шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд бурданд.
Дар шаҳр чун дар солҳои Шӯравии мулки мо, дар ин рӯз мардуми Кобул ба намоиш баромада, ҳар кадом дар даст, сурату тасвир ё навиштаҷоте доир ба ҳаёти Масъудро доштанд.
Дар майдони Донишгоҳи политехникии Кобул аз матои бризентӣ ё кадом матои дигари кимиёӣ маҷлисгоҳ тартиб доданд, ки дар дохили он беш аз ду ҳазор нафар одам баҳузӯр ҷои нишаст меёфт.
Моро ҳамчун меҳмони хориҷӣ дар сафи пеш ҷо доданд.
Дар берун, дар гирду атрофии маҷлисгоҳ мошинҳои сабти телавизионии зиёд ба кор омода шуда буданд. Ҳаҷми мошинҳо ниҳоят калон – калон, ки чунинашро то ҳол надида будам. Худ, ки чанд мудат хабарнигори телевизион будам, медидам, ки ха-

барнигорону наворбардорон, барои намоишҳои мустақим тайёрӣ медиданд.
Маҷлис оғоз ёфт ва дар рафти он донистам, ки барандаи он Масъуд Халилӣ, писари шоири тавоно ва зиндаёд Халилуллоҳи Халилӣ, ки ҳоло сафири Афғонистон дар Туркия будааст, он қадар шахси бофарҳанг, шеърдон, ровии моҳир, ки чунинашро то ба ҳол надида ва нашунида будам. Масъуд пеш аз муаррифии ҳар як баромадкунанда байте, рубоие, шеъри кӯтоҳи пурмаъное бо лафзи дарии тоҷикӣ- форсӣ азёд мехонд, бо забонҳои русӣ, франсавӣ, англисӣ озодона ҳарф мезад. Овозаш ҳам дилкашу форам.Албата, бо лаҳну шевои гуфтори ровии зиндаёди мо Маҳмудҷони Воҳид баробар набуд овози ширадори Масъуд, вале ман ба забондонии Масъуд Халилӣ, ба ҳунарашон қоил шудам.
Дар қатори суханронии намояндагони сафоратхонаҳои давлатҳои Фаронсаву Инглистон ва шарқшиносони рус ба ман сухан доданд ва ҳамчун нависандаи Тоҷикистон муаррифиам карданд, ки дар зиндагӣ чунин бори вазнини масъулитро то ба ҳол ҳис накарда будам.
Дар ҷаласа кам не, беш аз ду ҳазор нафар намояндагони давлатҳои хориҷ ва мардуми Афғонистон иштирок доштанд. Шабакаҳои телевизионии давлати Қатар, Арабистони саудӣ, Покистону Афғонистон аз ин маҷлис гузоришҳои мустақиму ғайримустақим мебардоштанд.
Суханронӣ дар чунин маҷлис осон набуд, вале ман, ки солҳо дар радиою телевизион ва рӯзномаҳо хабарнигорӣ кардаам, худро аз даст надодам ва қарор додам ҳарчи кӯтоҳ гап занам.
Аз меҳру муҳаббати тоҷикону тоҷикистониён нисбат ба Аҳмадшоҳи Масъуд, алоқаи ин қаҳрамон бо мардуми Кӯлобу Тоҷикистон, сафарҳои ӯ ва охирин насибаи тақдир, ки баъди террор ӯро ба Кӯлоб оварданд, гап зада, дар охир ба мутолиаи шеъре оғоз кардам, ки дар арафаи сафарам ба Афғонистон навишта будам. Баъди азёд хондани ду банди шеър ва ба мисраи аввали банди сем оғоз намудан аз ҳаяҷон буд ё меҳру муҳаббату эътиқод нисбат ба ин мард, ки вуҷудам ларзид, дилам ончунон сандуқи синаамро муштборон кард, ки дигар ҷисму ҷони худро идора карда натавонистам. Ғаму андӯҳ буд ё ҳиссиёти дигар, ки ғиҷова гулӯямро фишурду садо дар гулӯям дармонд, мисли каси ҳамин ҳолат аз марги бародар хабарёфта гирён шудам. Дамам ба дарун заду дигар садое баровварда натавонистам. Гумон кардам яку якбора ба замин меафтам, мемирам. Бо ду дасту ними тан ба минбар такя карда, танҳо ҳамин қадар гуфта тавонистам:
— Об, мумкин бошад, обам диҳед!
Аҳли толори маҷлисгоҳ аҳволамро фаҳмиданд. Як садои омавии таскиномези умумии дилсӯзӣ нисбат ба худам ба гӯшам расид.
Ҷавоне дар пиёла об овард. Ҳарисона бо ду- се қулт оби дар

пиёлабударо фурӯ бурдам. Вазъи ҳолам андак сабук шуд. Давоми шеърро хондам. Беҳтараш он шеърро, ки роман бо ҳамин шеър хотима ёфтааст, манзури хонандагон мегардонам ва баъд вазъи ширкат дар маҷлисро шарҳ хоҳам дод.

***Огоҳ Худо, гувоҳи ман Оллоҳ аст,***
***Дар синаи ман ҳазор дарду оҳ аст.***
***Дар Хоҷабаҳоваддин фитод додари ман,***
***Сӯзи дили ман зи марги Аҳмадшоҳ аст.***
***Хуни дили ту ба мулки Хатлони ман аст,***
***Сӯзи ду ҷаҳон мудом дар ҷони ман аст.***
***То рӯзи қиёмат аз ғамат месӯзам,***
***Сӯят нигарон ду чашми гирёни ман аст.***
***Сарбайти ҳазор достон Пан(ҷ)шер аст,***
***Огоз ба умри ҷовидон Пан(ҷ) шер аст.***
***Хоб аст ба Ҷангалак яке шери жаён,***
***Оромгаҳи шоҳи ҷаҳон Пан(ҷ)шер аст.***
***Пан(ҷ)шер равам сайри гули лола кунам,***
***Ёде зи ғаму дарди дусадсола кунам.***
***Хокам ба даҳан додари хунинкафанам,***
***Хун гиря кунам, ба ёди ту нола кунам.***

Шеърро бо гиряву фиғону нола хондам. Дар умрам ба чунин ҳол гирифтор нагардида будам, ки ин лаҳза доштам.
Баробари хотима ёфтани шеърхонӣ аҳли толори маҷлисгоҳ аз ҷо бархостанд. Овози барандаи маҷлис Масъуд Халилӣ аз баландгӯяки маҷлисгоҳ садо дод, ки гуфт:
— Оқои Сайид Раҳмон! Шум бо ашки дидагон маро гирёндед, ду ҳазор аҳли маҷлисгоҳро гирёндед, Афғонистонро гирёндед. Хоки поятон сурмаи дидагони мо. Ва Масъуд, ки тахмин сӣ метр дур аз назди минбар пеши микрафони дигаре менишаст, аз ҷо бархоста наздам омад ва маро ба оғуш гирифта аз нав баргашта ба ҷои худ рафт.
Ба толор назар кардам. Дар чашми аксари иштирокчиёни маҷлис мисли манн ашк намудор буд.
Баъд дубайтие қироат кардам:

***Ман баҳри шумо шароби ноб овардам,***
***Дилсӯхтаам, ҷигаркабоб овардам.***
***Симу зару ганҷи дигар нест маро,***
***Эй аҳли хирад, ман китоб овардам!***

Ва ду нусха китоб, романи «Шукронамарг»-амро, ки аз хона чун тӯҳфа бо худ ба Афғонистон оварда будам, ба Масъуд Халилӣ супурдам, ки яке ба унвони бародари Аҳмадшоҳи Масъуд, Аҳмад Валӣ ва дигаре барои китобхонаи осоргоҳи Шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд номнавис шуда буд.
Ҷаласа ба охир расиду мо аз дари баромадгоҳ берун баро-

мадем. Мардуми зиёде маро иҳота карданд. Як мехост ҳамроҳ сурат бигирем, дигаре аз ман соядаст гирифтан мехост, сеюмӣ ҳамин тарз бо ман салому алек ва хуш омедед мегуфт. Мо, ки аз миёни яроқбадастон мегузаштем, овози занеро шунидам, ки таъкид кард:
— Оқои Сайид Раҳмон, зуд бошед ба мутар (мошин) савор шавем, ки шуморо террор карданашон мумкин.
Аз дилам гузашт, ки барои кадом гуноҳам. Барои он ки мани тоҷик дар бораи Масъуди тоҷик инҷо ҳарф задам? Дилам барои ӯ сӯхт, фиғон кашидам, магар ҳама ин гуноҳ аст?
Зан бо чеҳраи кушод, мисли занҳои Тоҷикистони худамон либосҳои одӣ ба бар дошт. Ин чеҳраи аввалин зани Афғонистон буд, ки дар Кобул дидам. Дигар дар ҳама ҷо занон зери фаранҷӣ пӯшидарӯ мегарданд.
Зан ҳаракат кард, ҳарчи ба зудӣ роҳрави маҷлисгоҳро тарк гуфта ба назди мошинҳои дар майдон андак дур аз мо истода бирасем.
Хостам ба мошин нишинам, ки марде дар рӯ ба рӯям гуфт:
— Оқо, ман Регистониам. Шумо номи маро дар Афғонистон машҳур кардед. Рӯзи ба зиёрати мазори Омир Соҳиб рафтанатон дар хонаи мо меҳмон шавед.
Регистониро ба оғӯши гарм гирифтам. Барои асарашон минатдорӣ кардам.
Ман пеш аз ин китоби Солеҳ Муҳаммад «Масъуд ва озодӣ»-ро дар Тоҷикистон мутолиа карда будам. Дар маҷлиси имрӯза номи ин мардро гирифта, шукргузорӣ аз он кардам, ки дар Афғонистон чунин мардони соҳибмаърифати ватандӯст ҳастанд ва ман аз китоби ин кас барои офаридани асари минбаъдаам баҳрабардорӣ кардаам.
Ба Регистонӣ бори дигар изҳори минатдорӣ кардам ва гуфтам, ки мо меҳмони шумоем ва ҳарчи фармоед, нури дида, тоҷи сар, мебордорем.
Ба меҳмонхона расидем ва донистам, ки зани маро аз миёни яроқбадастон озод гузаронидагӣ тарҷумон, Лайлои Озаранг ном доштааст ва ӯ ягона зани озоди соҳибмаърифат буд, ки бо чеҳраи кушод дар байни мо гаштугузор мекард, ба саволҳои нофаҳмо ҷавоб мегуфт.
Тахмин 35- 40 сола менамуд. Чеҳраи дилкаши зебо, чашмони осмониранги кабуд, мӯи қайчизада, қомати расо, абрӯвони пайвандии зебо дошт ва гоҳи сӯҳбат хотиррасон мекард, ки аслу насабашон аз Панҷшер аст.
Ҳар гоҳ Лайлои Озаранг намудор мегашт, ба хотирам зунону духтарони куртачакани Кӯлоб намудор мешуданд. Воқан, Лайло бо лафзи ширини дарӣ- тоҷикӣ сухан мегуфт ва хаёл мекардӣ, ки ҳаёти ин зани ҳалиму меҳрубон дар Роғи Шӯрообод ё Даштиҷуми мо гузаштааст. Аз занони озоди кӯҳистони тоҷик фарқе надошт

Лайло. Ягона таассуроти неке, ки дар Кобул дар хотирам нақш баст, чеҳраи зебо, қадду қомати базеб ва муомилаю муносибати хоҳаронаи Лайло буд, ки ҳеҷ гоҳ онро фаромӯш нахоҳам кард.
Бегоҳӣ, хабарнигори телевизиони Тоҷикистон Саймуроди Раҳим, омаду хоҳиш кард, ки ба зиёрати оромгоҳи Аҳмад Зоҳир равем. Бо ҷону дил розӣ шуда ба мошин нишастам. Бинам, дар зери пойи ҷойи нишасти ронанда АКМ- яроқи автомат. Хайрон нашудам, зеро дар ин мулк марди беяроқ кам ба назар мерасид.
Баъди андак роҳ ба қабристон расидем, ки зиёратгоҳ дар охири қисми шарқии шаҳри Кобул воқеъ аст. Ронанда ба мо гуфт, ки ин Қабристони Шуҳадои Солеҳин аст, ки дар он ҳофизи бемисл Аҳмад Зоҳир оромгоҳ дорад.
Дашти ҳамвори бе гулу гиёҳ. Ҳама ҷо сабзаҳои хазонгашта ҳузнангезии гуристонро боз ҳам ҳузнангез менамуданд. Инҷо қабри дигаре ба назар наменамуд. Дар ҷо- ҷо санги оддӣ гузошта, болои гӯрҳои фурӯрафта шояд ягона нишонаи қабристон будани ин мавзеъро нишона монда буданд. Мардуми зиёд бо роҳҳои рӯи қабрҳо каҷу килеб мавҷуд, равуо доштанд.
Ронанда ба сари қабри Аҳмад Зоҳир бурд моро, ки дар ин қабристон ягона гӯри обод ҳамин гӯри Аҳмад Зоҳир ба назарам расид. Аз се тунукаи шояд алюминӣ рӯи гӯр андак оро дода шуда, навиштаҷоти санги рӯи қабр алакай нохоно гаштааст.
Ҳоҷӣ Саймуроди Раҳим дуо хонду ба рӯҳи поки ин ҳофизи нотакрор ва нобиғаи санъат омин гуфтем. Ба хотирам омад, ки дар олам чӣ ҷоҳилон умр мебинанд, ба кадом дидаву рӯ Аҳмад Зоҳиру Қароматулло Қурбон ва ба ин монанд фарзандони миллатро ваҳшиёна, ба хорию зориҳо ба қатл мерасонанд?! Ҳайф, сад ҳайфи ҷавонони ҳунарвари ҷавонмарг!
Аз сари гӯри Аҳмад Зоир бо хотири ғамолуд қафо гаштем ва чашмам ба гӯшаи дигари қабристон ба марқаде афтоду аз ронанда пурсидам:
_ Он ҷо мақбараи кист?
— Аз Амир Олимхон,- ҷавоб дод ронанда.
— Бобои Ҳоҷӣ, ба сари гӯри Амир Олимхон рафта дуою фотеҳа мегузорему баъд меравем,- гуфтам ба Саймуроди Раҳим ва он кас розӣ шуданд.
Аз хотирам гузашт, ки ҳар навъе буд, Амир Олимхон охирин амири Бухорои Шариф ин ҷо ғарибгӯр аст. Дар се қадам рафта ба арвоҳашон фотеҳа хонем, зарар надорад.
Марқади Амир Олимхон аз қабри Аҳмад Зоир ҳамагӣ 300-400 метр дур, воқеъ дар пешорӯи қасри як вақтҳо боҳашамату дар ҳозира вайрону валангори Зоҳиршоҳ будааст. Гирдогирди бинои марқади на чандон калону ноободи амир бо панҷараҳои оҳанин печонида шудааст ва мо натавонистем ба манзил аз наздик ворид гардем.
Аз Бобои Ҳоҷӣ Саймуроди хабарнигор хоҳиш кардам сурае

тиловат кунанд. Ҳоҷӣ ба хондани Ҳазрати Таборак шурӯъ кард ва ин лаҳза хаёлам ба дуриҳои дур рафт. Дар китобе хонда будам, ки дар рӯи санги сари гӯри Амир Олимхон ин байт сабт карда шудааст:

***Амири беватан, зору ҳақир аст,***
***Гадои дар ватан, шоҳу амир аст.***

Дареғ, ки мо ба сари қабри ҳазрат наздик шуда натавонистем, то бидонем чӣ байте рӯи санги амир сабт ёфтааст.

Дуою фотеҳа хонда аз қабристон баромадем. Димоғам чун сабзаҳои кайҳо хазонгардидаи қабристони Шуҳадои Солеҳини Кобул сӯхта диламро як ғами ногуфтанӣ фаро гирифт. Гӯри охирин амири Бухорои Шариф дар ғарибӣ, зану фарзандонашон имрӯз дар гӯшаҳои дигари олам ғарибанд. Мо чӣ миллату халқем, ки гузаштагону имрӯзаҳоямон ва шояд ояндагонамон низ ҳама аксаран ғарибу дарбадари оламанд?!

Ҳоҷӣ Саймурод низ шояд ин лаҳза дар чунин ҳолат қарор доштанд, ки дар роҳ дигар ҳарфе ба забон наовард.

## 3. Панҷшер ва кулбаи Аҳмадшоҳи Масъуд

Рӯзи дигар сӯи Панҷшер роҳ пеш гирифтем. Акнун бори дуюм буд, ки ман аз шишаи мошин вайронаҳои шаҳри Кобулро медидам. Рӯзи аввали ба ин шаҳр ворид шудан ва имрӯз раҳгузар дидам Кобулро. Ҳамраҳонам дар ин панҷ рӯзи дар Кобул будан борҳо ба тамошои шаҳр баромада, кӯчаву хиёбон ва бозорҳои шаҳрро тамошо карданд, вале ман аз рӯи зарурат аз саҳар то бевақтии шаб дар ҳуҷраи меҳмонхона назди телевизор нишаста, аз барномаҳои аз ҳаёти Аҳмадшоҳи Масъуд фароҳам шуда далелу рақам ва ҳодисаҳоро кӯтоҳ рӯи дафтар сабт менамудам.

Кобул дар чашмам «Харобаҳои Мадоин»-и Ҳоқониро мемонд. Дар тӯли зиёда аз сӣ соли охир, дар натиҷаи ҷангҳои дохилӣ аксар биноҳои шаҳр, кӯчаву хиёбонҳо ба харобазор табдил ёфта буданд. Дар ҷо- ҷо ягон- ягон арчаи сабз, ки шояд мардуми рус як вақтҳо ба ин ҷо оварда шинонида бошанд, ба чашмам сарсабз менамуд. Дигар ҳама ҷо хокрезу сӯхтаву валангор.

Дар вайрон гардонидани ин шаҳри афсонавӣ Артиши Шӯравӣ,Толибон,
муҷоҳидони маҳаллӣ ҳиссаи баробар доранд. Дар солҳои ҷанги тӯлонӣ аз ин мулк ҳазори дар ҳазор сокинони маҳал сару мулки Худо гирифта рафтаанд ба ғарибиҳо ва ин ҷо ба ғайр аз мӯсафедони барҷомондаю кампирони маслуқ дигар каси солиме хаёлам намондааст. Оқубати ҷанг ҳамин хел харобӣ ва вайронаҳо ба бор меоварад, ки онро солҳои сол барқарор кардан ба кас муяссар намегардад.

Дараи Панҷшер дар қисми шимолу шарқӣ, 80 киломтр болотари Кобул воқеъ будааст. Раҳи ҷо-ҷо мумфарш ва сангрезадори

борик аз миёни деҳаҳои мисли Кобул вайронкардашуда ва ҷанг-зада мегузашт. Дар атрофи деҳаҳо чун дар ҷойҳои мо майдонҳои кишт ба чашм менамуд. Мардум баъди ҷамъоварии ҳосили гандум шолӣ кишт карда буданд. Сабзаҳои зебои палҳо ба дидагонам қуввату неру бахшиданд. Мани ҳама умр дар деҳаи сарсабзу хур-рами Сариосиёби Кӯлоб зиндагӣ карда, қариб як ҳафта буд дар шаҳри харобазори Кобул, миёни ҳазори дар ҳазор яроқбадаст афтода, зори осудагию сарсабзиҳои диёр гардида будам. Дар ин мулк каси беяроқ кам вомехурад ва маълум, ки хавфи ҳар лаҳза аз ин тараф ё аз ҷойи дигар дар гирифтани камон яқин аст. Гӯё ҷон дар каф, тан ба тақдири Худо меравӣ.
Ҳамроҳи Ҳоҷӣ Абдушукуру Пайванди Гулмурод дар мошини тамғаи
«Нива»-и истеҳсоли Русия савор будем ва аз ронанда Муҳам-мадисо, ки худро аз сокинони Панҷшер ба мо муаррифӣ кард, номи деҳаҳои аз сари роҳамон баромадаро пурсон мешудам ва ба дафтарам баъзан ишораҳо мекардам.
Чун ба аввали дараи Панҷшер расидем, Муҳаммадисо гуф-танд, ки ин деҳа Гулбаҳор ном дорад.
— Номи хушрӯи тоҷикӣ,- гуфтам ман ва аз ин гап ронанда рӯҳ гирифт, ки гуфт:
— Дар сар то сари Панҷшер фақат тоҷикон сукунат доранд. Миллату халқияти дигаре инҷо нест.
Ба дара дохил гардидем ва аз деҳа ному нишоне надида ҳай-рон аз Муҳаммадисо пурсидам:
— Куҷост Гулбҳор?
— Гулбаҳор ва дигар деҳаҳои дараро Шӯравӣ ба хок яксон кард, - гуфт бо таассуф ронанда ва илова кард. – Дар ин деҳа қариб дусад хонавода зист доштанд. Ҷанг ҳамаро ба коми худ фурӯ бурд. Ҷон ба саломат мондагиҳо чилои ватан, дар ғарибиҳо, сарсони ҷаҳонанд. Нишонаи Гулбаҳор ду дарахти беди пири каҷа-ла, дар лаби дарёи Панҷшер боқӣ мондааст, ки аъзои баданашон тирхӯрдаву сӯхтаву абгоранд.
Ба атроф назар кардам. Қуллаҳои кӯҳи сарбафалак. Дарёи баробари оби рӯди Кофарниҳони худамон тезҷараёни Панҷшер. Аз тарафи чапи дарё роҳи борики мошингард чун тасмаи борик ва он тарафи дарё боз қуллаҳои кӯҳи сар ба фалак. Мошин дар ин роҳ базӯр меғунҷад ва агар ронанда эҳтиёткор набошад, бо андаке аз роҳ бероҳа шудан ҳатман ба теғаҳои нугтези бари кӯҳ бармехӯрад.
Дарозии дара қариб сад километр аст ва пеш аз ҷангҳо дар деҳаҳои назди соҳили дарёи Панҷшер беш аз понздаҳ ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекардааст.
Баъди андак роҳ ба деҳаи Аъноба ва болотар аз он деҳаи Руха дохил шудем. Дар ин деҳаҳо наз одамон кам сукунат доранд. Хама ҷо хонаҳои вайрону валангору сӯхта ба чашм менамуд. Аз

ҷанг понздаҳ сари сол гузаштааст, вале ҳоло ҳам ҳама ҷо вайрону валангор.
Аз тарафи пешу қафо мошинҳои сабукрави зиёде думболи ҳам ба сӯи пеш, бо мақсади зиёрати гӯри Аҳмадшоҳи Масъуд равонанд. Мо дигар имкон надорем бо мардуми маҳал сӯҳбат дошта бошем.
Дар қарибии охири дара мошинҳо ба сари теппае баромаданд ва мо аз мошин фуромадем. Ин ҷо сари теппа мақбараи муҳташаму ҳанӯз ноободу ба сомон нарасидаи Аҳмадшоҳи Масъуд, воқеъ аст.
Аз бисёрии мошину одам раҳи гузар то ба назди оромгоҳ банд гардида ва баъди ним соат мо бо ёрии кормандони ҳифзи тартибот базӯр тавонистем бо роҳраве то сари мақбара бирасем.
Ҳамроҳи ҳафт нафар намояндагони ҳайати вакилони Тоҷикстон дар сари гӯр қарор гирифтем ва дидам мардум аслан бе дуою фотеҳа аз сари гӯр гузашта мераванд. Аз Ҳоҷӣ Абдушукур хоҳиш кардам сурае бихонад. Ҳоҷӣ бо овози шунаво ва лаҳни шево сура хонд ва баъди дуо ба навиштаҷоти рӯи санги гӯр назар кардаму хондам:
***Дар ин ҷо марди бо исор хуфта,***
***Уқоби саҳнаи пайкор хуфта.***
***Қадам оҳиста бардор аз канораш,***
***Ки Масъуди сипаҳсолор хуфта.***
Аз хотирам гузашт, ки чӣ дубайтии баландмазмуне. Моли кадом шоир аст, надонистам. Муҳим он ки дубайтии олӣ. Насиб бошад китобро «Масъуди сипаҳсолор» ном хоҳам ниҳод. Аз дубайтии санги болои гӯри Масъуд дида номи арзандаи беҳтаре намеёбам.
Баъди мутолиаи дубайтӣ ақлам гирифт, ки ин мард аслан Аҳмадшоҳ не, Масъуд ном дорад. Шояд дар шакли талафузи мардум хато гузаштааст, ки дар ҳама ҷо ӯро Аҳмадшоҳи Масъуд ном мебаранд. Шакли дуруст Масъуди Аҳмадшоҳ, яъне ба фикри ман Масъуди писари Аҳмадшоҳ бояд бошад, на Аҳмадшоҳи Масъуд. Ба ҳар ҳол минбаъд бояд ӯро Масъуд ном мебарам. Аслан, мо тоҷикон аввало номи фарзанд ва баъд падарро ном мебарем. Дар номи Масъуду падарашон баракс аввал номи падар ва баъд номи Масъудро мегиранд.
Баъдтар чун аз номи ягона писараи ин мард огаҳӣ пайдо кардам донистам, ки Масъуд номи падарашро аз рӯи эҳтиром ба фарзанд гузоштааст. Ва боз донистам, ки бародарони Аҳмадшоҳи Масъуд, Аҳмад Валӣ ва Аҳмад Яҳё ном доранд. Ин ҳам исботи он аст, ки номи қаҳрамони Халқи Афғонистон Масъуд аст.
Берун аз мақбараи ҳанӯз нообод шудем ва миёни издиҳоми зиёраткунандагон аз зиёд будани одам дигар қадаме ба сӯи пеш зада натавонистем. Аз мамлакатҳои хориҷ, аз Осиёю Аврупо, Шарқу Ғарб, сокинони худи Афғонистон, ҳамҷиҳодону ҳаммас-

лакони Масъуд дар ин рӯз он миқдор одам ин ҷо ба зиёрат омадаанд, ки ҳазори дар ҳазор буданд ва бадбахтӣ он буд, ки аксари ин мардум пинҳону рӯшод ярок доштанд.
Хабарнигори телевизиони «Сафина»-и Тоҷикистон Орзу Исоев, ки ҳамроҳи мо ин ҷо ҳузур доштанд, ноилоҷ рӯи боме баромада издиҳоми зиёраткунандагон ва деҳаҳои қаламрави Панҷшерро рӯи навор меоварданд ва барои гузоришҳои минбаъдаи худ мавод ҷамъ меоварданд. Ин ҳам хизмате барои тоҷикону тоҷикистониён буд.
Дар миёнаи издиҳом будем, ки ҷавоне наздам омада гуфт:
— Оқои Сайид Раҳмон, шуморо Регистонӣ ба хонаашон ба меҳмонӣ даъват кардаанд. Маро фиристоданд, то шуморо ба он ҷо бубарам.
Аз Ҳоҷӣ Абдушукур маслиҳат пурсидам, гуфтанд, ки аз Мирдод, ки сарварии моро ба ӯҳда доранд, пурсиданамон зарур. Баъди машаққат Устод Мирдодро ёфта арзи ҳол кардем.
— Бурӯ, Регистонӣ бародари мост, Аз ман ин хоҳишро карда буд, - гуфт
Мирдод ва мо чор нафар, ману Абдушукур, Пайванди Гулмуроду Турдиалӣ Бойбобоев, ки он кас пеш вақт дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» кор карда, баъд муҳррири маҷаллаи «Илм ва ҳаёт» буданд. Навъе карда аз миёни издиҳом баромада ба мошини тоҷики афғонистонӣ нишастем.
Аз ронанда мавзеи марқади Масъудро пурсидам, теппаи Сарича ном бурд ин ҷоро. Яъне оромгоҳи Масъуд, теппаи Саричаи Панҷшер аст.
Баъди аз теппа фаромадан ба деҳаи Бозорак дохил гаштем, ки ин деҳа низ чандон обод набуд. Аз ҷанги Шӯравӣ ҳам ҳанӯз нишонаҳо маълум буданд.
Сар то ба пои деҳа ҷасадеро мемонд, ки саропо бо тир ғирбол карда, аъзои бадан хулбуту абгор гардонида, сӯзонида шуда бошад.
Ронанда назди хонаи пасте мошинро қарор дод ва хоҳши фаромадан кард.
Кӯдакони аз роҳ гузашта мардуми мулки дигар буданамонро фаҳмида буданд ва сӯи мо бо чашми ҳайрат менигаристанд.
Ронанда ба ҳавлие даромада зуд аз он ҷо баргашт ва гуфт:
— Андак дар берун гаштугузор кунед, Регистонӣ расида мояд.
Аз қисми болои хона андак майдони холӣ буд, ки аз он ҷо то лаби дарёи Панҷшер рафтан имкон дошт. Аз хотирам гузашт, ки мо дар мамлакати исломӣ қарор дорем ва ҳоло бошад вақти хондани намози пешин наздик аст, бино бар ин ба Ҳоҷӣ Абдушукур гуфтам:
— Бобои Ҳоҷӣ. То омадани соҳибхона рафта дар дарё таҳоратро ба ҷо меорем. Шароит ёфтем намозҳоро мехонем.

Ҳоҷӣ шод шуд ва мо ҳамроҳи Пайванди Гулмурод ба соҳили дарё хамбидем.
Дар соҳил баъзан буттаи зарбеду дигар гиёҳу алафҳо сабзида буд, ки марди таҳорат мекардагиро аз чашми роҳгузарҳо панаҳ мекард. Фикр кардам, ки дар меҳмонӣ оё шароити таҳорат меёбем, намеёбем. Мо ба ҳар ҳол дар мулки мардумем ва агар намозҳоро нахонем андак нодуруст ҳам мешавад, зеро фикр накунанд, ки ин мардум саросар намоз намегузоштаанд. Ба ҳар ҳол расму русумро нигоҳ доштанамон лозим.
Таҳоратро ба ҷо овардем ва Регистонӣ ҳам расида омад.
Моро дар лаби дарёи Панҷшер, рӯи кате ҷо доданд. Аз афташ, мард аз меҳмон даъват кардан наздикону хешу ақраборо огоҳ карда будааст, ки дар ин ҷо мӯсафедони нуронӣ, ҷавонони хизматрасон, 15-16 нафар ҷамъ омада, нигарони ташрифи мо буданд.
Меҳмонқабулкуниашон мисли худи мо. Чеҳра, рангу рӯ, чашму абрӯ қадду басти мардуми Панҷшер ҳама тоҷикона. Ҳатто аз гапзанию лаҳҷаи гуфторашон гумон кардам, ки дар Роғи Шӯроободам ва бо ҳамдиёрони худ мулоқот дорам. Нону дастурхону шину хезашон аз мардуми мо кам фарқ дорад.
Оби дарёи Панҷшер бо шӯру валвала, сар ба сангҳо зада аз бари ҷойи нишасти мо мегузарад. Насими сабуксайр баъзан қатраҳои хурди онро то ба мо меоварад.
Болои кати ҷои мо менишастагиро дастак давонида буданд, ки баъзани он аз дуда сиёҳ гашта ва ё баъзан сӯхтагӣ менамуданд. Болои дастакҳо пораҳои бурёи кӯҳнаи доғзада ва дарида партофта буданд, ки соягӣ кунад. Яъне доғи шӯми ҷанги даҳшатбор ва оқубатҳои он ҳанӯз аз дилу дидаҳо зудуда нагашта буд. Ҳамин буд ҷои меҳмон қабул мекардагии намояндаи Шӯрои Олии Афғонистон Солеҳ Муҳаммади Регистонӣ.
Оши афғонию нони тунуки чапотии хушлаззат, чойи кабуд (сабз), ҳавои салқини лаби дарёи Панҷшер бо насими фараҳбахш куфти роҳу мондашавии моро баровард. Сӯҳбат ширину гуворо буд. Мисли он ки бародарони ҷонии чанд мудат аз ҳам ҷудо ба дидори ҳамдигар бирасанд, мӯсафедону ҷавонон шеъргӯию хушгуфторӣ мекарданд.
Аз мақола ва китобҳои хондаам медонистам, ки Регистонӣ 21 соли ҳаёт ҳамроҳи Масъуд дар ҷабҳа, яке аз шахсони наздики он кас буданд. Се сол дар шаҳри Душанбе ба вазифаи намояндаи ҳарбии Афғонистон дар Тоҷикистон ва се соли дигар дар ҳамин вазифа дар Россия будаанд. Доир ба ҳаёту фаъолияти Масъуд китобҳо доранд. Ҳайронии ман ин ҷо аз он буд, ки Ҳусайн Муҳаммади Саид, яъне Ҳусайнхон дар сари дастурхони Регистонӣ ҳузур дошт. Фаҳмам, дар рӯ ба рӯи он тарафи дарё ва ҳавлии Регистонӣ хонаи Ҳусайнхон воқеъ будааст ва байни онҳо рӯи дарё кӯпруки оҳание ҳарду дӯстро бо ҳам мепайвастааст. Яъне ҳарду мард ҳама

умр ҳамроҳи Масъуд дар ҷабҳа будаанд ва хонаи Масъуд андак болотар аз ин ҷо, дар саргаҳи деҳаи Ҷангалак.
Чӣ бахту толеи баланд доштаам, ки дар Душанбе бо Ҳусайнхон вохӯрдам, сафари маро ба ин ҷо ӯ омода кард ва боз бубинед, ки сарфармондеҳи Масъуд Регистонӣ маро ба хонаи худ овард. Барои маводу маълумот оиди Масъуд аз ҳама олам дида ин мардҳо бохабаранд. Дигар бароям мушкиле дар ҷамъ овардани маълумоти зарурӣ вуҷуд надошт.
Пеш аз сафар ба ин ҷо, аз бозори Кӯлоб барои тӯҳфа ду тоқии чакан харида будам, ки мабодо дар Афғонистон каси ба дилам мувофиқ ёбам, ба ӯ тоқии чакани кӯлобӣ тӯҳфа хоҳам кард. Яки онро Ҳоҷӣ Абдушукур хоҳиш кард, ба кадом дӯсти дар Кобул будааш медодааст, ба ҳоҷӣ додам ва имрӯз тоқии дигарро бо худ гирифта ба Панҷшер оварда будам, зеро аз меҳмон даъват кардани
Регистонӣ огаҳӣ доштам. Дар ин меҳмонӣ як адад китоб, романи «Шукронамарг» ва тоқиро дар ҳузури хешу ақрабо дар сари дастурхон ба Регистонӣ тӯҳфа кардам ва гуфтам, ки дар ҷойи мо ба шаҳмард дар рӯзи тӯйи арӯсӣ ҳамин хел тоқӣ мепӯшонанд.
Регистонӣ аз ин инъомҳо хушнуд гардид.
Масъалаи асосӣ, дидани хонаи Масъуд буд ва ман ҳамагӣ аз он хона як километр дурӣ доштам.
Хоҳишамро ба Регистонӣ гуфтам. Андак фикр кард ва худ, ки аз аҳли адаб буду аз мақсади сафарам огаҳӣ дошт, розӣ шуда гуфт:
— Ҳарчанд ин кор мушкил аст, дигар чӣ илоҷ, бархез рафтем.
Ҳамроҳи Ҳоҷӣ Абдушукуру Пайванди Гулмурод намози пешинро адо кардем. То ин вақт Турдиалӣ Бойбобоев, ки намоз намегузоштааст, хапу хилват ба берун баромад. Намедонам, мардуми
дар маърака ширкат дошта инро донист ё не, ҳис накардам..
Регистонӣ моро ба мошини худ савор кард ва баъди андак роҳ посбонҳо моро манъ доштанд ва чун Регистонӣ ба онҳо кӣ буданамонро фаҳмонд, ба мо иҷозати ҳаракат доданд.
Дар назди ҳавлии кулбаи падари Масъуд низ дидбонгоҳ гузошта будаанд ва чун дар мошин Регистониро диданд, монеае бароямон вуҷуд надошт.
Ҳавлии падари Масъуд дар охири деҳаи Ҷангалаки дараи Панҷшер воқеъ буда, аз се хонаи дарун ба даруни хурд- хурд иборат аст. Деворҳои хона аз санг бардошта шуда, кулбаи фақиронаест, ки чунин кулбаро дар Тоҷикистони имрӯза дарёфтан мумкин нест.
Шояд дар солҳои панҷоҳуми асри XX ин тарз хонаи истиқоматӣ дар кӯҳистони тоҷик будааст.
Сангдевори пасти хона бо гили бо коҳ шӯридашуда аз дохилу

берун андова карда, боми хонаҳо хокӣ аст. Болои бом бо лой андова карда, оби рӯи бом ҳангоми борону барф ҷамъ гурдида бо новадон равона гашта ба поён мерезад.. Ҳар хона як тирезаи оддӣ дорад ва аз миёнаҷои ҳонаи мобайн аз тори бом мӯҳрии равзвн дудбаро мавҷуд аст. Ин ҳолат бо он мақсад аст, ки ҳангоми дар танӯр оташ дар додан дуди он ба воситаи мӯҳрии тори бом ба берун бароя̄д.

Таги по палоси одӣ. Дар назди ҳавлӣ дарахти тут. Андак дуртар қатораи бедҳои баробари танаи одам ғафси шохаҳои на чандон калон дошта ба чашм намуданд.

Аз пеши ҳавлӣ дар ҷӯй баробари банди даст оби мусафо ҷорист, ки рафта ба дарёи Панҷшер мерезад. Ин оби мусафо, оби Чашмаи Бедак аст, ки дар асар тасвири он рафтааст.

Аз тарафи рости пушти хона боғи калоне то ба домани тепа доман паҳн кардааст. Ин вақт, яъне аввалҳои моҳи сентябр, ҳосили
себ ба пуррагӣ пухта нарасида бошад ҳам, ранги меваҳо алакай сурхи ҷигариро гирифтаанд, ки ба себҳои сурхи Мӯъминободу Ховалинг ва Шӯрообод монанд буданд.

Дар даромадгоҳи боғ аз чӯбу банд ҷои нишаст созмон додаанд, ки дар назди ин нишастгоҳ буттаҳои гули садбарг шукуфта, бӯи хуши гулҳо ба димоғ мерасид.

Ҳоҷӣ Абдушукуру ман назди ҷӯи аз Чашмаи Бедак меомадагии пеши ҳавлии Маъуд сари зону нишаста бо каф об нӯшидем ва Ҳоҷӣ сурае қироат карда ба рӯҳи Мусъуду арвоҳи гузаштагони ин манзилу макон бахшид.

Диққатамро ҷои мошинмонии Масъуд ба худ ҷалб кард.

Дар бари поёни гулбуттаҳои садбарг, дар пеши ҳавлӣ бари теппаро кофта, Масъуд барои мондани мошинаш ҷо тайёр карда будааст.

Боварам наомад. Ба назди ҷои мошинмонӣ рафтам ва дари онро даст- даст карда, бовар кардам, ки чапардарии ҷойи мошиннигоҳдории Масъуди сипаҳсолор аз шопаҳои (навда) беди одӣ сохта шуда, ҳар як навдаи бед бо мехчае бари ҳамдигар васл карда шудааст. Рӯи шопаҳои чапардариро бо қоғазҳои қуттиҳои асбобу анҷомкашонӣ бо мех пӯшонидаанд.

Ҳамин аст давлату дороии Масъуди сипаҳсолор, дар хонаи падариашон, ки он ҷо падару модарашон солҳо зиндагӣ карда фарзандҳо ба воя расонидаанд ва аз бадии тақдир нафъе аз фарзандон надида, оламро падруд гуфтаанд. Имрӯз фарзандҳои онон низ ҳар кадом аз пайи ризқу рӯзии худ дар мулки хешу бегона сарсону саргардонанд.

Баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ ман дар шаҳру деҳаҳои Тоҷикистон қасру манзалати қумандону камонмардонро бо чашми худ дидаам ва дар муқоиса бо кулбаи хоксоронаи Масъуд ва мартабаи ӯ ба чӣ хулоса омадам, хонандаи закитабъ маро бараъло эҳсос

мекунад.
Кулбаи падарии Масъудро писарони амакаш, ки дар ҳамсоягӣ зиндагӣ доштаанд, нигаҳбонад, то ба оламиён нишон диҳанд, ки Масъуд чӣ кас буд ва чӣ манзалате дошт.
Шояд, ҳаммаслакон баъди сари ӯ дар кучоҳое барои фарзандони Масъуд кулбае, хонае бунёд карда бошанд, вале ман ҳарчанд чустам надидам ва хабаре низ дар ин бора нашунидам. Кулбаи падарии Масъуд ва чои нигоҳдории мошинаш аз шикастанафсии ӯ башорат медоданд.
Дигар аз зану фарзандони Масъуд аз касе пурсон нашудам, зеро вақти дар Душанбе будан дар ин бора бо Ҳусайнхон, суҳбатҳо доштам. Ӯ,ки бо ман ин қадар дӯсту ёрӯ бародар гашта буд, дар ин бора ҳарфе ба забон наовард, пурсидани каси дигар маъное надошт. Баъд, хонанда аз сӯҳбати ман бо писари Коко(тағо) Точииддин, Шоҳид огаҳӣ дорад. Бори дигар чӣ зарурат буд аз фарзандони Масъуд ҳарф задан, ки аз касе умеди чавоб набуд. Мушкил он буд, ки ҳангоми таълифи асар номҳои зану фарзандони Масъудро оварданам ҳатмист, вале то ба ҳол ин маълумотро надоштам.
Ба хонаи Регистонӣ баргаштем ва Ҳусайнхон таклифи хонаи худ кард. Ба ӯ гуфтам:
— Додар, ҳамраҳонам ба хонаи шумо раванд, маро ба хонаи дилхоҳ сокини Панчшер бубаред, то ба зиндагии ин мардум аз наздик шинос шавам. Шумою Регистонӣ ба ҳар ҳол сарлашкарони Масъуд, ҳаммаслакони ӯ будед. Дар бадали дар Душанбе ё чойи дигар кор кардан як қадар зиндагиатонро ба роҳ мондед. Бинам, мардуми одии Панчшер чӣ зиндагӣ доранд.
Регистонӣ матлабамро фаҳмида, аз марди ҳамсоя хоҳиш кард, ки зану кӯдаконашро ба ҳавлии дигар бубарад, то ман ҳамроҳи ӯ ба хонааш рафта бо зиндагиашон ошно гардам.
Марди камбағалнамо рафту ба зудӣ омад. Аз афташ зану кӯдаконаш дар хона набуданд, ки гуфт:
— Оқо, биё ба хонаи мо, марҳамат.
Аз ҳавлии Регистонӣ баромада роҳро миёнабур гузаштем ва ба ҳавлии он мард дохил шудем.
Ҳавлии чӣ? Гирдогирди хонаи пастакак сангдевор. Аз роғи дарича ба хонаи мард дохил шудаму дар дами дар танӯри нонпазӣ, дар бари танӯр ташноб - чои саршӯиро дидам. Хонаи аввали мард ҳамин қадар манзалат доштааст.
Чун ҳама хонаҳои сокинони Панчшер хонаи ин мард низ аз сангдевор иборат буду деворҳоро бо каҳгил андова карда буданд. Чун кулбаи Масъуд хонаи ин мард низ аз се хонаи хурди дарун ба дарун иборат буд.
Ба хонаҳо равшанӣ танҳо аз мӯрии болои боми хонаи мобайн дохил мегардид. Хонаҳо тиреза надоштанд.
Дар хонаи дуввум, дидам палосҳои ба фарш партофташуда

кӯҳна ҳам бошанд, тозаю озода.
— Ин хонаи хоби кӯдакон аст?- пурсидам аз соҳибхона ва мард гуфт:
— Оре. Дар ин хона зану фарзандон зист доранд. Хонаи дарун ҷои хобамон аст.
Мард бо забони саросар фаҳмои тоҷикӣ сухан мегуфт ва ба хотирам расид, ки дар Панҷшер саросари мардум аслан тоҷиконанд, ки дар асри ХУ1 аз Даҳбеди Самарқанд гуреза шуда ин кӯҳпояро ватани муқимӣ ихтиёр кардаанд.
— Косаву табақ, сукунати хӯрокхӯриатон куҷост? – пурсидам аз мард ва ӯ матои рӯи косаҳо партофташударо аз каҷии хонаи дуюм гирифта гуфт:
— Ин аст, табақу косаҳои мо.
Дидам косаҳо (чашкаҳои аскарони Шӯравӣ), чумча - қошуқҳои алюминӣ низ. Аз соҳибхона пурсидам:
— Табақи хамиршӯриатон куҷост?
— Ин ҷо, - гуфта аз каҷии дигари девори хона матои зарди пур аз доғу гардро аз рӯи косаҳои дигар бардошту чашмам ба қуттии тирнигоҳдорӣ афтод. Чунин қуттии тири автоматнигоҳдориро ҳангоми хизмати аскарӣ дар Қазоқистон дида будам, ки дар ҳар кадоми он 5 ҳазор дона тири АКМ, (автомат) нигоҳ медоштанд.
Соҳибхона ба қуттӣ ишорат карда гуфт:
— Ҳамин аст табақи хамири мо мардум.
Дилам як навъ ба сӯзиш омад ва аз хотирам гузашт, ки наход ҷанг мардуми дараро то ба ин вазъи пасти зиндагӣ оварда бошад, ки дар қуттии тирнигоҳдории аз аскарони Шӯравӣ боқӣ монда хамир хеланд ва боз пурсидам:
— Табақи чӯбӣ надоред:
— Не, оқо. Ҳамин аст дороии мо, - ҷавоб дод мард.
Гаҳвораи кӯдаконатон куҷост? - ин савол аз куҷо дар майнам рӯ зад, худ нафаҳмидам.
— Соҳибхона аз каҷии дигари хона ҳамон навъи матои пур аз доғу чиркини кӯхнаву фарсударо аз рӯи гаҳвора бардошт.
— Худоё, ин чӣ рӯз аст?!- Худ ба худ беихтиёр гуфтам ман, зеро дар пеши чашмам гаҳвораи аз арматур сохта, аниқтараш гаҳвораи аз арматур бо кафшер мураттаб кардае меистод, ки шояд кадом марди русе онро сохта бошад.
Дилам ба сӯзиш омад, балки гӯи корде ба дилам халиду дамам гирифт. Дигар ҳарфе ба забон оварда натавониста, сарам чарх зад.
Барои мувозинати худро гум накардану аз по наафтодан, худро ба танаи девори сангини хона рост гирифта такя кардам. Ашки дидагонам беихтиёр ҷорӣ шуда ба бари рухсораам рехтанд.
Хок дар сари ҷанг! Ҷанги доманадор зиндагии мардуми Панҷшерро то ба ин дараҷа овардааст, ки модари тоҷик дар ин сарза-

мин тифли худро дар гаҳвораи арматурӣ калон мекунад…
— Оқо, чӣ нохушӣ шуд, ба шумо? – авзои маро дида пурсид соҳибхона.
— Ман дигар ҳарфе ба забон оварда натавониста аз хона берун шудам …

## 4. Мушкили дарёфти Николай Бистров, (Исломиддин)

Дар рӯзи ҷаласаи ёдбуди Шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд, дар Кобул бо Николай вохурда мақсадамро баён кардам, ки ман нияти навиштани асари калонҳаҷмеро дорам ва бояд бо ӯ сӯҳбат дошта бошам. Аз китобҳои пеш аз ин хондаам бо ҳаёти ин мард шиносоӣ доштам, вале вақти навиштани асар тасвири зиндагии ин мард сутуни асосии асар хоҳад шуд, зеро аз рӯи нақшаҳои дар сар доштаам, бояд дар сурати ба тарзи бадеӣ тасвир кардани ҳаёти Масъуд, зиндагиномаи Николай дар ҷои дуюм бояд қарор бигирад. Аз тарафи дигар асари бадеӣ бе тасвири ишқ хушку холӣ мебарояд. Дар офаридани образи Масъуд фақат ҷангу хунрезӣ ва кушторро бояд тасвир кард. Хонанда аз мутолиаи ин тасвирҳо дилбазан мешавад. Асар мувофиқи талаботи маънавии тамоми мардум, аз хурд то бузург навишта мешавад. Хулоса, бояд ҳаёти Николайро пурра омухт ва дар асар ишқи Николайро қаламдод карданам зарур. Мақсади офаридани асар, ба хонанда пешкаш кардани симои Масъуд аст. Николай бошад душмани қатоли ӯ ва мардуми Афғонистон аст, ки баъди ярадор гардидан ӯ асир мегардад ва дар ихтиёри Масъуд 16 сари сол дар Панҷшеру Афғонистон мемонад. Масъуд ӯро қатл накарда, балки хушбахти олам мегардонад. Соҳиби зану фарзанд мешавад Николай ва ба ватани аҷдодиаш бармегардад. Имрӯз Масъуд зери хок, Николай ҳаёти хушбахтона дорад. Ин тазоди зиндагро қаламдод карданам лозим ва сӯҳбат бо Николай охирин мақсаду маромам аз сафар ба мулки афғон буд.Хушбахтона Николай имрӯз дар Кобул аст, вале аз сӯҳбат бо ман саркашӣ кард.
Аввал розӣ шуд, вале ҳамроҳи ӯ ду нафар шарқшиносони рус, ки аз Русия ба инҷо омада, дар ҷаласа ширкат доштанд, шояд аз нависанда буданам огоҳ гардида гумон карданд, ки дар навиштаҳоям нисбат ба мардуми рус бадгӯӣ хоҳам кард, ки Николайро аз роҳ заданд ва ӯ бо ман сӯҳбати даҳ- бист дақиқагиро раво надонист. Кӣ медонад? Шояд Николай барои сӯҳбат аз ман пул талаб дошт,ки рӯирост нагуфту маро фиреб дод. Гуфт, ки албата ба меҳмонхона наздам меояд, вале наомад. Замона ҳамин тарз ҳарому ҳариҷ гаштааст, ки барои сӯҳбат маблағ талаб мекунанд, вале ман маблағ надоштам ва дар мулки бегона дасткӯтоҳ будам.

Дар ин ҷо аз кӣ мадад пурсам? Ба кӣ муроҷиат намоям. Агар бо Николай сӯҳбат карда натавонам, асли ҳодисаю воқеаҳои минбаъд дар асар тасвиркарда хому хатала, дурӯғ, носазо мебароянд. Дурӯғу фиреб бошад баъди сад сол ҳам ошкор хоҳад шуд. Ман имконияти ба ҷойи истиқомати Николай, ба Кишвари Краснодари Русия, рафтан надорам, зеро дар ин роҳ маблағи калон лозим. Мӯҳлати дар Афғонистон мондани ҳайати вакилон ба охир мерасиду корро анҷом дода натавонистам, мақсадам иҷро нашуд. Дар навиштани асар мушкилӣ мекашам, аниқаш асарро навишта наметавонам.
Ҳамраҳонам субҳидам ба сафар тайёр шуданд, вале ман Кобулро тарк карда наметавонистам. Николай дар Кобул буду барои мулоқот анҷом додан намеомад. Рақамҳои телефони мобилиаш дар дафтарам буд, ба ӯ занг задам, хоҳишу илтиҷо намудам, асли мақсадро гуфтам, ӯ наомад.
Ҳамраҳонам аз меҳмонхона баромада омодаи сафар шуданд. Дар назди дари баромадгоҳ бо Ҳоҷӣ Абдушукуру, Пайванди Гулмурод, бо авзои якнавъ хайрухӯш карда ба ҳуҷраи меҳмонхона баргаштам.
Дигар на кореро сомон бахшида метавонистам ва на дар ҷое нишаста.
Назди Устод Мирдод, ки барои хайрухуш бо мо субҳи ин рӯз омада буд, рафтам.
— Э мард, нарафтӣ, ку?- сӯям нигоҳи саволомез карда пурсид Мирдод.
— Устод, мӯҳлати меҳмонии маро ду рӯзи дигар илова кунед. Бо Исломиддин сӯҳбат накунам, Кобулро тарк карда наметавонам,- хоҳиш кардам ман.
— Имкони дароз кардани муҳлат ҳаст, лекин имкони ҳифзи ҷони шуморо надорам. Ман имрӯз бояд ба вазорат ба кор равам. Шумо миёни ин қадар яроқдор чӣ мекунед? Муҳофизонатонро ҷавоб додам,- гуфт Мирдод.
— Тақдирнавис ҳар чӣ навишта бошад ҳамон мебинам. Мақсади сафарам иҷро нашудааст. Чӣ кунам, устод?
Аз ин хабар Мирдод ба фикр банд шуду гуфт:
— Дидам, ки Регистонӣ бо шумо балад аст. Бо ӯ бипайвандед, хоҳиш кунед. Ӯ намояндаи Шӯрои Олии мамлакат, аъзои Луи Ҷирга (Маҷлиси Миллии Афғонистон) аст. Кӯмакатон мекунад.
Фикри устод Мирдод маъқулам афтод. Аз телефони мобилии Устод ба Регистонӣ занг задам ва мушкилотро ба ӯ фаҳмондам.
— Ҳамроҳи Ҳусайнхон думболи Исломиддин мешавем,- гуфт Регистонӣ.
Ба ҳар ҳол баумед меистам,- гуфтам ба дил ва устод Мирдод гуфт, ки дигар ба беруни меҳмонхона набароям. Ҳарду рӯи кат нишаста як пиёла чойро бо ҳам бинем.
Мард аз ман дар сину сол ҳафт- даҳ сол калон аст, вале бар-

даму бақувватанд. Рӯи кат, зери дарахти тут суҳбаторой кардем. Андак дуртар аз мо гулҳавзи пур аз оби тозаю мусафо. Ҳавои салқини саҳари Кобул ба хотирам суруди Аҳмад Зоирро овард, ки месароид:

***Мушки суда мерезад, шаб ба домани Кобул,***
***Сабзаву гул ангезад, кӯҳу барзани Кобул…***

Аз дил гузаронидам, ки сурудҳои ин нобиғаи санъат чун сурудаҳои Одинаи Ҳошим ҷовидониянд.

Ҳамроҳи Мирдод аз ҷангу хунрезиҳо, аз одату хулқу рафтори мардуми Панҷшер, аз зиндагиномаи Масъуд сӯҳбат кардем ва ҳар як сухани ӯ бароям зарур буд, зеро ман ҳамагӣ ҳафт рӯз дар Афғонистон будам, ба ғайр аз тамошои телевизиону дидани дараи Панҷшер дигар чӣ дидам аз ин мулк? Сӯҳбат бо ҳар як марди ин сарзамин бароям манфиатовар аст, зеро тарзи сухангӯию хулқу рафтору гаштори мардумро донистанам лозим.

Он рӯзро бе дӯстони тоҷикистонӣ дар назди телевизори ҳуҷраи меҳмонхона гузаронидам. Дареғ, ки Ҳоҷӣ Абдушукуру ҳамроҳонам инҷо набуданд. Тани танҳо ба тақдири Худо,, ноилоҷ раҳи Исломиддину Регистониро поиста нишастам.

Шаб фаро расида, вақти хоб шуд, вале ман дар фикри он будам, ки имшабро чӣ тавр ба рӯз мерасонам. Раваду Исломиддин наояд, боз кадом роҳу воситаро ба кор барам, то муродам ҳосил гардад?

Тахмин соатҳои ёздаҳи шаб, вақти намози хуфтан гузоштанам, дари ҳуҷра кушода шуду ҳис кардам, ки ду- се кас ба хона ворид шуданд. Якеи онҳо дар барам ҷонамоз густурду ба хондани намоз шурӯъ кард. Ба қирраи чашм дидам, ки Исломиддин аст, намоз мегузорад.

Хурсандиамро ҳадду канор набуд. Хушбахт будам, ки ба мақсад мерасам.

Намозро хонда тамом кардем. Дидам, Регистонӣ ва Ҳусайнхон дар кати ҷойи хоби Ҳоҷӣ Абдушукур баҳузур нишаста интизори тамом кардани намози мананд.

Гарм вохӯрдем ва сӯҳбатро бо Исломиддин оғоз кардам. Аз даврaҳои ҷавонӣ, мактабхонӣ, ошиқиҳои ондавра, асирию мушкилоту ҳодисаҳои дар Афғонистон ба сараш омада, хонадоршавӣ, аз падарарӯс, хушдомону хусурбачаҳояш пурсон шудам. Ҳамагӣ бист- сӣ дақиқа сӯҳбат оростем ва фикр кардам кифоя аст. Акнун метавонам бо дили пур ба ватан баргардам.

Аз Регистонӣ ва Ҳусайнхон узр пурсидам, ки онҳо дар ин нисфишабӣ аз Панҷшер то ба Кобул ҳаштод - сад километр роҳро тай карда, сарсону саргардон Исломиддин ҷуста, ӯро кашола карда то ба ин ҷо оварданд.

Хаёлам аз эҳтиром ба Масъуд буд, ин ҳама қадрдониҳо.

## 5. Ҷаҳон аз ин огаҳӣ надорад

Одамӣ шири хомхӯрда, аст. Исломиддин вақти сӯҳбат гуфт, ки барои китоб расми худ ва зану кӯдаконашро гирифта меорад, ман розӣ нашудам. Гуфтам ба Краснодар мактубат менависам, баъд мефиристонӣ. Хато кардам, зеро дар солҳои минбаъда борҳо ба нишонии ӯ ба Краснодар хат фиристодам, вале аз ӯ ҷавобе нагирифтам. Танҳо як дона расми ӯро барои зарурат аз Орзу Исоеви хабарнигори телевизиони «Сафина» бо ҳазор мушкилӣ барои дар китоб ҷо додан дастрас карда тавонистам.
Субҳи он шаб тани танҳо сӯи ватан раҳсипор шудам ва баъди 450 километр роҳро паймудан, дар шаҳри Қундуз, ки ҳамагӣ 60 километр аз лаби дарёи Панҷ дурӣ дорад, ба хотирам омад, ки барои набераҳоям аз сафари Афғонистон тӯҳфае нагирифтаам.
 Худоро шукр 21 набераву, фарзандон чашм ба роҳам нигаронанд. Соат аз дуи рӯз гузашта, наволаи ноне ба даҳон набурдаам. Аз рӯи одати сабил, вақти хӯрокхӯриам дермонӣ шавад, ба сардард гирифтор мешавам. Бо мақсади паст гардонидани саги нафс як чӣ бояд хурд, вале ин ҷо ошхона набуд. Маҷбур аз сари роҳ харбузае бо як нони гарм харид карда ба назди мошинҳои мусофирбар омадам, то азми сафар кунам. Дар назди мошинҳои қатор дӯкони хурди меваҷотфурӯшие дидам. Аз ҷавони фурӯшанда корд хоҳиш кардам, то харбузаро тилим карда бо нони гарм тановул кунам. Бинам, дар гирдам панҷ нафар ҷавону марди пири сар бараҳнаю пойи лучи гурусна. Ҳар кадом бо мақсаде гирдам ҷамъ омаданд, то луқмае ба онҳо диҳам.
Худоё, миёни ин мардуми гурусна харбузаю нонро тақсим накунам, заҳри ҷонам мешавад. Ба касони гурусна як тилими харбуза ва як порагӣ нон тақсим кардам, ки ба худам як тилим харбуза ва баробари кафи даст нон расид. Назди ин мардум нон хӯрда натавониста, ба даруни мошини мусофирбар даромадам ва луқмаҳоро, ки дар ҳаққат, ба заҳри ҷон баробар буданд, хӯрдам.
Дар Кобул бо чашми сар дида будам, ки мӯсафеде ҳама умр дар бари кӯҳ сумч канда мисли ҳелчаи гургу рӯбоҳ дар он ҳамроҳи зану фарзандон умр медидааст. Баъди хонадоршавии фарзанд, барои ӯ низ ҳамин тарз бари кӯҳро сумч канда, рӯи пахол шаҳу арӯсро ҷо кардаанд, то ӯ низ мисли падар фарзанд ба воя расонаду зиндагӣ бинад. Ин лаҳза дар Қундуз ҳоли зори мардуми бенаворо дидаму дилам хун шуд. Ҳамин аст оқубати ҷанги доманадор, ки зиндагии аҳли нодори ин мулкро,ба ин дараҷа зору низор гардонидааст.
Акнун Шӯравиҳо аз ин сарзамин рафтаанд, вале америкоиҳо бо ҳазори дар ҳазор аскару афсару лавозимоти ҷангӣ ба ин ҷо омаданд.
Чӣ бадбахтӣ меоранд ин аҷнабиён ба сари халқи ин давлату

миллат, Худо медонад …
Зиндагии хушбахтонаи Тоҷикистон, хонаву дари обод, набераҳоям ба хотирам омаданду боз ба ёдам расид, ки савғое то ҳол нагирифтаам барои набераҳо.
Аз дӯкони сари роҳи шаҳри Қундуз барои духтару набераҳо гӯшвораку чалла, рӯмолу дасмонҳои кӯдаконаи афғонӣ харид карда то лаби дарё расидам.
Аз тали обгузар, ё қаиқаш мегӯянд, ҳамроҳи зани тоҷики миёнасоле, ки аз Қундуз маводи либосаю пӯшока харид карда, барои савдо ба Душанбе мебурд, аз дарё гузаштам ва баробари қадами аввалин ба хоки диёр ниҳодан, назди соҳил сари зону нишаста, ба кафам қуму хоки соҳилро гирифта бӯсида ба дидаам молидам.
Аз ҷо хестам. Наздам ҷавонписари тоҷики сарҳадбон ва он зани савдогарро дидам, ки ҳоли маро назора доштанд. Зан ҳайратӣ шуда гуфт:
— Амак, ин чӣ расм аст? Сару рӯятонро олуда гардонидед.
— Хоҳари ҷон, Худо рӯзе амонатиашро гирифтанӣ бошад, бимон, ки дар хоки ҳамин ватан бигирад ҷони маро,- гуфтам ва хушбахттарин инсони рӯи замин будам ин соат, ки поям ба хоки ватан расида дар сарзамини Тоҷикистон қарор доштам...
Вақт мегузашт. Бароям дарёфтани номҳои зану духтарони Масъуд муаммо буд. Дар сафари Афғонистон ҳарчанд аз дӯстону наздикони Масъуд хостам номҳоро бидонам, муяссарам нагардид. Аз як тараф хурофот намегузошт, ки ин мардум номи зану кӯдакони Масъудро аниқ бигӯянд, аз тарафи дигар мисли он ки моргазида аз банди ало метарсад, мардум эҳтиёт карда, номҳои кӯдакони Масъудро махфӣ нигоҳ медоштанд, то душманон минбаъд ба онҳо зараре расонида натавонанд.
Рӯзу моҳҳо мегузаштанд ва ман минбаъд ба омӯзиши асарҳои сарлашкарони Шӯравӣ, ки дар Афғонистон бо Масъуд ҷангида буданд, навишта ва асарҳо доштанд, машғул шудам. Инҳо асарҳои генералу маршал, Қаҳрамонони Иттиҳоди Шӯравӣ Маҳмуд Гореев, Борис Громов, Варенников, Ляховский ва дигарон буданд, ки дар бадали даҳ соли ҷанг ба муқобили Масъуд мубориза бурдаанд …
Соли оянда барои иштирок дар ҷаласаи солгарди Шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд ба Эрон даъватам карданд.
Барои тахт кардани ҳӯҷатҳои ба сафар вобаста ба Душанбе омадам ва хушбахтона ҳамроҳи шоира Меҳринисо, ки дар ин сафар ҳамроҳам буд, мушкили се сари сол вуҷуддоштаам осон гардид.
Дар шаҳри Машҳади Эрон, баъди иштирок дар ҷаласа ва баромадҳо, бегоҳӣ дар меҳмонхона Меҳринисо наздам омад ва гуфт:
— Акои Сайид. Зани Масъуд маро ба хонааш ба меҳмонӣ

даъват кард, равам ё наравам?
Аз ин хабар ҷони тоза гирифтам ва парсидам:
— Аз куҷо хабари шуморо ёфтааст?
— Дар маҷлисе, ки баромад кардем, зану фарзандони Масъуд ширкат доштаанд. Ман ба зани Масъуд хуш омадаам ва маро ба меҳмонӣ даъват кардааст,- гуфт Меҳринисо ва илова кард:
— Бародари зани Масъуд – Ториқ, ҳамоне, ки ба мову шумо хизмат мекунад, интизори ман аст. Равам ё наравам?
— Ҷонам садқат, хоҳар, бирав. Ман се сол боз номи зан ва панҷ дахтари Масъудро меҷӯям, ёфта наметавонам. Сурат гирифта тавонӣ хуб, натавонӣ, номҳоро аниқ барои ман гирифта биёр. Ин хизмати шумо шоираи тоҷик ба ман не, ба адабиёт хоҳад шуд,- дар рафти гап шӯхӣ кардам ба Меҳринисо. Охир, дар асари минбаъдаам номи зану духтарони Масъудро хато навишта наметавонам.
Соатҳои ёздаҳи шаб Меҳринисо хурсанду хандон баргашт.
Дар табақчае андак гӯшти бирён ҳам овард. Гӯшти бирёне, ки зани Масъуд худ пухтаву бирён карда будааст.
— Хайр, ку гап бизан, хоҳишамро иҷро кардӣ?- пурсидам аз Меҳринисо.
Ӯ ба дастам пораи қоғазеро дод, ки дар он номи зуну духтарони Масъуд навишта шуда буд.
— Маро хурсанду хушбахт гардонидӣ, хоҳар, - гуфтам ба шоира.
— Сурат гирифтан муяссарам нагашт. Иҷозат надоданд. Зани Масъудро дидам. Мегӯӣ Нигина Рауфи ҳофизаи худамон истодаст. Паригули зани Масъуд бо Нигинаи нозанини мо як себи ду тақсим мегӯӣ.
Саҳари он рӯз бо Ториқи писари Коко Тоҷиддин, ки дар Донишгоҳи ба номи Фирдавсии Машҳад таҳсил дошта, ин рӯзҳо дар ташкили солгарди Масъуд моро меҳмоннавозӣ макард, ба наздамон омаду ҳангоми сӯҳбат ба ӯ гуфтам:
— Ториқи ҷон. Ман аз китобҳои хондаам бо ҳаёти падаратон ошноӣ дорам.Дар Душанбе бо бародаратон, Шоҳид суҳбат доштам. Ба он кас гуфтам, ки дар бораи Масъуд асаре бояд офарам. Маводҳо ҷамъоварда истодам. Аз Шоҳид номи модаратон ва фарзандони Масъудро пурсонӣ кардам, ба ӯ ин гап он қадар сахт расид, ки дигар бо ман сухан гуфтанро раво надид. Шумо аз кори эҷод бохабаред. Ба ман дар ин хусус маълумот медодед.
Ториқ мақсадамро фаҳмида, ҷавонмардӣ кард. Бо ӯ сӯҳбати тӯлонӣ доштам ва баъди рафтани ӯ номҳои зану духтарони Масъудро, ки Ториқ ба ман гуфт, бо навиштаҷоти шоира Меҳринисо муқоиса намудам, ки ҳарду баробар буданд. Акнун метавонистам бе тарсу ҳарос номҳоро дар асар истифода барам.
Ҳар сари қадам, ҳар рӯзу соат фикру зикрам ба ҳаёти Масъуд ва таълифи асар банд, баъди аз шаҳриМашҳади Эрон баргаштан,

дар Душанбе боз бо Ҳусайн Муҳаммади Саид,ки дар Панҷшер ҳама ӯро Ҳусайнхон меноманд, вохурдам. Тақдир маро бо ӯ шинос кард ва маҳз ёрию мадади Ҳусайнхон, муҳаббату ихлосу эҳтироми ӯ бо Масъуду адабиёт буд, ки ман ҳама мушкилиро паси Сар намуда, акнун метавонистам
бо хотири осуда ба таълифи асар шурӯъ кунам.
Дар аввали навиштаҳо ба хонанда ваъда дода будам, ки дар бораи овозаҳои дар шаҳри Кӯлоб ба гӯшам расида,доир ба марги Масъуд ҳарф мезанам ва инак шарҳи дурусти он овозаҳоро баён менамоям.
Сари як пиёла чой бо Ҳусайнхон ин дафъа низ дар бораи Масъуд сӯҳбат доштам ва аз марде, ки дар ҳамсоягӣ, аз кӯдакӣ бо Масъуд зиста, қариб бист сари сол дар ҷабҳа бо ӯ будааст, хабару ҳодисаю воқеаҳои дар ҳаёти Масъуд гузаштаро мешунидам, ки то ҳол дар ягон рӯзномаю маҷалла ва китоби олам дарҷ нагардидаанд.
Сӯҳбати мо бо Ҳусайнхон дар хусуси охирин рӯзи ҳаёти Масъуд буд ва ин хабарҳоро дар роман тасвир кардан муяссарам нагардид, зеро талаботи асари бадеӣ дигар аст.
— Баъди террор, гуфт Ҳусайн Муҳаммади Сайид,- мо Омир Соҳибро (Масъуд), ки ман сармуҳофизаш будаму ҳама ҳодиса дар пеши чашмам шуда газашт, ҷасади саропо ғарқи хуни ӯро ба чархбол бор карда, тарафи Фархори Тоҷикистон парвоз кардем. Пораи фузулоти аз таркиши бомба ҷудо гашта зери синаи чапи Масъудро дарронда, дохили бадани ӯро абгор гардонида буд ва Омир Соҳиб, баъди террор дигар ҳарфе ба забон оварда натавонист. Танҳо бо ишора далолат мекард, ки ӯро тарафи Кӯлоб ё Душанбе барем. Яъне ишорати Масъуд далолати онро мекард, ки танҳо табибони тоҷик метавонанд ҷонамро аз марг раҳоӣ бахшанд.Шояд ихлосмандӣ, меҳру муҳаббати Масъуд нисбат ба мардуми ин диёр буд, ки гаштаю баргашта ӯ ҳангоми сакарот ишорати хоки Тоҷикистонро мекард.
Ин вақт зану фарзандонашон дар шаҳри Душанбе пинҳон аз оламу одам ин ҷо зиндагии махфиёна доштанд…
Дар Фархорӣ Тоҷикистон табобатгоҳи мо мавҷуд буд. Илова аз ин, хостем аз рӯи ишорати Омир Соҳиб он касро ё ба Қӯлоб ва ё ба табобатгоҳи Душанбе барем, то мутахассисон ба ӯ ҳарчи зуд ёрию мадади тиббие расонанд.
Дареғ, ки Масъуд сар дар бағали ман, дар дохили чархбол, дар мавзеи то ба Фархор норасида, дар фазо ба шаҳодат расид…
Бо ҳамраҳон маслиҳат карда чархболро ба майдони ҳавоии шаҳри Кӯлоб фаровардем ва ҷасади Омир Соҳибро (Масъудро) ба табобатгоҳи ин шаҳр овардем.
Баъди муоинаи табибон, либосҳои Омир Соҳибро иваз карда, баданашонро шустушӯ намуда ба кафан печонидем …
Вазъи Афғонистон дар ин рӯзҳо мушкил буд ва Толибон қа-

сди аз сари нав ба Кобул ҳуҷум карданро доштанд. Ба ҷаҳониён эълон доштани марги Масъуд, боиси хурсандию хушбахтии онҳо мегашт ва ҳуҷуми нави Толибон ба Кобул авҷи тоза мегирифт, ки ин маънои боз куштори ҳазорон нафар мардуми афғон ва харобшавии ин мулкро дошт. Мувофиқи маслиҳат ҷасади Омир Соҳибро се шабонарӯз дар шаҳри Кӯлоб нигоҳ дошта, баъди он Шаҳид Аҳмадшоҳи Масъудро ба Панҷшер фиристодем…
Хок дар сари тақдир! Ба Шери Жаёни Панҷшер, Масъуди сипаҳсолор, қаҳрамоне, ки мислаш дар олам дигар кас арзи ҳастӣ накардааст, Парвардигор аз ин дунё кафани мардуми Кӯлобро бо худ бурдан насиб гардонида будааст, ки ӯ бо ин кафан дар оромгоҳи охиринашон, дар хоки теппаи Саричаи Панҷшер, ба хоби абадӣ рафтааст.

X X X

---------------------------------------------

# Қадри шоир

(Очерк)…

**Пеш аз ин будам агар дар орзӯи барги сабз,**
**Баъд аз ин ҳастам фақат дар орзӯи марги сабз.**

**Хайрандеш**




Нимаи дуюми соли 2011 ба дастам Куллиёти шоири тавоно Хайрандеш расид ва хурсанду хушбахт будам. Ҳазорон шукр, ки шоир ба санаи муборакн панҷоҳи умр расида, девони ҳашсадсаҳифагии шеърҳояшро ҷамъ оварда пешкаши ҳаводорони каломи бадеъ гардонида тавонистааст. Чун моҳи муборакн рамазон буд ва Лоиқи бузургвор мефармоянд «Шеър Қуръони ҳама миллатҳост», гуфтам Худои меҳрубон маро мебахшанд, дар ин моҳ гаштаю баргашта Куллиёти шеърҳои Хайрандешро мутолиа кардам.

Вақти хондан аз мазмуни баланди шеърҳо ва табъи худододи Хайрандеш ташнагии дили шеърпарварамро мешикастам ва ба фикри ман бояд эътироф кард, ки дар олами шеър чунин табъи баланду равони шеърофариро хаёлам Парвардигор танҳо ва танҳо ба шоири шаҳири рус Сергей Есенин ва Хайрандеши тоҷикон насиб гардонидааст.

Шеъри Хайрандеш чун оби чашмаҳои зулоли кӯҳистон аз мағзи дилу ҷони дардманди шоир баромада, маззаву лаззати онро дар эҷоди ягон адиби дигари олам ёфта наметавонӣ ва ҳар каси аз гулоби сарчашмаи шеъри ширу шакарбори ин шоир нӯши ҷон мекардагӣ аз лаззати ҷонбахши шеър қуввую мадори тоза мегирад, меҳру муҳаббаташ ба олами ҳастӣ, ба зиндагӣ бештар мегардад.

Ман ин ҷо аз Куллиёти 800 саҳифагӣ, танҳо як рубоӣ ва дубайтии шоирро пешкаши хонандаи гиромӣ гардониданиам:

**Кӯлоб зи доғи ту фалак бояд гуфт,**
**Аз қуллаи кӯҳи Валвалак бояд гуфт.**
**Аз қуллаи кӯҳи Валвалак агар гуфта нашуд,**
**Аз боми ягон камбағалак бояд гуфт.**

Аз зиндагии мардуми Кӯлоб дигар шоири барҷаста ё нависандаи тавоно достону роман офарад ҳам яқин дорам, ки ғояи он асарҳо аз пояи мазмуну мундариҷаи ин рубоии Хайрандеш барои ман дар мазмун баланд нахоҳад буд.

Мисоли дигар:

**Сари пореса қумрӣ дора қум – қум,**
**Ки номи ҷанг аз олам шавад гум.**
**Ба рӯи бомҳо як села қумрӣ,**
**Қуми қум, қум қуми қум, қум қуми қум.**

Ба шахси маърифатпарвар ва аз маънии шеър бохабар маълум, ки шоир шеърро ба дилу дидаи мардуми тоҷик чӣ наздику ширину гуворо мегӯяд. Ба қадру манзалат ва мазмуну мундариҷаи ин дубайтӣ, ки оиди ситоиши сулҳ аст, асари дар мазмун аз ин баланд офаридан амри муҳол аст.

Ҳар кӣ ба ин даъво дар ҳаққи ман чӣ ҳукмро раво бинад ман ба он розиям ва эълон медорам, ки ҳар кадоми ин пораҳои шеърии Хайрандешро ман аз аксар қиссаву роману достонҳо баландтар ҳисобидааму меҳисобам.

Гузашта аз ин Худо ба Хайрандеш он қадар табъи шеърро раво донистааст, ки шеърҳои раҳораҳ эҷод кардаи ӯ аз саросари осори адибони номдору ҷоизаву манзалат дошта мазмуну мундариҷаи баландтареро соҳибанд.

Аҷиб ин аст, ки аксар шеърҳои Куллиёти шоир пеш аз ба чоп расидан дар дидаву дил ва хотири мардум менишинанд, азёд шудаанд ва мардум ҳар рӯзу соат онҳоро замзама мекунад.

Девони шоирро гаштаю баргашта мутолиа мекардаму дилам ба ҳоли шоир месӯхт. Онқадар месӯхт, ки гуфтан надорад, зеро аз ҳаёту зиндагӣ, барорҳои эҷодӣ ва ҷавонмардию камбудиҳои дар ҳаёт доштаи ӯ огаҳӣ доштам.

Ба ҳама маълум, ки дар олам танҳо як худи Парвардигор бегуноҳ аст. Дигар ҳамаи мо ба қадри хеш гунаҳ дорем.

Дар Қурғонтеппа Хайрандешро ғунҷонида натавонистанду ӯ барои зиндагӣ ба шаҳри Душанбе куч баста, аз набудани манзили истиқоматӣ се сол, балки беш аз он иҷоранишин, дар ба дари мардум рӯз мегузаронид.

Ва ҳар рӯзу соат аз пайи офаридани шеър, ҳама мушкилро дар дилу ҷисму ҷон бардошт карда тавониста маҳфил меорояд, асарҳои ноб меофарад.

Воқеан, Хайрандеш дар ҳама вазъу ҳол, ҳама умр думболи шеър аст. Дар ҳаёт аз шеър волотар кору манзалате барои ӯ вуҷуд надорад. Шояд асос ҳамин аст, ки шеърофариро бо ҳама нозукиҳо

медонад, шеъри ӯ назар ба дигарон шириннамактар аст, офаридаҳои ӯ маззаву лаззати нону кулчаи ширмоли тануриро доранд, ки модари тоҷик дар тӯйи шаҳу арӯсии фарзандон ба ҳазорон умеду орзӯҳо мепазад. Ба ростӣ, ки мазмуну мундариҷаи шеърҳои ин адиби нотакрор дигару дигар аст. Шеърҳои ӯ мақбули хурду калон, оммаи мардуми тоҷику тоҷикзабони дунёст.

Мулоҳиза кунед, ки беш аз сад шеъри Хуйрандешро бастакорони маъруфи тоҷик оҳанг баста, сароянда ва ҳофизони номӣ дар радиою телевизион ва маъракаю ҷашну кунгураҳо месароянд. Месароянду шунавандагон аз форамии оҳангу мазмуни баланди сурудҳо лаззат мебаранд, аз кӯдаки хурд то вакилону вазирон ҳама дар зери садою навои суруди офаридаи ин шоир, ҳузуру ҳаловат мебаранд, аз шодию сурур ба ваҷд омада дастафшону покӯбон ба рақс медароянд, вале ҳасрату ҳайфу дареғо, ки аз рӯзгору мушкилоти зиндагии шоир касе парво надорад.

Ба қавли Лоиқи бузургвор:

**«…Ҷаҳон парвои пайғомбар надорад.»**

Рӯзеро ёд надорам, ки аз симо ва садои мамлакат ровие, сарояндае суруди ин шоири шаҳирро замзама накунад. Ҷашну маъракаеро наметавон номбар кард, ки дар он ҳофизон сурудҳои ноби Хайрандешро бо камоли майл иҷро накунанд.

Куҷост шоири дигари тоҷик, ки мисли Хайрандеш шеъраш чунин мақбулу писанди мардум гардида бошад?

Ҳама офаридаҳои Хайрандеш моломоли меҳри ватану ватандорӣ ва сифатҳои неки миллати тоҷиканд.

Дастам мерасид мани волаю шайдои шеър танҳо барои суруди «Ҳинобандон» - и шоир, ки суруди аввалписанди имрӯзу минбаъди давру замонҳои мардуму миллати тоҷик ва тоҷикзабонони олам хоҳад буд, дар зиндагӣ ба шоир ҳайкал мегузоштам, вале …

Беҳуда нест, ки шеъру китобҳои шоир ҳамеша даст ба даст, вирди забони хурду бузурги тоҷик аст.

Дар боби «Тоҷиксолор» -и Куллиёт шоир 108 рубоии хешро ба Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бахшидааст ва бояд хотиррасон кард, ки ба ғайр аз ин дар аксар офаридаҳояш Хайрандеш ба ин шахсияти дар ҳақиқат арзанда, асарҳои баландғояи зиёде меофарад.

Барои исботи фикр аз ҳама он офаридаҳои шоир танҳо рубоии охирини ба Ҷаноби Олӣ бахшидаашонро манзури хонандагон мегардонем:

**Эмомалиё, ки нек дорӣ пиндор,**
**Гуфтори накуву нек дорӣ рафтор.**
**Тоҷ овардӣ ба тоҷик, эй тоҷтабор,**
**Тоҷовари тоҷдорӣ Тоҷиксолор.**

Чунон ки таъкид рафт, бад ин мазмуни олӣ шоир аз шеъри тиллоии хеш Президенти кишварро ҷомаи зарҳалин пӯшонидааст.

Шоир дар « Муборак бод!» ном шеъраш фармудааст:
**...Ба тоҷик дод ӯ миллат, ба тоҷик дод ҳам даврону ҳам давлат,**
**Ба тоҷик дод баски Тоҷикистонро амону солиму озод.**
**Ба Қурғонтеппа меояд шаҳи соҳибқирон, ё Раб! Қадамҳояш,**
**Муборак бод! Муборак бод! Муборак бод! Муборак бод!**

Ҳангоми мутолиаи Куллиёти шоир дар саҳифаи 53 - 54 чашмам ба сурати санги мазори падари Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон афтоду байти Хайрандешро, ки рӯи санг катиба шудааст, мутолиа кардам:

**Падар осуда хоб, обод гӯрат боду рӯҳат шод,**
**Ки нури ҳар ду чашмонат ба мардум рӯшноӣ дод.**

Хушбахтиамро ҳадду канор набуд. Гуфтам, шукри Худову Хайрандеш! Чӣ хубе, ки аз эҷоди ҳама шоирони гузаштаву имрӯзаи тоҷик суханшиносони замон маҳз байти Хайрандешро барои катибаи санги рӯи гӯри падари сарвари давлат муносиб донистаанд.

Бо ҳамин шодӣ Куллиётро варақ гардонидаму дар саҳифаи дигар сурати санги мазори модари Ҷаноби Олиро дидам. Чӣ хубе, ки дар рӯи санги мазори модари Президент низ байти Хайрандешро хондам:

**Дод шоҳеро ба миллат, фазли ӯ оламрас аст,**
**Ин сарафрозӣ барои модари тоҷик бас аст.**

Дар варақи муқобил « Модари тоҷик» ном шеъри шоирро ҷо додаанд, ки матлаи он бо ҳамин байт сар шудааст…

Баъди мутолиаи шеърҳо ва огаҳӣ ёфтан аз ин ҳол фикру хаёлам аз нав ба зиндагии шоир банд гардид.

Ҳабибулло Файзуллои зиндаёд дар вақташ беҳуда моро ҳушдор надода будааст:

**Афсӯс, ки мо зиндабузургон нашиносем,**
**Он вақт шиносем, ки гуянд куҷо шуд.**

Кошкӣ Худо ақлу фаросатамро ками кам мекард, ки аз таззоди ҳодисаю воқеа ва хулосабарориҳои зиндагӣ, надонистани қадру манзалати шоир ин қадар намесӯхтам.

Медонистам ва огоҳ будам, инчунин дар Куллиёт ҳолати зиндагии нобасомони ҳаёти худро шоир махсусан дар саҳифаҳои 225 - 226 дар шеърҳои «Фотима ва Зуҳро», «Ҳасан ва Ҳусайн» бо сӯзу гудоз шарҳ додааст, ки кас баъди мутолиаи ин шеърҳо аз сӯзи дили хунчакони Хайрандеш огоҳ мегардад.

Тасаввур кунед, ки шоири бе хонаву дари иҷоранишин, дар он рӯзҳои сангину мушкили ба сари миллати тоҷик омада дар диди хаёлии ман ҳоли гурбаеро мемонд, ки дар чиллаи зимистон бо умеди талаф наёфтани бачаҳояш ҳар яки онро ба дандону даҳонаш гирифта аз кулбае ба каҳдон, аз каҳдон ба оғилхона ва аз

он ҷо ба ҷойи дигар чилла мегардонад, то фарзандонашро аз марги яқин бираҳонад, вале аҷали бераҳму бешафқат дар ҳама ҷо думболагири ӯ буд. Ба қавле
«Азроил  парвои бачаи мардум надошт!»

Дареғо, ки шоири баргаштабахт дар он давраи ҳаёти нобасомони зиндагӣ  аввало дар айёми тифлӣ ҷигарбандонаш Фотимаю Зуҳро ва минбаъд Ҳасану Ҳисайнро аз чанголи марг раҳонида натавониста будааст …

Кучо будам ману ту, кучо будем мову шумо суханварону суханшиносони замон, ғамхорони миллат, ҳаводорони шеъри нобиХайрандеш,ҷавонмардони баҳимати давру замон, то тавониста бошем, ки фарзандони ҷигарбанди шоири миллати хешро аз чанголи марги яқин наҷот  бидиҳем, дар он рӯзҳои мушкили ҳаёт аққалан ғамшарики дили  шикаставу хулбути шоир бошем?

Дар он давраҳои мудҳиши рӯзгор кӣ буд дар канори шоир?  Кӣ буд ғамгусори шоир? Кӣ буд такядори шоир?
Дареғо, ҳеҷ кас!

Ҳайфо, ки мо ҳама умр пайи қонеъ намудани нафси ҳароми худ аз пайи ба даст овардани луқмае барои манфиати хеш саргардонем.

Аз ин рӯ, дирӯзу имрӯзу фардо кӣ парвои шеъру шоир дорад?
Магар ҳамин аст ақлу тамизу фаросати мо ворисони миллати соҳибтамаддуну соҳибдавлату соҳибмаърифату тоҷиксолорони ориёитабор?!

Ин ҳама ғаму ғамҳои рӯзгор як тараф буданду ғами бесоҳибию бехонагию бечорагӣ, гарданкаҷии дари хонаи мардум будани шоири шаҳиру азизу тавонои миллати тоҷики тоҷдор, як тараф,  ки он вақту он замон  ғами ӯ на ин ки дар дилу ҷони дардманди шоир, балки дар ҳама олам намеғунҷид …

Баъди мутолиаи абёти шоир ва пеши назар овардани қисмате аз рӯзгори нобасомону ба қадру манзалати шоир нарасиданҳо  худ ба худ меандешам;

Мо, ки дирӯзу имрӯзу минбаъд қадри нобиғаи шеър Бозор Собиру Лоиқро надонистем, намедонем, ки аз ин кирдорамон ҷойи гурез надорем. Фардо, яқин пас аз ҳафтаву моҳ ва соле, баъди пур гардидани паймонаи умрамон  хоҳу нохоҳ байти нобиХайрандеш чун рӯи санги садҳо мазори тоҷик, санги мазори мову шуморо низ зебу оро хоҳад дод…

Чи хурду чи бузург мо, ки ба қадри Бозор Собир, Лоиқу Хайрандеш барин  шоирони хеш то ҳол нарасидаему намерасем, пас бигӯед, ки мову шумо чӣ одамем ва аз кадом қавму чӣ миллатем?!

X X X

----------------------------

## Бузкашии 2

Дар аввали омад-омади тирамоҳи соли 2013  хушбахтона, маҷмӯаи қиссаву ҳикоя ва очерку хотираҳоямро дар ҳаҷми 420 саҳфаи чопӣ бо номи «Орзуе то ҷовидон» бо муқоваи ғафсу зебо аз тарафи соҳибкор Толибҷон Қаюмов дар шаҳри Кӯлоб аз чоп баровардам.

Ҳарчанд бо панҷ ҳазор сӯм - маблағи ҷудо намудаи раиси шаҳр Абдуғаффор Раҳмонов ҳамагӣ 200 адад китоб чоп шуда буд, ба ҳар ҳол меҳнатҳоям рӯи қоғаз омаданд. Аз ноилоҷӣ, ба ҳамин ҳам шукр гуфтам. Андешидам, ки баъди солҳо асарҳо ба мардум маъқул афтанд, ёфт мешавад шахси бамаърифате, ки китобро дубораву себора аз чоп барорад ва шояд адади нашр ҳам зиёд гардад.

Дар китоб дар қатори асарҳои бадеӣ очеркҳоямро низ ҷо додаам, ки аз ҳаёти мардуми диёр буданд ва фикр кардам, ки вақтҳои охир дар саҳифаҳои матбуот касе ба очеркнависӣ машғул нест ва ин шакли маъмули журналистӣ аз байн рафта истодааст. Воқеан, он чи қаламкаш дар шакли очерк рӯи қоғаз меорад, дар дигар шаклҳои адабию рӯзноманигорӣ фикрро баён кардан ва офаридани образи шахси тасвиршаванда ғайри имкон аст. Дар оянда қаламкашони наврас аз омӯхтани ин шакл бенасиб мемонанд. Яъне мани сода ғами имрӯзу фардои миллатро хӯрда дар ин китоб аз ҳаёти ҳамзамонон ва касони дар зиндагӣ хизмат карда баъзан маводҳоро дар маҷмӯа ҷо дода будам.

Чун китоб дар шакли зебо аз чоп баромада буд ва раиси шаҳр аз он бохабар буданд, маслиҳат доданд, ки ба наздикӣ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи рӯзҳои пешазинтихоботашон ба Кӯлоб меоянд ва хуб мешавад, ки ба он кас  китоб тақдим намоем.

Раис инчунин аз романи «Масъуди сипаҳсолор»-ам низ бохабар буданд ва маслиҳат доданд, ки ҳам китоби ба тозагӣ аз чоп баромада ва ҳам «Масъуди сипаҳсолор»-ро ба президент тақдим кунам, кори нек мешавад. Гапи раисро нагирифта намешуд, зеро маҳз бо ёрии он кас китоб рӯйи чопро дида буд.

Шояд раис аз монеаҳои ба ин кор садди роҳ шаванда бехабар буданд ва худи ман ҳам, ки солам ба ҷое расида буд, чӣ медонистам, ки барои тақдим кардани китоб ба президенти кишвар  ба ин қадар мушкилу кашмакашҳо, бузкашиҳо, рӯ ба рӯ мегардам. Ба Худо қасам ин монеаҳо бузкашии рӯйи ростро мемонд. Агар пеш аз ин чунин вазъро медонистам, аз барои  Худо аз баҳри ин кор мебаромадам.

**Ман нома ба номи кас накардам,**
**Инъоми касе ҳавас накардам.**

Ин байти Низомии бузургвор шиори ҳамаумраи ман аст ва баъди таклифи раис фикр кардам, ки ба президент китоб тақдим кардан чӣ бадӣ доштааст? Аз як тараф чун барги сабзе меҳмон китобҳоро бо худ мебарад. Вақти мутолиа  наёбад, китобҳоро ақалан варақгардон мекунад, то бидонад, ки нависандаи деҳот чӣ менависад ва  киҳоро дар китобҳо тасвир кардааст. Баъд, ёфт мешавад каси ба қадри маърифат мерасидагие, ки навиштаҳоямро мутолиа кунад.

Бо мақсади тайёрӣ ба он рӯз аввал бузкашии кормандони ҳукумат сар шуд. Яъне рӯз дар миён мисли ман кам не, бист нафар толибилмону муаллимаҳо ва дигар кормандони  муассисаву ташкилотҳои шаҳрро дар бинои ҳукумат

ҷамъ оварда, баромадҳоямонро, ки дар ҳузури президент бояд тӯтивор азёд мехондем, аз назар мегузарониданд, то он ҷо саҳву хатое содир накунем.
Хушбахтона, ба ин кор шоир Сулаймон Султонро, ки корманди шӯъбаи фарҳанги ҳукумат буданд, вобаста карданд ва Сулаймон ҳама бурду бохти маро медонист, ҳар рӯзу соат дар ҳаёт ҳамроҳам буд.
Ӯ дар соати зарурӣ ҳамаи моро ба толоре ҷаъ меовард ва намояндаи аз мо дар маърифат як сару гардан гӯйиё баланд, нутқамонро мешунавид, камбудиҳоро ислоҳ мекард ва ба ҳар кадомамон эродҳо мегирифт.
Дафъаи аввал ҷонишини раиси шаҳр Зулайхо Комилова, баъд худи раис Абдуғаффор Раҳмонов нутқу баромадҳоро аз назар гузаронида, таъкид доштанд, ки дар назди президент ҳатман бе қоғаз бояд суханронӣ кунем.
То ин вақт маълум, ки аксар иштирокчиён баромадҳояшонро, дар қоғаз рӯбардор карда, ба дасти Сулаймони шоир супорида буданд ва раису ҷонишин ба ҳар як баромад ислоҳи худро дароварда, таъкид доштанд, ки матнҳоро ҳарчи кутоҳ, аз рӯи нишонд азбар карда, тӯтивор буррою фаҳмо ва бо лафзи ширини тоҷикона хонем.
Ду ё се рӯз аз байн нагузашта, боз ба бинои ҳукумат даъватамон карданд ва гуфтанд, ки ҷонишини раиси вилояти Хатлон, мӯҳтарама Ситора Шерова махсус барои шунидан ва ислоҳи баромади мо омадаанд ва имтиҳонсупорӣ аз нав оғоз ёфт.
Аз хонанда маъзарат мехоҳам, то барои муфассал баён кардани ҳодиса дар бораи Ситора Шерова маълумот диҳам.
Ин зани шояд дар айни ҷавониашон зебою хушандом ва ин дам солашон андак рафта ва ҳуснашон коҳидаи соҳибмансабро пеш аз ин мешинохтам. Се сол пеш, вақте ки Ситора Шерова аз раисии ноҳияи Варзоб ба мансаби ҷонишини раиси вилояти Хатлон таъин гардида буданд, барои гузаронидани кадом чорабиние бори аввал ба шаҳри Кӯлоб омаданд.
Он рӯз аз пайи коре саргардон, дар майдони назди бинои ҳукумат бинам ҷонишини раиси шаҳр Зулайхо Комилова ҳамроҳи кадом зани бо сару либоси олуфтанамо якҷоя аз бинои ҳукумат баромаданду Зулайхо маро бо он зан шиносонида гуфтанд, ки ин шахс нависанда Сайид Раҳмон аст.
Ситора Шерова бо нуги панҷа бо ман вохӯрии хоҳам нахоҳам карда ба мошини бидавашон савор шуда аз пайи коре рафтанд.
Дар идораи рӯзномаи «Кулябская правда», ки ҳамагӣ чанд қадам аз бинои ҳукумати шаҳр дур аст ва ҷои корам буд, китоби « Масъуди сипаҳсолор» доштам ва андеша кардам, ки ин мансабдори ҳукумат нав ба сари вазифа таъин шудааст ва романамро чун барги сабзе ба ӯ тӯҳфа кунам, нахонад ҳам, шояд варақ мезанад. Аз тарафи дигар, чун ҷонишини раиси вилоят ба фарҳангу адабиёт вобастаанд, як рӯз некиашон ба ман хоҳад расид.
Ба идора омадам ва аз мизи кориам романро гирифта ба номи Ситорамо Шерова соядаст навишта рафтам ба бинои ҳукумат, ки хушбахтона ҳамроҳи Зулайхо Комилова баргашта омаданд ва дар ҳамон майдони назди бинои ҳукумат китобро ба дасти Ситора Шерова дода, гуфтам:
- Раиса, баъди ба мансаби ҷонишинӣ таъин шуданатон бори аввал ба Кӯлоб омадед ва гуфтам дасти холӣ ба Қурғонтеппа наравед, китоби навиштаамро ба шумо тақдим овардам.

Раиса хурсанд китобро аз дастам гирифтанд.
Аз байн ду сол сипарӣ шуду дар ин миён барои чопи маҷмӯаи нави қисса ва ҳикояҳоям ба унвони раиси вилоят Ғайбулло Афзалов барои чопи китоб бо мактуб муроҷиат карда, ёрию мадад пурсидам ва баъди ду моҳ бо имзои ҳамин мӯҳтарама Ситора Шерова қоғази ҷавобӣ гирифтам, ки дар он аз ёрӣ расонида натавонистанашон изҳори ақида карда буданд.
Алам дар дил ба куҷо муроҷиат карданамро надониста, худро барои чопи китоб ба дару дарборҳои дигар задам ва хонандаи закитабъ нағз медонад, ки то мақсадам иҷро намешуд ман бо осонӣ ҷон додан намехостам.
Халқ таъбире дорад, ки «Барои фарзанд маҷбур шуда ба хонаи хук меравӣ» ва ман низ барои чопи асарҳоям, ки ҳар кадомро баробари фарзандонам меҳисобам чӣ рӯзҳоро аз сар гузаронидаам, худ медонаму Худое, ки маро ҳаст кардааст…
Дар ин миён зимистоне барои ташфиқи кадом дастуру ҳидоятҳои президент маро ба гурӯҳи ташфиқотӣ ҳамроҳ карданд, ки аз рӯи рӯйхати аз ҳукумати вилоят пешниҳод гардида ҳамроҳи Мирзо Бекматов – раиси собиқадорони ҷангу меҳнати минтақаи Кӯлоб, бояд ба ҷамоати «Бобоюнус Худоидодзода»-и ноҳияи Темурмалик мерафтем.
Ҳамаи аъзоёни гурӯҳҳоро дар бинои хадамоти дар шаҳри Кӯлоб будаи раиси вилоят ҷамъ карда, бояд дастур медоданд ва баъди таъкиду ҳидояти сарварон ба ҷойи муайян ба сафар мебаромадем.
Дар маҷлисгоҳ, тахмин панҷоҳ нафар одами ҷамъомада, дар минбар Ситора Шерова ҳамроҳи намояндагони ҳукумати шаҳр дар курсиҳои мулоим ҷо гирифта, аз руйхати дар дасташон буда гурӯҳҳоро ҷо ба ҷо муайян мекарданд.
Ва Ситора Шерова ҳангоми хондану муқаррар кардани аъзоёни гурӯҳ хонданд:
- Аъзамов Хурсанд - муаллими Донишгоҳи Кӯлоб, ҳамроҳи шоир Алимуҳаммад Муродӣ, ба ҷамоати «Пахтакор»-и ноҳияи Восеъ бояд бираванд.
Муаллим Аъзамов, ки ин ҷо ҳузур доштанд, аз рӯи одоб аз ҷо бархостанд, вале аз шоир Алимуҳаммад Муродӣ дараке набуд. Пас ҷонишини раиси вилоят пурсид;
- Кӣ мешиносад Алимуҳаммад Муродиро? Аз кадом ноҳия аст?
Аз афташ шоирро ягон нафари инҷо нишастагон намедонистанд, ки ҳама хапу хомӯш буданд. Ман, шоирро хуб медонистам. Ин лаҳза маҷбур будам ҷавоб гӯям ва гуфтам;
- Алимуҳаммад Муродӣ, шоири камбағал, дар маркази ноҳияи Ҳамадонӣ зиндагӣ мекунад.
Тарзи ҷавоб ба Ситора Шерова нафорид, ки аз чашм айнакҳояшро гирифта сӯям хунукназарона нигарист, вале шукр, ки ҳарфе нагуфта хондани рӯйхатро давом дод. Баъди муайян кардани ду гурӯҳ боз хонд:
- Куганов,- муаллими Донишгоҳи Кӯлоб ҳамроҳи нависанда Раҳими Рафеъзод.
Муаллими Куганов аз ҷо бархост, вале аз Раҳими Рафеъзод хабаре набуд, ки ҷонишини раис пурсид:

- Ин нависандаи Раҳими Рафеъзодаша кӣ мешиносад? Нома бину!
Андеша кардам, ки шинохтану донистани шоиру нависандагон вазифаи ҷонии ҷонишини раиси вилоят Ситора Шерова аст ва он касро ба ин вазифа ба мақсаде таъин карданд, ки аз ҳоли қаламкашон бохабар бошанд, дар сурати зарурат ёрию мадад расонанд. Раиса зиёда аз ду сол боз дар курсии мансаб савлат меронанду ҳатто Алимуҳаммад Муродӣ барин шоири тавоно ва Раҳими Рафеъзоди нависандаи забардастро намешиносанду намедонанд.
Аламамро ноилоҷ фурӯ бурда будам, ки ҷонишини раис пурсид:
- Кӣ мешиносад ин Раҳими Рафеъзода? Ва ба танбеҳ илова кард:
- Нома бину!
Аз касони дар толор ҳузур дошта касе ҷавоб надод. Маҷбур шуда гуфтам:
- Раҳими Рафеъзод, нависандаи дардмандест, дар деҳаи Кадучии ноҳияи Восеъ умр ба сар мебарад.
- Ту кийӣ, ки ҳама шоиру нависандаҳоро медонӣ?!- ба алам пурсид Ситора Шерова ва гӯйӣ ин лаҳза осмон ба сарам фуруд омаду ҳарчи бодо бод гуфтам:
- Ман ҳамон нависандаеам, ки баъди ҷонишини раиси вилоят таъин шуданатон ва ба шаҳри Кӯлоб бори аввал омаданатон ба шумо романи «Масъуди сипаҳсолор»-амро чун барги сабз тақдим карда будам ва шумо то ҳол онро нахондаед.
Ранги рӯйи раиса мисли пахта сафед шуд, вале дигар ҳарфе гуфта натавониста, сар ба зер афканд, ки хаёлам пешонии муборакашон ба мизи ялақосӣ бархӯрд.
Аҳли толор чӣ андеша дошт маълум…
Имрӯз ҳамон ҷонишини раиси вилоят Ситорабону Шерова аз касони дар назди президент баромад мекардагӣ имтиҳон қабул мекард.
Понздаҳ нафар баромадкунандаро мутасаддии ҳукумат, шоир Сулаймон Султон дар толоре ҷамъ овард. Ҷонишинони раиси шаҳру вилоят Зулайхо Комилова ва Ситора Шерова дар рӯ  ба рӯйи мо нишастанд ва мо ба навбат баромад кардем.
Аввалин шуда муаллимаи мактаби №7-и шаҳр, модари 11 фарзанд Ойҷонбӣ Мирзоева аз номи модарони Кӯлоб баромадашонро тӯтивор қироат карданд ва Ситора Шерова баъди бодиққат гӯш кардан таъкид доштанд, ки баромад аз нисф кутоҳ карда шавад. Баъд гуфтанд, ки  муаллима дар рӯзи баромад ҳатман рӯймоли сафед ба сар дошта бошанд.
Баъди муаллима боз муаллимаи мактаби № 22 Нигорбӣ Алиева, донишҷӯ Бахтовари Диловар, донишҷӯи омӯзишгоҳи омӯзгорӣ Ҷононаи Бобохон паи ҳам баромадашонро азёд хонданд ва ба ҷонишинони раисон  баромадҳо маъқул афтод.
Ба ҳар ҳол имтиҳонгирандагон баъди ҳар як баромад эродҳо гирифта мулоҳизаашонро таъкид доштанд. Маълум, ки Ситора Шерова аз Қурғонтеппа, дусад километр роҳро тай карда омада бояд гапе бигӯяд.
Навбати ман омаду ман низ мисли дигарон баромадамро дар назди имтиҳонгирандагон тӯтивор хондам.

- Устод, баромадатон нағз,- гуфт Ситора Шерова ва рӯҳам болид, ки раиса дар дил кина нагирифта будааст, дар дигар сурат метавонист маро аз баромад кардан дар назди президент маҳрум гардонад.
- Устод, чӣ мешавад, ки шумо дар бораи сели Кӯлоб чанд калима гап занед. Баъд чӣ бадӣ дорад, ки дар баромадатон гӯед, ки дар бораи ҳаёти Шумо Ҷаноби олӣ китобе навишта истодаед.
Ин хоҳиши Ситора Шерова буд ва ман ба ҷуз аз даст пешти бар гирифта хомӯширо риоя кардан илоҷи дигаре надоштам.
- Баромадатон аз 6 дақиқа зиёд аст,- ба такрор гуфт ҷонишини раис ва илова кард:
- Ихтиёран, худатон кутоҳ кунед, ки аз панҷ дақиқа зиёд нашавад, хуб?
- Хуб шудааст, раиса, гуфтам дар навбати худ.
Баъди ман боз ҳафт нафари дигар баромад карданд ва имтиҳон аз аввал то ба охир тахмин якуним соат давом кард.
То омад- омади президент ба шаҳри Кӯлоб як ҳафтаи дигар боқӣ
монда буд ва гуфтем имтиҳонгирӣ шояд ба охир расид, ки не. Баъди як рӯз Сулаймони мутасаддӣ боз моро дар маҷлисгоҳи хурди ҳукумат ҷамъ оварда таъкид дошт, ки раиси шаҳр аз Ховалинг донишманди соҳибтаҷриба Зафари Мирзоёнро даъват кардааст ва он кас шуморо имтиҳон мегирад.
Ҳама дар ҷои худ нишаста интизор истодем, ки ба наздамон Зафари Мирзоён не, собиқ вазири маориф Абдуҷаббор Раҳмонов, ки ин вақт директори Донишгоҳи ба номи устод Айнии шаҳри Душанбе буданду бародари раиси шаҳранд ва шояд ба хабаргирии падари бузургворашон омада будаанду бо таклифи раиси шаҳр як сари қадам ба ин ҷо ташриф оварданд. Ин лаҳза ба толор даромада, баъди саломи ҳолпурсӣ ба имтиҳонгирӣ шурӯъ карданд. Ва чӣ мегӯед, ки ин донишманди солҳо ҳамроҳи президент дар маъракаҳо иштирок карда, ҳамаи 15 нафар баромадкунандаро чунон ба бузакбозӣ андохт, ки гуфтан надорад. Сараввал модари бечора Ойҷонбӣ Мирзоеваро эрод гирифта, аз ҷумлаҳои аввалинашон хап доронданд ва гуфтанд, ки бо чунин лаҳни гуфтугӯ ва тарзи талафуз дар назди президент баромад кардан ҳеҷ мумкин нест. Таъби президент он қадар нозук, ки бо ин сару либосу тарзи гуфтор ҳамаро шарманда мекунед.
Муаллима аз муомила ва суханҳои собиқ вазир сахт ранҷида бошанд ҳам дигар ҳарфе нагуфта, ҳама аламашонро дар дил нигоҳ доштанд. Танҳо аз сурхшавии ранги рӯ ва хира гардидани табъашон маълум буд, ки зан аз чунин муносибат хафа шуданд.
Айни имтиҳонгирию сӯҳбат Зафари Мирзоён вориди толор шуданд ва хилват ба курсие ҷо гирифта рафти имтиҳонгирии собиқ вазири маорифро гӯш карданд.
Вазир қоғазҳои баромадкунандагонро аз дасташон гирифта назди Зафари Мирзоён гузоштанд ва таъкид карданд, ки аз назар гузаронида ислоҳот дароранд, то минбаъд табъи дили соҳибмаърифатон бошанду дар симои баромадкунандагон мардуми Кӯлоб шарманда нашавад.
Зафари Мирзоёнро солҳо боз мешинохтам ва ин марди соҳибмаърифатро аз афташ раиси шаҳр хоҳиш кардааст, ки барои тайёр ардани нутқи касони

дар назди президент баромад мекарджагӣ аз Ховалинг ба Кӯлоб омада буданд ва ин лаҳза аз муносибату рафтору гуфтори собиқ вазир огоҳ гардида дуд аз димоғашон баромада буд, вале чун каси зиндагидида, ҳарфе ба забон наоварда тинҷу ором менишастанд.
Кадом ҷавони донишҷӯе ба баъзан фикрҳои собиқ вазир розӣ нашуданд, ки вазир ба қаҳр гуфт:
Мефаҳмед, ки шумо ҳамаатон барои мо робот ба ҳисоб меравед. Мо чӣ мефармоем ҳамонро бояд иҷро кунед! Васаллом, фаҳмидед?!
Ҳама имтиҳонсупорандагон дар толор хапу хомӯш буданд. Азҷумла ман низ, зеро собиқ вазирро нағз медонистам, ҳама авлоду аҷдодашонро хуб мешинохтам, аз бурду бохташон огаҳӣ доштам, зеро хонаи онҳо як деҳа аз деҳаи зисти мо поён воқеъ аст ва баъди чунин гуфтаҳо ба мард чӣ ҳам мегуфтам?
Ба қавле истинтоқи собиқ вазир баъди соате поён ёфту он кас баромада рафтанд ва Зафари Мирзоён ҳамроҳи баромадкунандагон монданд. Баъди бо Зафар вохӯрдану ҳолпурсӣ дигар тоқат накарда гуфтам, ки ин тарз ба хоки кӯча баробар кардани шахсони баромад мекардагӣ аз рӯи одобу ахлоқ нест. Охир ин мардум ҳамагӣ касони соҳибмаълумотанд ва ду – се ҷумлаи дар назди президент мегуфтаашонро хуб медонанд. Дар баромадҳо ҷое хатою саҳв бошад, онро дуруст карда, бо муомилаи боодобона корро анҷом додан лозим аст.Ҷаноби собиқ вазир ҳамаро ба хок яксон кардаву сари қаҳр баромада рафтанд.
Ба ҷонишини раиси шаҳр Зулайхо Комилова, ки инҷо ҳузур доштанд, низ гуфтам, ки дар назди президент баромад кардани 15-20 нафар шарт нест. Аз ин миён 4-5 нафари арзандаро ҷудр карда баромадашонро аз назар гузаронед кифоя будагист.
Як моҳ боз ин мардумро сарсону саргардон карда, имрӯз як роҳбари бомаърифат онҳоро аз назар гузаронида истинтоқ мекунад, пагоҳ дигараш супориши авваларо инкор карда, ба навиштаи баромадкунанда ислоҳоти худро медарорад.
Зулайхо Комилова хоҳишамро тасдиқ карда сар ҷумбониданду бо ҳамин ҳама ба хонаҳои худ рафтем.
Димоғи Зафар аз чӣ сӯхт, ки рӯзи дигар ҳамроҳи баромадкунандагон кореро ба сомон нарасонида баргашта ба Ховалинг рафтанд. Аз рӯи эҳтиром ба ман занг зада аз рафтанашон хабардорам карданд, то малоли хотир нашавам.
Рӯзи дигар мудири шӯъбаи итилоотии раиси вилоят Амиршо Раҳимов, ки бо тахаллуси Амиршоҳи хатлонӣ гоҳ - гоҳ шеър менаисад ва китобҳо низ чоп кардааст, ба Кӯлоб омаданд ва мутасаддии мо баромадкунандагон Сулаймони шоир занг зада таъкид карданд, ки соати се ҳатман дар бинои ҳукумат, ошёнаи дуюм, ба ҳамон толори хурд ҷамъ оем, ки аввал Амиршои хатлонӣ имтиҳон мегиранд ва баъд агар раиси вилоят Ғайбулло Афзал, вақташон кифоя бошад баромади моро гӯш мекардаанд.
Амиршо бо ман шиноси дерина буданд ва аз ин ки ман дар назди президент баромад карда, ба он кас китоб тақдим мекардаам, хурсанд шуданд.

Амиршо аз байни баромад мекардагиҳо аввалин шуда маро гӯш кард ва таъкид дошт, ки дар бораи сафари Афғонистонам бо мақсади навиштани роман гап назанам, зеро ба президент чунин гуфтор маъкул намешавад.
Зулайхо Комилова, ки инҷо ҳозир буданд, хотиррасон карданд, ки дирӯзу пеш аз ин ин гапро ба ман гуфтаанд, вале мани саркаш ба гапашон гӯш накардам.
Ман ба ҷуз аз даст пеши бар гирифта хӯш гуфтан дигар ҳарфе нагуфтам.
Он рӯз то бевақтӣ раиси вилоятро интизорӣ кашидем, вале он кас наомаданд.
Аз миён як рӯз нагузашта Сулаймони бечора боз ба ҳар кадом баромадкунанда ба воситаи телефон алоқа карда, моро ба толор ҷамъ оварданд ва чӣ мегӯед, ки ин дафъа ҷонишини сарвазири Тоҷикистон Қурбонова Руқия Атоевна аз шаҳри Душанбе саргардон шуда ба Кӯлоб ба имтиҳонгирии мо омада будаанд.
Мани нависандаи солам ба 72 даромада аввалин шуда назди ин ходимаи олимақоми давлатӣ баромад кардам ва баромадам ба Руқия Атоевна маъқул шуд, ки даст бардошта гуфтанд;
- Устод, баромадатон ягон камбудӣ надорад. Метавонед дар толор шинед ва ё хоҳед ба хона равед. Рӯз бегоҳ шудааст.
Рӯзи дигар Сулаймон Султон бо телефон хабари нохӯшам расонид, ки раиси вилоят номамро аз рӯйхати баромадкунандагон хат задааст. Яъне Амиршоҳи хатлонӣ ба Зулайхо Комилова занг зада хабар додааст, ки ба ғайр аз нависанда Сайид Раҳмон дигар баромадкунандагон дар рӯйхат ҷо карда шаванд.
Ба Амиршо занг зада вазъи ҳол пурсидам. Он кас гуфтанд, ки худи Ғайбулло Афзал номатонро аз рӯйхат хат задаанд. Гуфтанд, ки шоиру нависандагон баромад накунанд.
Андешидам, ки чӣ бадӣ доштааст ду ҷумла гап задану китоб тақдим намудан ба президент? Раиси шаҳр маро маҷбур кардааст, ки ин корро ба ҷо биёрам. Ба ҳар ҳол парвое ҳам надоштам ва андеша кардам, ки чӣ бадӣ дорад, агар аз номи худ ва мардуми Кӯлоб ба президент дигар чиз не китоб, яъне маърифат тақдим мекардаам?
Ягон шаш моҳ пеш аз ин дар расонаҳои хабарӣ, рӯзномаю радиои «Озодӣ» аз хараҷу мараҷи раиси ноҳияи Восеъ Султон Валиев маводи танқиддии сахте интишор дода будам, ки шояд ҳамон мавод сабаби аз раисии ноҳия озод шудани Султон Валиев гардида буд. Султон Валиев амакбачаи раиси вилоят Ғайбулло Афзал буданд ва дар он мавод аз хешутаборӣ ва аз мансаб истифода бурдани Ғайбулло Афзал низ сухан мерафт.
«Нарас ба арбоб, ки мезанад ба ҳар боб!» -гуфтаи халқ бесабаб набудааст ва имрӯз Ғайбулло Афзал ҷои ҷонамро ёфта аз ман қассос мегирифт.
Хостам раиси шаҳр Абдуғаффор Раҳмоновро дар ин хусус хабар диҳам, зеро худи он кас барои тақдими китобҳо таваҷҷӯҳ доштанд ва маро ба ин кор ташфиқ карда буданд, ки раис аз пайи корҳои тайёрии пешвозгирӣ буданд. Пас дар варақе аз раис хоҳиш кардам, ки барои баромад карданам шароит муҳаё кунанд ва қоғазро ба ёрдамчиашон додам, то ба раис расонанд.

Дар ин миён  Сулаймони шоир бегоҳие, ба ман занг зада гуфтанд, ки раиси вилоят Ғайбулло Афзал худашон ба Кӯлоб омада баромадкунандагонро аз имтиҳон мегузаронидаанд ва ҳатман бояд ба наздашон биёям. Ин вақт рӯз ба охир расида шом фаро мерасид ва ман  аз кор баромада ба хона раҳсипор будам. Ростӣ, ки солам ба ҷое расида парвои шӯҳрату мансабу вазифае надоштам ва ин қадар бесаранҷомии ҳокимаконро, ки ҳама барои аз сари мансабҳояшон нарафтан буд, дар сари пирӣ дониста, ба  онҳо нафратам меомад. Охир ҳар каси дар рӯи замин зиндагӣ мекардагӣ ору номус шаъну шараф доштанаш лозим.

Хонанда аз рӯи ҳунари нависандагиам бояд ба ман баҳо диҳад на аз рӯи лаганбардорию таъзиму тамаъзанӣ.

Баъди заҳматҳои чилсола ва аз ин ҳам беш китобҳои назмӣ ва насрии зиёдам аз чоп баромада буданд ва хушбахти олам будам, ки хонандагони нуктасанҷ чун адиб маро медонистанд ва иззатамро ба ҷо меоварданд. Аз ин дида барои нависандаю шоир бахти бузурги дигаре магар вуҷуд дошта метавонад?

Чӣ зарурат буд мани мӯйсафеди ҳафтоду дусоларо, ки барои шӯҳрати кадом як мансабдоре дар нисфишабӣ ба ҷои намозгузорӣ ва зикри Худоро ба ҷо овардан боз барои  имтиҳони чор калима гап дар назди раиси вилоят, ки касбу корашон аслан  духтури ҳайвонот асту дар тамоми ҳаёт вароқи китоби бадеие мутолиа накардааст, аз фаросати инсонӣ заррае баҳра набурда, бо мурари замони нобаҳангом сари қудрату вазифа омадааст, мани аз мактаби устодони сухан Рӯдакию Саъдӣ, Муҳаммад Иқболу устод Айнӣ ва Лоиқи бузургвор гузашта ҳар рӯзу соат  назди ин бефарҳангон имтиҳон месупорадаам?

Сулаймони шоири додарам, мехост, ки дар имтиҳони раиси вилоят иштирок кунам то ӯ номи маро дар рӯйхати баромадкунандагон ҷо диҳад, ки қаҳри ёғигиам омаду нарафтам.

Пагоҳи он рӯз Сулаймон гуфт, ки шаб мӯҳтарам Ғайбулло Афзал ҳамроҳи раиси телевизион Асадулло Раҳмон, Амиршову дигару дигарҳо то соати дувоздаҳи шаб баромадкунандагонро имтиҳон гирифтанд. Хато кардед, ки наомадед.

Гуфтам бало ба пасашон.

Рӯзи дигар бечораи Сулаймон, ки барои ман дилаш чун бародар месӯхт, телефон карда таъкид доштанд, ки ҷонишинони раиси вилоят Ситора Шерова, Зулайхо Комилова интизорӣ доранд, ки ҷонишини сарвазири Тоҷикистон Руқия Қурбонова  аз нав ба Кӯлоб меоянду аз шумо имтиҳони охирин мегиранд.

Ин дафъа бо худ ҳамроҳ овардани китобҳои тақдим мекардагӣ, маҷмӯаи қиссаву ҳикоя ва хотираҳоям, ки ба он «Орзуе то ҷовидон» ном ниҳода дар муқоваи китоби 420 саҳифагӣ расми президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро дар сӯҳбати мӯйсафедони барнодили Кӯлоб ҷой дода будам, бо романи  600 саҳифагии « Масъуди сипаҳсолор»-ам овардам ва чӣ мегӯед, ки дар назди занони мансабдори замон аввал номамро гирифта барои тӯтивор нутқ кардан даъватам карданд. Аз ҷо хеста будам, ки Рӯқия Атоевна гуфтанд, ки он дафъа баромади устодро дидем, тайёр аст.

Бигузор дигарон баромад кунанд, то онҳоро аз назар гузаронем.
Ман ҳарду китобро бурда назди Руқия Атоевна  гузоштам ва раиса гумон кард, ки китобҳоро барои худи он кас тақдим карданиам, ки пурсиданд:
Инҳоро барои ман овардед, чӣ?
- Мебахшед муаллима, ман ҳамин китобҳоро ба Ҷаноби олӣ тақдим кардан мехоҳам,- гуфтам ман ва илова кардам:
-Шумо аз назар гузаронида бубинед, ки инҷо чӣ камбудӣ аст, ки номи маро дар рӯйхати раиси вилоят хат задаанд?
- Ин хел гап набуд,- ҳайрон шуда гуфт Руқия Атоевна ва илова кард:
- Кӣ номи шуморо хат мезадааст? Дар ҷумҳурӣ, дар ягон ноҳия ба Ҷаноби олӣ ин тарз дастовези қиматбаҳо надодаанд. Ин як кори шоёни таҳсин аст. Шумо ягон парво накунед, устод. Номи шумо дар қатори аввали баромадкунандагон аст.
- Рӯйхатро мо пешниҳод мекунем,- сухани Руқия Атоевнаро тақвият бахшида гуфтанд ҷонишини раиси шаҳр Зулайхо Комилова ва гапашонро давом доданд:
-Амиршоюю раиси вилоят хусумати шахсӣ дошта бошанд, ба кори давлатию сиёсат чӣ дахл дорад?
 27 октябр рӯзи офтобӣ ва табъи дил буд ва имрӯз Ҷаноби олӣ саҳарӣ дар ноҳияи Восеъ шуда, баъзан коргоҳу муассисаи ба истифода медодагиро кушода , баъди нисфирӯзӣ ба шаҳри Кӯлоб ташриф оварданд.
Маълум, ки то  ба имрӯз мардум тайёрӣ дида, кӯчаву роҳрав, ҳатто хонаҳои хешро тозаю озода карда, баҳри сазовор истиқбол гирифтани президент аз хурд то калон бо рӯҳи болида ба куча баромада, базму суруд ва шеърхониашон саросари шаҳру деҳаҳоро фаро гирифта буд.
Ин сафари президент сафари пешазинтихоботӣ буда, дар баробари ба истифода супурдани коргоҳ ва биноҳои наву замонавӣ мақсадашон  дили мардумро бори дигар ба сиёсати пешгирифта гарм кардан ва беҳбудӣ бахшидан ба рӯзгору зиндагии мардуми диёр буд.
Аз рӯи нишондод соати сейи рӯзи 28 октябр Ҷаноби олӣ дар толори гӯштингирии дохили варзишгоҳи нав сохта ба истифода дода бояд бо роҳбарони ташкилоту муассиса ва аҳли ҷамоатчигии шаҳр вохӯрӣ анҷом дода, баъди он  дар варзишгоҳ, базму тантана баргузор мегашт. Мувофиқи супориши мутассадӣ ва роҳбаладамон Сулаймони шоир бояд дер накарда соати дуи рӯз дар толори гӯштингирии доҳили варзишгоҳ ҳозир мешудам. Шояд аз баста шудани роҳҳо буд, ки ба ҷои муқаррар гардида ним соат дер омадам. Толор алакай аз одам  пур шуда, Сулаймон баробари дидани ман хурсанд наздам омада, маро ба курсии аз  микрофон андак дур воқеъ шинонду таъкид кард:
- Дар рӯйхати раиси вилоят номат нест. Амиршои хатлонӣ, ки мутасаддии баромадкунандагон аст,  дар қатори назди микрофон аз он тараф нишастаасту дар гирдаш се корманди амният. Хаёлам ба онҳо ин гапро фаҳмонидааст.  Хазрати Ҳақназар Ғоиб дар бари Амиршо нишастаанд ва ӯ низ нияти баромад кардан дорад. Хосияти Рализода ҳам ҳаминҷост. Дар як вохӯрӣ баромад кардани се адиб шарт набуд, лекин раиси шаҳр ҳамин тарз

супориш додаст. Мо фармонбардору итоатгар. Иғболат баландӣ кунад хуб, - ба афсӯс фаҳмонд Сулаймон.
Ба атроф назар кардам. Дар қатори пас се ҷавонмарди ҳузарби сару рӯ гӯйи дарзмол карда, ҳушёру ҳуҷок, дақиқназарона лаҳза ба лаҳза атрофро назорат доштанд. Аз рӯи таҷриба  ба худ андешидам, ки кормандони амниятанд, зеро баробари дар бари Сулаймон ҷо гирифтан гаштаву баргашта тарафам назар дӯхта,  кӣ будану чӣ мақсад доштанамро фаҳмидан мехостанд.
Даруни рӯзномае ду китобамро бо худ ба инҷо оварда будам.
Вазирону роҳбарони шаҳру минтақа, раисону ҳокимон дар қаторҳои пеш ҷо гирифта, микрофони касони дар назди президент баромад мекарагиро ба миёнаҷои толор насб карда буданд, ки қатори мо ҷо гирфта чанд қадам аз он дурӣ дошт.
Сулаймон ҷавони ҳузарби дар паси мо ҷо гирифтаро фаҳмонид, ки ҳамон нависандаи ба президент китоб тақдим мекардагӣ ҳамин мӯйсафед аст ва ин лаҳза сӯи ҷавон назар кардам, ки бо рӯи турш гуфт:
- Номаш дар рӯйхати раиси вилоят нест. Амиршо иҷозат намедиҳад. Баъд, ба президент китоб тақдим кардан мумкин нест!
Аз суханҳои ҷавон донистам, ки шахси мутасаддии амният аст ва дар ҷавоби гапҳои ӯ Сулаймон тарафи маро гирифта гуфт:
- Маърака аз шаҳри Кӯлоб аст ва раиси шаҳр худашон фармуданд, ки дар рӯйхати баромад мекардагиҳо номи Сайид Раҳмони нависандаро  дар аввали рӯйхат нависем. Боз чӣ монеа мешудааст, ки нависанда баромад накунад?
- Раиси шаҳр калон аст ё раиси вилоят?- пурсид марди ҳузарб ва Сулаймони шоир дар ҷавоб дар монд, вале ба ҳар ҳол гуфт:
- Раиси вилоят калон аст,  лекин китоб тақдим кардан боиси обурӯи ҳам раиси шаҳр ва ҳам раиси вилоят аст. Бубин, ки дар муқоваи охири романи «Масъуди сипаҳсолор» расми раиси вилоят аст. Нависанда бо ёрии раиси вилоят романро аз чоп баровардааст.
Сулаймон баъди ин суханҳо ҳарду китобро ба ҷавони ҳузарб дод, то аз назар гузаронаду барои баромад карданам розӣ шавад.
Ҷавон китобҳоро тагурӯ гардонида тамошо кард ва дид, ки дар муқоваи яке расми президент Эмомалӣ Раҳмон дар сӯҳбат бо мӯйсафедони нуронии шаҳри Кӯлоб аксбардорӣ шадааст ва дар муқоваи роман расми Аҳмадшоҳи Масъуд.
Ду ҷавони дигари дар бари ӯ нишаста, ки ҳарсе аз кормандони амният будаанд, китобҳоро аз назар гузаронида баргардонида ба дастам доданд ва яке аз онҳо гуфт:
Раиси вилоят розӣ набошад, акаи Амиршо, ки мутасаддии ин кор аст, китоб тақдим карданро раво надонад, мо ҳуқуқи дар назди президент баромад кардани ин амакро надорем.
Тарафи Амиршои хатлонӣ, ки андак аз назди микрофон дуртар  ҳамроҳи Ҳақназар Ғоиб ҷо гирифта буданду саргарми сӯҳбат буданд, назар кардам ва бо имои даст ишорат кардам, то тарафам нигоҳро дареғ надорад.

Амиршо ишоратамро диду тарафам бо ишора салом дод ва ман китобҳоро ба ӯ нишон дода ишора кардам, ки ба ман иҷозати баромад кардан диҳад.
Мард мақсадамро фаҳмид, вале чӣ гуфтан мехосту чӣ мақсад дар дил дошт, аз ишоратҳояш нафаҳмидам.
Баъди чанд мудат яке аз намояндагони амният, ки ба ҷойи нишасти Амиршо наздикӣ дошт сӯям назар карда гуфт:
- Амиршо мегӯяд, ки ба шумо навбати баромад кардан надиҳем. Шумо қудрати сухан гуфтан надоред.
Ба ростӣ нафаҳмидам, ки ин супориш аз раиси вилоят мӯҳтарам Ғайбулло Афзал буд ё бофтаи Амиршо ва ё ҳукми Ҳазрати Ҳақназар Ғоиби бузургвор ба Амиршо.
Ба ҷавони амният гуфтам:
- Медонӣ додар, ки гадо гадоро бад мебинад. Амиршою Ҳақназар ҳарду шоиранд ва мани нависандаро мисли ҳамон гадо онҳо шояд бад мебинанд…
Вазъи маро хонандаи нуктасанҷ дар ин ҳолат нағз мефаҳмад. Ба нависандае, ки панҷ сари сол муаллим, ҳафт сари сол дар радио, 20 сол дар рӯзнома ва панҷ сол чун хабарнигори телевизиони Тоҷикистон кор кардаам ҳамагӣ ду ҷумла гап гуфтану китобҳоямро тақдим кардан гап задан мушкил бошад, чӣ илоҷ? То ба ин дараҷа помол кардани ҳуқуқи инсон дар давлати соҳибистиқлоли демократӣ ба ман чӣ қадар таъсири манфӣ расонида буданд, худ аз ин ҳол огоҳ будаму Худое, ки маро ҳаст кардааст…
Президент бо мавҷи чапакзании бардавом ба толор ворид гардида ба минбар баромад ва баъди тинҷу ором гардидани чапакзаниҳо ба хондани маърӯзаи таёркарда шурӯъ намуд ва маълум, ки дар миёнаи баромадашон, дар ҷойи суханҳои ширадору пурмазмунашон борҳо мавҷи қарсаку офарингӯйи толорро ба ларза медаровард.
Баромади Ҷаноби олӣ поён ёфту аз рӯйи расму оин навбат ба баромадкунандагон дода шуд.
Аввал духтарон ва занони ҷавон баромад карда, президентро мадҳу сано хонданд ва дар ин миён аз дигар ноҳияҳои минтақа, аз Балҷувону ноҳияи Ҳамадонӣ ва Шӯрообод низ якнафарӣ баромадкунандагон ҳар кадом ба навбат паси микрофон омада, сухан карданд ва ман кушиш намудам, ки аз ҷо хеста дар навбат истода ба микрофон наздик шавам, ки ҳарсе ҷавони ҳузарби амният бо таъкиду таҳдид маро аз ҷо хестан намемонданд. Ҳар боре нияти аз ҷо хестан мекардам, аз тефам қапида маро ба рӯи курсӣ мешинониданд.
Аз ин ҳол раиси шаҳру, ҷонишинони як моҳи дароз имтиҳонгирандаи раиси вилояту сарвазири ҷумҳурӣ бехабар буданд. Ҳар кадом, Худо медонад, шаб то ба рӯз ба орову торои либосу сару бадани худ машғул шуда, ки дар чашми президент хушрӯву аҷиб намудор гарданд, ин соат дар қатори аввал, дар пеши чашми президент ба табассуму нимхандаҳои ширини худ саргардон магар парвои ҳоли мани нависандаю китоб доштанд?
Ягона умедам Амиршо буд, ки ин лаҳза кормандони амният танҳо ба ӯ итоат мекарданд ва чун дидам, ки охирин баромадкунанда, муаллими Ҷаноби олӣ

мӯйсафеди Куганов аз донишгоҳи Кӯлоб баромад кард ва медонед ин лаҳза як байти устод Лоиқ ба хотирам омад, ки фармудаанд:

**…Агарчи шери ҳузарбам, таззоди қисмат бин,**
**Ки гирифтори як саги думболагир шудам…**

Бо имою ишорат ба Амиршо муроҷиат кардам, ки эй марди қаламкаш! Медонам, ки «Ҷаҳон парвои пайғамбар надорад», ва мансабдорон - ку аз ҳоли мо огоҳ нестанд. Чӣ бадӣ дорад, ки ман китобҳоро ба президент тақдим кунам?

Худо дар дили Амиршо некӣ карданро раво диду ишорат кард, ки ба назди микрофон биёям ва аз ҷо хеста будам, ки марди ҳузарби амният аз тефам дошта аз ҷо хестанам намонд ва Амиршо ин ҳолатро дида гуфт:

- Монеъ нашавед, устод баромада китобҳоро тақдим кунанд.

Куганов суханашро ба охир расониду охирин кас дар назди микрофон ман мондам ва чун пешонии мо тоҷикон шӯри шӯри намакин аст, ин лаҳза зане дар толор шӯру валвала бардошта бо кормандони амният даст ба гиребон шуд. Чашми президент ба он зан афтод ва Ҷаноби олӣ ба кормандони амният ишора карда, гуфтанд, ки монанд зан ба наздашон биёянд.

То ба назди президент омадани зан, Ҷаноби олӣ, ба тарафи ман ишора карда гуфтанд, ки ба суханронӣ сар кунам.

То ҳол ба гапзанӣ оғоз накарда, дидам, ки раиси вилоят мӯҳтарам Ғайбулло Афзал аз қатори пеш хеста кӯз- кӯз ба тарафи микрофоне, ки ман дар наздаш қарор доштаму президент иҷозати Сухан гуфтанам дода буд, омад. Қомат хам гирифта кӯз- кӯз омадани раиси вилоят аз он сабаб буд, ки дар сурати қоматашонро рост гирифта ба ин тараф ҳаракат кардани он кас чашми президент ба ҳаракатҳои раис меафтод. Аз тарафи дигар, ҳама андому ҳаракатҳои раисро наворбардорони телевизион ба воситаи камераҳо ба навор мегирифтанд. Аз ин сабаб раиси вилоят зуд ба наздам расида ба ман, ки дар назди микрофон рост истода ҳанӯз ба суханронӣ оғоз накарда будам, хилвату оҳиста гуфт:

- Ту аз ним минут зиёд гап назан, фаҳмидӣ?!

Ман ҳарфе нагуфта, бо аломати тасдиқ сар ҷунбонидам.

Раис баъди ин ба Ҳазрати Ҳағназар Ғоиб рӯ оварда фармуданд:

- Суратҳоро баъди ба охир расидани баромад бурда ба Ҷаноби олӣ супор!

Аз ин гапи раис нафаҳмидам, ки Ҳақназар Ғоиб кадом суратҳоро ба Ҷаноби олӣ месупорад.

Тавба кардам! Наход, шоири халқ дар охири умр сураткаш шуда бошад?

Баъдтар донистам, ки сурати модар ва худи президентро сураткаши соҳибтаҷрибаи Кӯлоб Ҷонибек Асозода бо мақсади тақдим кардан ба Ҷаноби олӣ кашида будааст ва он суратҳоро на ин ки Ҷонибек, балки Ҳақназар Ғоиб ба президент тақдим мекардааст. Паси ин муаммо чӣ сир пинҳон буд онро фаҳмида натавонистам. Ҷонибек худ дар ҳаёт зинда, дар ҳамин толор ҳузур доштааст.Бо кадом сабаб ва барои чӣ худи ӯ нею Ҳақназар Ғоиб суратҳои кашидаи он касро ба президент тақдим мекардааст?!

Ғайбулло Афзал баъди ин ба роҳи омадааш пас гашта бо ҳамон тарзи аввала кӯз-кӯз баргашта ба ҷои нишасташ рафт ва аз ин ҳоли зори раиси

вилоят дилам сӯхт, ки наход дир зиндагӣ инсон то ба ин дараҷа барои мансаб ба худ хорию зориро раво мебинад?..
Ба суханронӣ оғоз кардам, ки ин лаҳза зани даъво бардошта алакай ба назди Ҷаноби олӣ ҳозир шуда, президент барои аз микрофон дур шудан, то дархосту хоҳиши зан ва сӯҳбашонро аҳли толор, нашунаванд, аз мибар андак канор рафтанд ва хоҳишу дархости занро гӯш карданд.
Ман дидам, ки вазъият чунин ранг гирифт, аз ҷумлаи охири баромадам сар карда, гуфтам, ки ман нависанда Сайид Раҳмонам ва дар даҳ соли охир фалону фалон асарҳо офаридаам, ки имрӯз дар дасти хонандаи тоҷиканд ва мехоҳам ду асари охиринамро бо иҷозати Шумо Ҷаноби олӣ чун барги сабзе аз номи худ ва мардуми шарафманди Кӯлоб ба Шумо тақдим намоям.
Суханам ба охир расид ва шунидам, ки президент маро ба наздашон даъват карданд, то китобҳоро наздашон барам.
Чун дар рӯ ба рӯйи Ҷаноби олӣ қарор гирифтам ва бо он кас вохӯрда ба чеҳраашон нигаристам, вазъашон чандон табъи дил не, балки хун ба рӯяшон давида, ранги рӯяшон аз вазъи муқаррарӣ сурх гашта буд. Андеша кардам, ки зани ҳамин дам ҳамроҳашон суҳбат карда шояд суханҳои ғайри муқаррарӣ гуфта бошанд.
Шунидам, ки президент баъди салому гирифтани китобҳо ба ман гуфтани калимаи раҳматро раво диданд ва ман баргашта тарафи ҷои нишастам равон шудам.
Ин лаҳза чашмам ба Сулаймони шоир афтод, ки ба пешвозам аз ҷо бархоста, баъди ин қадар бузкашиҳо аз ман дида хурсанду хушбахт буданд.

11. 11. 2013

X X X

----------------------------------------------------

# Атои Худо

## Ё ҳазлҳои намакини Файзӣ Борон

**Мувофиқи шарҳи худи муаллим Борон Файзиев, сокини шаҳри Кӯлоб, гузаштагонашон дар солҳои пурошуби нимаи дуюми**



**асри ХУ111 аз Даҳбеди Самарқанд ба ноҳияи сарҳаддии собиқ Даштиҷум муҳоҷират мекунанд ва он кас соли 1938 дар деҳаи Суюни ноҳияи Шӯроободи ҳозира ба дунё омадааст.**
**Маълумоти ибтидоиро дар хоҷагии Ҳазрати Эмом гирифта, соли 1953 ба омӯзишгоҳи муаллимтайёркунӣ ва минбаъд ба Донишгоҳи шаҳри Кӯлоб дохил шуда, аз соли 1957 то**

**имрӯз дар вазифаи муаллими мактаби миёна ва омӯзгори Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб кору фаъолият кардааст.**
**Муаллим пас аз хатми аспирантураи МГПИ – и шаҳри Москва аз фанни фалсафа рисолаи номзадӣ ҳимоя карда, қариб 50 сол инҷониб ба таълиму тарбияи насли ҷавон машғул аст.**
**Соҳиби 6 фарзанд ва наберагони зиёд буда, зиндагии осудаҳолона дорад.**
**Миёни мардум бо фазилатҳои нек , зарофатгӯӣ ва ҳазлу мутоибаҳои намакини хеш маълуму машҳур аст.**
**Дар ин навишта мо қисмате аз ҳазлҳои муаллим Файзӣ Боронро пешкаши хонандагони гиромӣ гардонида, боварӣ дорем, ки зарофатгӯиҳои муаллим ба аҳли маърифат хушҳолӣ мебахшанд.**
**Сайид Раҳмон**

**Нуралӣ Аюбӣ**

## Атои Худо

**Дар ҳақиқат Файзӣ Борон дар садоқат бебаҳост,**
**Як даме бо ӯ нишастан ҷамъи моро мудаост.**
**Сӯҳбаташ касро чунон дилшоду мафтун мекунад,**
**Мо ҳама қонеъ аз онем, ки зи қавми ориёст.**
**Ҳар чӣ мегӯяд самимӣ ҳасту бикру тозарӯ,**
**Сӯҳбати ӯ дилкашу ҷозибу дар нашъунамост.**
**Беҳтарин ҳамсӯҳбате, ки мезудояд хастагӣ,**
**Ҳар чизе меофарад, аз мубдаи меҳру вафост.**
**Мекашад оҳанрабо, ҳар он чӣ ки аз оҳан аст,**
**Лек Борон ҳамчунон оҳанрабо одамрабост.**
**Нисбати ӯ ҳар куҷо таърифу тавсиф беш аст,**
**Чунки бо ёрони худ дилдодаву дардошност.**
**Марди хушрафтору хушгуфтору олиҳиммат аст,**
**Ин қабил инсонҳо дар зиндагӣ доди Худост.**
**Эй Аюбӣ, то тавонӣ қадри Боронро бидон,**
**Чунки Борон аз Худованди Карим бар мо атост.**

Х Х Х

## Саги Гадо қумандон

Соли 1993, айни ҷанги шаҳрвандӣ, Кӯлоб дар муҳосираи иқтисодӣ қарор дошт. Маълум, ки давраи камбизоатию нодорӣ барои таъмини хӯрока сарпарасти хона худро ба сад дар мезад, ки андаке орд ё нон барои таъмини аҳли оила дарёфт намояд.
Дар ин давраи бесарусомонӣ аксар бегоҳирӯзӣ бо димоғи сӯхтаю хиҷил ба саҳни ҳавлии бинои баландошёна баромада бо ҳамсояҳо андак рози дилгӯӣ мекардем ва медидам, ки қариб ҳар бегоҳ Гадо қумандони як ошёна аз хонаам боло зиндагӣ мекардагӣ, ҳаморҳи хамяроқонаш бо халтаҳои саофании пур аз масолеҳи хӯрданӣ, гӯшти мурғу ҳасиб ба хонаашон меомаданд.

Дар ҳамсоягӣ, ки солҳои зиёд бо ҳам шиносоӣ ва рафтуомад доштем, дидам, ки ин дафъа ҷонишини Гадо Мулло қумандон дар даст борхалта бо гӯшти мурғу ҳасиб омад, пурсидам.
- Мулло, додар ин қадар гӯшти мурғу ҳасибро ба кӣ мехӯронед? Пеш вақтҳо парҳезем мегуфтед, гӯшти мурғ ба мо зарар дорад, аз хӯрдани он меҳаросидед.
Калбаса ( ҳасиб), макрӯҳ аст, каси калбасахӯр рӯи ҷаннат намебинад,- мегуфтед.
И вақтҳо дар хонаи шумо мурғу ҳасиббирён мекунанд, бӯи иштиҳоовари он атрофи биноро пахш мекунад. Моҳо ку як тараф, сабил кӯдакҳои гурусна бӯи мурғбирёнро гирифта ҷонсарак ба мо мечаспанд.
- Ата, барои чӣ дар хонаи амаки Гадо ҳар рӯз мурғу калбасабирён мехӯранду оби даҳони мо меравад ?..
Тавба кардам, набераи хурдиам ба кӯдакҳои гуруснаи дигар таклиф кардаст, ки «Рафтем қумандон Гадора ата мегирем»…
- Ака, мо худамон гӯшти кабку сиркаи оҳу мехӯрем, - ҳавобаландона гуфт Мулло ва илова кард.
- Калбасаву гӯшти мурға барои Блондӣ мехарем.
- Блондиаш кӣ? – гуфта пурсидам ман.
- Блондӣ номи саги Гитлер.
- Нафаҳмидам?
- Ака, Гадои қумандони мо, ки кличкаи ( тахаллуси) Гитлер дорад, саги немисии кӯрбарзангиша дидаӣ. Ана ҳамон Гадо аз куҷое номи саги Гитлерро ёфтаст, ки номи сагша Блондӣ мондааст.
Мо мурғу калбасаҳора ба ҳамон Блондира меорем…
Худо тараҳум карду сари моҳ, бегоҳи шоми рӯзи ҷумъаи муборак хонаи қумандон Гадо, ба маърака даъватамон карданд ва қатори ҳамсояҳо ман ҳам рафтам.
Рӯи дастурхони Гадою ҳамяроқонашро чӣ хӯрданию нӯшиданиҳое оро медоданд. Чунинашро солҳои пеш дар маъракаҳои вакилону вазирон дида будам.
Маъракаороӣ ба охир расиду Гадо хоҳиш кард, ки муаллим шумо каси рӯзгордида, аз ҳама калонтар, як дуое дар ҳаққи рӯҳи арвоҳҳо бихонед.
Бинам, дар ҳақиқат аз ҳама касони дар сари дастурхон нишаста дар сол ман калонтарам. Маҷбур ду даст ба дуо бардоштаму:
- Омин!,- гуфтам ва ҳама даст ба дуо бардоштанд:
- Парвардигори ҳаждаҳ ҳазори олам! Султони бокаррам! Маро Файзӣ Борон офаридӣ. Намешуд, ки саги Гадои қумандонам мекардию ӯ аз меҳрубонӣ Блондӣ номам мемонд. Дар и соли қаҳтию нодорӣ бароям мурғи «Бройлер» - и эронию калбасаи (ҳасиби) бамаззаи русӣ меоварду бирён мекард. Дар охири умр ақаллан як маротиб ишкакамам гӯшти сериро медид. Он вақт мемурдам, дар дилам ормон намемонд…

Дуо поён наёфта фаҳҳасти ханда ба фарши хона дакка хӯрду ҳама серу хандону хушбахт аз хонаи Гадо қумандон берун шадан хостем. Аз афташ, хандаи мо ба Блондии мисли хирс дар дами дар ҳалқа зада нафорид, ки ба ҷакидан даромад…

X X X

## Шабнишинӣ ё рӯи мурда?

Бегоҳие устод Одина Ҳошим, ки аз давраҳои ҷавонӣ бо ҳам дӯст будем, ба хона меҳмонӣ омаданду баъди андак сӯҳбат хоҳиш карданд, ки хонаи Мавлоно, (Ашӯр Сафарро ҳамин тавр меномиданд), ба хонаи шумо наздик аст. Таклиф мекардед, меомаданд сӯҳбати чортанӣ мекардем.

Ба устод Ашӯр Сафар телефон кардам, аз таклифам хурсанд шуданд ва таъкид карданд:

- Оғои Одина серризқ будаанд. Очаи бачаҳо алов дар дода нияти нон пухтан дорад. Ба оғо фаҳмонед, ки ман андак дертар, ягон ним соат пас, ҳамин ки нон пухта шуд, як нонро ба рӯймолам мепечонаму ба аёдаташон мерасам.

Аз байн соате гузашту устод Ашӯр Сафар дер карданд ва ман маҷбур аз хонаи баландошёнаам ба сари роҳ, ба пешвозашон баромадам.

Баъди чанде интизорӣ устод омаданд, вале бинам дасташон холӣ. Баъди саломy алек ҳайрон пурсидам.

- Мавлоно, гуфтед нон меорам?

- Занак нонҳои калон пухтаст, дилам нашуд,- ҳозирҷавобӣ кард устод ва ман аз ин зарофатгӯӣ лаззат бурда ҳарфе ба забон оварда натавониста ворида хона шудем.

Он шаб чӣ шабе буд дар ҳаётам, ки бори дигар дар зиндагӣ чунин сӯҳбату хушгуфторӣ, сурудхонию шеъргӯӣ, гиряву ханда ва ҳазлу мутоибаву зарофатҳоро шунидан муяссарам нагардид.

Ин ду бузурги Худо ҳангоми сӯҳбат гоҳ ба ҳам чак додаву хандаҳои осмонкаф мекарданду гоҳ нағмаву усул ва гоҳи дигар Худову расулгӯӣ доштанд. Дареғ, сад дареғи он замонҳо.

Соат ба чори шаб расида буду сӯҳбату шеъргӯии гарми ин ду бандаи Худо поён намеёфт ва ба хаёлам расид, ки пагоҳӣ дар навбати аввал дар донишгоҳ дарс дорам.

- Бародарон, шаб ба поён мерасад, биёед ҷогаҳ дуруст кунаму андак хоб равем.

- Ба он дунё, ки рафтем хобамонро мегирем,- гуфтанд Ашӯр Сафар ва пурсиданд:

- Маро барои сӯҳбати оғо фарёд карда будӣ ё барои хоб?- гуфтанд ва гапашонро давом доданд.

- Барои сӯҳбати мо одамҳо навбат мепоянд. Бисёриҳо доғанд, ки моро лаҳзае аз наздик бубинанд, ақаллан бо мо саломy алек кунанд, ту бошӣ аз сӯҳбати мо ношукрӣ мекунӣ.

Файзӣ Борон! Маро барои сӯҳбат даъват, ки карда бошӣ, мард шаву тоқат кун, - таъкид карданд Ашӯр Сафар.

- Чӣ кунам, ки дӯстони қадрдон наранҷанд, - гуфта фикр кардаму гуфтам.
- Рост Мавлоно. Ман шумо дӯстонро барои сӯҳбат даъват карда, умед доштам то соатҳои як- дуи шаб чақ- чақ мекунед, ки не. Субҳ дамидааcту сӯҳбати шумо поён намеёбад.

Аз рӯи одат мардум дар шаби марги одами наздик то рӯз менишинанд. Шукри Худо ҳолӣ ман намурдаам, ки то рӯз болои мурдаи хунукам сӯҳбат карда шинед.
Ин гуфта ба Одинаи Ҳошим хуш омад ва сӯҳбатро анҷом дода, чароғро хомӯш кардем, то андаке ҳам бошад дами осуда гирем.

X X X

## Се тини роҳкиро

Нисфирӯзие дар истгоҳи «Комсомол»-и шаҳр раҳи омадани автобусро (мошини мусофирбар), интизор будам, то ба хона равам, ки бинам устод Ашӯр Сафар дар барам қарор гирифтанд.
Аз дидорашон шод шудам. Бо ҳам вохӯрдему аҳвол пурсидем
Ин лаҳза автобус омада наздамон истоду дарҳои пешу пасашро кушод. Маълум, ки касони аз автобус мехамбидагӣ аз дари пеш ба фаромадан сар карданд.
Ҳамроҳи устод дар қатори одамон бо мақсади саворшавӣ ба дари қафои автобус наздик шудем, ки устод маро аз худ пеш гузарониданд, то аввал ман ба автобус савор шавам.
Аз рӯи одоб ин корро ба худ раво надида аз он кас хоҳиш кардам:
- Мавлоно, маро дар хиҷолат намонеду шумо пеш гузаред, - гуфтам, ки не. Устод истодагарӣ карда аз қафои ман ҷо гирифту гуфт.
- Файзӣ Борон, шумо пеш гузаред. Дар синну сол аз шумо калон ҳам бошам, шуморо мебахшам.
Ба ҳар ҳол ман ин корро ба худ раво надида, аз қафои устод ба автобус савор шудам.
- Файзӣ Борон, медонӣ ба кадом мақсад ин қадар эҳтирому бологузарат кардам, ки аз ман пеш гузарию ба автобус савор шавӣ?- бо ним табассум гуфтанд Ашӯр Сафар.
- Нафаҳмидам устод,- гуфтам ман.
- Бо мақсаде, ки барои ҳардуямон дар автобус роҳкиро харид кунӣ.
- Ба ҳар ҳол  Мавлоно, ман эҳтироматонро ба ҷо оварда, аз қафои шумо ба автобус даромадам, - худро аз хиҷолат баровардан хоста гуфтам ман ва илова кардам.
- Чиптаи роҳкиро гирифтан тани шумо устод.
Ашӯр Сафар аз кисса билети аъзогии иттифоқи нависандагиашонро бароварда гуфтанд.
- Домулло, дар автобус аз ман роҳкиро талаб намекунанд. Роҳкиро се тин ҳам бошад, маҷбуред, ки маблағи роҳкиророятонро худатон пардохт кунед.
Ман маҷбур шуда ба се тин барои худ роҳкиро харидам.

X X X

## Як бор Файзӣ Борон нагуфтӣ

Файзӣ Борон нақл мекунад, ки дар нимароҳи зиндагӣ очаи бачаҳо, яъне завҷаашон Марворӣ шабе касали сахт шуданд.

- Ноилоҷ духтур ҷеғ задам, дорую дармон овардам. Аз даву ғеч монда шуда бошам ҳам касалидор, ки будам кӯшиш кардам хизмати очаи бачаҳоро ба ҷо биёрам.

Шукр, ки нимаҳои шаб дарди занак андак паст шуду дар бари ӯ хобам бурдааст.

Сабил, вақтҳои охир хислати бад ёрам шуда буд. Ҳамин ки ба тахтапушт хобам мебурд, хуррок мекашидам. Дар дигар сурат чун одамони солиму бе инҷу ноз ором мехобидам.

Он шаб, аз афташ аз ҳад зиёд монда шуда ба тахтапушт хобам бурдаасту хуррок кашидаам, ки ба ивази касалу дард балои ҷони Марворӣ шудам.

Овози баланди ба Худову пайғамбарону авлиёю анбиё илтиҷо кардани занакро шунида ба паҳлу гаштам ва шанидам, ки Марворӣ ҳолӣ ҳам илтиҷо дорад.

- Парвардигори ҳаждаҳ ҳазори олам! Султони бокаррам! Ҳазрати Муҳаммади Мустафо! Ҳазрати Баҳоваддини балогардон! Ҳазрати Амирҷон! ( Мир Сайид Алии Ҳамадониро дар Кӯлоб Ҳазрати Амирҷон мегӯянд). Дар номи некатон бимирум, ба дардум шифо ато кунен…

Хулоса то дами рӯз илтиҷои занак, ба ёд овардани азизу бузургворон ба гӯшам мерасиду маро аз хоби хӯш нороҳат мекард.

Баъди субҳ дамидан, аз афташ илтиҷои Марворӣ поён ёфту маро аз хоб бедор кард.

Ҳаловона аз ӯ пурсидам.

- Марвории ҷон, дардат сабук шид?

- Хока сабук шид! - ба алам гуфт занак ва илтиҷо кард.

- Бороне! Хез як пиёла овум буте, ки сӯхтум.

Аз ҷогаҳ хеста чиниро барои овардани об ба даст гирифтуму гуфтум:

- Занак, ҳами шав Парвардигору пайғамбаро, азизу авлиёе намонд, ки ёдашон накарда бошӣ. Ягонтаи уҳо ёрию мададат карданд? Ҳолӣ ҳам дардат сабук нашидаст.

Намешид, ки дар қатори ҳаму азизу бузургворо як маротиб Файзӣ Борон мегуфтӣ, хеста овут медодум…

X X X

## Дузд бурдааст

(Латифа)

Мутахассисони Япония асбобе ихтироъ карданд, ки дуздро дар чор дақиқа муайян мекардааст.

Маълум, ки овоза аз гӯшае ба мулке, аз он ҷо ба мамлакати дигари олам зуд паҳн мешавад, хусусан дар ин замони пешравии илму технологияи пешқадам.

Асбобро ба Америка мебаранд.
Дар ҳақиқат дар чор дақиқа ҳама duздҳои ин мулки абарқудратро асбоб муайян ва фош мекунад.
Ташкилотҳои қудратии Русия, Италия Олмону Фаронса низ ба асбоби нав тавaҷҷуҳ зоҳир карда, онро ба кишварҳои худ мебаранд ва дар ин мамлакатҳо низ дуздони ашаду номиро дарҳол маълуму муайян карда, ҳамаро ба маҳбас мекашанд.
Тоҷикону тоҷикистониён аз мулкҳои тараққикарда қафо намонем гуфта, баъди чӣ қадар гуфтугӯю муносибат ва дархост асбобро ба Тоҷикистон меоранд ва мувофиқи нишондод дар идораи махсуси давлатӣ махфӣ ба кор омода мегардонанд.
Аз миён чор дақиқа мегузараду мутасаддиёну гурӯҳи шахсони ба ин кор масъул мехоҳанд ба назди асбоб рафта ному насаб ва расми дуздони мулки худро донистa бигиранд.
Ин лаҳза ҳолати аҷибе рух медиҳад ва ҳама мутасаддиёну касони ба ин кор вобаста дар ҳайрат мемонанд.
Мебинанд, ки асбоб нест.
Маълум мешавад, ки кадом дузди ашади тоҷике ноаён асбобро дуздида бадар рафтааст у инҳо ҳама бехабар мондаанд.

Х Х Х

## Айби худам

**Файзи Борон нақл мекунад:**

- Фарзанди калониам Зафар бо аҳли оила ва кӯдаконаш дар деҳаи Ҷангалбошии Кӯлоб зиндагӣ мекунад ва як рӯз ба хона омада хоҳиш кард, ки ата кӯдакҳо бе ширу дӯғанд. Шумо, ки зиндагидидаед,ягон гови ширдеҳ харид мекардед. Дар қишлоқ шароити нигоҳубин ҳаст. Бачаҳо шукр дастёр шудаанд. Аз лаби ҷӯбору саргаҳи заминҳо алаф меоранд. Барои зимистон каҳу каҳмол захира мекунем…

Фикр кардам, кори хуб мешавад. Дар қишлоқ зиндагӣ карда гову мол надошта бошӣ, айб. Келин барои кӯдакҳо маҷбур шуда коса гирифта ба хонаи ҳамсоя ширу дӯғ талбиданӣ равад айби зор мешаваде.
Бозор рафтаму гови нав гӯсола зоидаи табъи дил харида бурда ба дари хонаи Зафар бастаму таъкид кардам, ки нигоҳубини говро аз ёд набароранд.
Як ҳафта гузашту набераҳоро хабар бигирам, гуфта ба хонаи Зафари бачам рафтам.
Бинам, гови харидаам, ки дар гӯшаи ҳавлӣ баста будам, нест.
Ҳайрон шуда пурсидам.
- Зафари ҷон говат куҷост?
- Э, ата! Як гови ҷалаби ғар харида будаӣ, бурда фурӯхтам.
- Димоғам он қадар сӯхт, ки гуфтан надорад. Хостам адабашро диҳам, ки дидам, зану кӯдаконаш дар ҳавлианд, лаб зери дандон худдорӣ карда пурсидам.
- Чӣ хел гов гуфтӣ?!

- Намедонум чӣ хел гов, ки бегоҳӣ аз пода меомад, чор панҷ буқа аз думболаш ба ҳавлӣ даромада олама кунфаякун мекардане.
- Як буқаша намондию дигарҳоша дур мекардӣ?
- Гуфти шумора кардам, ата. Буқаи сабил гов мондагӣ маро бӯ кашида фук тарафи осмон мекарду даҳан гиз.
Нашуд, ата, бурда фурӯхтамаш.
Аз бефаросатии фарзандам дуд аз димоғам баромаду андешидам, ки айби Зафар чӣ? Айб аз худи ман аст, ки чунин фарзанди кавдаи нодону камақл тарбия кардаам…

X X X

## Орд ё алебастр

Давраи ҷанги шаҳрвандӣ, солҳои 1992- 93, дарёфтани орду нон мушкил гардида буду дар хотирам намондаст, аз куҷое ҳамагӣ ду кило орд ёфтаму онро дар халтаи салофанӣ андохта ба сӯи хона роҳ пеш гирифтам.
Дар роҳ ду мард ҳамсафарам шуда якеи аз онҳо пурсид:
- Ака, халтада алебастр (масолеҳи сохтмонӣ), дорӣ?
- Не, додар, андак орд ёфтум,- гуфта ҷавоб додам ман.
- И орди кама чӣ мекунӣ? – тамасхуромез пурсид мард.
- Орда, додар гардов мекунуму, айни ҷонбуроим васият мекунум, ки ба ҷанозаам киҳоро хабар кунанд, гӯрам дар кадом мазор ҷо бигирад.
Мард сӯям бо чашми ҳайрат нигаристу гуфтам.
- Ҳайрон нашав додар. Шуморо ба ҷанозаам хабар намекунам…

X X X

## Доруи нонхӯрак

Қумандон Гадои ҳамсоям, ки марди бадавлатест, боре ба хонам омаду пурсид:
Ака, дорӯи нонхӯрак дорен?
- Додар, дар ин замони қаҳтӣ каму тум нон биёвем, худмон мехӯрем. Ба нонхӯрак майдаву гарди нон намерасад.
- Андак доруи зидди нонхӯрак лозим шудаст, - мақсади омаданашро ба такрор гуфт қумандон ва илова кард:
- Сабил нонхӯракҳо ба ҷон расонданд. Дар хонаи мо ҳамин қадар бисёр кӣ…
- Дору надорум додар. Ҳамагӣ панҷ – шаш нонхӯрак дорем, - кӯдакҳоро дар назар дошта, гуфтам ман ва илова кардам:
- Нонхӯракҳои мо ба дору эҳтиёҷ надоранд. Худмон як бало карда сариштаашон мекунем.
Ҳамсояи қумандонам маънои гапамро фаҳмид, нафаҳмид, ки хапу хомӯшу ҳайрон ба хонааш рафт.

X X X

## Муҳокимаи ду давра

Давраи барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ буду дар маҷлисгоҳи ҳукумати вилояти Кӯлоб конфронси вилоятӣ оид ба «Масъалаи

тарбияи ахлоқии ҷавонон дар асоси нишондодҳои Қуръон», баргузор шуд.
Дар қатори ман маърӯзачиён донишмндони соҳа, ҷонишини раиси вилоят Қимат Рустамова, профессори Донишгоҳи Кӯлоб Саидхоҷа Азизов ва дигарон баромад карданд.
Ба ман ҳам навбат расиду сохти сотсиалистии зиндагиро танқид кардам, ки аз афташ ба бисёриҳо маъқул наафтод.
Ҳангоми муҳокима аз нишастагиҳо ҷавоне ба ман муроҷиат кард:
- Муаллим, вақти дар донишгоҳ таълим гирифтанамон шумо динро танқид мекардед, ҳозир сохти сотсиалистии зиндагиро танқид мекунед. Инро чӣ тавр фаҳмем?
Андаке фикр кардаму гуфтам:
- Додар гапи шумо ҳақ. Ҳозир шоҳу гадо философу сиёсатмадор шудаанд. Дар телевизору радио, рӯзномаю маҷаллаҳо домуллоҳо тарзи гӯру кафан кардани одамонро гап мезананд, аз қоим шудани рӯзи қиёмат, биҳишту дузах амри маъруф мекунанд, дар давраи шӯравӣ мақсади давлат беҳтар кардани ҳаёту зиндагии мардум буд. Ҳозир мардуми доно мову шуморо барои мурдану ба ӯ дунё сафар кардан тайёр карда истодаанд. Давлати Шӯравӣ барҳам хӯрд. Ма ҳам раҳгум задам, намедонам тарафи киро бигирам. Якбора тарафи муллоҳо гашта давлати пештараро танқид дорам.
Иштирокчиёни конфронс масъалаи муҳокима мешудагию ҷои нишасташонро фаромӯш карда ба чапакзанӣ даромаданд.

X X X

**Фиреби Азроил**

Дар донишгоҳи Кӯлоб олими намоён Самариддин Каримов сарвар буданду ман ҳуҷҷатҳоямро барои ба нафақа баромадан тайёр када наздишон даромадам.
Домулло ҳуҷҷатҳоро бо диққат аз назар гузаронида гуфтанд:
- Файзӣ Борон, ҳолӣ соли ба нафақа баромадани ту нарасидааст. Ту дар ҳуҷҷатҳо худата калон нишон додаӣ.
- Домулло солам аз шастусе гузашт. Мувофиқи қарори ҳукумат бояд ба нафақа бароям. Ҳуҷҷатҳоям ҳама ҳаққонӣ, дурустанд.
- Бо ман ҳамсол нестӣ, Файзӣ Борон? – пурсид Самариддин Карим.
- Бо шумо ҳамсолам, домулло,- ҷавоб додам ман.
- Ҳамсол, ки бошем, барои чӣ ман ба нафақа намебарояму ту мебаромадаӣ?
- Домулло шумо вазифаи рӯғанӣ доредy ман муаллими оддиям,- гуфтам ман ва илова кардам:
- Сабаби дигар ин ки худатон як фикр карда бароед, аз ҳамсолони ман ҳамаашон мурдаанду танҳо як шумо зинда мондаед. Ману шумо бимирем ин дунё бесоҳиб мемонад. Кӣ дигар онро идора мекунад? Барои ҳамин шумо сари мансабу вазифа монед, ки ман ба нафақа мебароям. Яке азроил мабодо ба донишгоҳ биёяд, аққалан ҷони якеи моро бигираду дигарамонро наёбад мегӯям, ки дунё бе соҳиб намонад.

Самариддин Каримов аз ин ҳазлам хандаи осмонкаф карданду ба ҳуҷҷатҳоям имзои муборак гузошт.

Х Х Х

## Таъин кардани вазифа

Давраи бесарусомониҳои солҳои 1992 - 93 саҳаре тарафи бозор мерафтам, ки хабар ёфтам раиси ҳукумати шаҳри Кӯлоб Амонулло Ашӯров сессияи ғайринавбатӣ даъват кардааст. Ҳокиму ҳокимчаҳо ҳама тарафи бинои ҳукумат саросема дар даводав.

Аз кӯчаи назди бинои ҳукумат мегузаштам, ки дидам дар сари раҳ 6- 7 нафар камонбадаст бо либосҳои сиёҳи низомипӯш, авзору тиру туфангу тирдон дар бар бо ҳам сӯҳбат доранд.

- Тинҷӣ ҳаст? - пурсидам аз яке, асли ҳодисаро фаҳмидан хоста.

- Ака, хока тинҷиҳай! Барои сари давлат буромадан тарафҳо кашмакаш доранд.

- Шумоҳо ба кадомаш тарафдоред?

- Мо тарафдори Ҳикмати Говем, ака.

- Қандатона занед, - гуфтам ман ва илова кардам:

- Харора ай сардорӣ бигирену говора сардор монен, дунё гулистон мешавад!

Яроқбадастон мазза карда хандиданду ман ба роҳи худ рафтам.

Х Х Х

## Худои бист ҳазори олам

Ҳамроҳи муаллими донишгоҳ, ҳамкор ва дӯстам Абдусаттор Абдулвоҳидов ба хонаи рафиқашон Давлатхӯҷа Сироҷов, ба деҳаи Мирапоқи Даҳана меҳмон шудем. Мард бадавлат, ки ҳаст, дар хонааш и нӯшу неъмата бину. Рӯи дастурхон гӯшти кабки бирёну тухми мурғу моҳӣ, дар тақсимчаҳо писта бо пучоқаш нею, мағзи пистаи эронӣ, бодоми шириндона, нокҳои хушлаззати бобоӣ – хулоса ҳама нӯшу неъмати олам.

Хостам меҳмониамон дар ин хонадон се- чор рӯз давом кунад, ки не. Абдусаттор бегоҳии рӯз фаро нарасида ишорати хестан кард.

Соҳибхона аз наздамон берун баромаду гуфтам:

- Абдусаттор! Ҳамон хонаи қоқу воқат ба ҷонат назадааст, ки ҳама ин нӯшу неъматро пеши по мезанӣ? Ношукрӣ мезанамоне.

- Кампирам нотоб аст, Файзӣ Борон. Рафтан даркор, бародар.- қатъи гуфт Абдусаттору дуд аз димоғам баромад.

Соҳиби хона наздамон омаданду Абдусаттор узр пурсида вазъро ба ӯ гӯшрас кард, ки меҳмониамон поён ёфту бояд ба шаҳр баргардем.

Давлатхӯҷа андак хоҳиши истодани моро карду дар охир ноилоҷ розӣ шуда, даст ба киссаашон бурда, назди Абдусаттор ду қоғази бист сомона, назди ман як қоғази бист сомонӣ гузоштанду гуфтанд:

- Устодон, инаш барои мошинпулӣ то Кӯлоб.

Абдусаттор хоҳиш кард, ки Файзӣ Борон дуои нона ба ҷо биёрда хезем.

Ду даст ба дуо бардоштаму дуо кардам:

- Парвардигори бист ҳазори олам! Файза дар ҳамӣ хонадон бирезию, наҳса бихезонӣ. Ҳамеша дасти акаи Давлатхӯҷара ҳамин тариқ кушода гардонӣ. Омин Оллоҳу Акбар!
- И чӣ дуо буд, ки кардӣ, Файзӣ Борон? – пурсид Абдусаттор.
- Дуои муқаррарӣ. Дуо боз чӣ хел мешудаст? Хайр аз ман беҳтараша медонистӣ барои чӣ худат нахондию маро маҷбур кардӣ, ки фотеҳа бигирам?- андак аз ӯ ранҷида гуфтам ман.
-Ака, қаҳрат накунад, андак вазнин шав,- гуфт Абдусаттор ва шарҳ дод:
- Ҳар бор, вақти дуо хондан - Худои ҳаждаҳ ҳазори олам, - мегуфтӣ, ин дафъа ҳангоми дуо барои чӣ - Худои бист ҳазори олам, - гуфта фотеҳа гирифтӣ?
Ман сарфаҳми саволи Абдусаттор рафтаму гуфтам:
- Давлатхӯҷаи бародармон, барои раҳпулӣ ба ту ду қоғази бист сомонӣ, яъне чил сомонӣ доду ба ман як қоғази бист сомониро раво дид. Барои ҳамин вақти дуо - Худои бист ҳазори олам, - гуфтам, ки дафъаи дигар ба хонааш меҳмон шавем, ба ман ҳам мисли ту ду бист сомонӣ доданро раво бинад…
Бо ҳамин хушҳолӣ бо хонадор хайрухӯш кардем.

X X X

## Ата, як фикрҳое мекунӣ, ки…

Ба хонаи Зафари фарзандам, ба қишлоқи Ҷангалбошӣ хабаргирии набераҳо рафтаму фикри чанд вақт дар сар будаам ба ёдам омад. Чун дидам, ки ҳамроҳи Зафар дар хона ҳарду танҳоем, гуфтам:
- Бачаи ҷон, шукр чор - панҷ бачаву духтар дорӣ. Заната ба духтур бару раҳи фарзанд карданро бигирен. Дар и солу замон фарзанди зиёд балои ҷон мегардад. Боз қонуни танзими оила баромад.
- Ата , ма и кора карда наметонум,- баъди андеша гуфт Зафар ва илова кард:
- Занам ҷавон аст. Мон зоидан бигира.
-- Ихтиёрату лекин баъд, мушкилат нашавад?- гуфтам ба Зафар.
- Ата, як фикрҳое мекунӣ, ки...
Хайр ба гапи шумо равам, занаки ҷавон, ҳамраҳи ҳамсояҳо равуо кунад? Баъд ма бачаи худам мондагӣ, дидаву дониста бачаҳои ҳамсояро нон дода калон кунам?
Аз гапҳои Зафар ҷону дилам сӯхт, вале ба бачаи калон кардаи худам дигар ҳарфе гуфта натавонистам.

X X X

## Гиря барои ватан

Тобистони соли 1972 дар аспирантура таҳсил доштам, ки як нисфирӯзӣ акаи Одинаи Ҳошим ҳамроҳи Қадам Мурод ва дастаи ҳофизону навозандагонаш ба хобгоҳам омаданду баъди салому ҳолпурсӣ акаи Одина гафт, ки Файзӣ Борон, зуд бош ба Ҳисор, ба як тӯй меравем.

- Аз дасти ма навозандагию сарояндагӣ намеояд. Онҷо рафта чӣ кор мекунам? Барои ҳами кор суроғ карда омаден?- гуфтам ман.
- Дар Душанбе ҳазор одам аст, некӣ туро суроғ карда омадем. Мисли ту одами чақ- чақӣ надорем, - гуфт акаи Одина ва илова кард:
- Бо ҳам сӯҳбат мекунему чак метем. Ғудуку ғами дил мебурорем.
Як ҳафта Файзӣ Борон набинамат дилам мекафаде. Гапа кам куну хез рафтем!
- Рафтан бошад, рафтем, - гуфтаму ҳамроҳашон рафтам, ба кадом як деҳаи хуштарҳу обод, ки то ин дам номи деҳа дар ёдам намондааст. Маълум, ки марди тӯйдор Одинаи Ҳошим меод гуфта раҳраву ҳавлиҳоро тозаю озода карда, дар раҳи паҳнбари мошингузар гилему кӯрпача партофта, барои меҳмонон ҷо соз карданд. Дар гӯшаи тарафи боло ду кати хушсохтро барои ҳофизон оварда монданд, то дар яки он ҳофизон нишинанду дар дигараш баландгӯяку асбобу анҷомҳояшонро ҷо кунанд.
Гирдогирди катҳо гилему кӯрпачаҳои хушрӯю зебо андохта, дар миёнаҷои ҷои нишасти ҳофизон гулдаста монданд.
То саршавии базм сӯҳбату чақ – чақ кардему бинам мардуми Ҳисор овозаи омадани Одинаи Ҳошимро шунида ба хонаву дару девори тӯйдор чӣ ки ҳавлию рӯи бому дару дарвозаҳои ҳамсояҳоро пур карданд.
Базми тӯй оғоз ёфт. Рақсу бозӣ сар шуда майдон тасфид. Илова аз раққосаҳо мардуми тӯйдору тамошобин, занону кӯдакон ба майдон ба рақсу бозӣ мебаромаданду зери оҳангҳои ҳофиз базми тӯйёнаро гарм мекарданд.
Дар ин вақт марди тӯйдор, аз афташ маст шуда буд ё ширакайф, ки ба назди ман омаду гуфт:
- Марди меҳмон на суруд мехонию на рақсу бозӣ мекунӣ? Ҳамроҳи акаи Одина омадаӣ, буро ба мардум ҳунарата нишон те!
Ман чӣ гуфтанамро надониста, ки акаи Одина ба соҳибтӯй рӯ оварда гуфт:
- И мардак тавлакӣ аст. Дар раҳ тавлакаш кафид.
- Рафта тавлаки нав биёрум?- ба ҳаяҷон пурсид марди тӯйдор.
- Не, лозим нест, - гуфт Одина Ҳошим ва илова кард:
- Мон имшаб дам бигирад, пагоҳ дар тӯйи Душанбе аз тани ду тӯй тавлак менавозад.
Марди тӯйдор ҳарчӣ рафт. Аз афташ ба Одинаи Ҳошим сар ба сар шудан нахост…
То соати яки шаб базми тӯй давом карду Одинаи Ҳошим аз тӯйдор хоҳиш кард, ки мардумро ҷавоб диҳад. Баъде, ки кӯдакону ҳавасмандон ба хонаҳояшон раванд, барои мардони бамаънию мӯйсафедон наът мехонад.
Ҳамин тариқ Одинаи Ҳошим пас аз андак дамгирӣ ба хондани сурудҳои марсиявӣ ва наҳдхонӣ оғоз карду мардуми давра ба ҳофиз наздиктар нишаста, ҳама гӯшу ҳуш шуда, мафтуни овозу

оҳангҳои марғуби Одинаи Ҳошим, аз базми имшаба лаззат мебурданд.
Айни наътхонии акаи Одина дидам, ки дар гӯшае чанд мӯйсафед ашки дида мерезанд. Наздашон рафтаму пурсидам:
- Амакҳо барои чӣ гиря мекунен?
- Додар, аз хондани Одинаи Ҳошим кӯдакию хешу ақрабо, Кӯлоби ватанамон ба ёдамон омаду оби дидаамонро дошта натавонистем.
- О, Кӯлоб ӯ қадар дур аст, ки ба ёдаш гиря мекунен?
Намешавад, ки хеста ба ватани азизитон раведу инҷо гиря накунед?
Чанд касе аз муйсафедон бо рӯймол ашки дидагонашонро пок карда, аз гапҳои ман ба ханда омаданду якеи онҳо гуфт:
- Бачам, дарахт дар як ҷо месабзаду боровар мешавад. Нашавад, ки ҳафтод – сад нафар бачаву набераву чабераро кӯчонда ба Кӯлоби ватанамон барем.
Чархи фалак моро ба ин ҷо оварду ҳамаумрӣ инҷо мондем…

X X X

## Марди ғариб

Ин ҳодисаро нақл кардаму ғарибии марди дарвозӣ ба хотирам омад.
Солҳои пеш дарвозие бо занаш ҷангу ҷанҷол мекунаду худро ба кақии дигари хонааш гирифта, ба ҷомаи даравии кӯҳнааш печида, қаҳрашро аз хоб гирифтанӣ мешавад.
Нисфирӯзӣ зан дар танур оташ гиронда нон мепазад ва баъди ба охир расидани нонпазӣ ба писарчааш сулҳомез мегӯяд:
- Рафта атата бигу биёд шакаров бихӯрем.
Мард, ки бедор буд, гапи занашро шунида ба қаҳр мегӯяд:
- Мон, мо дар ҳамин ғарибиҳо бимирем.

X X X

## Бо роҳбаре мегардӣ

Бахмал ном зан ба Марвории очаи бачаҳо хабар додаст, ки Борони шавҳарат ҳамроҳи ким кадом зан мегардад. Инро ман аз забони занам шунидаму дар аввал фикр кардам, ки шӯхии занона аст, ки не.
Бинам лабу лунҷи занак овезон, муносибаташ тамоман дигар хел. Гуфтам, зиндагӣ сад ҳодиса дорад. Мумкин дар ҷои кор камбудие шудааст ё ягон ҷои занам дард мекунад.
Баъди ин хабар муносибати ману занам рӯз ба рӯз бадтару бадтар шуд. Ҳарчи пурсам, масъала ҳамон, ки ҳамроҳи кадом зан мегаштаам.
Кор ба ҷое расид, ки занак қаҳрию ёғӣ. Муносибати бачаҳо дар хона бо ман ранги дигар гирифт.
Зиндагӣ дар оила бо ҷангу ҷанҷол хуб намегузарад. Дар ин қадар сари сол гапи ману Марворӣ ду нашуда буд. Ман ба кори муаллимӣ дар донишгоҳ банд, Марворӣ дар мактаби миёна ба таълими талабаҳо машғул. Шукри Худо, соҳиби шаш фарзанди

дустрӯ. Рӯзгори тинҷу осудаамон бо гаштани ман бо кадом як занак ба хонавайронӣ мебурд моро.
Ҳарчи ба занам гуфтам, ки дар ҳама ҳаёт ба корҳои ҳарому ҳараҷ даст назадаам, ки занак рашк карда боварам накард.
Дидам нашуд масъаларо ҷиддӣ ба миён гузоштаму гуфтам:
- Марворӣ наход, ки барои гаштани ман бо кадом зане оилавайрон шавем?
- Агар аз ма беҳтар бошад он зан майлат, ҳарчи дилат хоҳад, ҳамон бикун,- гуфта занам ба гиря даромад.
Дилам ба модари кӯдаҳо сӯхту ба ӯ гуфтам:
- Ман айбдор бошам, Марворӣ ту ҳам мисли ман бе айб нестӣ. Ман ба ту то ин вақт дар бораи гуноҳат ҳарфе нагуфтам – ку?
- Чӣ айб дорам,  бигу! – Ҷиддӣ гуфт занам.
- Манн, ки бо кадом як занак мегашта бошам, ту ҳамроҳи як роҳбар мегардӣ!  Ман инро кайҳо боз медонаму мисли ту ҷанҷолу овоза намекунам- ку.
- Бо кӣ мегардам, гуфтӣ?! - ба тааҷҷуб  пурсид занам.
- Ба кӣ мешуд? Ба як роҳбар мегардӣ. Инро ман нағз медонам. Бо чашми худам дидаму ба лаб кулӯх молида мегардам. Мисли ту овозаву дарвоза намекунам.
Ранг аз рӯи Марворӣ канда гиряааш балагдтар гашту  гуфт:
- Сари шаш фарзандам Борон, тӯҳматам мекунӣ!
Аз  фурсат истифода бурда гуфтам:
-Туҳмат не, Марворӣ. Бахудо бо хамин ду чашми сарам гаштаната дидам.
- _ Ё Худо! – гуфта занам фиғон баровард. Ҳамсояҳо овози ӯро шунида омаданд. Ман аз наздашон рафтам.
Хаёлам он шаб  Марворӣ то ба рӯз мижа таҳ накарда худ ба худ гоҳ ғур- ғур мекарду гоҳи дигар гиряву надомату тавба.
Маълум, ки ҷогаҳи хобро аз вақти шунидани хабари бо кадом зан гаштанам аз ман ҷудо карда, миёни кӯдакон худро гирифта буд.
Ин саҳарӣ , аз афташ дигар тоқат карда натавониста,  Марворӣ ба хонаи хоби ман даромаду худашро пеши поям партофта ба зорӣ даромад:
- Борони ҷон, садқаи кӯдакҳо, ки бигӯ,  гаштани маро бо кӣ дидӣ? Ма дигар ба ин тӯҳмат тоқат карда наметавонам, мемирам. Хунам дар гарданат, Борон!
- Не, ту бигу, ки гаштани маро бо кӣ дида и рӯзи сиёҳро ба сари ҳардуямон овардаӣ?- пурсидам аз занам.
- Ман надидаам.  Аз Бахмал шунидам,-  гуфт, бо гиря  Марворӣ.
Акнун фаҳмидам, ки тут ба муроди дилам пухт, гуфтам:
- Тӯ ба гапи Бахмал бовар кардӣ, ки ма ҳамроҳи кадом зане мегардаму ба ҳамин чашмои сарам гаштани туро дидам, ба ин бовар накунам?
- Чиро дидӣ? – бо ҳамон вазъи гиря гуфт занам.
- Гаштаната,- гуфтам ман.

- Ҳамроҳи кӣ дидӣ маро?!
- Ҳамроҳи роҳбар?
- Хонаи ҳамон роҳбар бисӯзад, ки чӣ ном дорад?!
- Гӯш кун, Марвории ҷон, ки ту ҳар рӯз хамроҳи директори мактабатон Садбарг Набиева намегардӣ?..
- Рост, Рост Борони ҷон!
Эй дар гӯр равад шӯхиҳои шумрут, Борон, ки ҳами гапа намегуфтӣ, ҳамин замон ё замони дигар мемурдаме…
Биё айбама ба гардан мегираму дигар ба гапи беваҳои шайтон турову худама и қадар азоб намедиҳаме…

X X X

## Ҳазли хунуки Усто Ғулом

Тобистоне ба Ховалинг рафтаму дар таги чанорҳои азамат бо Усто Ғулом вохӯрдам.
Усто Ғулом дар баробари устои номии чӯбтарош, ҳунарманд, ҳофизу базлагӯ будан мӯйсафеди шӯх аст.
Баъди салому ҳолпурсӣ усто мурьати меҳмонӣ карду гуфтам:
- Садқат бобо, дафъаи дигар албатта ба хонаат меҳмон мешавам. Ин дафъа корам ниҳоят зарур аст. Ба бинои ҳукумат даромадан зарур, ба хона – музей рафтан даркор. Баъд боз ба Дараи Мухтору чанд ҷои дигар.
- Меҳмон мешудӣ, Файзӣ Борон, бахудо дар пеши пот гӯсфанд мекуштум, - қатъӣ гуфт Усто Ғулом.
- Гӯсфанда намеҳурум, Бобои Усто. Давленӣ. Фишорум баландай.
- Хай, бузут мекушум, додар.
- Буз худуш чию гӯшташ чӣ?- гуфта будум, ки мӯйсафед мушхандае карду гуфт:
- Бахудо, Файзӣ Борон, хари буғузи хушрӯ дорум. Меҳмонам шавӣ ҳаму хара мекушум. Хар хоҳӣ хар, кура хоҳӣ кураша мехӯрӣ.
- Ба шарте сари як табақ ҳамроҳам нишинӣ, майлаш, Бобои Усо, - гуфта будам, ки Усто Ғулом хандиду гуфт:
- Сағера ту дар деги гап ҷӯшидаӣ. Туро ба гап бор карда намешавад.

X X X

## Дандонпизишк

Аёми пирӣ, дандонҳои Марвории занам саросар рехтанду занак ду по дар як мӯза, ки дандонҳоямро соз кардан даркор. Ӯ муаллимаи мактаби миёна буд. Маълум, ки бе дандон шарм мекард.
Маҷбур ба духтури дандони шаҳри Кӯлоб муроҷиат кардем.
Марди узбакнамое дафтари калонеро кушода варақ заду фаҳмонд, ки навбати соз кардани дандонҳои зани шумо 353 - юм будааст. То соли дигар тоқат кунед.
Гуфтам як моҳ аст, ки занак дар пучоқи писта ҷоям карда, ҳар рӯз даъво дорад, ки дандонҳояма соз кунед.
Дар ин шаш моҳи дигари навбатпоӣ ҷонам намемонад.

Занакро гирифта ба ноҳияи Мӯъминобод рафтем. Он ҷо духтури дандонпизишк (ҳамин тавр номгузорӣ кардаанд онҳоро), гуфтанд:
- Ака хокаи қолибрезӣ надорем.
Яъне ин ҷо низ корамон барор нагирифту ноумед баргаштем.
- Мардак, хок дар сари парешонхотирӣ, ки Саъдуллои додархондам дар ноҳияи Москва, дандонсозкунае, - гуфта занак ба ҳолам намонд, ки он ҷо меравем.
Ба ноҳияи Москва (баъдтар номи Ҳамадониро гирифт), омадем ва Саъдулло дар ҳақиқат ҷавонмарди ғалатӣ, хуб пешвозамон гирифту ба ҷонишинаш, ки ин дандонпизишкаш узбакнамо не, узбаки қунд буд, фармуд, ки ба ҳуҷраи паҳлу гузашта қолаби дандонҳои аппаи қиёматиама бигиру то бегоҳӣ корро ба анҷом бирасон.
- Насиб бошад, шаб дар хонаи худам инҳоро меҳмондорӣ мекунаму пагоҳ дандонҳоро часпонда, хурсанд ҷавобатон медиҳем…
Узбаки дандонпизишк ба занам ишорат кард, ки ба ҳуҷраи паҳлу гузарад.
Хамроҳи Марворӣ ба ҷои нишондодаи духтур даромадему табиб ба занам фармуд, ки ба ин миз нишину даҳонатро кушо.
Хайр, занак даҳони бе дандонаша кушоду дандонпизишк бо болғачае ба комукҳои бедандони Марворӣ тук – тук карда заду гуфт:
- Янга, тората соз кунум ё таҳата?
Ман ки дар паҳлу нишаста ин ҳамаро назора доштам, ин ҳамаро шунидам ва аз гапи дандонпизишк аламам карду гуфтам:
- Додар, болоша соз куну ба поёнаш кордор нашав. Ман худам устои поёнам.
Духтури узбак сарфаҳми суханам рафту аз ин гапам ранг бурду ранг оварда мисли лаблабӯи такиаловӣ сурх шуду аз ҳуҷра баромад.
Ҳамроҳи занам ҳайрон нишаста будем, ки Саъдулло хандида аз дар даромаду пурсид:
- Ака, ба ҷонишинам чӣ гуфтӣ, ки қаҳр кардааст?
Ба Саъдулло асли гапро гуфтам, ки аз ханда ишкамаша дошта берун баромад ва баъди андак вақт омада қолаби дандонҳоро гирифт.
Шабро дар меҳмонии Саъдулло ба рӯз расонидему Марворӣ бо дандонҳои садафии нав, ҳарду хурсанд ба хона баргаштем.
Ҳолӣ ҳам он дандонҳоро барои хотира аз Марвории занам дар хона нигоҳ медорам.

X X X

## Мушти хок

Марвории модари бачаҳом аз олам гузашту дар мазор, баъди дар хок монданаш марди муллонамое наздам омаду гуфт:
- Маълим, як мушт хок ба гӯри оилаатон партоед.

Гуфтам: - Ман ин корро намекунам.
Гуфт:- Ин кори савоб аст. Аз рӯи гуфти шариат мард бояд як мушт хок ба гӯри занаш партояд, то зан аз ин олам ормонӣ наравад.
Гуфтам: - Дар давоми чил соли зиндагӣ бо занам гапамон ду нашудааст. Ӯ боре ба ман «рӯт дар хок» нагуфту ма барои чӣ ба рӯи ӯ мушти хок мепартофтаам?
Марди муллонамо дигар ба ман ҳарфе нагуфта аз наздам дур шуд.

X X X

## Марсия

Муаллим Шамси Хатлонӣ, ки солаш ба ҷое расидаасту ҳарду дар донишгоҳ якҷоя кору фаъолият дорем, вақтҳои холӣ шеър менависад ва боре ҳангоми сӯҳбат аз он кас хоҳиш кардам:
- Домулло, бисёр таъриф мекунӣ, ки дар шеъргӯӣ баҳо надорӣ, як марсияе бароям навис.
Мӯйсафед андак фикр карду гуфт:
- Домулло, марсияро баъди мурдани кас менависанд. Шумо дар зиндагиатон аз ман хоҳиши марсиянависӣ доред?
- Аз шумо малоле намешавам, домулло, - гуфтам ман ва хоҳиш кардам:
- Шумо дар зиндагиам марсияамро нависед. Ку бубинам, ки маъқул мешавад ё не.
Аниқ медонам, ки баъди маргам менависед, лекин он марсия чӣ марсия мешавад, намедонам. Ҳозир нависед, ки сеҳри суханатонро
бубинам. Баъд, гап сари ин ки соли шумо ҳам ба ҷое расидааст. Метарсам.
- Аз чӣ метарсӣ?- ҳаловона пурсид муаллим.
- Метарсам, ки пеш аз ман нараведу ман шоири марсиянависи дигар наёбам?
Мехоҳам дар зиндагиам, марсияамро бо чашми худ бихонам.
Шамси Хатлонӣ чанд вақт боз ба навиштани марсияи ман машғул аст.
Метарсам, ки марсия хуб барояд, мӯйсафеди Шамси Хатлонӣ сабил аз ман ягон ҷома талаб накунад?

X X X

## Дандони ақл

Дандонам аз ҳад дарди зиёд карду ба духтур муроҷиат кардам.
Довуди духтур дандонамро хуб аз назар гузарониду гуфт:
- Муаллим, як ҳафта пештар меомадед, даруни дандона парма карда табобат мекардем. Ҳозир андак варам овардаст. Дарди зиёд карда бошад кандан зарур мешавад. Сабил, боз дандони ақл решаи чуқур дорад.
- Дандони ақл гуфтӣ, додар? – пурсидам аз Довуд.

- Дандони дард кардаатон, дандони ақл аст, ака - ҷавоб дод духтур.
Шӯхӣ карданам фориду гуфтам.
- Додар дар ҳамин даҳан, байни дандонҳои дигар чандтояш дандони ақл аст?
- Се дандонатон, ака дандони ақл аст,- дарҳол гуфт Довуди духтур.
- Ин тавр бошад, Довуд, додар, ҳарсе дандони ақлама бикан! – ҷиддӣ гуфтам ман ва духтур ҳайрон пурсид:
- Барои чӣ?
Ман мисли пештара худро ҷиддӣ гирифта гуфтам:
- Намебинӣ, ки ҳама вазифаҳоро аз раисии ҷамоат сар карда то ба вазир беақлҳо гирифтанд. Сабил ҳамин дандонҳои ақл будаанд, ки маро аз бераҳагӣ бозмедоштаанд, набошад дар ин қадар сари сол ягон вазифаи рӯғанӣ ба мо ҳам мерасид.
Ҳозир ҳам дер нашудааст. Довуд, додар, ҳар се дандони ақлама бикан. Ку бубинем дар сари пирӣ вазифае насибам мегардад ё аз ин ҷаҳон бевазифа ормонӣ меравам?!

X X X

## Шаби қадр

Саҳари шаби 27 – уми рамазон, ки он шабро шаби қадр мегӯянд, ба ҳавлӣ баромадам, ки Қодири ҳамсоям хотирпарешону зиқ, саломамро аранге алек гирифт. Димоғи сӯхта дошт Қодир ва аз ӯ пурсидам:
- Додар тинҷӣ ҳаст? Қошу қавоқат овезон, димоғат сӯхтагӣ?
- Хока тинҷӣ, ки аз Мӯъминобод панҷ қопча( линча), пиёз оварда барои қоқ ( хушк), шидан ба афтов инҷо монда будам, имшаб кадом хонасӯхтаи дузд ҳамаша бурдасте.
Ба ғами ҳамсоя шарик шавам гуфта пурсидам:
- Додар, имшав шави лайлатурқадр буд, медонӣ?
- Медонум, акаву нахо дар ҳамин шави муборак инсоф накарда ҳама пиёзҳоро баранд. Ақаллан як миқдораша намемонӣ, бигӯ.
Ба дарди ҳамсоя марҳам шавам гуфта ӯро дилтиҳӣ кардам :
- Медонӣ, ки дар и шав аз ҳафт қабатаи осмон миллионҳо малоика ба замин фуромада аҳволи мову шуморо медиданд. Руҳу арвоҳҳоро намегӯӣ.
Худоӣ, хайру саховат, ки кам мекунӣ, бечора рӯҳу арвоҳи гуруснаву малоикаҳои ғадор як пиёзӣ ки гирифта бурда бошанд, боз мефорат, ки як қадараш ба ту бимонад?
Мард аввал табассуму баъд ханда карда хушҳол аз паси кораш рафт.

X X X

## Тавофи Каъба

Иброҳим Ашӯри боҷаам, ки марди арабшиносу тақводор аст,дар мамлакатҳои араб солҳо хизмат ба ҷо оварда буд, чун роҳбаладии ҳоҷиён ба зиёрати Макка рафтаву аз миён қариб бист рӯз гузашта, ки як бегоҳӣ телефонам кард.
- Акаи Борон чӣ аҳвол дорӣ ? – гуфта пурсид.
- Ҳолам хуб аст, - гуфтам ва аз ӯ пурсидам:
- Аз куҷо гап зада истодаӣ Ашӯри ҷон?
- Аз Хонаи Худо,- гуфт Ашӯр.
Завқи шӯхиям омаду гуфтам:
- Ашӯри ҷон, ку бубин, Хонаи Худо дару даричае дорад.
- Дорад, ака, дорад,- гуфт Ашӯр.
-Як хизмат, - гуфтам ба Ашӯр ва илова кардам:
- Ба Парвардигор зориву таваллои маро бирасону илтиҷои зиёде ба ҷо биёр, ки гуноҳҳои зиёд доруму чандин сол боз орзӯи ҳаҷ рафтан мекунум, лекин дар насибу тақдирум набудаст. Пули ҳалоли меҳнатӣ, маоши муаллимиам намерасад, ки ба сафари ҳаҷ бурам.
Парвардигор ризқама зиёд кунад, ма ҳам мисли  миллион одамҳои дигар бо пули ҳалоли меҳнатӣ ба зиёрат албатта меравам.
Ашӯр ба ман дигар ҳарфе нагуфта телефонашро хомӯш кард.

Х Х Х

## Марҳамат, мошин тайёр

Бори дигар ҳамроҳи муаллими дӯст ва ҳамкорам Абдусаттор Абдулвоҳидов ба хонаи як дӯсташ меҳмон шудему мисли хонаи Давлатхӯҷа Сироҷуф дар ин хона низ зиёфатҳои шоҳона, нуқлу кабоб, кабку тухмбирён аз тухми будана оварданд. Рӯи дастурхон ширинию мағзу мавиз ҳисоб надошт.
То бегоҳирӯзӣ корамон хӯрдану нӯшидану кайфу сафо, ки мисли ҳарвақта Абдулвоҳидов нияти хестан карду ба ӯ гуфтам:
-0, куҷо меравӣ, маълими тефканда?
- Зиёфата дида рафтанӣ нестӣ, чӣ бало? – пурсид Абдулвоҳидов.
- Албата не. Дар и бевақтӣ аз куҷо мошин меёбӣ, ки то Кӯлоб бубарат? Имшаб меистему зиёфатхӯрира давом метем. Аз ду сар на дар хонаи ту и қадар дороию кайфу сафора меёбию на дар хонаи ман.
Соҳибхона, ки аз афташ дар берун даъвои моро гӯш мекардааст, ба хона даромаду гуфт:
- Меҳмонҳои азиз!  Марҳамат мошинам тайёр. Савор шавед, то хонаҳоятон бурда расонамтон.

Х Х Х

## Даҳанталх

Аз рӯи урфу одат ва расми мусулмонӣ нони чилуми Марвории занамро медодем. Маълум, ки ба меҳмонқабулкунию шину хези меҳмонон саргардон будам, ки  марди ҳузарби дар шаклу афту андом шиноснамо, вале номаш дар хотирам набуд, сари дастурхон

сағали гӯшт дар даст,  бо лаби пурханда тарафам назар карду гуфт:
 - Муборак шавад, маъллим!
Мард гумон доштааст, ки зани нав гирифтаам ва ба ин муносибат нон кардаам.
Ман дар аввал аз ин муборакбодӣ дар хиҷолат мондам ва  дарҳол сарфаҳм рафта худро ба даст гирифтаму тарафаш назар карда гуфтам:
- Ба шумо ҳам бародар  тааллуқ дорад.
 Парвардигор, шуморо ҳам мисли ман ба ҳамин рӯз бирасонаду ашки чашмонатон асло хушк нашаванд, даҳонтон якумр талх бимонад!

X X X

## Дигар ба хонаи ман наё

Соли аз дунё гузаштани занам бароям мушкил омад ва ёру дӯстон шукр, ки қариб ҳар рӯз ба хона фотеҳахонию дилбардорӣ меомаданд.
Дар яке аз чунин рӯзҳо, ки дӯстам Файзулло Шарифов дар хона меҳмонам буданд, дарро касе ду – се маротиб сахт кӯфт. Бинам, марди ҳузарбе назди дар рост истодааст.
 Гуфтам: - бародар, марҳамат ба хона даро, ки мард гуфт:
- Ака, ман талбандаам. Ягон сӯмам медодӣ, мерафтам..
Ман ин гадоро борҳо дида будам ва мешинохтамаш. Кайфи шӯхиам омаду аз ӯ пурсидам:
- Бори чандум аст, ки ба ҳамин хона омадаӣ?
- Росташа гӯям, муаллим, бори дувоздаҳум аст.
- Дигар ба хонаи ман наё, ҷӯра, - гуфтам ба гадо ва ӯ ҳайрон пурсид:
- Барои чӣ, муаллим?
- Бароe, ки аз рӯзи омадани ту аз ин хона се мурда баровардам. Ба хаёлам бори дигар биёӣ аз дуоҳои хайрат худам мемирам.
Гадо табассум карду гуфт:
- Муаллим ҳамин дафъа хайр кунед, дигар намеоям.
Аз киса  охирин як сомониамро бароварда ба ӯ додаму дигар он гадоро надидам.

X X X

## Ҷои хоб

Дар донишгоҳ вақти корӣ ба охир расиду ҳама муаллимон тараддуди ба хонаҳояшон рафтан карданд. Чун диданд, ки ман бафурҷа нишастаам кадоме аз онҳо пурсид:
- Муаллим вақт шуд, ба хонаат намеравӣ?
Гуфтам; - Не, намеравам.
Гуфт:- Барои чӣ?
Гуфтам: - Аз вақти аз олам гузаштани занам, бачаҳо ҳар кадом ба дару дуи худ рафтанд. Дар хонаам касе намондааст.
Ту бошӣ, мегӯӣ ба хонаат рав.

Хона не, гӯӣ, ки ба ҷои ховат намеравӣ, меравам.
Хонаам хона не, ҷои хобам гаштааст.

X X X

## Заншӯӣ

Сари соли худораҳматии занамро додему дастурхон ҷамъ кардем. Баъди чанд вақти дигар маҷбур будам оиладор шавам. Сабил ҷонамро Худо нагирифт, маҷбур будам зан гирам.
Хайр, зан гирифтаму намедонам ду ё се рӯз гузашт.
Вақти ба кор рафтан Раҳматуллои ҳамсоя, ки ба таъмири мошинаш машғул буд, маро дида салом доду ба ханда гуфт:
- Маълим, зани нав муборак шавад !
- Худо ба шумо ҳам тааллуқ дорад,- гуфтам, бо димоғи сӯхта ва роҳамро давом доданӣ будам, ки Раҳматулло овоз дод:
- Маълим зани нава намешӯем?
Аз роҳ бозистодаму дар хаёлам гузаронидам, ки ба ин мард ҷавоб додан даркор, гуфтам:
- Раҳматулло, зани нав гуфтӣ, и занак нав набудааст. Кӯҳна аст и зан, лекин вақте ту зани нав гирифтӣ, барои чӣ хабар накардӣ, ки ҳардуямон якҷоя бишӯемаш?
Хаёлам одамҳо мошини нав, хонаи нав гиранд, онҳоро мешӯянд. Заншӯиро аз даҳони ту шунидам. Агар ин расми нав одат шуда бошад, бегоҳӣ аз кор, ки омадам, аввал зани туро якҷоя мешӯем, баъди навбати зани ман омадан ягон фикр мекунем.
Мард аз ин гап бо ман чанд муддат қаҳрӣ гашт.

X X X

## Ҳаққи газ

Як саҳарӣ барои ба кор рафтан тайёрӣ медидам, ки занги дар ба ҷирингас даромад. Чун ба либоспӯшӣ саргардон будам, занамро ишора кардам, ки дарро кушояд.
- Ассалом, хоҳар,- шунидам овози мардеро ва ӯ гапашро идома дод:
- Хоҳар падарата ҷеғ бизан.
- Атам дар Ҷарқалъаҳай, инҷа нест,- ҷавоб дод занам.
- И Файзӣ Борон чит мешавад?
- Шавҳарам, - ҷавоб дод, занак ва дидам, ки гапашон тарафи дигар рафт, аз дар берун шуда ба мард салом додам. Донистам, ки мард каси ҳаққи газ мегирифтагӣ одам аст, зеро аз ин пеш борҳо ӯро дида будам.
- Ҳе, ака, ҳаминҷода будаию аз хонат намебароӣ?
-Ана баромадам, додар,- гуфтам ба мард ва ӯ худро шиносонид:
- Ака, ма ай горгаз. Ҳаққи газа гирифтанӣ омадам,- гуфт ва пурсид:
- Ака и зани ҷавони хушрӯра кай гирифтӣ?

- Ягон ним сол мешавад,- кутоҳ ҷавоб додам ман.
- Медонен, ака, и савола барои чӣ додум?- пурсид мард.
- Не, намедонум,- гуфтам ба ӯ.
- Ма ҳам безанум. Ду сари сол боз, ки зан мековум, ба чени дилум намеёвум. Намешава, ки ба мара, ҳамитарӣ мисли зани худут, ягон зан биёвӣ.
- Барои чӣ намешава. Мешава. Некӣ пурсум, ки ҳамитарӣ занат мефорад?
- Ҳова. Дар ҷонут бимирум ҳамитарӣ занум биёвӣ якумр хизматут мекунуме,- лаб лесида гуфт мард.
- Ҳамитарӣ мисли зани ма, ки зани хуршӯ форад, бигир ҳами зани мара поку пиҳил, аз барои Худо, барои худат бубару лекин як шарт.
- Чӣ шарт дорӣ?- ҳаловона пурсид мард:
- Шарт ҳамӣ, ки занака мебариву панҷ сари сол мара аз супурдани ҳаққи газ озод мекунӣ. Яъне панҷ сари сол на ма рӯи туро бинаму на ту рӯи мара.
Мард дар хиҷолат монда пули газро дигар суроғ накарда аз ҳавлӣ баромада рафт.

## Пули баҳо

- Муаллими таърихи донишгоҳ, Султон Маҳмуд, ба набераам, ки донишҷӯ аст, баҳо намонда аз ӯ маблағ талаб кардааст ва маҷбур шуда ба ӯ бист сомонӣ додам, ки баҳояшро аз муаллим харада гирад, ки не. Бегоҳӣ набера бо лабу лунҷи овезон ба хона омада хабар дод, ки муаллим ба ин пул баҳоямро намонд.
Сабаб пурсам, муаллим даҳ сомонии дигар ҳаққи баҳо талаб кардааст.
Худ ба худ фикр кардам, ки замон хамин тарз ҳарому ҳариҷ шудааст, сабили сар, гуфта даҳ сомонии дигар ба набераам додаму об ба лаби ҷӯ баробар шуд.
Баъди чанд вақт дар ошхонае нияти хӯроки нисфирӯзӣ хӯрдан карда, аз дари ошхона ба дарун даромадам, ки Султон  Маҳмудро дар паси мизе ба хӯрокхӯрӣ машғул дида, дар бари он кас ҷо гирифтам. Чун ҳарду дар донишгоҳ якҷоя кор мекардем, гуфтам дами беғам зада чақ – чақ мекунем.
Ним коса хомшӯрбо гирифтаму як чойнак чой ва бо муаллим сӯҳбат карда хӯрок хӯрдем, ки ин дам пешхизмат наздамон омаду Султон Маҳмуд хеста рафтанӣ шуда, пешхизматро наздаш хонд то ҳисобӣ кунад.
Муаллим як панҷ сомонӣ бароварда ба пешхизмат ҳисоби карда рафтанӣ буд, ки ба ӯ гуфтам:
- Муаллим аз тани ман ҳам ҳисобӣ кун!
- Боз и чӣ гап, устод?- гуфта Султон  Маҳмуд ним шӯхӣ ва нимҷиддӣ гуфт ба ман.
- Ҳеҷ гап не, шогирд,- гуфтам ба ӯ ман низ нимшӯхӣ ва нимҷиддӣ ва илова кардам:

- Аз набераам барои як баҳоятон сӣ сомонии маро гирифтаӣ. Панҷ сомонӣ ҳаққи хӯроки хӯрдаи маро ин дафъа диҳӣ, биступанҷ сомонии дигар дар гарданат қарз боқӣ мемонад, шогирди мӯҳтарам!..

XX X

**Нурулло Ҳасанов**

# БОБОИ ПУРХӮР

**Ба ин марди чорпаҳлуи қадбаланд соли 1979 дар фермаи ширию молии Диндӯстони ноҳияи Муъминобод шинос шудам. Подабону посбони ферма буд. Ҳамон вакт 51 сол дошт. Боқуввату тавоно метофт. Дар бораи пурхӯриаш сӯҳбату наклҳо мекарданд. Вале бо ин гуна пурхӯриаш хароб менамуд. Аксар мегуфтанд, ки шояд дар меъдааш ягон моддаи ба илми тиб номаълуме бошаду таому меваҷоти хӯрдаашро зуд ҳазм мекунад. Боз аҷибаш он буд, ки қазои ҳоҷат ҳам кам мерафт. Ӯро ном Бобо Собиров, зодаи ҳамин деҳа буда, 84 сол умр дид. Аз қиссаҳои ин марди деҳқону меҳнатдӯст дар зер чандеро манзури шумо мегардонем.**

X X X

## Ҷ Ӯ Й Б О Р

Дар маркази ноҳияи Муъминобод Каримхон ном марди авғон мезист. Бисёр сахткору тӯндгапу болои ин бадавлат буд. Аз чашмаи пеши хонаи бобои Раҳмоналӣ, аз масофаи кариб 100 метр ба дохили ҳавлиаш об овардании мешавад.Якчанд касро мегӯяд, ки 100 сӯм (хонда шавад 150 доллар) медиҳам, ҷӯйборро канда биёяд, кам гуфта розӣ намешаванд. Касе маслиҳат медиҳад, ки Бобои пурхӯрро биёрад.Барои овардани Бобои пурхӯр мера вад. О н кас ваъда медиҳад, ки бегоҳӣ меояд.

Бобо омода ду белу ду каланд ва як зоғнулро омода месозаду мегуяд, ки барои ӯ як шӯрбои кори калон тайёр кунанд. Соати 6-7-и бегоҳ таомро тановул карда, дар таги долон ҷогаҳашро мепартоянд.

Тобистони маҳтобшаб. Каримхон аз ин амали Бобо ҳайрон гашта, бо тундӣ мепурсад, ки кай кор мекунӣ?.

«Корат набошад, кае хоҳам кор. мекунам, мегӯяд мард.

«Саҳар хеста музди маро деҳ»,ҷавоб медиҳад пурхӯр.

Соатҳои даҳи шаб Бобо аз хобаш хеста ҷомаю миёнбандашро баста, бо мӯзаҳои резинӣ корро аз лаби чашма оғоз мекунад.

Баробари пурхӯриаш ӯ шахси ҳалолкору меҳнатдӯст буд. Дар колхоз вақти дарав, дар як рӯзи корӣ худаш танхо 1 гектар алафзор, гандум, шолизорро медаравид.

Ҳамин хел Бобо ба ҷӯйборканӣ андармон шуда,чи тавр ба ҳавлии Каримхон расиданашро надонист. Соати 4-и субҳ ҷӯйбор ба нуқтаи даркориаш расиду Бобо новардони аз булли азбестӣ тайё кардаро ба он гузошт. Ҷои обрезиро низ чуқур канд. Сипас рафта оби чашмаро ба ҷӯйбор гардонд. Бобо гашта омада резиши обро диду таги долон баромада хоб рафт.

Соатҳои панҷи саҳар соҳибхона Каримхон ба ҳавлӣ баромада, шилдирроси оби мусаффоро дида бовараш наомад. Охир аз масофаи 100 метр ба чуқурии кариб 1 метр канда овардани ҷӯйбор кори осон аст магар?

Саҳарӣ Бобо аз хобаш хеста бо авғони ошнояш чою тухмбирён хӯрда, бо 100 сӯму як сару либос, ҷомаю шиму музаю тоқии наву миёнбанди шоҳӣ ба хонааш рафт.

X X X

## П О М И Д О Р

Шахсе аз маркази ноҳияи Муъминобод барои маъракааш ба шаҳри Кӯлоб помидорхарӣ меравад. Рӯз бегоҳ мешуд. Он шахс ба истгоҳи мошинҳои шаҳри Кӯлоб омада 4 қуттии 10 килоӣ помидор доштаро дар бордони таксиҳои «Волга»-и зард мемонад. Таксӣ пур аз мусофир шуда ба роҳ мебаромад, ки аз куҷое Бобои пурхӯр меояд. Дигар мошини Муъминободрав нест. Ронандагони мошинҳои мусофирбар ҳамааш акаи Боборо мешинохтанду ҳурматаш мекарданд. Ронанда ошнояшро дида меистад ва мегуяд ҷой надорам. Бобо мегуяд, ки то ҳол дар ягон ҷо шаб наистодааст, бояд равад. Охир, посбонии ферма дар зимаи ӯст. Ронанда нею нестон мекунад, ки ҷой нест, вале Бобо илтиҷо мекунад, ки ӯро дар бордони мошинаш барад. Як бало карда ӯ дар бордон ҳалқа зада ҷо мешавад.

Мошин ба роҳ мебарояд. Рости деҳаи Диндӯстон ронанда, ки хонаи мусофирашро медонист манъ мекунад. Бобо аз бордон фуромада 3 сӯм роҳкироро дода хонааш меравад.

Ронанда се мусофирро дар маркази ноҳия мефуророраду шахси помидор харид карда хоҳиш мекунад, ки ӯро бо бораш то қафои идораи почта барад. Вақте ба ҳавлии он мард расида, помидорҳоро фаровардanӣ мешаванд, мебинанд, ки ғайр аз ду-се думчаю пӯсти помидор дигар чизе нест. Мусофир қуттиҳоро механбонаду ҳайрон мемонад. Ноилоҷ ба ронанда 3 сӯм роҳкиро ва 1 сӯми то ҳавлиаш овардану пули борро дароз мекунад. Ронанда қоҳ-қоҳ хандида ба он мард мегӯяд, ки ин кори ҳамон Бобои пурхӯр аст. Ва

ҳамон 4 сӯми аз мусофир гирифтаро бозпас ба ӯ медиҳад, ки гир ин пулҳои помидорай. Як кило помидор ҳамон солҳо 10 тин арзиш дошт. Мусофир пулро мегираду ронанда табассумкунон изҳор медорад, ки ин пулро ӯ албатта аз чарми сари Бобои пурхӯр кашида мегирад.

X X X

## ТӮЙИ АБДУХОЛИҚ

Абдухолиқ Латифов дар бунгоҳи тиббии Сармайдон табиб буд. Ин деҳа аз Диндӯстон 700 - 800 метр дурӣ дошт. Яке аз рӯзҳои шанбе ӯ тӯи хонадоршавии писарашро гузаронида, мудири фермаю акаи Боборо низ тӯй муроот намуд. Меҳмонони зиёде болои кату хонаҳо, дар дегҳо шурбои серсағалу оши зирадор дар ҷӯш. Мудиру пурхӯр бо ду каси дигар омада, дар яке аз хонаҳо ҷо гирифтанд. Дигарон ду-се касӣ дар як табақию Бобо худаш танҳо як табақи калонро соҳибӣ мекунад. Чор маротиба табақаш аз фатир пуру холӣ ва як сатил оби шурбо тамом мешавад. Баъд ош оварданд. Ҳашт лаълии пур-пури ошро бо панҷаҳои девмонанди шахшулаш қурбони шикам кард. Нав Бобо бо 30 дона қанд пиёлаи бистум ё сиюми чойро нӯшида буд, ки худи Абдухолиқи тӯйдор назди Бобо омада мегӯяд: - Акаи Бобо директори совхоз дар ферма шумову мудирро суроғ доранд. Тез биёянд мегуянд.

Онҳо зуд хеста аз деҳаи Ҳанатарош роҳи фермаро пеш гирифтанд…

Ин дурӯғи тӯйдор буд. Не директор суроғ дошту не каси дигар.Агар ӯ ин ҳилларо ба кор намебурд, шояд дар дастурхони тӯйдор дигар нон намемонд…

X X X

## Х Л Е Б

Дар маркази ноҳияи Муъминобод сехи калони нонпазӣ (хлебпазӣ) буд, ки шӯҳрати маззаи нонаш ба ким-куҷоҳо рафта буд. Як дона нони (хлеби) қолабӣ кариб ду килло вазн дошт.

Дар маркази ноҳия мағозаи хӯрокворӣ арзи ҳастӣ дошту мудири он акаи Намоз Одинаев буданд. Ҳамсараш апаи Зоя низ гоҳ-гоҳ ба шавҳараш ёрӣ мерасонд.

Рӯзе саҳар акаи Бобо назди ошнояш Намози магазинчӣ меояд. Онҳо аҳволпурсӣ карданду акаи Намоз хоҳиш мекунад, ки рафта 10 сотих замини ҳавлиашро побел кунад, 20 сӯм музд медиҳад.

-Янга дар хона аст, хӯрок хӯрда баъд меравӣ, - хоҳиш карда мегӯяд акаи Намоз.

Бобо ба зудӣ заминро побел карда, дасту рӯяшро шуста назди мизи таги ҳавозаи ток мешинад. Апаи Зоя дар як чинӣ шурбои сергушт ва

ним пора хлебро майда карда ба чоймонӣ меравад. Чойнакро оварда мебинад, ки хлеб нест. Боз рафта пораи дигари нон (хлеб)-ро меорад. Лаҳзае пас нидо меояд: - Янга нон биёр!
Хайрият боз 1 дона хлеби дигар будааст, онро низ пеши пурхӯр меорад. Баъди лаҳзае Бобо «янга нон биёр» мегӯяд. Апаи Зоя зуд, роҳи мағозаро, ки он қадар дурӣ надошт, мегирад.
«Намоз,ти, кого привёл домой? Хлеб кончилос, ужас какой-то»!
Намоз, ки феъли Боборо медонист, хандида-хандида ба коргари мағоза бобои Лоиқ дар як халта даҳ дона хлеби дигарро андохта ба хона мефиристад.
Ба занаш мегӯяд, ки имрӯз хӯрокхӯрӣ намеояд, ҳаққи ӯро ба Бобо диҳад. Бобои пурхӯр ҳамон рӯз даҳ косаи чинии калони шурбо ва 12 дона хлеби хонадони акаи Намозро тановул мекунад.
Илова аз ин Бобои мардикор омада аз ошнояш Намози магазинчӣ 20 сӯм ва 6 дона хлеби дигар гирифта, назди кӯдаконаш раҳсипор гашт.

X X X

## Қ У Р У Т О Б

Дар деҳаи Деҳбаланд бобои Летаки чавандоз қурутоб карду тамоми мардуми деҳаҳои атрофро даъват намуд. Зимистон, барф то зону. Сардӣ сахт. Тановули қурутоб дар чунин хунукӣ ҳам кайфият дораду ҳам фоида.

Бобои пурхӯр бо як ҳамдеҳааш саҳарии солеҳон роҳро миёнабур карда ба хонаи қурутобдор омаданд. Аллакай ду-се хонаю хонача, меҳмонхонаи дароз пури одам. Боборо ба меҳмонхона даровარданд. Ҳарчанд барои эҳтиромаш ҳама аз ҷо хеста, ба боло даъваташ карданд, нарафт.
-Ҳамин ҷо барои ман қулай,- гуфта, дар наздикии дари хона, яъне санҷикдарӣ чорзону зад. Як табақи пуру алоҳидаро барояш оварданд. Онро лишта равон кард. Боз як табақи дигар биёрем гуфтанд, Бобо гуфт, ки лозим нест. Аз ҳамин ҷо ризқу рӯзиамро меёбам,- гуфт.
Дар меҳмонхона 25-30 нафар одам ҷо мегирифт. Аз болою мобайн аҳён-аҳён табақ холӣ меомад.Дигар табақҳои баргашта нимхӯр буданд. Табақҳо дасти ба даст охир ба дасти Бобо мерасиданд ва ӯ бояд чун одами охирон онҳоро ба даҳони дар рост истодагиҳо-хизматгузорон медод. Вале Бобо баръакс, ҳар як табақи нимхӯрдаро пешаш гузошта онро покиза мекарду баъд медод. Табақҳо гӯё дигар ба шустан эҳтиёҷ надоштанд. Одамҳо ду навбат иваз шуданду Бобо

ҳамоно табак тоза мекард. Аз рӯи ҳисоби ҳамроҳонаш ҳамон саҳар акаи Бобо даҳ табак курутобро нуши ҷон карда ҳаловат бурд.

X X X

## АНГУРИ АВТОЛАВКА

Солҳои 60-ум акаи Мирсарвар дар райпои Кӯлоб ронандаи автолавка буду вақт ёфта Муъминобод хонааш хабаргирӣ меомад. Яке аз рӯзҳои шанбе ба хона омада шаб истод. Деҳқоне бегоҳӣ омада гуфт,ки ду сабад ангур дорад, саҳарӣ онҳоро бозори Кӯлоб бурдан даркор. Ронанда хуб гуфт.

Саҳарӣ барвакт сабадҳоро бор карда ба роҳ бароматанд. Акаи Мирсарвар бо акаи Бобои пурхӯр бисёр ошнои сахт буданд. Сари роҳ ӯро дида истод. Кӯлоб рафтанашро фаҳмида ба даруни автолавкааш назди сабадҳо ӯро низ савор кард. Деҳқон дар кабина менишаст.

Соатҳои 7 ба бозори Кӯлоб расиданд. Акаи Бобо фуромаду дуртар рафта наззора кард, ки деҳқону ронанда чи кор мекарда бошанд.

Деҳқон ба қафои автолавка гузашта боло баромад ва аз он ҷо ду сабади холиро ба лаби мошин овард. Мирсарвар ин ҳолро дида «Э,онаи зоратро об барад пурхӯр»!- гӯфту монд.- Ин падарлаънат ҳамаи ангурҳоро хурдаасте!

Акаи Бобо завқ карда хандиду худро намудор карда наздашон омад.

-Акаи деҳқон, ҳамаи ангурҳоро фурӯхта чанд пул карданӣ будӣ? - – гуфта пурсид Бобо.

- Як сад кило ангур меомад. Дар бозор ангур 1-5,3 сӯм, - гуфт мард.

Акаи Бобо аз ҷайбаш бастаи пул бароварда ба деҳқони ҳайрону гарангшуда 200 сӯм ҳисоб карда дод:

-Ана,ин пулҳои ангурат. Ина, бозор, рав, чизе ки мехоҳӣ харида хонаат раву дашномам нате, - гуфт Бобо.

Деҳқон намедонист чи хел миннатдорӣ кунад. Мирсарвар бо акаи Бобо чак додаву чак гирифта, ҳай хандиданд.

Деҳқон аз паи кораш шуду Мирсарвар тарафи базаи райпо рафт. Бобои пурхӯр тарафи бозор тарбузхӯрӣ рафт.

X X X

## 20 ДОНА ТАРБУЗ

Дар ҷои ҳозираи бозори маркази шаҳри Кӯлоб солҳои 70-ум бозори кушоду барҳавое ҷой дошт. Дар ҳавои кушод ғарамҳои калон-калони тарбузу гарбуза ба савдо гузошта шада буданд.

Онҳоро деҳқонони Мирзочулу Вахш, инчунин аз Ӯзбакистон меоварданд.

Акаи Бобо аз ангурхӯрӣ таскин наёфта, пеши харбузаю тарбузфурӯшҳо омад. Як қалуғи телпакдор: - Тарбузи Калхозобода биё! - гуфта харидоронро даъват дошт. Пурхӯр назди ӯ омада гуфт: - - «Нимтаҳай, яктаҳай тарбуз наметӣ, ошно»?

Савдои қалуғ дар авҷ, ки буд, ба Бобо гуфт: «Бугир якта мехӯрӣ-нимта мехӯрӣ,бихӯр»!

Аз ин марҳамат Бобо шод шуда, як қабза коҳро аз таги тарбузҳои калон-калон гирифта болояш чорзону зада нишасту кордчаашро аз ғилоф бароварда тарбузи калонеро ҷудо ва коса карда ба хӯрдан даромад. Қалуғ ба савдо андармон, тарбузи бистум коса мешуд.

Яке чашми қалуғ ба ғарами холии коса кардаи тарбузҳо нигариста саросема назди Бобо омад:

-Э, мардак, ту девӣ, аждаҳорӣ, чи касӣ?! О,и ҳамаи тарбузора хурдестай-ку? Ва Боборо телакунон аз назди ғарамҳои тарбуз дур ронданӣ мешавад.

Ҳангоматалабони зиёде атрофи онҳоро печонданд. Қалуғ қасам мехӯрд, ки ин тарбузҳоро ҳамин мардак хӯрдааст. Атрофиён бовар намекарданд. Оқибат қалуғ нархи тарбузҳои хӯрдаи Боборо гуфт. Пурхӯр пулро шумурда дод ва қалуғ гуфт:

-Ака,ма як марди деҳқонум.Ту ки ҳамин хел пурхӯр будаӣ, боз мардӣ карда маро пул метӣ, ҳазор раҳмат. Ҳамӣ хурдагиҳот насибат кунанд. Лекин дигар ин хел қилиқота мада наку!!!

X X X

## МУХБИРИ «ТРУД»

Ба совхози овозадори «Муъминобод» як шахси помирӣ Гурезӣ Ҷавов директор шуд. Вақти сарварии ӯ ба совхоз аз газетаи «ТРУД»-и Москов мухбир омад. Ду марди суратгир ҳамроҳ низ дошт.

Хабарнигорон тамоми бригадаю фермаҳоро гаштанд. Як саҳар мухбир ба директор гуфт, ки дар хоҷагӣ ягон чизи аҷибу диққатчалбкунандае нест, ки ягон лавҳа ё репортаж нависад.

Гурезӣ Ҷавов ба мошинаш савор шуда: - Рафтем, фермаи Диндӯстон,- гуфт.

Ба ферма омаданд, ки акаи Бобо ҳамон ҷо буд.

Директор ба пурхӯр гуфт, ки хонаат рав, як соат пас мо меоем. Хунаратро ба ин меҳмони москвагӣ нишон деҳ!

Акаи Бобо ба хонааш рафт, ки занаш, медонистагӣ барин, нон пӯхта истодааст. Духтарҳои хона болои сурфаи зери дарахти калони меваи

нокдорро об зада гилему кӯрпачаю болишт партофтанд. Занак пас аз нонпазӣ зуд дар дег шурбо пӯхт. Аз вақти муқаррарӣ меҳмонҳо дертар омаданд. Болои дастурхон 10 дона нони хамирфатири гарм, дуғу маска, бодирингу помидор, дар як лаълӣ ангуру себ, дар дигараш ноки ширини обдор.
Дастони меҳмононро об гирифтанд. Директор акаи Боборо нишон дода изҳор дошт, ки ҳамин шахс аҷоиботу ғароиботҳо дорад. Дар бораи ҳамин навис.
Ба мухбиру директору ронанда дар косаҳои чинӣ шурбо оварданду барои як худи Бобо дар як табақи 6 кас мехӯрдагӣ.
Илова аз ин дар табақе оби шӯрбои иловагӣ низ оварда буданд. Бобо якбора 3 нонро реза карда аз болояш як дастак оби шурборо рехт. То меҳмонон косаҳоро нисф карданд, ки Бобо табақашро холӣ намуда - Ови шурбо биёрен!- гуфт.
Оварданд. Боз 3 нони дигарро реза карда хӯрдан гирифт.
Мухбир ҳамаи инро наззора карда истода чашмонаш аз сараш зада баромаданд. Ӯ зуд аз ҷояш ҷаста ба поён фаромад ва гоҳ бо суратгиракаш ширриқ-ширриқ карда сурат мегирифту гоҳ бо дигараш.
Назди сурфа 2 сатил ноки ширин меистод. Бобо ин табақро низ холӣ карда, яке аз сатилҳоро пешаш кашид.
Мухбири «Труд» болои сурфа баромада, блокноташро гирифту ба саволдиҳӣ даромад. Директор тарҷумонӣ мекард. Хабарнигор то ду-се вараќи блокнотро сиёҳ кард, ки сатили нок буд шуд. Соҳибхона - Бобои пурхӯр сатили дуюмро пешаш монд. Онро ҳам оромона хурд. Мухбир лолу ҳайрон монд. Аз саргузаштҳои пурхӯрии ин марди аҷиб боз хеле қайдҳо карду меҳмонон рафтанд.
Гурезӣ Ҷавов як ҳафта пас аз рафтани мухбир дигар ҳар як шумораи газетаи «Труд»-ро тамошо мекард. Шаш-ҳафт мақолаю суратҳо аз кору бори коргарони хоҷагӣ дар ин газета чоп шуданд. Вале аз чопи мақолаи «Одами аҷоиб» асаре нест. Оқибат як рӯз директор ба Маскав ба газетаи «Труд» телефон кард. Ҳамон мухбир набудааст. Ба ҳамкоронаш оиди мақола дар бораи Бобои пурхӯр ҷӯё гашт. Онҳо ҷавоб доданд, ки ҳамон мухбир биёяд мерасонем. Як моҳ пас,аз Маскав, аз газетаи «Труд», аз ҳамон мухбир ба номи Ҷавов мактубе омад, ки дар он аз ҷумла чунин омада буд.
«Гурезӣ Ҷавовичи гиромиқадр! Мақоларо бо ду сурат дар бораи Бобо Собиров тайёр намуда, барои чоп ба сармуҳаррир пешниҳод кардам. Вале он кас гуфтанд,ки дар СССР набояд ин хел одами

пурхӯр бошад ва ба чопаш иҷозат надод. Маро маъзур доред. Лекин ба Бобо Собиров саломи паёми маро расонед…».

Ҳамин хел шахсе, ки бояд дар китоби «Рекордҳои Гиннес» ҷо мешуд дар газетаи «Труд» ҷо наёфт.

Бобои пурхӯр 84 сол умр дид. Аз ӯ 11 фарзанд ва 70 набера монд.

Дар чандин шартҳои пурхӯрони Қурғонтеппаю Регар, Восеъ, ҳатто Ӯзбакистон иштирок карда ғолиб баромад. Ӯ ҳамин хел доимо пурхӯрӣ намекард. Кадом вақт ки ҳавсалааш меомад ё шарту байъ мекард, пурхӯрӣ мекард.

Аз ҳама асосиаш Бобо Собиров 50 сол подабонӣ карда, орденҳои «Байрақи Сурхи Меҳнат», «Нишони фахрӣ», ду медали «Барои меҳнати шоён», ифтихорномаҳо дошт. Дар кирмакпарварӣ низ доди корро дода буд.

Имрӯз ӯ дар оромгоҳи деҳаи Диндӯстон мадфун аст. Гоҳ-гоҳ аз ӯ ёд мекунанд. Одами хоксору хубе буданд...

X X X

------------------------------------------------

# Саҳифаи охир

## Мундариҷа

1.Сафари Пах ------------------------------------------------ Саҳ
2.Қурбонӣ ------------------------------------------------ Саҳ
3. Дарранда ------------------------------------------------ Саҳ
4. Деҳотӣ ------------------------------------------------ Саҳ
5. Фиғон ------------------------------------------------ Саҳ
6. Пас аз Рахш ------------------------------------------------ Саҳ
7. Алифбои нотамом ------------------------------------------------ Саҳ
8. Рӯсиёҳи ду олам ------------------------------------------------ Саҳ
9. Ману шумо ------------------------------------------------ Саҳ
10. Кабк ------------------------------------------------ Саҳ

Х О Т И Р А Ҳ О

11. Шери жаёни Панҷшер ------------------------------------------------ Саҳ
12. Қадри шоир ------------------------------------------------ Саҳ
13. Бузкашии 2 ------------------------------------------------ Саҳ
14. Атои Худо ------------------------------------------------ Саҳ
15. Бобои пурхӯр ------------------------------------------------ Саҳ

# Муқоваи охири китоб



Дарду ғами ман, дарду ғами айём аст,
Базму тарабам ҳамеша субҳу шом аст.
Ҷоме, ки гузаштагон ба дастам доданд,
Ҷоми тараби майкадайи Хайём аст.

Восеи аловдастаро мемонам,
Шери ба қафас бастаро мемонам.
Зиндонии пошикастаро мемонам.
Тоҷики ғариби хастаро мемонам.

Чун даргузарам, шеъру китобам монад,
Бӯи дили сӯхтаи кабобам монад.
Дар саҳфайи таърих барои миллат,
Нақши қалами пари уқобам монад.

Сайид Раҳмон 9 – майи соли 1941 дар деҳаи Тиҳиёни Ховалинг ба дунё омада, аввалин ҳарфҳои «Алифбо»-ро дар зодгоҳ аз шоир Мӯсо Ғулом омӯхтааст.
Соли 1953 аҳли оилаи онҳоро ба деҳаи Сариосёби Кӯлоб муҳоҷир меоранд ва адиб то имрӯз дар ин деҳа ҳамроҳи фарзандон зиндагии хушбахтона дорад.

**Баъди хатми Донишгоҳи омӯзгории Кӯлоб аз соли 1970 дар кори муаллимӣ, хабарнигори радиою телевизион ва рӯзнома фаъолият кардааст.**
**Аз соли 1997 то имрӯз маҷмӯа ва асарҳои ҷудогонаи адиб бо номи «Дунёи бевафо», «Зиндаҷудо», «Аз рӯзгоре то рӯзгорон», Маҷмӯаҳои шеърии «Сӯзи дил», «Резабороони тарона», романҳои «Шукронамарг», «Масъуди сипаҳсолор», маҷмӯаҳои насрии калонҳаҷм бо номҳои «Орзуе то ҷовидон», «Хушбахти олам» аз чоп баромада дар дасти хонандагон аст.**
**Романи «Масъуди сипаҳсолор» дар ҷамъбасти соли 2009 сазоври ҷоизаи адабии ба номи Носири Хусрав дониста шуда, бо забони русӣ ва ҳуруфоти форсӣ ба табъ расидааст.**
**Маҷмӯаи мукаммали шеърҳои адиб бо номи «Боли орзу» дар нашрияи «Адиб» дар дасти чоп аст.**